**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД:** 347.73 : 336.71 (575.3)

**ТКБ:** 67. 99 (2) 2+65.9 (2) 262 (2 тоҷик)

**А–** 85

**АСОЕВА ГУЛНОРА АВҒОНОВНА**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҲИФЗИ СИРРИ БОНКӢ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИ ХУСУСӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИЧА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА Ё АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ..................3**
**МУҚАДДИМА...............................................................................4**
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ҲУҚУҚИИ СИРРИ БОНКӢ.30**
1.1. Асосҳои назариявӣ ва таърихии пайдоиш ва инкишофи институти сирри бонкӣ ........................................................................................30
1.2. Мафҳум ва мундариҷаи сирри бонкӣ: мафҳум, хусусиятҳои асосӣ ва ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ........................................................................................58
1.3. Асосҳои меъёрии сирри бонкӣ: таҳлили қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ ........................................................................................92
**БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҲИФЗИ СИРРИ БОНКӢ ДАР НИЗОМИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТНОККУНОНӢ ...............................................114**
2.1. Сирри бонкӣ дар низоми ҳуқуқҳои миллӣ: таҳлили муқоисавии равишҳо дар кишварҳои гуногун ..............................................114
2.2. Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини кафолати ҳифзи сирри бонкӣ дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ..................................138
2.3. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани сирри бонкӣ: ҷанбаҳои маданӣ, интизомӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ ..................................................151
**БОБИ 3. ТАҲДИДҲО ВА ДУРНАМОИ МУОСИРИ ТАНЗИМИ СИРРИ БОНКӢ ДАР НИЗОМИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ…...................................................................183**
3.1. Таъсири рақамисозӣ ба ҳифзи сирри бонкӣ: таҳдидҳои киберӣ, ҷори намудани технологияҳои электронӣ ...........................................183
3.2. Муқовимат ба қонунигардонии даромадҳо ва сирри бонкӣ: тавозуни манфиатҳо.............................................................................206
**ХУЛОСА.......................................................................................224**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ...................................................................................229**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ....................................................................233**
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ ..................258**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА Ё АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**БМТ** – Бонки миллии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

**ИМА** – Иёлоти муттаҳидаи Амрико

**КГ** – Кодекси гражданӣ

**КМ** – Кодекси маданӣ

**КИҶҶ** – Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КММ** – Кодекси мурофиавии маданӣ

**КМИ** – Кодекси мурофиавии иқтисодӣ

**КМҶ** – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ

**қ.** – қисм

**ҚҶТ** – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШС** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳои

**ПСО** – Пленуми Суди Олӣ

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ФР** – Федератсияи Россия

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Аз замонҳои қадим масъалаи маҳрамияти маълумот дар бораи молу мулки шахс муҳим арзёбӣ мегардид. Таърихи пайдоиши маҳрамият дар бораи ҳолати молиявию қарзии шахс аз давлатҳои қадима ба монанди Мисри қадим, Вавилон, Юнон ва Рим сарчашма мегирад, ки ба мисли фаъолияти бонкӣ маҳрамияти маълумот дар бораи арзишҳои амонатӣ, додани қарз ва нигоҳдории маҳрамият дар ин хусус барои ба даст овардани боварии муштарӣ истифода мегардид. Агар ба пайдоиши сирри бонкӣ аз нигоҳи истинодҳои динӣ назар афканем пас бармеояд, ки сирри бонкӣ дар шакли ибтидоии худ бо манъ будани рибохурӣ (судхурӣ, яъне додани маблағ бо муҳлати муайян ва баргардони он бо фоизи муқарраршуда (қарз ё кредит)) хело зич алоқаманд мебошад. Чунин муқарраротҳо бевосита аз оятҳои китобҳои муқаддас ба монандӣ Таурот, Забур, Инҷил ва Қуръон бармеояд, ки бевосита машғул шудан ба рибохуриро манъ менамояд. Дар таърихи асримиёнагии давлатдории ҷаҳон хусусан дар давлатҳое, ки қонунҳои насронӣ ҳукмфармо буд, тибқи он гирифтани фоиз аз пешниҳоди қарз манъ мегардид ва дар натиҷа ба насрониён расман машғул шудан ба фаъолияти бонкӣ манъ карда шуда буд. Дар рушди сирри бонкӣ бештар нақши яҳудиён бениҳоят назаррас мебошад, зеро маҳз аз сабабе, ки аз ҷониби насрониён машғул шудан ба фаъолияти бонкӣ манъ гардида буд, ба чунин фаъолият яҳудиён ҷалб мегардид, ки ба онҳо қонунҳои насронӣ паҳн намегардид. Новобаста аз муқарраротҳои мавҷуда дар Таурот, ки китоби муқаддаси яҳудиён ба ҳисоб меравад, рибохуриро бевосита манъ мекард ва яҳудиён чунин муқарраротро танҳо байни қавми яҳуд манъ менамуданд ва нисбат ба дигар халқиятҳо андешаи дигарро дастгирӣ менамуданд, яъне додани қарзро байни ду яҳудӣ бо гирифтани фоиз бевосита манъ менамуданд ва машғул шудан ба фаъолияти рубохурӣ (додани қарз бо гирифтани фоиз) бо дигар халқиятҳо манъ намекард. Бинобар ин, яҳудиён дар Аврупо

барои додани қарз бо фоизро равнақ дода, онро ба шоҳон ва шахсиятҳои шинохтаи ашрофзода пешниҳод менамуданд, ки бештари вақт аз ҷониби ҷомеа таъқиб мегардид. Аммо ба таври расмӣ чунин муқаррарот дар қонун мавҷуд набуд. Бо мақсади ҳамаҷониба ҳимоя намудани мизоҷони худ бонкирони яҳудӣ ба ҳадди ниҳоӣ маҳрамияти фаъолияти молиявии мизоҷони худро нигоҳ медоштанд. Дар Италиё новобаста аз мамнуъҳои мавҷудаи динӣ бонкҳо бениҳоят рушд мекарданд, ки гирифтани фоизро бо дигар роҳҳо масалан тавассути иваз намудани асъор ё гирифтани тухфаҳо, ки дар бонкҳои Медичӣ, Бардӣ ва Перутси ва ғайраҳо ба назар мерасид. Маҳрамият ё сирри бонкӣ барои он лозим буд, ки муштариён ва бонкиронро ҳамчун гунаҳгорони қоидаҳои динӣ нишон надиҳанд. Мақсади асосии пайдоиши сирри бонкӣ ин ҳимояи ҳам бонкирон ва муштариён аз таъқибу таҳқир ва зарурияти молиявӣ бармеомад. Бори нахуст муқаррарот дар хусуси сирри бонкӣ дар соли 1934 дар Қонуни Федералии Швейтсария дар бораи сирри бонкӣ инъикос гардид. Бо қабули қонуни мазкур дар Швейтсария бештари халқиятҳои гирду атрофи дар Аврупо иқоматкунанда, кишвар ва давлатеро мехостанд дарёбанд, ки бехатарӣ ва амнияти сармояи онҳоро кафолат медод. Қонунҳои Швейтсария ба кормандони бонк қатъиян ошкор намудани маълумот дар бораи молу мулки мизоҷони бонк манъ менамуд, ҳатто барои ин амал ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ намуд. Маҳз пешбинӣ гардидани муқарраротҳо дар бораи сирри бонкӣ дар қонунгузории кишварҳои ҷаҳон барои рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи молия ва бонкдорӣ нақш бозида, ба он такони ҷиддӣ бахшид. Имрӯз дар тамоми дунё низоми бонкӣ асоси иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, он бе мавҷудияти бонк ғайриимкон мебошад. Ҳамеша шаҳрвандон ба давлате эътимод доранд, ки рушди иқтисодиёти он аз сиёсати дурусти пешгирифта вобаста бошад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки эътимоди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба низоми бонкӣ он гоҳ пайдо мегардад, ки маълумот дар бораи онҳо, оид ба вазъи молиявӣ ва доштани амонату

қоғазҳои қиматнок ва дигар сангҳову металлҳои қиматбаҳо пурра ҳифз мегардад ва дар як маврид аз ҳолати мазкур амнияти молиявии давлат низ таъмин мегардад. Беҳуда нест, ки давлат дар муқарраротҳои қонунгузорӣ нақши сирри бонкиро аввалиндарача ҳисобидааст, ки аз сатҳи конститутсия то санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар мавқеи онро мустаҳкам намудааст. Таъмин намудани фаъолияти бонкӣ бидуни мавҷудияти сирри бонкӣ ғайриимкон мегардад, зеро ошкор гардидани маълумотҳои дахлдор боиси таъсиррасони ба фаъолияти шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва давлат мегардад ва инчунин боиси сар задани қонунвайронкуниҳо мегардад.

Мутаассифона, айни замон қонунгузории амалкунанда дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва фаъолияти бонкӣ қабулгардида барои ҳимояи манфиатҳои моддии шахсони воқеию ҳуқуқӣ нокифоя ва дар баъзе мавридҳо мухолифатҳоро дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба вуҷуд овардааст. Пеш аз ҳама бояд иброз намуд, ки қонунгузории амалкунанда мафҳуми сирри бонкиро шарҳ намедиҳад ва инчунин ба зумраи чунин маълумотҳо кадом иттилоот дохил мешавад, гуфта намешавад, ки набудани муқаррароти дахлдор дар бештари ҳолатҳо аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ боиси суйиистифода намудан аз ваколатҳои қонунӣ мегардад. Дар робита ба ин, дар як маврид пинҳон намудани ҳамаи маълумотҳо дар бораи ҳолати молиявии баъзе аз гурӯҳи алоҳидаи шаҳрвандон ба он оварда мерасонад, ки маблағгузори ба терроризм ва маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада бемосита кумак расонида, манфиатҳои мизоҷон, манфиатгирандагон, бенефиатсир ва намояндагони онҳо роҳ мекушояд. Ба ғайр аз ин, мавҷуд будани зумраи гуногуни маълумоти марбут ба сирри бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ заминаро барои ба вуҷуд омадани рақобати нодуруст оварда расонад ва баъзе маълумот дар як ташкилот сирри бонкӣ ҳисобида шавад ва дар баъзе баръакс аз зумраи чунин маълумот берун мемонад. Ҳолатҳои

мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳуқуқи шахсони воқеию ҳуқуқӣ ба сирри бонкӣ ҳоло ҳам дорои ихтилофоти зиёд мебошад.

Ташаккул ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тараққиёт ба даст овардани технологияҳои муосир моро водор менамояд, ки низоми ҳуқуқии сирри бонкиро аз нигоҳи тақозои замон таҳлил ва омӯзиш намуда, вобаста ба воситаҳои нави ҳифзи маълумоти сирри бонкӣ ва зиёд намудан ё кам намудани зумраи иттилоотӣ ба ин самт марбута доимо таҷдиди назар намуда, нисбат ба он таҳаввулоти зарурӣ роҳандозӣ намоем. Дар навбати аввал кӯшиш ба харҷ намуд, ки ҳангоми қабули дархост дар бораи хизматрасонӣ дар бонк нахуст санҷиши дахлдори муштариро амалӣ намуда, баҳри мубориза намудан ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо аз ҷиноят ва маблағгузории терроризм чораҳои назариявию амалӣ андешидан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Яке аз асосҳои мубрамии мавзуи таҳқиқшаванда дар он зоҳир мегардад, ки таъмин намудани сирри бонкӣ бо пешбинӣ намудани меъёри дахлдор дар қонунгузорӣ ва ҳамзамон, муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои вайрон кардани иттиллоти марбут ба сирри бонкӣ, яъне, бо маҷбуркунии давлатӣ таъмин намудани он зарур ва барои ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ лозим буда, аз тарафи дигар баҳри ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат ошкор намудани чунин маълумотҳо бо мақсади муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо аз ҷиноят бадастомада мусоидат менамояд.

Айни замон, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор шахсони сеюм номбар шудаанд, ки ба онҳо ифшо намудани сирри бонкӣ иҷозат дода шудааст. Аммо набояд фаромӯш кард, ки тартиботи оммавӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини махфияти маълумотҳои мазкурро аз ҷониби шахсони сеюм ба таври нопурра пешбинӣ намудааст ва ба ҳар ҳол махфияти он бояд нигоҳ дошта шавад. Ибтидои ҳуқуқӣ

доштани сирри бонкӣ имконияти татбиқи онро ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқи оммавӣ марбут ба таъмини махфияти ин маълумотҳоро истисно намекунад. Дар айни замон, дигар соҳаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳумҳои сирри бонкиро шарҳ намедиҳанд, балки ба мафҳуми ҳуқуқи он такя мекунанд. Яъне мафҳуми ҳуқуқӣ-оммавии сирри бонкӣ аз мафҳуми ҳуқуқии сирри бонкӣ вобастаанд, набояд ба он мухолиф бошанд ва бо меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ мутобиқ карда шаванд. Ҳамзамон, дар муносибатҳои гуногуни ҳукуқӣ, ба монандӣ муносибатҳои андозӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ ва ғайраҳо хусусиятҳои иттилоотӣ вобаста ба сирри бонкиро инъикос ва пешбинӣ намудаанд. Бинобар ин, зарурият пеш омадааст, ки зуҳурот доир ба сирри бонкӣ мавриди таҳлил, омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода шуда, мавқеӣ онро дар низоми иттилоотикунонӣ муайян намуд ва таъмини роҳҳои ҳифзи онро муқаррар намуд.

Набояд фаромӯш кард, ки сирри бонкӣ сарчашмаи худро аз Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон [1], хусусан аз моддаи 25 он гирифта, баъдан дар низоми қонунгузории муосири мо, сирри бонкӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ бори аввал соли 1998 дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 1998 «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» [27], танзими ҳуқуқии худро ёфтааст. Баъдан, падидаи сирри бонкӣ дар моддаи 881 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми дуюм) ва дар моддаи 48 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» [27] аз 19 феврали соли 2009 инъикос гардидааст. Дар як маврид баҳри ҳимояи маълумот марбут ба сирри бонкӣ талаботҳо дар ҳуқуқи маданӣ, меъёрҳои конститутсионӣ ва қонунҳои конститутсионӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқҳои мурофиавӣ (маданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ) ва ғайраҳо пешбинӣ гардидаанд ва ҳамаи қонунҳои номбаршуда ба таври гуногун сирри бонкиро ҳаллу фасл намудаанд. Онҳо дар якҷоягӣ падидаи сирри бонкиро ташкил медиҳанд, ки таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ ва ҳуқуқиро талаб мекунад.

Аз мазмуни моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ба назар мерасад, ки зумраи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдоре, ки ба онҳо маълумоти дорои сирри бонкӣ пешниҳод карда шаванд, пурра муайян карда шудааст.

Роҷеъ ба ин масъалаи таҳқиқшаванда олимон ва мутахассисон кӯшиш намуданд, ки ҳуқуқи сирри бонкиро дар мақолаҳо, китобҳои дарсӣ монографияҳо мушкилҳои мавҷударо вобаста ба сирри бонкӣ ҳаллу фасл намоянд, аммо ҳама ҷанбаҳои назариявию амалии он ҳоло ҳам ба такмил ниёз дорад. Бо арзи сипос мо гуфта метавонем, то инҷониб аз ҷониб мавзӯи таҳқиқшаванда мубраммият ва аҳаммияти худро нигоҳ доштааст, зеро аз ҷониби олимон қаблан танҳо баъзе аз масъалаҳои назариявӣ ва баҳсбарангези сирри бонкӣ таҳлил ва омӯзиш карда шудаанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ доир ба паҳлуҳои гуногуни сирри бонкӣ аз ҷониби олимон фикру мулоҳизаҳо доир ба салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ваё шахсони мансабдори давлатӣ ҳангоми гирифтани маълумоти марбут ба сирри бонкӣ андешаҳои мухталиф вуҷуд дорад. Олимон ва мутаххасисони соҳавӣ он нуқтаи назарро дастгирӣ намудаанд, ки номгӯйи мақомотҳои давлатӣ, ки ба онҳо ҳуқуқи дастрасӣ ба маълумоти сирри бонкӣ дода шудааст, ба таҳлил, омӯзиш ва такмил ниёз дорад. Ташкилотҳои қарзӣ тибқи муқаррароти қонунгузорӣ уҳдадор шудаанд, ки маълумот дар бораи мизоҷон, принсипал, бенефитсиарҳо ва дигар амалиётҳои бонкиро махфӣ нигоҳ доранд, зеро бешубҳа, дастрас гардидани маълумоти марбут ба сирри бонкӣ метавонад дар оянда боиси вайрон гардидани ҳуқуқҳои молумулкии муштарӣ тавассути расонидани заар оварда расонад, ки бештари вақт чунин амалҳо аз ҷониби шахсони бевиҷдон ва ҷинояткор анҷом дода мешавад. Айни ҳол, як қисми мушкилиҳо дар самти ифшои маълумоти сирри бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ пешгирӣ ва бартараф карда шудаанд, аммо ҳангоми пешниҳоди он ба шахсони сеюм ва ҳифз

нагардидани он аз ҷониби онҳо камбудию мушкилиҳои зиёдеро ба миён овардааст.

Дар раванди ҷаҳонишавии бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ, рушди босуръати технологияҳои иттилоотию рақамӣ, рушд ва тараққиёти хизматрасонии фосилавии бонкӣ, ба вуҷуд омадани ташкилотҳои молиявии техникӣ ва низоми ҳисоббаробаркунии электронӣ ба таври назаррас ҳаҷму ҳудуди муомилоти маълумотҳои марбут ба сирри бонкиро бештар намуд. Пайдоиши мкониятҳои нави технологӣ хафи нави ифшо шудани маълумоти марбут ба сирри бонкӣ, ғайриқонунӣ истифода ва вайрон гардидани сирри бонкиро ба вуҷуд овардааст. Дар ин замина баланд гаридани ҷиноятҳои киберӣ, ҳуҷумҳои хакерӣ, ба бонкҳо, истифодаи фишингҳо ва инженерҳои иҷтимоӣ шакл ва механизмҳои бештари ҳифзи ҳуқуқии иттилоотро талаб менамояд. Аз як тараф давлат бо мақсади шаффофияти гардиши молиявӣ майл менамояд, ки он ба муқовимат намудан бо қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада, маблағгузории терроризм ва мубориза бо коррупсия алоқаманд аст. Аз ҷониби дигар он нукта муҳим арзёбӣ мегардад, ки чӣ тавр ҳуқуқи шахсони воқеию ҳуқуқиро ба маҳрамияти сирри бонкӣ вайрон накард.

Дар моддаи 48 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» муқаррароти умумӣ оид ба сирри бонкӣ ба назар мерасад, аммо танзими ягонаи зумраи чунин маълумотҳои аниқ намебошад, зеро қисми 1 моддаи зикргардад, ба тамоми маълумотҳое, такя намудааст, ки ба шаҳрванд зарар мерасонад, аммо кадом маълумотҳои ба он доил мешавад, муайн нашудааст. Ҳамзамон, на ҳама вақт маълум аст, ки кадом маълумот ба сирри бонкӣ алоқаманд аст, дар қонунгузориҳои гуногун меъёрҳои гуногун дар хусуси ифшои сирри бонкӣ мавҷуд мебошад, тартиби дастрасӣ ба сирри бонкӣ ва восиатҳои ҳифзи он аз ҷониби шахсони сеюм муайян нагардидааст. Дар ин замина мафҳуми дар қисми 1 моддаи мазкур дарҷгардида номукаммал мебошад.

Дар баробари ин, дар шароити ҷаҳонишавии низоми бонкии давлатҳои гуногун ва иштироки бевоситаи Тоҷикистон ба низоми байналмилалии мубодилаи молиявии иттилоотӣ, моро водор менамояд, ки қонунгузори давлатии худро ба низоми меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намоем.

Дар ин замина қайд каран ба маврид аст, ки имрӯз дар тамоми давлатҳои ҷаҳон нақши асъори маҷозӣ босуръат рушд намуда истодааст. Зуҳуроти мазкур бештари вақт аз ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ вобаста буда, криптоасъорҳо, ки асъори маҷозӣ мебошанд, диққат ва нигоҳи тамоми олимону мутаххасисонро ба он ҷалб намудааст. Дар баробари ин, бояд механизмҳои ҷорӣ намудани чунин криптоасъорҳо, аз ҷумла биткоин дар низоми молиявии Тоҷикистон мушкилоти ҳуқуқии танзими онро ба миён меорад, зеро аз ҳудуди танимӣ қонунгузории Тоҷикистон берун монда ҳифзи он дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ ба роҳ монда шуда, масъаларо ба миён меорад, ки оё ҳуқуқҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар он ҳифз меградад ё на зери суол боқӣ мемонад, зеро ҳифзи манфиату ҳуқуқҳои шаҳрвандон вазифаи давлат мебошад.

Дар заминаи гуфтаҳои боло бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки мубрамият ва аҳаммияти зуҳуроти таҳқиқшаванда аз ҷанбаҳо ҳолатҳои зерин иборат мебошад: Якум, зарурат пеш меояд, ки зуҳуроти таҳқиқшавандаро аз нигоҳи назариявӣ мавриди таҳлил ва баррасии ҳамаҷониба қарор дода, аҳаммияти мутобиқгардонии қонунгузории кишвар ба иқтисодиёти рақамиро таҳқиқ намоем. Дуюм, олимону мутаххасисон дар хусуси маълумоти ба сирри бонкӣ дахлдошта баҳсу мунозираҳои зиёд намуда, ақидаи ягонаро дар бораи мафҳуми сирри бонкӣ пешниҳод накардаанд, ки мубрамияти мавзӯи интихобшударо дучанд менамояд. Сеюм, бештари вақт таносуби байни сирҳои дигари маҷуда ба монандӣ тиҷоратӣ, хизматӣ, давлатӣ дар робита ба сирри бонкӣ дида намешавад. Чорум, дар ҷараёни ҷаҳонишавии муносибатҳои молиявию бонкӣ ва пайдо шудани механизмҳои электронии мубодилаи

иттилооти марбут ба сирри бонкӣ зарур аст, ки кафолатҳои ҳуқуқӣ ва пешбинӣ намудани ҷавобгарӣ барои ифшои маълумоти сирри бонкӣ, аз ҷумла дар манзараи электронӣ ва аз ҷониби шахсони сеюм ба мақсад мувофиқ мебошад. Панҷум, бояд мувозинати байни манфиатҳои оммавӣ ва маҳрамияти хусусӣ муайян гардида, воситаҳои ҳифзи ифшои маълумот ҳангоми истифодаи он аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо, мушкилии дастрасии онҳо ба чунин маълумот ва таъмини амнияти ифшо нагардидани чунин маълумот ба дигар шахсонро ба миён меорад. Шашум, бартараф намудани проблемаҳои гуногуни танзими маълумоти сирри бонкӣ дар қонунгузориҳои гуногун, коллизия ва номуайянии ҳуқуқии танзими онҳо. Ҳафтум, таҳқиқоти мазкур барои он мубрам мебошад, ки бояд дар заминаи ҷаҳонишавии муносибатҳои бонкӣ ҷобаҷогузории таҳлил ва коркард намудани пешниҳодҳо оид ба ягонакунии меъёрҳо қонунгузории давлатӣ ва қонунгузории байналмилалӣ зарур мебошад.

Масъалаҳои зикргардида шаҳодати онро медиҳад, ки зуҳуроти таҳқиқшаванда бениҳоят мубрам буда, зарурати омӯзиши табиати ҳуқуқии сирри бонкӣ тақозои замон мебошад ва таҳлилу омӯзиши он барои пешгирӣ ва танзими ҳуқуқии маълумоти сирри бонкӣ аҳаммияти хоса дошта, дарки илмии зуҳуроти мавҷуда моро водор намуд, ки таҳияи пешниҳодҳоро оид ба такмили онҳо таҳия намоем.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқоти ҷанбаҳои муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки бо сирри бонкӣ алоқаманданд, аз ҷониби як қатор олимон гузаронида шудааст, ки ин мафҳумро аз нуқтаи назари ҳуқуқи маданӣ, молиявӣ, бонкӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ баррасӣ намудаанд. Чунончӣ, олимони зерин таҳлили баъзе масъалаҳои сирри бонкиро таҳлил намудаанд: Андронова Т.А. [144], Бобоҷонзода И.Ҳ. [50; 51; 52; 53], Бараева О.В. [145], Даниленко С.А. [148],. Додозода А.М [149], Ефимова Л.Г. [102], Ғаюрзода Ш.К. [147], Усмонов О.У. [101], Холиқзода А.Ғ. [77; 99], Қодирзода Т.Қ. [73], Исоматов Б., Фақеров Ҳ. [67],

Раҳимзода М.З. [87], Лиситсина Н.В. [151], Мирзоев П.З. [76], Маҳмудзода М.А. [74], Маҳмадхонов Т. [154], Маркелова К.А. [153], Олейник О.М. [155], Суханова Е.А. [84], Тосунян Г.А. [97], Фаткина Е.В. [157] ва дигарон.

Бо вуҷуди ин, мушкилоти танзими ҳуқуқии сирри бонкӣ, таърифи мазмуни ҳуқуқии он, рӯйихати субъектҳое, ки ба маълумоти дорои сирри бонкӣ ҳуқуқ доранд, ҷавобгарӣ барои ифшои ғайриқонунии сирри бонкӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мафҳуми сирри бонкӣ, мавқеи он дар байни объектҳои ҳуқуқ, инчунин муносибат бо дигар намудҳои сирри бо қонун ҳифзшаванда ягон нуқтаи назари илмӣ вуҷуд надорад. Мавҷудияти нуқтаи назари қутбӣ дар робита бо мавҷудияти бархӯрдҳо дар танзими қонунгузории сирри бонкӣ ва усулҳои ҳалли зиддиятҳои мавҷуда, таҳқиқи минбаъдаи меъёрҳои ҳуқуқиро оид ба ҳифзи маълумоти сирри бонкӣ тақозо мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи масоили назариявии далат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом дода шудаст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти гузаронидашаванда дар он инъикос мегардад, ки дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши нуктаҳои илмию амалӣ, хусусиятҳои воқеии падидаи баррасишаванда, коркард намудани мафҳуми ягонаи сирри бонкӣ дар ҳамбастагӣ аз нигоҳи ҳуқуқи оммавию хусусӣ ба ҳисоб рафта, роҳҳо ва воситаҳои замонавии таъмини ҳимояи он дар ҳуқуқи оммавӣ ва хусусии муайян мебошад, ки дар натиҷа ноил гардидан дар бартараф намудани камбудиҳо, холигиҳо, норасоиҳо ва ихтилофҳои танзими ҳуқуқӣ, инчунин барои танзими дурусту воқеии он пешниҳод намудани таклифҳо ба қонунгузории амалкунанда, ки

масъалаи таҳқиқшавандаро пурра ҳал менамояд ва дар заминаи ҷаҳонишавии муносибатҳои молиявию бонкдорӣ мутобиқгардонии қонунгузорӣ оид ба сирри бонкӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ зарурӣ ва ҳатмӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бояд қайд намуд, ки ҳамеша барои ноил гардидан ба мақсади гузошташуда сатҳ ба сатҳ вазифагузории муайян ба мақсад мувофиқ мебошад ва дар ин замина муаллиф дар назди худ гузоштани вазифаҳои зеринро қобили қабул шумоthidaаст:

– омӯзиш ва таҳлили назариявӣ маълумоти марбут ба сирри бонкӣ ва муайян намудани таҳаввулоти пайдоиши он ҳамчун иттилооти маҳрамона;

– дақиқ намудани мафҳум, моҳият ва мазмуни падидаи сирри бонкӣ бо роҳи мушаххас намудани хусусиятҳо ва ҷанбаҳои асосии ҳуқуқӣ тавассути омӯзиши ҳамаҷонибаи назария ва амалияи мавҷуда;

– таҳқиқи заминаҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ, яъне гузаронидани таҳлили муқоисавию ҳуқуқии қонунгузории ватанӣ, давлатҳои хориҷӣ ва қонунгузории байналмилалӣ;

– муқаррар намудани ҳифзи манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ, алалхусус дар муносибатҳои маданӣ, молиявию бонкдорӣ тавассути махфинигоҳдории маълумоти марбут ба сирри бонкӣ;

– таҳлили масъалаҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани сирри бонкӣ: ҷанбаҳои маданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ;

– ошкор намудани мавқеи таъсири рақамисозӣ ба ҳифзи сирри бонкӣ: таҳдидҳои киберӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нави замонавии электронӣ;

– таҳқиқи қонугузории кишварҳои гуногун ва давлатӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо бо роҳи муайянкунии мувозинати бо маълумоте, ки ба сирри бонкӣ марбутанд;

– пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ оид иттилооте, ки ба сирри бонкӣ алоқамانданд ва ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур намудани меъёрҳои эҷодшуда.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки дар соҳаи татбиқи қонунгузории сирри бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла дар соҳаи пешниҳоди хизматрасониҳои пардохт, интиқоли маблағ бо истифодаи технологияҳои нави молиявӣ ва иттилоотӣ, истифодаи воситаҳои электронии пардохт, инчунин ифшои қонунии муқарраршудаи маълумоти махфӣ дар бораи шахсоне, ки андозсупорандагони хориҷӣ мебошанд, аз ҷониби мақомоти андози давлатҳои хориҷӣ ваколатдор карда шудааст.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро меъёрҳои ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба сирри бонкӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ, амалияи судӣ, таҳқиқоти илмӣ ва монографӣ дар соҳаи сирри бонкӣ танзим мекунанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Дар диссертатсия бо мақсади омӯзиши мунтазам, пурра ва ҳамаҷонибаи институти ҳуқуқии сирри бонкӣ таҷрибаи ташкилотҳои қарзӣ дар солҳои 1992-2024 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсия солҳои 1992-2024-ро фаро мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро муқаррароти асосии таълимоти ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи бонкӣ, инчунин асарҳои бевоситаи мансуб ба объекти таҳқиқи соҳаҳои назарияи умумии ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҳуқуқи меҳнатӣ, ташкил медиҳанд. Маводи конференсияҳои илмию амалӣ ва семинарҳо перомуни масъалаҳои мазкур таҳқиқу баррасӣ шудаанд.

Зимни таҳияи рисолаи илмии мазкур муаллиф асарҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватаниро аз қабили Андронова Т.А., Бараева О.В.,

Бобоҷонзода И.Ҳ., Додозода А.М., Даниленко С.А., Ефимова Л.Г., Ғаюрзода Ш.К., Усмонов О.У., Холиқзода А.Ғ., Исоматов Б., Лиситсина Н.В., Мирзоев П.З., Маҳмудзода М.А., Фақеров Ҳ., Махмадхонов Т., Раҳимзода М.З., Маркелова К.А.,. Қодирзода Т.Қ, Олейник О.М.,. Суханова Е.А, Тосунян Г.А., Фаткина Е.В. ва дигарон ба таври васеъ истифода намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои умумиилмӣ (таҳлил,  диалектика) ва усулҳои махсуси илмӣ (муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-расмӣ, оморӣ) ташкил медиҳанд, ки ба омӯзиши ҳамаҷониба ва асосноки масъалаҳои ба миён гузошташуда мусоидат кардаанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои назариявие, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур баён шудаанд, масъалаҳои мубрами сирри бонкиро пурра инъикос мекунанд, ки дар рисолаҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуи маданӣ ва ҳуқуқи бонкӣ инъикос ёфтаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар натиҷаи ҷамъоварӣ ва таҳлили амиқи таҷрибаи татбиқи қонунгузорӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла омӯзиши дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

**Нововарии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии рисола дар он ифода меёбад, ки масъалаи омӯзиши сирри бонкӣ аз нуқтаи назари таърихӣ ва ҳуқуқи маданӣ бори аввал ба шакли комплексӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешавад. Диссертатсияи мазкур аввалин таҳқиқоти илмие мебошад, ки дар он мафҳум ва хусусиятҳои сирри бонкӣ ба пуррагӣ таҳлил карда шуда, воситаҳои ҳуқуқии ҳифзи он ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани низоми махфияти сирри бонкӣ таҳлил карда шудааст. Хусусияти асосии субъектони ба сирри бонкӣ ҳуқуқи дастрасӣ дошта ва доираи маълумотҳое, ки ба субъектони муайян пешниҳод карда

мешавад, аз нуқтаи назари амалӣ, асоснок карда шудааст. Таҳлили омилҳои вайрон кардани низоми махфияти сирри бонкӣ ва механизмҳои пешгирӣ кардани он ба таври комплексӣ сурат гирифтааст. Дар рисолаи илмӣ тавсифи муфассали ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон кардани низоми сирри бонкӣ таҳлил карда шудааст. Дар баробари ин, навгонии илмии диссертатсия бо асосноксозӣ ва таҳияи як қатор пешниҳодҳо ба такмили қонунгузории Тоҷикистон нигаронида шудаанд, алоқаманд мебошад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ва дар заминаи омӯзиши доктринаҳои ҳуқуқӣ, таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи нуҳуфтаи хориҷӣ, ба ҳимоя нуқтаҳо асосии назариявӣ ва пешниҳодҳои зерин манзур карда мешванд:

1. Дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ гарчанде институти алоҳидаи бонкӣ амал намекард, аммо аз давраи ғуломдорӣ сар карда, то замони аз тарафи Россияи подшоҳӣ забт карда шудани ҳудуди Осиёи Миёна падидаҳои бонкӣ ва сирру асрори нигоҳ доштани маблағ ва муомилотҳо вобаста ба маблағ ҷой доштанд. Гарданде, дар қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба монанди «Қонунномаи Сосониён», Китоб-ал-байъ ва ғайраҳо боб ва ё фасли алоҳида доир ба муносибатҳои бонкӣ ва ё саррофӣ (пешдод, салам) бахшида нашуда бошад ҳам, вале онҳо тавассути меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои тиҷоратӣ танзим карда шуда буданд. Сабаби асосии инкифош наёфтани институти бонкӣ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ ва дигар давлатҳое, ки меъёри ҳуқуқии онҳо меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ мебошад, дар оятҳои 278 ва 279 Сураи Бақара манъ шудани рибохорӣ (гирифтани фоиз) мебошад ва рибо (фоиз) асосӣ фаъолияти ташкилотҳои бонкии имрӯзаро ташкил медиҳад.

2. Тамоми давраи пайдоиш ва инкишофи падидаи сирри бонкиро метавонем ба давраҳои зерин тақсим намоем:

-давраи якум, фарогири давраи ҳукмронии давлати Сомониён;

-давраи дуюм, фарогири барҳам хурдани давлати Сомониён то таъсис ёфтани Генерал – губернатории Туркистон;

-давраи сеюм, солҳои 1869 – 1924;

-давраи чорум, солҳои 1925- 1963;

-давраи панҷум, солҳои 1964 – 1990;

-давраи шашум, солҳои 1991 – 2010;

-давраи ҳафтум, солҳои 2011 – 2024.

3. Сирри бонкӣ – маҷмуи маълумотҳо дар бораи шахсият, фаъолият ва ҳолати молиявии муштарӣ мебошад, ки ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардида, низоми махсуси ҳимояро доро мебошад, ки фош кардани он боиси вайрон шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муштарӣ гардида, ба манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи он зарар мерасонад ва боиси пайдо шудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад.

Сирри бонкӣ институти мустақил ва алоҳидаи ҳуқуқие мебошад, ки тавассути қонунгузории махсус ҳифз карда шуда, ҳамчун як намуди мушаххаси сирри тиҷоратӣ ба ҳисоб намеравад. Омӯзиши алоқамандии сирри бонкӣ бо дигар намуди сирри бо қонун ҳимояшаванда хусусиятҳои зерини сирри бонкиро нишон медиҳад: якум, сирри бонкӣ дорои низоми махфияти худ буда, дастрасӣ ба он маҳдуд мебошад, дуюм, сирри касбӣ ва ҳифзи маълумотҳои шахсӣ яке аз воситаҳои иловагии кафолати сирри бонкӣ ба шумор рафта, объектии ҳимояи онҳо ҳамон як ё якчанд маълумот мебошанд, сеюм сирри бонкӣ яке аз намуди маҳрамияти ҳуқуқие мебошад, ки дар меъёри моддаи 23 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст ва инчунин яке аз роҳҳо амалишавии моддаи мазкур шуморида мешавад, ки тавассути махфинигоҳдории он дахлнопазирии шахсони воқеӣ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад.

Масъалаҳои сирри бонкӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда шуда, ягон

санади меъёрии ҳуқуқии мукаммал доир ба масъалаи мазкур қабул карда нашудааст. Аз ин рӯ, Бонки милли Тоҷикистонро зарур аст, ки бо мақсади корбарии дуруст ҷиҳати ҷамъ кардан, истифода намудан ва коркард кардан бо маълумотҳои дорои хусусияти сирри бонкӣ Дастурамали мушаххас қабул намояд, ки он имкон медиҳад, коргузории махфӣ дар тамоми ташкилотҳои қарзӣ дуруст ба роҳ монда шавад.

Қонунгузории махсус оид ба сирри бонкӣ дар ҳама кишварҳо вуҷуд надорад ва тавассути меъёрҳои зерин: конститутсия, қонунҳо дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумӣ ва дар баъзе мавридҳо бевосита бо қонунҳо дар бораи сирри бонкӣ танзим карда мешавад. Дар раванди таҳқиқи муқоисавию ҳуқуқӣ муайян гардид, ки дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ зумраи асосии маълумотҳои ба сирри бонкӣ марбута ба таври мухталиф гурӯҳбанди намуда, онро аз нигоҳи фардии илмӣ ба ду гурӯҳи зерин ҷудо намудан дуруст мебошад: дар навбати аввал ба зумраи маълумотҳои сирри бонкӣ иттилооте воридл мешавад, ки тибқи шартнома байни мизоҷ ва ташкилоти қарзӣ муайян шудааст ва баъдан маълумоте, ки фаъолияти худи бонкро ҳамчун муассисаи молиявӣ муайян мекунад.

Субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба риояи кафолатҳои ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои нигоҳ доштани сирри бонкӣ дар кишварҳои гуногун тақрибан як хел арзёбӣ карда мешаванд. Дорандагони иттилоот мизоҷон ва корреспондентҳои бонкҳо мебошанд. Соҳибони сирри бонкӣ бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ, инчунин роҳбарияти онҳо, хизматчиён, коргарон ва ғайраҳо. Истифодабарандагони маълумот шахсони гуногун мебошанд: намояндагони бевоситаи мизоҷони бонк (намояндаҳои боэътимоди шахсони воқеӣ, ворисон, идораҳои нотариалӣ ва ғ.); мақомоти давлатие, ки фаъолияти молиявию хоҷагии шаҳрвандонро танзим ва назорат мекунанд (мақомоти танзимкунандаи коғазҳои қиматнок; мақомоти андоз ва ғайра); гурӯҳи сеюм аз мақомоте иборат аст, ки таъқиби ҷиноятиро пеш мебаранд, прокуратура ва судҳо.

Риояи низоми сирри бонкӣ дар бисёр кишварҳо, пеш аз ҳама, аз он вобаста аст, ки онҳо масъалаҳои нигоҳ доштани махфияти маълумоти сирри бонкиро дар муносибатҳои байни ташкилотҳои қарзӣ бо мақомоти андоз, судӣ, тафтишотӣ ва ғайра чӣ гуна танзим мекунанд.

Дар қонун муқаррар намудани даст кашидан аз сирри бонкӣ – танҳо дар асоси принсипи конститутсионии волоияти қонун ва ҳокимияти халқӣ будани давлат мебошад, ки тибқи он давлат уҳдадори ба зимма гирифтааст, ки бо мақсади ҳимояи сохтори конститутсионӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахсони воқеӣ ва давлат маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои дигаронро муайян менамояд ва дар ин ҷода мувозинати байни сирри бонкӣ ва ифшои онро нигоҳ медорад ва волоияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва озодии иқтисодии он набояд таҳти таҷовусҳо қарор гирад, балки бо риояи ҳуқуқҳои шахсоне, ки маълумот дар бораи арзишҳои моддӣ ва молиявии он маълумоти сирри бонкӣ мебошад бояд риоя карда шавад ва дар як маврид ҳуқуқу озодии дигар инсонҳо низ таъмин карда шавад, зеро ҳолати мазкур ба адолат наздик буда, арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ нигоҳ дошта мешавад ва дар ин замина он ба манфиати давлат, ҷамъият ва шахсони воқеӣ, мувофиқ, муносиб ва ба таври ҳатмӣ зарур мебошад, зеро доира ва тартиби татбиқи мазмуни асосии он аз қонуни асосӣ, ки ин ҳуқуқҳоро ифода менамоянд, махдуд накунанд ва танҳо бо зарурати таъмини ҳуқуқҳои дар Конститутсия пешбинишуда асоснок карда шавад.

Ҳамзамон, низоми сирри бонкӣ ва номгуи маълумотҳои ба он марбута ба шахсони воқеию ҳуқуқӣ имконият фароҳам меорад, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ ва амалиётҳои молиявии худ аз таҳдидҳои гуногун маҳфуз буда, озодона молу мулки худро дар тиҷорат истифода намоянд, ки амали мазкур бо роҳи нигоҳ доштани маблағи худ дар суратҳисоби бонкӣ ва интиқол бехатарӣ он аз як суратҳисоб ба суратҳисоби дигар бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои иқтисодӣ мебошад.

Иттилоотикунонии ҳифзи сирри бонкӣ дар замони муосир ин маҷмуи чорабиниҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва технологие мебошанд, ки бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав (низоми интеллектуалӣ, воситаҳои рақамикунонӣ, имзои электронӣ ва ғ.), ки амнияти молиявии бонкҳо ва иттиллоти муштариёнро таъмин менамояд.

4. Ҳуқуқ ба сирри бонкӣ ҳуқуқи мутлақ набуда, дар ҳолатҳо ва шартҳои дар қонунгузорӣ муқарраршуда маҳдуд карда шудани онҳо мумкин аст. Маҳдуд кардани ҳуқуқи мазкур танҳо бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳои ва озодиҳои дигар шарҳвандон, манфиатҳои давлат ва ҷомеа иҷозат дода шудааст.

Ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ ду навъи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, хусусияти ҳуқуқии он оммавӣ мебошад, зеро татбиқи онҳо бо мақсади таъмини адолати иҷтмоӣ анҷом дода мешавад, яъне чун қоидаи умумӣ давлат ба воситаи мақомотҳои давлатӣ ва пешбинӣ намудани заминаи қонунгузорӣ татбиқи онро таъмин менамояд, ки татбиқи он дар ҳолати ифшо намудан ё ифшо накардани маълумоти сирри бонкӣ муайян карда шудааст. Дар ҷавобгарии маданӣ – ҳуқуқӣ бошад ҳуқуқи талаб кардани ба ҷавобгарии маданӣ кашидани гунаҳкор барои ифшои сирри бонкӣ ва муайян намудани намуди ҷавобгарӣ ба соҳибони суратҳисоби бонкӣ ва муштариёни ташкилотҳои қарзӣ тааллуқ дорад, ки бо содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ манфиатҳои қонунии онҳо поймол шудааст. Ғайр аз он, фоидаи молумулкӣ аз татбиқи ҷазои маданӣ ба соҳибони суратҳисоби бонкӣ ва муштариёни ташкилотҳои қарзӣ тааллуқ дорад, ки бо содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ манфиатҳои қонунии онҳо поймол шудааст, тааллуқ дорад.

Ҳамаҷониба нигоҳ доштани амнияти иқтисодӣ ва ҳифзи сирри бонкӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ва ҳифзи технологияҳои иттилоотӣ муҳим арзёби карда мешавад, зеро рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ алалхусус бонкдорӣ бе мавҷудияти ҳифзи ин ду соҳа ғайриимкон мебошад ва мунтазам такмил додани онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад. Пеш аз ҳама

мавҷудияти таъмини ҳифзи маълумотҳои мазкур боварии муштариёнро ба низоми бонкдорӣ баланд намуда, барои рушди минбаъдаи фаъолияти ташкилоти қарзӣ мусоидат менамояд. Солҳои охир мунтазам рушд кардани ҷиноятҳои кибернетикӣ дар ҷараёни фаъолияти бонкӣ, пешгири накардани таҳдидҳои мавҷуда дар ин самт ва беэътиноӣ зоҳир намудани ба онҳо ба рушд намудани ҷинояткорӣ дар ин самт оварда мерасонад, инчунин мушкилоти такмили заминаи меъёрӣ дар соҳаи киберҷинояткорӣ мебошад.

Ҷавобгари барои ҳалли мушкилоти марбут ба шустушӯи пул асосан ба дӯши кормандони бонкҳо гузошта мешавад, ки онҳо бояд ба Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон маълумоти зарурииро фавран пешниҳод кунанд, зеро ҷинояткорон ҷараёни молиявии худро асосан тавассути каналҳои бонкӣ роҳнамоӣ мекунанд. Ин бонкҳоро вазифадор мекунад, ки муштариёни худро, ки бо пули нақд ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, аз ҷумла муайян кардани бенефитсиарҳоро ба таври қатъӣ муайян кунанд.

**Тавсияҳои амалии таҳқиқот.** Дар натиҷаи таҳқиқоти илмии анҷомдодашуда муаллиф тавсияҳои зерини хусусияти амалидоштаро пешниҳод менамояд:

**1. Ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

Моддаи 891[1] дар таҳрири зерин илова карда шавад:

«**Моддаи 891[1]. Маҳрамияти маълумот дар бораи қарз**

1. Маълумот дар бораи қарз, фоизҳо он ва ҷаримаҳои ҳисобшаванда, инчунин маълумотҳои шахсии қарзгиранда маҳрамона буда, қарздеҳ ӯҳдадор мешавад, ки маҳрамияти мазкурро ҳифз намояд.

2. Вайрон кардани талабот дар бораи маҳрамияти маълумот дар бораи қарз, асос барои ҷуброни зарари расонидашуда мебошад».

**2. Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

Эзоҳи моддаи 278 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Эзоҳ: 1) Таъқиби ҷиноят барои содир намудани кирдорҳои пешбининамудаи ҳамин модда мутобиқи аризаи корхонаи тиҷоратӣ, ташкилотҳои бонкӣ, шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ ва шахсони воқеӣ, ки маълумотҳои сирри тиҷоратӣ ва бонкӣ ба онҳо тааллуқ дорад ва ба онҳо зараррасонида шудааст, оғоз карда мешавад.

2) Дар ҳамин модда зарар ба миқдори калон чунин зарар ҳисобида мешавад, ки агар аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёд бошад».

**3. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»:**

- ба қисми 3 моддаи 48 сархати 10 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«– ба мудирони ташкилотҳои барҳамхуранда, ки дар асоси таъиноти суди иқтисодӣ таъин гардидаанд».

- дар м. 49 қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Муқаррароти қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур нисбат ба кормандони роҳбарикунанда, кормандон ва намояндагони амалкунанда ё собиқи ташкилоти қарзӣ уҳдадории якумраи онҳо ба ҳисоб меравад».

**4. Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон**:

Моддаи $109^1$ дар таҳрири зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $109^1$. Ифшо намудани маълумотҳои дорои хусусияти махфӣ**

1. Барои аз ҷониби шахсоне, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооти махфиро доранд, ғайриқонунӣ ифшо намудани маълумоте, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасӣ ба он маҳдуд карда шудааст, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷоҳ то сад, ба шахсони мансабдор аз сад то дусад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сесад то шашсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда,-

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз сад то яксаду панҷоҳ, ба шахсони мансабдор аз яксаду панҷоҳ то дусад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз панҷсад то ҳафтсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.»

Моддаи $541^2$ дар таҳрири зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $541^2$. Ифшо намудани маълумотҳои дорои сирри бонкӣ**

1. Барои аз ҷониби шахсоне, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар бораи сирри бонкиро доранд, ғайриқонунӣ ифшо намудани маълумоте, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сирри бонкӣ мансуб, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷоҳ то сад, ба шахсони мансабдор аз сад то дусад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сесад то шашсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда,-

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз сад то яксаду панҷоҳ, ба шахсони мансабдор аз яксаду панҷоҳ то дусад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз панҷсад то ҳафтсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.»

**5. Ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

- дар моддаи 93 пас аз рақам ва аломати «107,» рақам ва аломати «$109^1$,» ва пас аз рақам ва аломати «541(1), «рақам ва аломати «$541^2$,» илова карда шавад.

6. Айни ҳол дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсусе, ки истифодаи низоми технологияҳои blockchain – ро дар соҳаи ҳифзи сирри бонкӣ иҷозат диҳад, вуҷуд надорад. Масъалаи мазкур танҳо тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумии соҳаи иттилоот ва ҳифзи иттилоот танҳи танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудааст. Бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар ин самт пешниҳод карда мешавад, ки ба қонунгузории амалкунанда тағйироту иловаҳои

дахлдор ворид карда шуда, истифодаи технологияҳои blockchain дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар карда шавад.

7. Тавре аз оморҳои расмӣ маълум мегардад, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ шумораи ками имзоҳои электронии рақамӣ ба қайд гирифта шудааст, ки омили мазкур барои пурра ба роҳ мондани технологияҳои иттилоотӣ дар тамоми низоми мақомотҳои давлатӣ ва муассисаҳои давлатӣ, аз ҷумла низоми бонкӣ монеагӣ ба вуҷуд меорад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки ҳангоми гирифтани шиносномаҳои шаҳрвандӣ дар баробари шиноснома ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодатнома дар бораи имзои электронии рақамӣ дода шавад.

8. Аз мазмуни Тартиби гузаронидани чорабиниҳо оид ба ғайрифаъолгардонӣ ва фаъол гардондани воситаҳои молиявӣ ё молу мулки дигари шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд, маълум мегардад, ки яке аз асосҳои ба руйхат ворид намудани шахс ин аз тарафи шахс содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом ба ҳисоб меравад. Аммо дар асоси мазкур содир намудани ҷинояти дар моддаи 262 КҶ ҶТ пешбинигардида, дарҷ карда нашудааст. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки содир гардидани ҷинояти дар моддаи 262 КҶ ҶТ пешбинигардида низ яке аз асосҳои ба руйхати миллии шахсон ворид кардан эътироф карда шавад.

9. Масъалаҳои сирри бонкӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда шуда, ягон санади меъёрии ҳуқуқии мукаммал доир ба масъалаи мазкур қабул карда нашудааст. Аз ин рӯ, Бонки миллии Тоҷикистонро зарур аст, ки бо мақсади корбарии дуруст ҷиҳати ҷамъ кардан, истифода намудан ва коркард кардан бо маълумотҳои дорои хусусияти сирри бонкӣ Дастурамали мушаххас қабул намояд, ки он имкон медиҳад, коргузории махфӣ дар тамоми ташкилотҳои қарзӣ дуруст ба роҳ монда шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада маводи консептуалиеро, ки сирри бонкиро ҳамроҳӣ мекунанд, мукаммал мегардонанд, ҷанбаҳои муҳимми коркарди механизмҳои ҳифзи ҳуқуқии сирри бонкӣ ва пешгирии ифшои ғайриқонунии сирри бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро равшан карда, онро аз нав дида мебароянд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ, дар маҷмуъ ба ташаккули консепсияи дарки мазмуни илмии категорияи «сирри бонкӣ» мусоидат намуда, заминаи мавҷудбударо барои рушди қонунгузорӣ, таҷрибаи судӣ ва таҳқиқоти илмии минбаъда пурра менамояд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада ва пешниҳодҳои амалие, ки дар асоси онҳо оид ба татбиқи фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, ҳокимияти судӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ таҳия шудаанд, ба тасдиқи равиши аз ҷиҳати илмӣ асоснок ҳангоми таҳияи механизмҳои ҳифзи сирри бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Маводҳои диссертатсияро ҳангоми таълими фанни ҳуқуқи бонкӣ, ҳуқуқи маданӣ, курсҳои махсус ва семинарҳо истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳқиқи объективӣ, ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии сирри бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешавад. Эътимоднокӣ, инчунин, дар натиҷаи таҳлили муфассали категорияҳои илмӣ ва хулосаҳои илмии аз рӯи онҳо қабулшуда зоҳир мегардад. Дурустии хулосаҳои бадастомадаро пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалии дисертант, ки дар раванди таҳлили муқоисавии категорияҳои илмӣ, таҷрибаи судӣ, таҷрибаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, омӯзиши

равандҳои муосир, дурнамо, роҳу усулҳои навсозии масъалаҳои баррасишуда ташаккул ёфтаанд, тасдиқ мекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб барои гирифтани унвони илмӣ дар таҳқиқот бо якчанд омилҳо муайян карда мешавад: аввалан, натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, муқаррароти асосии ҳимояшаванда ва тавсияҳои амалӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона ба даст оварда шудаанд; дуюм, саҳми шахсии муаллиф дар навгонии илмие, ки ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мубрами марбут ба мафҳумҳо ва мазмуни сирри бонкӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи он аз дигар сирри бо қонун ҳимояшаванда пешниҳод шудаанд, ифода меёбад.

Ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли мақола ва маъруза дар конференсияҳо ва семинарҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод карда шуданд:

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Муассисаи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ гардида, борҳо дар ҷаласаҳои шуъбаҳои номбурда муҳокима шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмиву амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои илмӣ дар шакли маърузаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»« дар мавзӯи «Конститутсия кафили ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд» - маърӯза дар мавзуи: «Конституция как правовая основа банковской и коммерческой тайны: сущность, особенности и механизмы защиты». ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2024.

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Масоили мубрами фаъолияти қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ташаккулёбӣ, рушд ва дурнамо» бахшида ба 30-солагии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - маърӯза дар мавзуи: «Ташакулёбии иқтисоди электронӣ ва сирри бонкӣ». ш. Душанбе, 25 феврали соли 2025.

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии «Хонишҳои академии ҳуқуқӣ» дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзӯи «Илми ҳуқуқшиносӣ: таърих, масоили мубрам ва дурнамоии рушд” бахшида ба рӯзи «Ваҳдати миллӣ» ва фаъолияти илмии академик Фозил Тоҳиров. - маърӯза дар мавзуи: «Проблемаҳои назариявии муайяннамоии мафҳуми сирри бонкӣ дар назария ва қонунгузорӣ». ш.Душанбе, 10 июни соли 2025.

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар Донишгоҳи милли Тоҷикистон дар мавзӯи «Объектҳои ҳуқуқи маданӣ: тамоили инкишоф ва ҳифзи ҳуқуқӣ», бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намудани солҳои 2025 – 2030. - маърӯза дар мавзуи: «Баъзе масъалаҳои назариявӣ – ҳуқуқии сирри бонкӣ». ш.Душанбе, 2 октябри соли 2025.

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзӯи «Конститутсия – санади олии

ҳуқуқӣ» - маърӯза дар мавзуи: «Заминаҳои таърихии бавуҷудоии сирри бонкӣ дар давлатдории тоҷикон». ш. Душанбе, 31 октябри соли 2025.

– Семинари илмӣ дар Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзӯи «Баъзе аз проблемаҳои мубрами ҳуқуқи хусусӣ» - маърӯза дар мавзуи: «Проблемаҳои таносуби институти сирри бонкӣ бо сирри тиҷоратӣ ва ҳифзи онҳо дар технологияҳои иттилоотии рақамӣ». ш. Душанбе, 17 феврали соли 2026.

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи «Масоили мубрами давлат ва ҳуқуқи муосир дар паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон». Маърӯза дар мавзуи: «Таъсири рақамисозӣ ба ҳифзи сирри бонкӣ: таҳдидҳои киберӣ, ҷори намудани технологияҳои электрионӣ». ш. Душанбе, 17 марти соли 2026.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти пешниҳодшуда дар асарҳои нашршудаи муаллиф, аз ҷумла дар 1 монография, 9 мақолаҳои илмӣ, ки 7 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд ва инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатисия ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 259 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ҲУҚУҚИИ СИРРИ БОНКӢ

## 1.1. Асосҳои назариявӣ ва таърихии пайдоиш ва инкишофи институти сирри бонкӣ

Таърихи рушди институти сирри бонкӣ садсолаҳо пеш рафта, дар ин давра дар давлат баҳри ноил гардидан ба манфиатҳои ҷамъиятӣ муқовиматҳо нишон медод ва дар ин замина бо мақсади ғани гардонидани буҷет аз пардохти андозҳо ташкилотҳои қарзӣ таъсис медоданд ё таъсиси чунин ҷамъиятҳоро қобили дастгири мешумориданд ва ҳолати мазкурро яке аз роҳҳои пешгирии фаъолияти ҷиноӣ меҳисобиданд ва манфиатҳои хусусии бонкҳо, ки бо ҳимояи ҳуқуқҳои муштариён ба сирри молиявӣ иқтидори молиявии худро ҳифз мекунанд. Зеро ҳар қадаре, ки бонк бештар маблағ ҷалб кунад, иқдори молиявии он ҳамон қадар устувор ва тавонотар мешавад [92, с. 46].

Пеш аз ҳама бояд дар хотир дошт, ки аз замонҳои қадим мақсади асосии бонкҳо ин зиёд намудани муомилоти иқтисодӣ ба ҳисоб мерафт, ки дар ин замина воситаҳои пулиро тариқи амонату пасандоз ҷалб менамуд ва аз ҳисоби он пешниҳоди қарзҳоро ба шахсони ба қарз ниёзманд тақсим менамуд. Ҳамзамон оҳиста-оҳиста нақши бонкҳо дар ҳисоббаробаркунии муносибатҳои молиявии байни ташкилотҳои тиҷоратӣ, машғул шудан дар бозорҳои қоғазҳои қиматнок босазо гардид. Ҳамеша, мақсади дигари ташкилотҳои қарзи ба даст овардани фоида аз маҳсули амалиётҳои молиявӣ ба ҳисоб мерафт. Имрӯз иқтисодиёти ҷаҳонро бидуни мавҷудияти ташкилотҳои қарзӣ ё бонкҳо тасаввур карда наметавонем, зеро фишангҳои иқтисодиёт ва савдо аз ҷамъиятҳои мазкур вобастагӣ дошта, рушди иқтисодиёт аз онҳо вобаста мебошад. Бонкҳо на танҳо барои пешниҳоди қарзҳо, балки тавассути сармоягузорӣ ба фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратӣ бо роҳи пур намудани сармояи оинномавии онҳо дар рушди савдо ва иқтисодиёт нақши беандоза зиёд доранд.

Доир ба ҷанбаҳои таърихии пайдоиши нақши бонкҳо ва ташкилотҳои ба баъзе амалиётҳои бонкӣ машғулшаванда Раҳмонов Р.В. андешарони намуда, қайд менамояд, ки дар замони ҳамроҳ гардидани Тоҷикистон ба ҳайати иттиҳоди шӯравӣ аввалин бонкҳои ба замони ҳозира монанд таъсис ёфтанд, аммо ин маънои онро надорад, ки баъзе аз амалиётҳои мухталифи бонкӣ дар замонҳои қадим дар байни тоҷикон мавҷуд набуд, зеро баъзеи он дар байни мардум мунтазам истифода мешуд. Дар замонҳои давлатдорӣ бо реҷаи феодалӣ бонкҳо пайдо шуда буданд ва амалиётои бонкӣ дар давраи ғуломдорӣ низ арзи вуҷуд дошт [133, с. 82-84].

Аммо бо таҳлили адабиётҳои ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ муайян намудем, ки моҳи марти соли 1885 дар уезди Хуҷанд аввалин кассаи амонатӣ кушода шуд. Соли 1925 дар назди Комиссариати молиявии ҶШС Тоҷикистон Фонди давлатии амонатӣ ташкил карда шуд [68, с. 11].

Аз ин рӯ, бо мақсади таҳлили пурраи институти бонкӣ ва дар ин ҷода ба миён омадани падидаҳои сирри бонкӣ тасмим гирифтем, ки мавҷудияти институти бонкҳо ва ё воситаҳои дигари маҳфуз нигоҳ доштани маблағҳои пулиро дар таърихи мардуми тоҷик таҳлил намоем.

Дар робита ба ин Раҳимзода М.З. низ адешаи мазкурро дастгирӣ намуда, зикр намудааст, ки муносибатҳои молиявию тиҷоратӣ ҳамеша дар байни инсонҳо ба назар мерасид, ҳатто дар замони мавҷудияти ҷамъияти ибтидоӣ муносибатҳои мазкур рӯ ба равнақ ниҳода буд, яъне муносибатҳои молиявӣ дар шакли оддӣ мушоҳида мегардид. Аммо муносибатҳои мазкур на дар асоси қонун ё ягон ҳуҷҷати расмӣ, балки бо меъёрҳои ахлоқӣ ва урфу одатҳои ба тартиб дароварда мешуданд. Бинобар сабаби нақши назаррас доштани меъёрҳои ахлоқӣ дар байни инсонҳо анъанаю одатҳо сарчашмаи ягонаи ҳуқуқ шуморида мешуданд, ки ягона асоси танзими муносибатҳои инсонӣ буда, шуури ҷомеа ба таври бояду шояд иҷро мегардид [87, с . 7].

Муносисбатҳо оид ба фаъолияти бонкӣ, ки яке аз самтҳои фаъолияти тиҷоратӣ мебошад, ки дар давраи ғуломдорӣ дар Осиёи Марказӣ амалиётҳои мушаххаси он, ба монандӣ пешниҳоди қарз, бехатар бурда расонидани тангаҳо ба ҳисоб мерафт. Дар баробари ин, амалиётҳои нигоҳдории ашёҳои арзишнок, аз ҷумла бехатарона нигоҳ доштани металлҳои қиматбаҳо ё тангаҳо муомилотӣ низ мушоҳида мегардид. Маҳз дар ҳамин давраҳо муомилоти тангаҳои тиллоӣ, нуқрагӣ ва мисӣ асоси муомилоти молиро ташкил медоданд [100].

Амалиётҳои саррофӣ яке аз аввалин намудҳои фаъолияти бонкӣ дар он давр ба ҳисоб мерафт, ки он аз асри II то милод дар замони пайдоиши роҳи абрешим дар Осиё Марказӣ дида мешуд ва ҳолати мазкур дар давлатҳои тоҷикон низ вуҷуд дошт. Амалиёти саррофӣ бениҳоят ба амалиятҳои кассавӣ монанд буда,  ба он мубодилаи асъор ё иваз намудани маблағҳои фарсуда бо нав, баҳодиҳии аслияти пул ва баҳодиҳии сангҳои қиматбаҳо аз ҷониби мутаххасисон дохил мешуд. [170]. Ба забони ҳозира фаъолият оид ба мубодилаи асъор, фаъолияти нархгузорӣ ва муайян намудани воқеияти арзиши асъор, ки яке аз самтҳои фаъолияти ташкилотҳои бонкиро ташкил медиҳад.

Дар замони подшоҳии Хусрави 2 Парвизи Сосонӣ (591 -628) дар давлатдории Сосониён аз ҷониби Фаррухмард писари Баҳром санади ҳуқуқӣ таҳия карда шуд, ки фарогири муносибатҳои маданӣ дар он давр ба ҳисоб мерафт ва онро «Қонунномаи Сосониён» ё «Қонуни мадании зардуштиён» номбар намуд, ки ҳаҷми он аз чилу чор фасл иборат буд, ки ягона санади ҳуқуқӣ ба хисоб мерафт, ки муносибатҳои ҳуқуқи маданиро танзим мекард [77, с. 5].

Мувофиқи нишондодҳои Қонуннома, навъҳои қарордодҳо ҷудо карда мешавад. Дар муносибатҳои қарзӣ ҳам қарордоди қарзии асосӣ ва қарордоди кафолатӣ пешбинӣ гардидааст. Аввалин бор таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар Қоннуннома зикр карда шуд, ки он алоҳида аз шартномаи қарзӣ баста мешуд ва шахси сеюм тавассути он уҳдадори мегирифт, ки

дар ҳолати иҷро нагардидани уҳдадории пулӣ аз ҷониби қарздор пардохти маблағи қарзӣ аз ҷониби ӯ тибқи карордоди кафолатӣ пардохт мегардид, ки ба тариқи шифоҳӣ баста мешавад. Кафилдиҳанда дар назди шоҳидон, ки шумораашон на камтар аз се нафар мебошад дар назди қарздиҳанда мувофиқи иҳзороти «нисбати ашёи мазкур ман ҳамчун кафолати валон кас баромад менамояд» ё «ман таъминкунандаи фалон кас нисбат ба ашёи мазкур мебошам» баромад менамуданд [99, с. 133]

Чунончӣ, тавре муҳаққиқ Негматов Н. муайян намудааст, барои пешбурди фаъолияти саррофӣ дар Бухоро биноро ба номи Тоқ бунёд намуданд, ки асоси фаъолияти онҳоро ивазкунии пул ташкил медод. Новобаста аз номгузории онҳо ҳамчун саррофон вазифаҳои дигарро ба ғайр аз ивази пул низ иҷро мекарданд. Дар замонҳои давлатдории Сомониён дар Осиёи марказӣ низоми расидҳо равнақ намуда буд. Чунин ҳуҷҷатҳо дар асри X дар давраи Сомониён пайдо шуда, онҳо дар як маврид бо пул ҳамчун манбаи муомилот баромад менамуд. Агар аз нигоҳи таҷрибавӣ нигарем, пас амалиётҳои мазкур ба таври зерин ба роҳ монда мешуд: тоҷирон бештари вақт пулҳо худро ба биноҳи махсус, ки дар он ҷо саррофон фаъолият менамуданд, месупориданд ва ҳангоми бастани аҳди мазкур расиди бонкиро (чекҳоро) мегирифтанд, ки ҳангоми пешниҳоди бақия онро ба харидорон медоданд ё ҳангоми зарурат онро аз ҷои муқарраршуда аз худ менамуданд. Амалиётҳои мазкур на танҳо дар давлатдории Сомониён балки дар давлатҳои дигар  низ истифода мешуданд [78, с. 87].

Дар рушди муносибатҳои тиҷоратӣ нақши давлатдории Сомониён хело арзанда ба ҳисоб меравад, ки он қоидаҳо дар тиҷорати бурунмазӣ ба таври васеъ истифода мегардид. Бори нахуст дар таърихи давлатдории Осиёи марказӣ мақомотҳои давлатӣ ба 10 девони вазир тафриқабандӣ карда шуда, вазифаҳои он танзим ва назорат аз рӯйи фаъолияти хоҷагии халқ ба ҳисоб мерафт. Барои танзими амалиётҳои пулию молӣ девони мухтасиб таъсис дода шуд, ки фаъолияти тоҷиронро

дар бозорҳо, тартиби дуруст истифода шудани тарозу, сатҳу сифати маҳсулоти фурӯхташаванда, омодасозии корвонсарой (яъне тиҷорати бурунмарзӣ), ҳимояи молу мулки тоҷирон мушоҳида ва назорат мекард [79, с. 97].

Омӯзиши асари безаволи Абулқосим Фирдавсӣ шоҳасар - «Шоҳнома» нишон медиҳад, ки низоми пешпардохт дар он давру замонҳо низ арзи ҳастӣ дошт, ки низоми мазкурро «Шоҳнома» ҳамчун низоми «пешдод» эътироф намудааст [41; 87, с. 18].

Муҳиққиқи дигари мардуми тоҷик Абӯҳамид Ғаззолӣ ба омӯзиши масъалаҳои бонкиву тиҷоратӣ диққат дода, низоми саррофӣ дар давраи Сомониён ва низоми пешдоди Абулқосим Фирдавсиро ба истилои «салам» номгузорӣ намудааст. Тарҷумаи таҳтуллафзии «салам» маънои пешпардохтро доро мебошад. Абӯҳамид Ғаззолӣ амалияти саламро маънидод намуда, қайд кардааст, ки бо мақсади дастгирии истеҳсоли молҳо пешпардохи ба кор меомад [69, с. 23-24].

Тазаккур бояд дод, ки шарқшиноси машҳури ватанӣ, аллома Б.Ғафуров низоми муомилоти мардуми Осиёи марказиро дар давраи асрҳои IX – X таҳлил намуда, муайян намудааст, ки воситаҳои муомилотии дирҳам ба таври гуногун номида мешуданд, ки дар давлати Сомониён ва дигар кишварҳои марказӣ маъхазҳоро ба дирамҳои муҳаммадӣ хоразмӣ, қитрифӣ, мусайябӣ ҷудо намуданд. Дар он давру замон дирҳамҳо аз дирҳамҳои давлатҳои исломӣ фарқ менамуд ва дорои суратҳо ва камхат буданд, ки ба меъёри исломӣ мутобиқат надоштанд. Ба мисли тангаҳои ҳозиразамон дар он нақши нимасурати шоҳ пайкар шуда буд ва дар қисми дигари он акси оташу посбонӣ пайчинӣ мегардид. Дар баъзеи чунин тангаҳо тасвири шоҳони давлатдории Сосониён, ки дар асри V подшоҳи кардаанд, ҷой гардида буданд. Хусусияти муҳими он давр аз он иборат буд, ки хироҷ на ба ҳамаи тангаҳо балки бо тангаҳои махсуси суратдорӣ шоҳон пардохт мегардид ва дар як маврид ҳудудҳои марзию маъмурӣ ҳуқуқ надоштанд бо дилхоҳ танга хироҷро

пардохт намоянд, онҳо танҳо бо тангаҳои барои ҳудуди марзию маъмурии дахлдор муайянгшардида пардохт мегардид. Масалан, ҳудуди марзию маъмурии вилояти Шош (Хуҷанди имрӯза) танҳо ҳуқуқ дошт, ки бо дирҳамҳои  мусайябӣ хироҷро пардохт намояд, зеро он аз нуқраи сифати олӣ омода мегардид. Ҳамзамон, шаҳрҳои Самарқард ва Фарғона хироҷро танҳо бо дирҳами муҳаммадӣ пардохт мекарданд, ки дар он вақт дар вилояти Суғд шомил буданд. Дар як маврид ҳокими Бухоро бо дирҳами қитрифӣ уҳдадории худро дар назди хазинаи давлатӣ иҷро мекард ва вилояти Устурушан (Истаравшан) 48 ҳазор дирҳами муҳаммадӣ ва 2 ҳазор дирами мусайябӣ ба буҷет пардохт мекард, ки нисбат ба дигар вилоятҳои мавҷудаи он замон фарқ мекард [45, с. 405]. Чунин тафриқагузорӣ танҳо бо мақсади муайян намудани пардохтҳо аз кадом вилоят анҷом дода шудааст, ба роҳ монда шуда буд.

Таҳқиқотҳои гузаронидаи Б.Ғафуров нишон медиҳад, ки алакай дар асрҳои IX – X мардуми Осиёи Марказӣ, ба хусус тоҷикон низоми муомилоти пулии худро пурра муайян намудаанд. Ҳолати мазкур аз он гузовай медиҳад, ки алакай дар ҳамон давра сирри бонкӣ пайдо шудааст. Зеро, тартиб, намуд, навиштаҳо ва суратҳои тангаҳои дирам аз ҳамдигар фарқ мекарданд ва дар муомилот истифода мешуданд.

Қуръон ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқи исломӣ гирифтани рибо, ки он бо истилои имрӯзаи фоизи қарз фаҳмида мешавад, манъ менамояд. Чунончӣ, ояти 278  сураи Бақара таъкид шудааст, ки «Эй касоне ки имон овардаед! Тақвои илоҳи пеша кунед ва онҷиро аз (мутолибот) рибо боқи монда аст раҳо кунед, агар имон доред» [72, с. 92]. Дар тафсири Маҷмаул баён, Алмизон ва Мароғи нақл шудааст, ки вақте ояти таҳрими рибо нозил шуд, бархе аз саҳоба ҳамонанди Холид ибни Валид, Аббос ва .... аз мардум миқдоре талаб аз бобати рибо доштанд, онҳо дар мавриди талабкори худ, аз Паёмбар(с) касби таклиф карданд ва ин оят нозил шуд. Паёмбар(с) баъд аз нузули ин оят фармуд: Аббос, амаки ман низ ҳаққи

мутолибаи рибо надорад ва пеш аз ҳама, бояд хешони ман даст аз рибо бардоранд [200].

Рибохори, ҷанг бо Худост. Зеро Худованд, дар сураи Бақара ояти 279 мефармояд: «Пас агар чунин накардед, (бидонед ки) эълони ҷанг бо Худо ва расулаш додаед ва агар тавба кунед (асл) сармояҳои шумо аз они худатон аст. (ва дар ин сурат) не ситам мекунед ва не бар шумо ситам мешавад.» [72, с. 92].

Аз оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои Паёмбар(с), ки асоси танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, баремеояд, ки муносибатҳои вобаста ба рибо манъ шудааст ва рибо ин пешниҳоди қарз бо баргаштан бо фоизи муайян ба ҳисоб мерафт, ки онро на танҳо бо зикри истилоҳи рибо балки аз мазмуни қарордоди мавҷуда муайян мекарданд, яъне ҳамаи муносибатҳои ба рибо монанд манъ карда мешуданд Сарчашмаи асосии манъи чунин муносибат аз китоби муқаддаси Аллоҳ (ҷ) Қуръон бармеояд, ки дар ояти сураи Бақара зикр шудааст, ки «Худованд тиҷоратро иҷозат дода, вале афзоишро манъ менамояд». Ҳамаи ин амалҳо дар оянда барои ба вуҷуд омадани сирри бонкӣ дар фаъолияти қарзию пулӣ ва фаъолияти бонкӣ замина гузоштаанд.

Аз ҷониби мутафаккирони Шарқ андешаронӣ карда шудааст, ки тиҷорат асоси иқтисодиёт ба ҳисоб меравад ва он ягона муҳаррики рушди муносибатҳои пулию молӣ мебошад. Дар ин ҷода олимони асримиёнагии Осиёи Марказӣ низ ақидаҳои худро баён намудаанд: Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Муҳаммад Ғазолӣ, Хоҷа Насируддини Тусӣ, Закариёи Розӣ, ва ғайраҳо. Муҳаммад Ғазолӣ дар ин бобат дар китоби д «Кимиёи саодат» зикр намудааст, ки хариду фурӯш танҳо бо се шарт мавҷудият, ду субъект (харидор ва фурӯшанда), мол ва аҳд (байъ) ҳатмӣ мебошад [54, с. 149].

Худованд дар Қуръони Карим инчунин механизми ҷавобгарӣ барои рибоиро муайян намудааст. Чунончӣ, дар ояти 275 сураи Барқара муқаррар шудааст, ки «Касоне, ки судро мехӯранд, (аз гӯр) барнахезанд,

магар монанди касе, ки шайтон ӯро аз осеб расондан девона сохтааст. Ин ба сабаби он аст, ки (судхӯрон) гуфтанд: «Ҷуз ин нест, ки савдогарӣ мисли судхӯрист». Ва ҳол он ки Аллоҳ савдогариро ҳалол кардааст ва рибоbooро ҳаром сохтааст. Пас, касеро, ки аз ҷониби Парвардигор панд омад, пас, (аз ин кор) даст кашид, пас, ӯрост он чӣ гузашт ва кори ӯ вогузор ба сӯйи Аллоҳ аст. Ва ҳар шахсе ки ба судхӯрӣ бозгашт, пас он гурӯҳ бошандагони дӯзаханд, онон дар он ҷо ҷовидон монанд» [72, с. 92].

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар китобҳои маҷмуаи ҳадисҳои саҳеҳи Паёмбар(с) Имом Бухорӣ, Имом Муслим ва Имом Молик (раҳимаҳумуллоҳ) ҳадисҳои бисёре дар бораи ҳаром будани рибо (судхӯрӣ, фоиз) оварда шудаанд. Дар ин замина якчанд ҳадисҳои машҳур ва саҳеҳро (муътамадро) бо тарҷума манзур менамеоем.

Дар *Саҳеҳ ал-Бухорӣ*, Китоб ал-Буюъ (китоби муомилот), ҳадиси №2085, 2086 ва ғайраҳо зикр шудааст, ки Абӯ Ҷуҳайфа (р) гуфт: Паёмбари Аллоҳ ﷺ аз фурӯши саг, аз даромади зани зинокор, аз подоши коҳинӣ ва аз рибо (судхӯрӣ)** манъ кард.

Дар *Саҳеҳ Муслим*, Китоб ал-Мусоқот (муомилот), ҳадиси №1598 қайд шудааст, ки Ҷобир (р) ривоят мекунад: Паёмбари Аллоҳ ﷺ лаънат (дурӣ аз раҳмати Аллоҳ) кард бар касе, ки рибо мехӯрад, бар касе ки онро медиҳад, бар нависандааш ва бар шоҳидонаш, ва гуфт: «Онҳо ҳама дар гуноҳ баробар ҳастанд.»

Аз ҷониби Имом Молик дар «Ал-Муватта», китоби ал-Буюъ, ҳадиси №31 зикр шудааст, ки «Тило ба тилло, нуқра ба нуқра — баробар ба баробар ва ба дасти якдигар (на ба таъхир). Пас, ҳар кӣ зиёд диҳад ё зиёд талаб кунад, пас ӯ рибо кардааст.»

Дар мазҳаби Ҳанафӣ ва дигар мазҳабҳо низ, хусусан дар китобҳои Абдуҳанифа Нуъмон ибни Собит Ал-Ҳидоя фи шарҳ ал-Бидоя*, *Фатҳ ал-Қадир зикр шудааст, ки Рибо ҳаром аст дар ду ҳолат ҳаром аст: якум, дар қарзҳо, агар зиёдатӣ талаб шавад, дуюм дар мубодилаи ашёи

андозшаванда (мисли тилло, нуқра, ғалла, намак, хурмо, ҷав)** бо зиёдӣ ё таъхир. Ҳар касе ба шарт зиёд талаб кунад — рибо мекунад.

Гуфтаҳои болоӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ гарчанде институти алоҳидаи бонкӣ амал намекард, аммо аз давраи ғуломдорӣ сар карда, то замони аз тарафи Россияи подшоҳӣ забт карда шудани ҳудуди Осиёи Миёна падидаҳои бонкӣ ва сирру асрори нигоҳ доштани маблағ ва муомилотҳо вобаста ба маблағ ҷой доштанд. Гарчанде, дар қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба монанди «Қонунномаи Сосониён», Китоб-ал-байъ ва ғайраҳо боб ва ё фасли алоҳида доир ба муносибатҳои бонкӣ ва ё саррофӣ (пешдод, салам) бахшида нашуда бошад ҳам, вале онҳо тавассути меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои тиҷоратӣ танзим карда шуда буданд. Сабаби асосии инкифош наёфтани институти бонк дар ҳудуди Тоҷикистон таърихӣ ва дигар давлатҳое, ки меъёри ҳуқуқии онҳо меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ мебошад, дар оятҳои 278 ва 279 Сураи Бақара манъ шудани рибохорӣ (гирифтани фоиз) мебошад ва рибо (фоиз) асосӣ фаъолияти ташкилотҳои бонкии имрӯзаро ташкил медиҳад.

Дар меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ уҳдадорие мавҷуд аст, ки дар ҳолатҳои Паёмбар(с) ва ҳазрати Алӣ (к) аст ки одамҳои гунаҳкор пеши инҳо меомаданд ба гуноҳоне ки дар танҳои карда буданд иқрор мекарданд. Паёмбар(с) ва ҳазрати Алӣ(к) нороҳат мешуданд ва мефармуданд: «Чаро пеши мо меоед ва иқрор мекунед. Агар дар ҳаққи касе гуноҳе кардед ва ё молашро хурдед бояд пеши ҳамон кас иқрор бикунед ва ҳаққашро ба худаш бидиҳед. Ва агар дар танҳои гуноҳе кардед набояд ба касе бигуед. Ҳам гуноҳи худатонро ва ҳам гуноҳи дигаронро ҳар чи қадар ки метавонед бипушонед. Худо satторул уюб аст ва ҳифзи обруро дуст дорад.» [173]

Аз муқарраротҳои меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ маълум мегардад, ки фош кардани гуноҳ, гуноҳи кабира ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ механизмҳои ҳимоя намуди сирро пешбинӣ намудаанд.

Яъне, механизмҳои қонунгузории имрӯзаи ҳифзи сирри бонкӣ дар меъёрҳои исломӣ ҳамчун меъёрӣ фош накардани гуноҳи худ ва гуноҳи дигарон буда, ба маҳфуз нигоҳ доштани гуноҳҳои содиркардида нигаронида шудаанд.

Баъд аз инқилоби шоҳигарии Россия ва бо мурури солҳои тӯлони хусусан солҳои 70 асри гузашта муносибатҳои истеҳсолию тиҷоратӣ дар Бухорои Шарқӣ гуногунҷабҳа ва рӯ ба тарақиёт ниҳоданд. Дар манотиқи мазкур муносибатҳои иқтисодиётӣ то дараҷае рушд намуд, ки рӯ ба муомилоти молию пулии ҷаҳонӣ овард [88, с. 49].

Ҳангоми инқилоби шоҳигарии Россия давлати Бухоро бо онҳо шартномаи дутарафаро санаи 23 июни соли 1868 ба табъ расонид, ки тибқи он тамоми муносиабатҳои мавҷуд, аз ҷумла ба рушди муносибатҳои тиҷоратӣ замина гузошт. Тибқи шартномаи басташуда, тоҷирони рустабор тубқи банди 5 шартнома ҳуқуқ пайдо намуданд, ки дар манотиқи мазкур ба савдо машғул шаванд ва инчунин боҷи давлати қадри имкон коҳиш дода шуда, он 2,5% муқаррар гардид. Пеш аз ҳама набояд фаромӯш кард, ки шартномаи байни Россия ва Бухоро санаи 28 сентябри 1873 ба табъ расида ба соҳибкорони Осиёи Марказӣ ҳуқуқ дода шуд, ки дар ҳудуди Россия фаъолият намоянд. Тибқи банди 2 шартномаи номбаршуда давлатҳо уҳдадорӣ ба зимма гирифтанд, ки амвнияти тоҷирон ва корвонсаройонро таъмин намоянд ва ҳамзамон ба тарафҳои шартнома имконият дода шуд, ки корвонсарой, анборҳо ва намояндагии тиҷоратӣ худро дар ҳудуди давлатҳои ҳамдигар таъсис диҳанд [67].

Набояд фаромӯш кард, ки пас аз ҳамроҳшавии як қисми минтақаҳои Осиёи Марказӣ ба давлати империявии Россия механизмҳои миёнаравӣ ҳамчун шабоҳати амалияти бонкӣ пайдо градида, баъдтар ҳангоми шомил шудани Тоҷикистон ба Иттиҳоди Шуравӣ ташкилотҳои бонкӣ дар кишварамон таъсис гардид. Империяи Россия аз ибтидои солҳои инқилоби худ, яъне соли 1875 кушиш ба харҷ дод, ки аввалин шуъба

(филиалҳои) ташкилотҳои қарзии худро дар ҳудуди шаҳрҳои азим, ба монандӣ шаҳрҳои Тошканд Хуҷанд, Конибодом, Исфара ва Панҷакент таъсис диҳад ва он низ чунин гардид. Аз ҷанбаҳои таърихи бармеояд, ки аввалин маротиба ташкилотҳои қарзӣ дар ҳудуди шимолии Тоҷикистон то инқилоби октябр пайдо гардиданд ва танҳо бонкҳои азими Россия аз ҷумла, Бонки давлатии Русия, Бонки москвагии савдои байналхалқӣ, Бонки Русӣ – Осиёӣ бо таъсиси шуъбаҳои худ ба фаъолият шуруъ намуданд [133, с. 82-84].

Совети давлатии Империяи Россия 3 июли соли 1869 барои идора кардани бахши молия дар вилояти Туркистон Палатаи давлатии Тошканд ва Хазинадории вилоятии Тошкентро таъсис дод. Хазинаҳои округӣ ба хазинаҳои вилоятӣ табдил дода шуданд. Дар солҳои 70-80-уми асри XIX дар бисёр округҳои миллӣ, ки ба ҳайати империяи Россия дохил будаанд, кассаҳои амонатӣ ва қарз, аз ҷумла дар ҳудуди Осиёи Миёнагии генерал-губернатории Туркистон пайдо шуданд.

Омӯзиши ҳуҷҷатҳои бойгонӣ нишон медиҳанд, ки соли 1871 губернатори ҳарбии вилояти Сирдарё санаи 23 марти соли 1871 ба сардори округи Хуҷанд мурочиат карда, қайд намудааст, ки дар ягон шаҳру ноҳияи вилоят ягон анбори ғаллаи захиравӣ мавҷуд нест, ки аз он аҳолии нишаста ва кучманчӣ дар солҳои камоб, ғалларо барои кишт ва кассаҳои амонатӣ ва қарз истифода бурда метавонистанд, ки дар онҳо худи ҳамон аҳолӣ имконият пайдо кунанд, ки бақияҳои пулиро аз даромади худ барои афзоиши фоиз ва ба ёрии онҳо «дар мавридҳои зарурӣ ба қарз мурочиат намояд ва бо назардошти шинос набудани аҳолӣ бо ин гуна муассисаҳо ва бо мақсади мавҷудияти онҳо изҳори назар дорам, ки ташаббус дар ин масъала бояд ба маъмурият тааллуқ дошта бошад ва аз ин рӯ, таваҷҷуҳи худро ба дарёфти воситаҳои ташкили кассаҳои амонатию кредитӣ изҳор намоед...» [68, с. 11].

Моҳи марти соли 1885 дар Хуҷанд кассаи амонатию кредитӣ ба кор оғоз кард. Аз рӯйи маълумотҳои бойгонӣ ҷамъияти қарзӣ то мохи марти

соли 1885 аз «...208 нафар карзгирандагон, ки 7 нафарашон сокинони шаҳр ва 201 нафарашон деҳотиён буда, фонди сармояи он 6500 сумро ташкил медод» иборат буд. Аксарияти қарзгирандагон қарзи 12-моҳа гирифтанд (аз рӯйи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ 261 нафар), як нафар ба муҳлати 8 моҳ, 6 нафар ба мухлати шашмоҳа). Солҳои аввал ба қарзгирандагон ба маблағи 25 сум карз дода мешуд ва 115 нафар, дар солҳои минбаъда — 50 сум (74 нафар) [68, с. 11].

Тазаккур бояд дод, ки аз ҳамон давраҳои падидаи сирри бонкӣ дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шуда буд. Чунончӣ, дар асоси моддаи 9 Низомнома дар бораи бонкҳои ҷамъиятии шаҳрӣ аз 1862, ки дар Императории Россия қабул шуда буд, «директор ва шарикони ӯ баъди ба вазифаи худ шурӯъ кардан ваъдаи хаттӣ медоданд, ки дар ҳама масъалаҳо аз рӯйи виҷдон ва бе рӯйбинӣ амал мекунанд; ҳамаи масъалаҳои марбут ба корҳои тиҷоратии шахсӣ ва ҳисобҳои ба Бонк супурдашударо махфӣ нигоҳ доранд ва тамоми вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузошташударо қатъиян иҷро кунанд [144, с. 10]. Дар Низомномаи мазкур инчунин пешбинӣ шуда буд, ки тамоми шахсони дигар, ки ба хизмати бонк ворид мешаванд, бо ваъдаи хаттӣ вазифадоранд, ки корҳои тиҷоратӣ ва суратҳисобро махфӣ нигоҳ доранд.

Сарчашмаи давраи баъдтар, ки Оинномаи қарзӣ аз соли 1903 баҳисоб меравад, ки тибқи муқарраротҳои он кормандони ташкилот барои ифшои сирри бонкӣ масъулият бар душ доштанд. Кормандон ҳангоми таъин шуданашон ба вазифа ва дар ҳолати интихоб шудани шахс ҳамчун аъзои Шурои бонк дар асоси банди 22-и фасли IV Оинномаи қарзӣ вобаста ба ҳамаи амалиётҳои бонкӣ маҳрамиятро нигоҳ доранд. Дар як маврид дар банди 5 фасли V ҳуҷҷати мазкур зикр шуда буд, ки кассаҳои амонатии давлатӣ уҳдадор гардида буданд, ки маълумот дар бораи амонатҳо, сертификатҳои пасандозӣ, гузаронанандаи он, ворисони онҳоро, ки маълумоти сирри бонкӣ ба ҳисоб мерафт махфӣ нигоҳ доранд ва иттилооти зкргардидаро танҳо ба

суд ва ҳукумат диҳанд. Дар ҳолати ба шахсони ғайр додани маълумоти марбут ба сирри бонкӣ гунаҳгорон ба ҷавобгарӣ ҷалб карда мешуданд. [83, 1914]. Аз мазмуни меъёри мазкур маълум мегардад, ки алакай дар соли 1903 механизми нигоҳ доштан ва ҳолатҳо ошкор кардани сирри бонкӣ ба илми ҳуқуқшиносӣ ворид карда шуд.

Соли 1917 бо иваз гардидани сохти ҷамъиятию сиёсӣ тамоми сиррҳои бонкӣ, ки ҳуқуқи ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ хусусиро ҳимоя менамуд, аз байн бурда шуд, зеро онҳо ба махфинигоҳдории онҳо ба давлат зарарнок буд. Ҳамчунин дар он замон моликияти хусусӣ, соҳибкорӣ мустақилияти бонкӣ аз байн рафта, махфи нигоҳ доштани маълумот дар бораи хоҷагиҳои алоҳида зарурӣ ҳисобида намешуд ва танҳо маҳрамияти сирри давлатӣ боқи мононда шуд. Санаи 27 октябри соли 1917 Декрет дар бораи милликунонии бонкҳо қабул карда шуд. Дар баробари қабул гардидани декрети мазкур қонунгузории подшоҳӣ ва дахлнопазирии пасандозҳо дар хазинаҳои амонатӣ барҳам дода шуданд.

Бо тағйир ёфтани вазъ, низоми сотсиалистӣ такроран баҳри барқарор намудани маълумоти марбут ба сирри бонкӣ кушиш ба харҷ дода, ба зумраи он маълумотҳои амалиёти молиявии ташкилоту корхонаҳои ба шаҳрвандон хизматрасон шомил карда шуданд [145,с. 58].

Санаи 1-уми майи соли 1918 дар ҳудуди Сирдарё, Фарғона, Ҳафтруд, Закаспий, Амударё Ҷумҳурии Мардумии Туркистон таъсис дода шуд, ки дар ин минтақа ҳатто то моҳи октябри соли 1920 асъори алоҳида сикка зада мешуд. Дар замони Шӯравӣ мафҳуми сирри пасандозҳо дар қонунгузорӣ истифода мешуд [139, с. 89-94]. Санаи 30 июни соли 1921 бо қабули ҳуҷҷати нав дар хусуси маҳрамияти маълумот дар бораи пасандозу суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи Совети Комиссарони Халқии ҶШФСР Декрет «Дар бораи бекор кардани маҳдудиятҳои муомилоти пулӣ ва чораҳои инкишоф додани амалиёти пасандозу пулӣ» саҳифаи наверо вобаста ба падидаи сирри бонкӣ боз

намуд, ки маълумотҳои мазкур ба ғайр аз соҳиби он боз ба мақомоти судӣ ва тафтишотӣ пешниҳод мегардид.

Моҳи октябри соли 1924 дар натиҷаи тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ ҷудо кардани Осиёи Миёна дар ҳайати ҶШС Узбекистон, ҶМШС Тоҷикистон ташкил дода шуд. Он ноҳияҳои аҳолии тоҷикони дар қисми куҳистонии Бухорои Шаркӣ, қисми қафомондатарини Аморати Бухоро ва баъзе волостҳои ноҳияҳои Самарқанд ва Хуҷандро фаро гирифт. Дар моҳи январи соли 1925 Бадахшони Куҳӣ, Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ ба хайати ҶМШС Тоҷикистон дохил карда шуданд.

Соли 1925 ба декрети Совети Комиссарони Халқ аз 6 июни соли 1921 тағйиротҳои дахлдор ворид гардида, дар асоси он ҳамаи амалиётҳои муштариён дар бонкҳо боз хусусияти сирри бонкӣро ба даст овард. Маълумот дар бораи онҳо ба ғайр аз худи мизоҷон танҳо ба мақомотҳои судӣ ва судӣ-тафтишотӣ дода мешуд.

Бахри боз ҳам мустаҳкам намудани заминаи ҳуқуқии махрамияти маълумоти марбут ба пасандозҳо, кредити кооперативӣ, соли 1925 Низомномаи кассаҳои давлатии амонатии меҳнатӣ, аз соли 1927 Низомномаи Бонки Марказии хоҷагии қишлоқи ИҶШС, соли 1927 Низомномаи кредити кооперативӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд, ки ба ҳимояи манфиати ҳуқуқҳои шаҳрвандону ташкилотҳои мусоидат намуд [139, с. 89-94]. Дар ҳуҷҷати сараввали қабулгардида муқаррар шуд, ки: «...тамоми ҳисобҳои амонатӣ аз шахсони бегона махфӣ нигоҳ дошта мешаванд; маълумот дар бораи пасандозгузорон ва ҳолати пасандозҳо танҳо ба амонатгузорон, намояндагони қонунии онҳо, инчунин ба мақомоти судӣ ва тафтишотӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки нисбати онҳо пеш бурда мешавад, дода мешавад. Кормандони кассаҳои амонатии давлатии меҳнат барои ошкор кардани маълумот дар бораи пасандозгузорон ва пасандозҳои ба шахсони сеюм гузоштаи онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд» [139, с. 89-94].

Бо қарори Раёсати КИМ ИҶШС аз 12 июни соли 1929 дар бораи аз ҳайти ҶШС Узбекистон баромадан ва ҳамчун ҷумҳурии иттифоқӣ ба ҳайти ИҶШС дохили шудани Тоҷикистон қарор қабул намуд, ки аз ҳамон вақт ҶМШС Тоҷикистон ба ҶШС Тоҷикистон табдил дода шуд. Аз ин рӯ, тамоми меъёрҳои қонунгузории ИҶШС ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита татбиқ карда мешуданд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки қонунгузор ба ҳифзи иттилооти махфӣ дар соҳаи фаъолияти хизматии шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳояшон диққати аввалиндараҷа додааст. Онҳо рӯйхати маълумотеро, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд, қисман мушаххас карданд ва дар баъзе мавридҳо ҳатто онро васеъ карданд. Ҳамин тариқ, мувофиқи моддаи 23 Низомномаи кассаҳои давлатии амонатии меҳнатии ИҶШС, ки бо қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС аз 20 ноябри соли 1948 [202] тасдиқ карда шудааст, кассаҳои давлатии амонатии меҳнатӣ маълумотро дар бораи амалиёти гузарондаашон ва ҳолати суратҳисобҳои амонатӣ махфӣ нигоҳ медоранд. Маълумоти номбаршуда дар асоси ҳуҷҷатҳои амалкунанда ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо манзур карда мешуд ва пешниҳоди он ба шахсони дигар манъ гардида буд. Сирри пасандозро дар мавриде ифшо кардан мумкин буд, ки пасандозгузор дар парвандаи ҷиноятӣ айбдор карда шуда бошад ва вақте ки ба мақомотҳои судию тафтишотӣ зарурати гузаронидани тафтиш, мусоидат кардан ба ошкор кардани ҷиноят ва муайян кардани ҷинояткор, муайян кардани усул ва сабабҳои содир намудани ҷиноят, қонеъ гардондани даъвои маданиро, ки аз парвандаи чиноятӣ бармеоянд, таъмин менамояд.

Дар ин сурат талабот ба кассаҳои амонатии маркази шаҳр ё ноҳия, сарфи назар аз он ки пасандоз дар кадом кассаҳои амонатии тобеи он ҷойгир аст, фиристода мешуд [139, с. 89-94]. Муқаррароти дар моддаи 23 Низомнома пешбинишуда, инчунин нисбат ба вомбаргҳои ба кассаҳои амонатӣ гузоштаи шаҳрвандон низ татбиқ карда мешуд. Аммо ин модда

ба пасандозҳои ташкилотҳо дахл надошт. Ташкилотҳои қарзӣ вазифадор карда шуда буданд, ки маълумотро дар бораи худи амонатгузорон ва шаҳрвандоне, ки ба номи шахси дигар пасандоз гузоштаанд ё пасандозҳоро тибқи ваколатномаи пасандозгузор ё қонун идора мекунанд, инчунин маълумот дар бораи пасандозҳои фаъол ва пӯшида, дар бораи ҳолати суратҳисобҳои ҷорӣ ва амалиёти аз рӯйи онҳо гузаронидашуда, қабули ҳиссаҷудокунии иловагӣ, додани пасандозҳо, интиқоли ғайринақдӣ ва ғайра маълумотро махфӣ нигоҳ доранд. Ин муқаррарот, аз ҷумла, дар моддаи 6 Низомномаи Бонки тиҷоратии берунаи ИҶШС пешбинӣ шуда буд. Барои таъмини ҳифзи сирри пасандозҳо, дар моддаи 23 Низомномаи кассаҳои амонатӣ муқаррар карда шудааст, ки шахсоне, ки дар кассаҳои амонатӣ кор кардаанд ё тафтишу санҷиши кассаҳои амонатӣ гузаронидаанд, инчунин шахсони мансабдори мақомотҳои судӣ ва тафтишотӣ, ки қоидаҳои ин моддаро вайрон кардаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Мувофиқи моддаи 25 Низомномаи кассаҳои амонатӣ, қоидаҳои моддаи 23 Низомномаи мазкур ба вомбаргҳои ба кассаҳои амонатӣ гузоштаи шаҳрвандон низ дахл мекард. Пеш аз қабул гардидани қонунҳои махсусе, ки фаъолияти банкиро танзим мекунанд, масъалаҳои сирри бонкӣ дар асоси низомномаҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва кооперативӣ, ки аз тарафи Бонки давлатии ИҶШС ба қайд гирифта шудаанд, танзим карда мешуданд. Ба ғайр аз санадҳои меъёрии дар боло зикргардида, ҳифзи сирри пасандозҳоро моддаи 87-и Асосҳои қонунгузории мадании ИҶСШ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ кафолат дода буд.

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳими давраи шӯравӣ дар самти фаъолияти кассаҳои амонатӣ ин фармоиши Вазири молияи ИҶШС аз 10 июли соли 1950 таҳти №955 «Дар бораи беҳтар намудани инкассатсияи маблағҳо ва арзишҳои кассаҳои амонатӣ дар шаҳрҳо» ба ҳисоб меравад. Зеро, ҳуҷҷати мазкур асосҳо ва тартиби интиқоли маблағҳои нақдӣ, ки дар кассаҳои амонатӣ қарор доштанд, пешбинӣ намудааст. Бо назардошти

дар асоси фармоиши мазкур беҳтар намудани фаъолияти инкассатсионии кассаҳои амонатӣ дар ИҶШС соли 1955 шумораи умумии амонатгузорон ба 30 млн. ва 1 январи соли 1958 ба 43 млн. расид [68, с. 11]. Бори нахус барои танзими муносибатҳои молумулкӣ дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон, Кодекси гражданӣ аз 28 декабри соли 1963 қабул карда шуда, дар муқаррароти он зикр шуд, ки кодекси мазкур санаи 1 январи соли 1965 амали худро ба даст меорад [34].

Пасандозро кассаҳои амонатӣ, муассисаҳои Бонки давлатӣ ва Бонки тиҷоратии берунаи ИҶШС қабул мекарданд. Қисми зиёди пасандозҳо дар кассаҳои амонатӣ гузошта шуда буд, ки онҳо барои нигоҳ доштани пули озод, мусоидат кардан ба ҷамъ шудани пасандозҳои нақд ва ба манфиати тараққиёти хоҷагии халки ИҶШС истифода бурдани онҳо мақсади оинномавии худ буданд. Муқаррароти ин бонкҳо қоидаеро муқаррар кардааст, ки ҳар шахс (аз ҷумла хориҷӣ) метавонад амонатгузор бошад. Гаравро дар ҳолатҳои зерин ситонидан мумкин буд: аввалан, дар асоси ҳукм ё ҳалномаи суд, ки даъвои аз парвандаи ҷиноятиро (дуздӣ, расонидани зарар ва ғ.) конеъ гардонидааст; дуюм, дар асоси қарори суд аз рӯйи даъво дар бораи рӯёнидани алимент, вале ба шарте, ки пасандозгузор даромад ё дигар молу мулке надошта бошад, ки бояд ситонида шавад; сеюм, дар асоси қарори суд дар бораи тақсим кардани пасандоз, ки моликияти муштараки зану шавҳар мебошад. Мусодираи пасандоз танҳо дар асоси ҳукми эътибори қонунидошта ё қарори мусодираи молу мулк, ки мувофиқи қонун қабул карда шудааст, иҷозат дода мешуд [93, с. 322-323].

Соли 1977 Низомномаи кассаҳои давлатии амонатии меҳнатии ИҶШС қабул карда шуд, ки он дар падидаи сирри бонкӣ ва ё бо истилоҳи ҳамонвақта ба ҳифзи сирри пасандозҳо ягон меъёри нав пешбинӣ накард. Илова ба ҳифзи пасандозҳо муқаррар карда шуд, ки гувоҳномаҳои суратҳисобҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ва тамоми амалиёт дар доираи он гузаронидашуда, ба тамом зинаҳои

ташкилотҳои соҳибҳуқуқ, ба судҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомотҳои молиявӣ, ки ҳамчун субъекти нав ба ҳисоб мерафт, пешниҳод намудан иҷозат дода шуд. Боз як мақоми наве, ки ҳуқуқи гирифтани маълумот дар бораи пасандозгузор ва амалиёти амонатӣ, инчунин маълумот дар бораи муштариёни дигар ва амалиёти анҷомдодаи онҳо дода шудааст, идораи нотариалӣ оид ба парвандаҳои меросӣ, ки онҳо оид ба пасандозҳои пасандоздори фавтида ҳал мекунанд, пайдо шуд [144, с. 19].

Дар ИҶШС дар солҳои 1959-1987 бо мақсади тақвият бахшидани самти молиявию қарзӣ Бонки давлатии ИҶШС, баҳри дастгирии сохтмони манзилҳои истиқоматӣ, корхонаю ташкилотҳо Бонки сохтмони ИҶШС ва барои таъмини бехатарии нигоҳдории сарватҳои молиявию дороиҳои шарҳрвандон Бонки амонатгузорӣ ташкил гардида, фаъолият мекарданд.

Дар соли 1987 дар самти низоми молиявию қарзӣ таҳаввулоти ҷиддӣ ба назар мерасид, ки ҷиҳати дастгирии самтҳои афзалиятноки ҷомеа ва давлат дар асоси Қарори Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ ва Шурои Вазирони ИҶШС таҳти № 821 аз 17 июли соли 1987 зарурат пеш омад, ки ислоҳот дар самти низоми бонкдорӣ гузаронида шавад.

Бо гузаронидани ислоҳоти низоми бонкӣ дар ИҶШС нақшагирӣ карда шуд, ки фаъолияти Бонки давлатии ИҶШС нигоҳ дошта шуда, мақсади асосии он қабули маблағҳои давлатӣ ва хизматарсонии давлатӣ муайян карда шуд. Бояд зикр намуд, ки самти кишоварзии давлат дар ҳамаи давру замон муҳим арзёбӣ гардида, ҷиҳати тақвият гардидани он Бонки агросаноатии ИҶШС таъсис дода шуд. Бо қабули қарори КМҲКИШ Бонки сохтмони ИҶШС мавриди таҷдид қарор дода шуда, номгузории он ба Бонки саноату сохтмони ИҶШС иваз гардид ва вазифаи асосии бонки мазкур ащдешидани чораҳо ва дастгирӣ намудани самти саноати сохтумони давлат ба ҳисоб мерафт. Яке самтҳои ислоҳоти

гузаронидашуда, аз он иборат буд, ки сарбории бонки давлатӣ кам гардида, баъзе амалиётҳои он ба Бонки хоҷагии манзилу коммуналӣ ва рушди иҷтимоии ИҶШС дода шуд, ки бонки мазкур тамоми амалиётҳои хизматарсонии коммуналии шаҳрвандонро амалӣ менамуд, аз қабили қабули пардохтҳо дар самти хизматарсонии обу корез, истифодаи қувваи барқ ва ғайраҳо ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон, бонки амонатгузорӣ мавҷуда таҷдид гардида, номгузории он Бонки амонатгузорӣ ва қарздиҳӣ ба аҳолии ИҶШС муайян гардида, вазифаи он нигоҳдории маблағҳои шаҳрвандон ва ашёҳои қиматбаҳои онҳо ба ҳисоб мерафт ва бонки мазкур ҳуқуқ дошт, ки танҳои ба шаҳрвандони муқими қарзҳо пешниҳод намояд. Яке аз навигариҳои кулии ислоҳоти гузаронидашуда, ин таъсис намудани Бонки фаъолияти иқтисодии хориҷии ИҶШС ба шумор мерафт, зеро қаблан баҳри дастгирии фаъолияти иқтисоди хориҷии ташкилоту корхонаҳои давлатӣ бонкҳо ягон амалиёти сармоягузориро амалӣ намекарданд ва барои интиқоли молу ашёҳои саноативу маишӣ кафолатҳо пешбинӣ намекарданд ва бонки мазкур амалиёти мазкурро ҷорӣ намуданд.

Бо Қарори Шурои Вазирони ИҶШС таҳти №1118 аз 6-уми октябри соли 1987 танҳо ба баъзе аз бонкҳои таҷдидгардида ва навтаъсис мақоми ҷумҳуриявӣ дода шуд, аз ҷумла, ба Бонки давлатии ИҶШС, Бонки рушди манзилию иҷтимоии ИҶШС, Бонки саноату сохтмони ИҶШС ва Бонки амонатгузории ИҶШС мақоми умумиҷумҳуриявӣ дода шуд. Ҳамаи бонкҳои номбурда уҳдадор буданд, ки дар тамоми ҷумҳуриҳои дар ҳайати ИҶШС қарордошта идораҳои худро таъсис диҳанд ва идораи бонкҳои мазкур дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон низ фаъолият менамуд [188].

Новобаста аз он, ки кадоме аз ташкилотҳои зикргардида ба фаъолияти пасандозиву амонатӣ машғул буданд, талаботи қонунгузорӣ доир ба нигоҳ доштани махфияти он як ранг ба ҳисоб мерафт.

Сарфи назар аз он, ки масъалаҳои ҳифзи сирри бонкӣ яке аз вазифаҳои муҳими рушди иқтисодӣ маҳсуб мешуд, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин самт, ба назари мо, фарҳанг ва устувории муносибатҳои байни бонкҳо, истеъмолкунандагони хадамоти бонкӣ ва мақомоти танзимкунанда набуд. Як қатор муаллифони он замон чунин мешумориданд, ки ҳуқуқи махфӣ нигоҳ доштани сирри пасандозҳо ба амонатгузорони кассаҳои амонатӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ на ҳамчун унсури ҳатмии муносибатҳои ин соҳа, балки ҳамчун имтиёз пешниҳод карда мешавад.

Маслан, Седугин П.И. чунин мешуморад, ки дар қатори имтиёзҳое, ки қонунгузории шӯравӣ ба амонатгузорон дар кассаҳои амонатӣ ва дигар муассисаҳои кредитӣ пешбинӣ кардааст, барои таъмини бехатарии пасандозҳо махфияти пасандозҳои кассаҳои амонатӣ ахаммияти калон дорад [91, с. 42]. Ақидаи мазкур инчунин, аз тарафи Маркелова К.А. [153, с. 56], Лиситсина Н.В. [151, с. 46], Бараева О.В. [145, с. 63] низ дастгирӣ карда шудааст.

Ақидаҳои баёнгардида аз нуқтаи назари мо боиси дастгирӣ ва қобили қабул намебошад. Зеро, имтиёз падидаи дигар буда, нигоҳ доштани сирри пасандозҳо бошад дигар падидаро ифода мекунанд. Зеро, имтиёз — қисман ё пурра озод кардан аз иҷрои уҳдадориҳои муайян, тафриқа, ҳуқуқи иловагие мебошад, ки ба категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон ё ташкилотҳои алоҳида, корхонаҳо, муассисаҳо ва ё минтақаҳо дода мешавад. Нигоҳ доштани махфияти маълумот, ки дар натиҷаи иҷрои уҳдадориҳои касбӣ ва ё мансабӣ ба шахс ва ё ташкилот маълум гардидааст, ин уҳдадории шахс ва ё ташкилоти дорандаи чунин маълумот ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, нигоҳ доштани сирри махфияти маълумот дар бораи пасандоздорон ва ё амонатгузорон дар кассаҳои амонатии замони шӯравӣ ҳам аз нуқтаи назари қонунгузории шӯравӣ ва ҳам аз нигоҳи қонунгузории муосир уҳдадорӣ буда, бо ҳеҷ ваҷҳ имтиёзро ташкил намедиҳад.

«Дар охири солҳои ҳаштодуми асри XX дар танзими муносибатҳои соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ дигаргунӣ ба миён омад. Қонунҳои нави Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ аз ҷумла «Дар бораи фаъолияти меҳнатии инфиродӣ»(19.11.1986), «Дар бораи кооператсия дар ИҶШС» (26.05.1988), «Дар бораи асосҳои умумии соҳибкории шаҳрвандон дар ИҶШС»(02.04.1991), Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС» (31.05.1991), «Дар бораи иҷора дар ҶШС Тоҷикистон» (6.12.1990), Қонуни ИҶШС « Дар бораи моликият дар ИҶШС» (6.03.1990) ва ғайраҳо қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд [85, с. 27]. Дар соли 1987 ИҶШС оҳиста-оҳиста рӯ ба иқтисоди бозоргонӣ оварда, заминаи ҳуқуқ ба онҳо бахшида тибқи Қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС аз 23 марти соли 1987 «Дар бораи додани кредит ба шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти меҳнатии инфиродӣ машғуланд» ва аз 24 сентябри соли 1987 қарор «Дар бораи беҳтар кардани ташкили фурӯши молҳои истеҳсолкардаи кооперативҳо ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ машғуланд» ба расмият дароварда шуда ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо имконият дод, ки ба хоҷагидорӣ ва фаъолияти хусусӣ машғул шаванд» [87, с. 27].

Баҳри такони ҷидди бахшидан ба иқтисодиёти кишвари азизамон Тоҷикистон ва нигоҳ доштани низоми иқтисодиёти бозоргонӣ зарурат пеш омад, ки беш аз пеш низоми бонкдорӣ ба замон мутобиқ гардида, аз нав падидаи сирри бонкӣ эҳё карда шавад ва барои муайян намудани заминаи он соли 1990 қонуни дахлдор қабул гардид. Зеро моддаи 24 Қонуни ИҶШС «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ», ки муқаррароти алоҳидаро вобаста ба сирри бонкӣ муайян намуд ва дар асоси меъёри он бонкҳо уҳдадор гардида буданд, ки махфияти муомилот, суратҳисобҳо ва пасандозҳои муштариён ва корреспондентҳои худро кафолат диҳанд ва кормандони ташкилоти қарзӣ уҳдадор буданд, ки маълумоти номбаргардидаро ҳифз намоянд ва баҳри ифшо нагардидани он чораҳо андешанд. Маълумот дар бораи муомилот ва суратҳисобҳои

шахсони ҳуқуқӣ ва дигар ташкилотҳо метавонанд ба худи ташкилотҳо, мақомоти болоии онҳо, судҳо, мақомоти тафтишотӣ, арбитражӣ, ташкилотҳои аудиторӣ, инчунин ба мақомоти молия оид ба масъалаҳои андоз дода шаванд. Маълумот дар бораи суратҳисобҳо ва пасандозҳои шаҳрвандон ба ғайр аз худи мизоҷон ва намояндагони онҳо ба судҳо ва мақомоти тафтишот дар парвандаҳои тобеи онҳо, дар ҳолатҳое дода мешаванд, ки маблағ ва дигар сарватҳои мизоҷон мусодира, ситонидан ё руёниш нигаронида шудаанд. Маълумотномаҳои болозикр дар ҳолати фавти (вафоти) соҳибони суратҳисоб ва ашиёи қиматбаҳо ба ворисони дар васиятнома зикршуда, ба идораҳои нотариалии давлатӣ дар ҳолати пешбурди парвандаҳои меросӣ, инчунин ба муассисаҳои консулии хориҷӣ дода мешаванд».

Амалиёти бонкии тоҷикон дар давраи ба даст овардани мустақилияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи бозории идоракунии иқтисодиёт ҷавобгӯ набуд ва ба фаъолноккунии муносибатҳои молию пулӣ мусоидат наменамуд. Аз ҳамин сабаб зарурияти ба куллӣ тағйир додани низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад.

Дар ин давра Бонки давлатии ИҶШС низоми пулию қарзиро тавассути идораҳои дар ҷумҳуриҳо мавҷуд буда, идора намуда, сиёсати ягонаи пулию карзии мамлакатро тартиб медод, фаъолияти бонкҳои дигарро танзим ва назорат мекард. Баъдтар, яъне соли 1991, Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [13], ба Қарори худ аз 28 июни соли 1991 рақами 332 Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис дод.

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва муайян гардидани заминаҳои мутақилият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 1995, № 8 (324) «Дар бораи тартиби дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот баровардани пули миллӣ - рубли тоҷикӣ» аз 10 майи соли 1995 қабул

карда шуд, ки тибқи талаботи он Бонки миллии Тоҷикистон уҳдадор гардид, ки ҷиҳати барориш ва ба муомилот баровардани пулҳои нав чораандешӣ намояд.

Дар баробари муқаррар шудани пули миллӣ дар кишварамон яке аз руйдодҳои муҳим ин шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор санаи 23 августи соли 1993 ба ҳисоб меравад, зеро ташкилоти мазкур бо мақсади дастгирӣ намудани давлатҳои рӯ ба инкишоф мебошад ва барои баромадани Тоҷикистон аз буҳрони молиявӣ кӯмак расонидааст [188].

Бо ба муомилот баровардани пули нахустини миллӣ дар замони соҳибихтиёрӣ зарурат пеш омад, ки баҳри таҳкими муносибатҳои пулию молӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқ қабул карда шаванд. Дар заминаи зарурати бамиёномада санаи 14 декабри соли 1996 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» №384 қабул гардид [13], ки тибқи муқаррароти он бори нахуст Бонки милли Тоҷикистони соҳибистиқлол таъсис гардид.

Дар натиҷаи ислоҳот низоми бонкии дузинагӣ ташкил карда шуд, ки дар зинаи боло Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир аст ва он дар ихтиёри худ идоракунии сиёсати пулию қарзии давлат ва бо воситаи он имконияти таъсиррасонӣ ва баландбардории самаранокии иктисодиётро ба уҳда дорад. Тибқи моддаи 1 Қонуни болозикр Бонки миллии Тоҷикистон, бонки марказии эмиссионӣ ва захиравии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [13]. Ба ин мақсад, Бонки миллии Тоҷикистон барои ба таври мунтазам фаъолият намудани бозорҳои пулӣ, қарзӣ ва асъор шароити мусоид фароҳам меоварад, низоми бонкии ҷумҳуриро тавсеа дода, фаъолияти онҳоро танзим менамояд. Ба зинаи дуюми низоми бонкӣ бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ – молиявӣ дохил мешаванд. Аз соли 1992 низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тағйироти куллӣ рӯ ба рӯ гардид: низоми дузинагии бонкӣ ташкил ёфт; статуси мустақилияти Бонки миллии Тоҷикистон таъмин гардид;

шабакаи муассисаҳои бонкӣ аз рӯйи имконият васеъ гардиданд, ки онҳо монополизми бонкиро суст намуда, рақобати байнибонкиро тараққӣ доданд; ба корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо ҳуқуқи интихоби муассисаҳои бонкӣ барои хизматрасонии қарздиҳию ҳисобӣ дода шудааст, ки он ба амалигардонии принсипи баробарҳуқуқии бонкҳо ва мизоҷони онҳо мусоидат намуд [133, с. 82-84].

Моддаи 78-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ба масъалаи сирру асрори бонк бахшида шудааст ва тибқи талаботи он «ҳар касе, ки вазифаи аъзои Раёсатро иҷро мекунад ё пештар иҷро кардааст, ё ҳар корманди дигари Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ надорад: 1) маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад ва ҳангоми иҷрои вазифааш дар Бонки миллии Тоҷикистон ба вай маълум шудааст, фош намояд; 2) ин маълумотро ба мақсадҳои шахсӣ истифода барад ё ба истифодаи шахсии он роҳ диҳад» [13, қ. 2].

Инчунин, меъёри қ. 2 м. 78 Қонуни мазкур ҳолатҳои зерини фош кардани сирри бонкиро муқаррар намуд:

«1) дар сурати розигии ошкорои шахсе, ки ин маълумот ба вай тааллуқ дорад; 2) ҳангоми иҷрои вазифа дар бобати маълумотдиҳӣ ба аҳли ҷамъият, аз ҷумла бо талаби судҳо, мақомоти таҳқиқ, андоз ва дигар мақомоти босалиҳият аз рӯйи парвандаҳое, ки дар истеҳсолот мебошанд ва агар ин бо қонунҳои ҷумҳурӣ пешбинӣ шуда бошад; 3) ҳангоми тафтиши аудитории берунӣ; 4) бо талаби мақомоти хориҷии назорат ба фаъолияти муассисаҳои молиявӣ; 5) агар манфиатҳои Бонки миллии Тоҷикистон фош намудани ин маълумотро дар мурофиаи судӣ талаб кунад» [13, қ. 2].

Марҳилаи муҳими рушди институти сирри бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» аз 23 маи соли 1998 № 648 ба ҳисоб меравад. Моддаи 32 Қонуни мазкур номгӯйи «маълумотҳое, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд, чунин муайян намуд: - маълумотҳо дар

бораи маблағи пули накд ва соҳибони онҳо; - рақами ҳисобҳои амонатгузорон, мизоҷон ва корреспондентҳои бонк; - воситаҳои пулии боқимонда дар ҳисобҳо ва ҳаракати пул дар ин ҳисобҳо ва ҳисобҳои худи бонк; - амалиёти бонк, ки бо супориши мизоҷон ва ё ба фоидаи онҳо иҷро шудаанд; - маълумотҳое, ки мизоҷони бонк ошкор намудани онҳоро намехоҳанд; - маълумотҳо дар бораи маблағи мавҷуда, соҳибони онҳо, хусусият ва арзиши молу мулки мизоҷон, ки барои нигоҳдорӣ дар сандуқҳои сейфӣ, ҷевонҳо ва хонаҳои бонкҳо мавҷуданд» [27, қ. 2].

Мутобиқи қонуни мазкур нигоҳ доштани сирри бонкӣ яке аз кафолатҳои муҳим эътироф карда шуд.

Қонуни зикргардида асосҳо ва тартиби ошкор кардани сирри бонкиро чунин муқаррар намуд: Сирри бонкӣ фақат ба соҳиби ҳисоб (молу мулк), ба ҳар шахси сеюм дар асоси розигии хаттии соҳиби ҳисоб (молу мулк), ки дар лаҳзаи ҳузурдошти он шахс дар бонк дода шудааст, инчунин ба мақомоти зайл дода мешаванд: «а) ба мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ: аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятии оғозкардашуда ва дар истеҳсолотбуда, дар асоси қарори таҳқиқкунанда ё муфаттиш, ки мувофиқан аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори вилоят, шаҳр ё ноҳия тасдиқ шудааст; б) ба судҳо: аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ, шаҳрвандӣ ва парвандаҳои оид ба қонунвайронкунии маъмурӣ дар асоси таъиноти суд дар ҳолате, ки мизоҷи бонк яке аз тарафҳои парванда бошад; в) ба мақомоти андоз: аз рӯйи масъалаҳои пардохти андоз аз тарафи шахсони тафтишшавандаи ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар асоси мактуби роҳбари мақоми андоз ва дар сурати пешниҳоди нусхаи фармони мақоми андоз оиди тафтиши онҳо» [27, қ. 2].

«Маълумотҳо дар бораи маблағи боқимонда ва ҳаракати воситаҳои пулӣ дар ҳисоби шахси воқеӣ, дар бораи хусусият ва арзиши молу мулке, ки дар сандуқҳои сейфӣ ва хонаҳои бонк нигоҳдошта мешавад, инчунин маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, ба инҳо дода мешавад: а) ба намояндаҳои шахси воқеӣ: дар асоси ваколатномаи ба таври

нотариалӣ тасдиқ кардашуда; б) ба мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ: аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятии» [27, қ. 2] оғозкардашуда ва дар истеҳсолоти онҳо буда, вақте ки воситаҳои пулӣ ва молу мулкии шахси воқеӣ мумкин аст мавриди ҷарима ё мусодира қарор дода шавад; «в) ба судҳо: аз рӯйи парвандаҳои дар истеҳсолоти онҳо буда, дар асоси таъиноти суд дар ҳолатҳое, ки воситаҳои пулӣ ва дигар молу мулки шахси воқеӣ, ки дар ҳисобҳо ҳастанд ё дар бонк нигоҳ дошта мешаванд, мавриди ҷарима ё мусодира қарор дода шаванд; г) ба мақомоти андоз: аз рӯйи масъалаҳое, ки дар банди «в» қисми панҷуми ин модда зикр ёфтаанд» [27, қ. 2].

Қабули қисми 2 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999 дар таҳкими нигоҳ доштани сирри бонкӣ, ки дар асоси шартномаҳои дутарафаи басташудаи тарафҳо ба бонк ва ё ташкилотҳои бонкӣ, инчунин ба кормандони онҳо маълум гардидааст, заминаи муайяни ҳуқуқиро ба миён овард. Чунончӣ, тибқи моддаи 881 Кодекси гражданӣ бонк махфӣ будани суратҳисоби бонкӣ, амалиётҳо вобаста ба он ва маълумот оид ба молики суратҳисобро кафолат медиҳад.

Пас аз ба имзо расидани ҳуҷҷати тақдирсоз дар самт Ваҳдадт миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсатеро пеш гирифт, ки тибқи он арзишҳои моддию маънавии тоҷикон бояд аз нав эҳё карда шавад ва дар заминаи пост доштани фарҳанги милли тоҷикон Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2000, №415 дар хусуси аз таърихи 30 октябри соли 2000 ба муомилот баровардани воҳиди нави пули миллии кишвар «сомонӣ», ки ба ифтихори асосгузори аввалин давлати мутамаркази тоҷикон Исмоили Сомонӣ (849-907) номгузорӣ шудааст, эълон гардид ва дар ин замина Бонки милли Тоҷикистон вазифадор карда шуд, ки ҷиҳати ба муомилон баровардани пулҳои нав чораандешӣ намояд.

Минбаъд, санаи 17 майи соли 2004, №38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» мавриди

амал қарор гирифт, ки нисбат ба ташкилоти амонатии кредитии хурд ва ташкилоти қарзии хурд татбиқ мегардид ва дар муқаррароти он зикр шудааст, ки талаботи сирри бонкӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» оид ба маълумоте, ки сирри суратҳисоби муштарӣ, амалиёт аз рӯйи суратҳисоб ва маълумот дар бораи соҳиби суратҳисобро ташкил медиҳад, муқаррар кардааст (м. 39).

Бо назардошти инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, №524, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 16-апрели соли 2012, №816, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» санаи 28 июни соли 2011 ва 24 декабри соли 2022, таҳти №1918 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул карда шуданд, ки дар нақшаҳои минбаъдаи рисолаи илмӣ таҳлил гардидаанд.

Таҳлили ҷабҳаҳои таърихии институти сирри бонкӣ нишон медиҳад, ки он аз давраи пайдо шудани муосилоти пуливу молӣ ба миён омада, дар ҳар давра бо истилоҳ ва фаҳмишракаҳои гуногун инкишоф ёфтааст.

Давраи ҳукмронии Сомониён яке аз давраҳои муҳими рушди институти сирри бонкӣ маҳсуб меёбад. Зеро, дар ин давлат иншооти махсус сохта шуда буд, ки номи онро Тоқ меномиданд ва дар он ҷо саррофҳо ҷамъ шуда амалиёти ивазкуниро мегузарониданд ва девони мӯҳтасиб ҳамчун мақомоти махсуси назораткунандаи соҳаи савдову муомилоти пулӣ баромад мекард.

Бо назардошти паҳн гардидани ҳуқуқи исломӣ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ то замони ба Руссияи Подшоҳӣ ворид шудани қисми Тоҷикистони шимолӣ институтҳои бонкӣ фаъолият намекарданд. Зеро, аз нуқтаи назари ислом рибо (фоизи маблағ) ҳаром мебошад, вале воситаи асосии нигоҳ доштани муассисаҳои бонкӣ маҳз фоиз барои маблағи пулиро ташкил медиҳад.

Дар ҳама давру замони мавҷудияти сирри бонкӣ маҳфуз нигоҳ доштани он яке аз шартҳои муҳими амалӣ намудани фаъолияти бонкиву амонатӣ баромад мекард, ки бе асосҳои қонунгузорӣ фош кардан ва ошкор намудани маълумотҳое, ки сирри бонкӣ ва ё сирри амонатиро ташкил медоданд, асоси ба ҷавобгарӣ кашидани шахси гунаҳкор мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули низоми муосири бонкдории кишвар нақши калидӣ доранд. Аз рӯзҳои аввали роҳбарии худ, новобаста аз вазъияти вазнини сиёсиву иқтисодии давраи баъди истиқлолият, Сарвари давлат бо дарки амиқи аҳаммияти низоми молиявию бонкӣ барои суботи иқтисодӣ, ба ташкили сиёсати мустақили пулию қарзӣ ва таъсиси низоми миллӣ бонкдорӣ иқдом намуданд. Тадбирҳои саривақтӣ ва дурандешонаи Пешвои миллат боис гардиданд, ки асосҳои ҳуқуқӣ, сохторӣ ва молиявии бонкдории кишвар таҳким ёбанд ва фаъолияти он ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардад.

Дар ин ҷода тамоми давраи пайдоиш ва инкишофи падидаи сирри бонкиро метавонем ба давраҳои зерин тақсим намоем:

1. Давраи якум фарогири давраи ҳукмронии давлати Сомониён;
2. Давраи дуюм, фарогири барҳам хурдани давлати Сомониён то таъсис ёфтани Генерал – губернатории Туркистон;
3. Давраи сеюм, солҳои 1869 – 1924;
4. Давраи чорум, солҳои 1925 – 1963;
5. Давраи панҷум, солҳои 1964 – 1990;
6. Давраи шашум, солҳои 1991 – 2010;
7. Давраи ҳафтум, солҳои 2011 – 2024;

## 1.2. Мафҳум ва мундариҷаи сирри бонкӣ: мафҳум, хусусиятҳои асосӣ ва ҷанбаҳои ҳуқуқӣ

Мафҳуми сирри бонкӣ яке аз масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалие мебошад, ки таҳлил он яке аз вазифаҳои таҳқиқоти илмии моро ташкил медиҳад. Ин масъала дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври васеъ инъикос ёфта, дар фаъолияти ҳаррӯзаи бонкҳо бештар ба назар мерасад.

Тазаккур бояд дод, ки мафҳуми сирри бонкӣ ба ғайр аз дар адабиётҳои илмӣ, инчунин дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ мустаҳкам карда шудааст. Чунончӣ, тибқи қ.1 м. 946 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «маълумот дар бораи суратҳисоби бонкӣ, амалиётҳо ва хизматрасонӣ вобаста ба он, оид ба соҳиби суратҳисоб маҳрамона буда, бонк маҳрамияти мазкурро кафолат медиҳад» [6].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» дар м. 48 пешбинӣ намудааст, ки «маълумот дар бораи фаъолият ва ҳолати молиявии муштарӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо муштарӣ ё бо шахси сеюм маълум шудааст ва ошкор кардани он мумкин аст ба муштарӣ зиёни моддӣ ё маънавӣ расонад, сирри бонкӣ мебошад» [27, қ. 1].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ кӯшиши ошкор кардани мазмуни сирри бонкӣ ва муайян кардани ин категорияи ҳуқуқӣ – иқтисодӣ сурат гирифтааст. Тамоми андешаҳои баённамуди муҳаққиақонро дар мафҳуми сирри бонкӣ таҳлил намуда, ҳамаи онҳоро ба ду гуруҳ тақсим намудан мумкин аст: тарафдорони мазмуни васеи мафҳуми сирри бонкӣ ва тарафдорони мазмуни маҳдуди мафҳуми сирри бонкӣ. Як зумраи олимон ба монандӣ Викулин А.Ю., Ефимова Л.Г., Куршаков Д., Тосунян Г.А., Лисицина Н.В., Маркелова К.А. ба иттилооти марбут ба сирри бонкӣ ҳамаи маълумотҳои ба муштарӣ вобастабударо рабт медиҳанд, яъне тарафдори мафҳуми васеи сирри бонкӣ мебошанд.

Барои дарки мафҳуми шакли васеи сирри бонкӣ баъзе аз ақидаҳои олимони болозикрро аз нигоҳи назариявӣ таҳлил ва баррасӣ менамоем.

Вобаста ба падидаи баррасишаванда Ефимова Л.Г. ибрози андеша намуда, қайд намудааст, ки «пеш аз ҳама ба зумраи маълумоти ба сирри бонкӣ дахлдошта бояд ба матни қонун такя намуд, зеро тибқи талаботи он ба зумраи чунин маълумот як низоми махсуси иттилоот дар бораи мизоҷ мебошад, ки дар рафти корбарӣ бо шахс ба кормандони бонкӣ маълум гаштааст. Дар ин ҷода маълумоти ба гурӯҳи алоҳидаи кормандон маълумгардида танҳо бо ризояти соҳиби чунин маълумот ба шахсони сеюм манзур карда мешавад ва дар дигар ҳолатҳо ифшои он манъ карда шудааст [64, с. 94].

Аз ҷониби Тосунян Г.А. ва Викулин А.Ю. мафҳуми зерини сирри бонкиро пешниҳод намудаанд: «сирри бонкӣ ин маълумотест, ки ташкилоти қарзӣ дар бораи муомилот, суратҳисобҳо ва пасандозҳои муштариён ва корреспонденти худ ҳифз мекунад, инчунин дигар маълумоте, ки ташкилоти қарзӣ дар асоси қонунҳо ба манфиати онҳо муқаррар кардааст, ки тавассути онҳо муштарӣ ва корреспондентҳои ташкилоти қарзӣ муайян карда мешаванд» [97, с. 93].

Лиситсина Н.В. чунин мешуморад, ки ба мафҳуми сирри бонкӣ иттилооте шомил мебошад, ки тибқи талаботи қонун ё аз ҷониби ташкилоти қарзӣ муқаррар гардида, ҳангоми фаъолияти бонкӣ ба ҳайати кормандони он ё корреспондентҳои он муайян гардида, маълумот дар бораи муштарӣ ё маълумот дар бораи ҳолати молиявии ӯ, алалхусус амалиётҳои тавассути суратҳисоби бонкӣ гузаронидашуда, пасандозҳои гузошташударо дар бар мегирад, ки бо заминаҳои қонунгузорӣ ҳифз карда шудааст [151, с. 119].

Куршаков Д. дар робита ба олимони болозикр ақидаи монандеро дарстгирӣ менамояд, ки тибқи он ба мафҳуми сирри бонкӣ иттилоотеро дохил намудааст, ки ҳамаи амалиётҳои молиявӣ ва шахсии мизоҷонро дар бар мегирад ва бонк ҳачун нигоҳдорандаи маълумот уҳдадори гирифтааст, ки онро махфӣ нигоҳ дорад ва ба он шахсони сеюм он гоҳ

ҳуқуқ доранд, ки агар дар натиҷаи муътадили бонкӣ онро дастрас намуда бошанд [126, с. 66].

Ба андешаи Маркелова К.А., сирри бонкӣ ҳама гуна маълумот дар бораи муштариён ва корреспондентҳои ташкилоти қарзӣ мебошад, ки дар асоси муқаррароти қонунгузорӣ мавриди муҳофиза қарор гирифта ҳангоми фаъолияти муътадили ташкилот ба ҳайати он муайян гардидааст ва тибқи талаботи меъёрӣ дар он манфиати ҳам ташкилоти қарзӣ ва ҳам соҳибони чунин иттилоот мушоҳида мешавад [153, с. 8].

Викулин А.Ю. мафҳуми сирри бонкиро ҳамчун маълумоте, ки ташкилоти қарзӣ дар бораи муомилот, суратҳисобҳо ва пасандозҳои муштариён ва корреспонденти худ ҳифз мекунад, инчунин дилхоҳ иттилооте ба он шомил мебошад, ки бо дастури ташкилоти қарзӣ пайчинӣ шудааст ва ифшои он ҳам ба соҳиби иттилоот ва корреспондентҳои ташкилоти қарзӣ метавонад зарарро ба миён орад [112, с. 36].

Тарафдорони фаҳмиши маҳдуди сирри бонкӣ маълумоти ба сирри бонкӣ дохилшударо бо меъёрҳои муайян маҳдуд мекунанд [144, с. 51]. Олимони зерин тарафдорони фаҳмиши маҳдуди мафҳуми сирри бонкӣ мебошанд: Суханова Е.А., Рассказова Н.Ю., Маҳмудзода М.А. ва дигарон мебошанд.

Чунончӣ, сирри бонкӣ уҳдадории бонк ё дигар ташкилоти қарзӣ оид ба нигоҳ доштани сирри амалиёти муштарӣ ба ҳисоб меравад [84, с. 155].

Расказова Н.Ю. сирри бонкиро ҳамчун «низоми ҳуқуқӣ, ки истифодаи маълумоти муайян бояд зери он бошад» фаҳмида мешавад, ки фош кардани маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, вайрон кардани шартномаи суратҳисоби бонкӣ мебошад, ки барои он бонк дар назди мизоҷ дар асоси умумӣ ҷавобгар аст» [86, с. 609-610; 73; 74].

Ба ақидаи олимони ватанӣ сирри бонкӣ мутобиқи он сирри тиҷоратии бонкҳо ва мушттариёни онҳо, яъне шахсони ҳуқуқӣ ва сирри шахсии амонатгузорон ҳифз карда мешавад [98, с. 426-427; 73; 74].

Аз ақидаи баённамуди олимони тарафдорои фаҳмиши маҳдуди мафҳуми сирри бонкӣ маълум мегардад, ки олимони мазкур баъзе паҳлуҳои моҳияти  ҳуқуқии мафҳуми сирри бонкиро сарфи назар намудаанд, ки ҳамаи онҳо зимни таҳлили масъалаҳои дар назди кори илмӣ гузошташуда баён намуда, баъдан мафҳуми муаллифии онро пешниҳод мекунем.

Тазаккур бояд дод, ки  мафҳумҳое, ки дар КМ ҶТ ва ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз ҳамдигар тафовут доранд. Чунончӣ, мафҳуме, ки дар КМ ҶТ пешбинӣ шудааст, ба суратҳисоби бонкӣ, амалиётҳо ва хизматрасонӣ вобаста ба он, оид ба соҳиби суратҳисоб нигаронида шуда, мафҳуме, ки дар ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» меъёре дар бораи сирри бонкӣ муқаррар шудааст, ки аз рӯи мазмуни он мушоҳида намудан мумкин аст, ки ба иттилооти хусусияти махфидошта на танҳо маълумот дар бораи соҳиби суратҳисоби бонкӣ, балки тамоми амалиётҳои пасандозӣ ва дигар амалҳои молиявии мизоҷ мебошад, ки ба он ҳам шахсони воқеӣ ва ҳуқуқ дохил мешавад.

Дигар фарқияти мафҳумҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида дар он ифода меёбад, ки ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ташкилотҳои қарзӣ, кормандон ва дигар хизматчиёни он, ки зимни амалӣ намудаи фаъолияти касбӣ ба сирри бонкӣ дастрасӣ пайдо намудаанд, ҷиҳати ифшо накардани он уҳдадор мекунад. Аммо муқарраротӣ мазкур дар КМ ҶТ ҳамчун танҳо уҳдадории бонк пешбинӣ карда шудааст.

Фарқияти сеюми мафҳумҳои дар қонунгузорӣ пешбинигардида ин муайян гардидани оқибати фош кардани онҳо ба ҳисоб меравад. Чунончӣ, ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»  оқибати ифшо кардани онро расонидани зарари моддӣ ва зарари маънавӣ эътироф намудааст, ки дар ин бора дар КМ  ҶТ мушаххасоте ҷой надорад.

Тафовут ва фарқиятҳои баёнгардида инчунин, диққати олимонро низ ба худ ҷалб намуда, масъалаи мазкур аз ҷониби олимон ҳар гуна

тафсир карда шудааст. Масалан, Олейник О.М., доир ба фарқияти якум чунин қайд намудааст, ки аз беэҳтиётии қонунгузор танҳо амалиёти суратҳисобӣ таҳти сирри бонкӣ қарор гирифта, амалиёти пасандозҳо берун аз ин низом боқӣ мондааст, ки онро шарҳ додан ғайриимкон аст [81, с. 225; 129].

Ба ақидаи мазкур Маркелова К.А. розӣ нашуда, чунин нуқтаи назарро пешниҳод намудааст, ки дар қ. 3 м. 834 Кодекси граждании Федератсияи Россия (м. 930 КМ ҶТ - муаллиф) талаботе дар ин хусус пешбинӣ шудааст, ки тибқи он муқарраротҳои умумии дар боби суратҳисоби бонкӣ зикршуда низ ба муносибатҳои пасандозгузории шахсони воқеӣ дар бонк паҳн мегардад. Эҳтимол, қонунгузор чунин мешуморад, ки муомилоти пасандозҳо аслан муомилоти суратҳисобе мебошанд, ки ба он пасандоз гузошта шудааст ва аз ин рӯ мафҳумҳои якхеларо дар ташаккули сирри бонкӣ дар бар нагирифта, онҳоро ба мафҳуми умумӣ ва васеътар – муомилоти суратҳисобӣ муттаҳид накардааст [128, с. 43].

Бо ақидаи мазкури Маркелова К.А. ҷиҳати таҳлил намудани фарқиятҳои баёнгардида қобили қабул намешуморем. Зеро, саравал муқаррароти қ. 3 м. 834 Кодекси граждании Федератсияи Россия дар қонунгузории мо ҷой надорад. Баъдан, тазаккур бояд дод, ки дар КМ ҶТ танҳо дар боби 49 (Суратҳисоби бонкӣ) меъёр доир ба маҳрамияти маълумот пешбинӣ шудааст. Аммо тавре маълум аст, дар дигар меъёрҳои КМ ҶТ дигар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ таҳти танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудаанд, ки ба фаъолияти бонкӣ дахл доранд. Масалан, боби 46 (Қарз ва кредит), боби 48 (пасандози бонкӣ) ва боби 50 (ҳисоббаробаркунӣ). Ҳамаи талаботҳои дар боло зикргардида баёнгари он мебошанд, ки дар қонунгузорӣ тартиби ворид намудани маълумот ба сирри бонкӣ ва воситаҳои ҳифзи он ё тартиби махфӣ нигоҳ доштани онҳо муайян нашудааст, ки ба андешаи мо ин норасогии қонунгузорӣ

мебошад, ки ҷиҳати бартараф намудани он дар поён пешниҳодҳои худро манзур менамоем.

Ақидаҳои баённамудаи олимонро таҳлил намуда, мафҳуми зерини сирри бонкиро пешниҳод менамоем: ***сирри бонкӣ – маҷмӯи маълумотҳо дар бораи шахсият, фаъолият ва ҳолати молиявии муштарӣ мебошад, ки ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардида, низоми махсуси ҳимофро доро мебошад, ки фош кардани он боиси вайрон гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муштарӣ зарар мерасонад ва боиси пайдо шудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад.***

Бо мақсади дуруст дарк намудани моҳияти мафҳуми сирри бонкӣ тасмим гирифтем, ки хусусиятҳои асосии сирри бонкиро таҳлил намоем.

Пеш аз ҳама бояд муайян намоем, ки кадом маълумотҳо ва дар кадом доира мафҳуми сирри бонкиро ташкил медиҳад. Олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ масъалаи мазкурро гшуногун шарҳ додаанд.

Чунончӣ, Плешаков М.А. иттилооти ба сирри бонкӣ дахлдоштаро ба назари худ гурӯҳбандӣ намуда, дар ҳолати робита доштани шахсони воқеӣ бо бонк маълумот дар бораи нишонаҳои фардикунонии «шиноснома, шахсони ба суратҳисоби миҷоз маблағҳоро вориднамуда ё интиқолнамуда, дафтарчаи амонатӣ ва ё сертификатҳо (дар мавриди воқеан вуҷуд доштан), пайдарҳамии рақами суратҳисобҳои бонкӣ, аз ҷумла, пасандоз ва ё амонатӣ сирри бонкӣ ба ҳисоб рафта, он бояд маҳрамияти онҳо нигоҳ дошта шавад» [132, с. 77]. Ба гурӯҳи дигари сирри бонкӣ ӯ маълумоти шахсони ҳуқуқиро ҳамчун мизоҷи бонк шомил намуда, зикр менамояд, ки дар ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба пешбурди суратҳисоби бонкӣ ё дигар амалиётҳо парвандаи алоҳиди барои ҳар як мизоҷ – шахсони ҳуқуқӣ ташкил карда мешавад, ки дар он ҳуҷҷатҳои таъсисии ҷамъият, ба монандӣ, оиннома, шаҳодатномаи бақайдгирӣ, иқтибоси феҳрист ва ғайраҳо дохил карда мешавад, ки ҳамаи ин маълумотҳо сирри бонкӣ шуморида мешавад [132, с. 77].

Маркелова К.А. ба мисли Плешаков М.А. «маълумоти сирри бонкиро аз рӯи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гурӯҳбанди бар он назар аст, ки низоми сирри бонкӣ танҳо ба маълумоти ҳуҷҷатӣ дахл дорад» [132, с. 77], яъне ба он маълумоте, ки дар шакли моддӣ (қоғазӣ ё электронӣ) сабт шуда, тавассути он маълумот дар бораи шахс ё амалиёти гузаронидашудаи ӯ дастрас карда мешавад. «Ба андешаи ӯ, нисбат ба шахси воқеӣ, сирри бонкӣ бояд пеш аз ҳама маълумоти зеринро дар бар гирад: мавҷудияти воқеии муносибатҳои тарафайн; маълумоти шиносномавӣ ва дигар иттилооти шахсӣ» [132, с. 77]; намунаи имзои муштарӣ; шартномаи тарафайн ва шартҳои дар он зикршуда новобаста аз шакли амалиёти бонкӣ; шартномаи пасандозӣ ва шартҳои он; доштани дафтарчаи амонатӣ ё сертификатҳои бонкӣ, ки ба шахс имкон медиҳад, ки фоиз ё маблағи асоси пасандозӣ ё амонатиро дастрас намояд; дар ҳолати вафоти мизоҷ зикр намудани меросхури он; барои шартномаҳои қарзӣ - маълумот дар бораи вазъи оилавии муштарӣ; дар баъзе мавридҳо - маълумот дар бораи вазъи саломатии мизоҷ ва ғайра

Ҳамин тавр, Маркелова таъкид мекунад, ки сирри бонкӣ маҷмӯи маълумоти махфӣ оид ба муносибатҳои молиявии муштарӣ бо бонк мебошад, ва ифшои чунин маълумот бе розигии муштарӣ ё асоси қонунии муайян манъ карда мешавад [153, с. 50].

Ба андешаи Маркелова К.А. ақидаи Плешаков М.А. дар хусуси зумраи маълумоти сирри бонкии ба шахсони ҳуқуқи марбута қобили таваҷҷуҳ буда, қайд менамояд, ки ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои таъсисотиии шахсони ҳуқуқӣ ба маълумоти сирри бонкӣ шомил намудани «анкетаи шахсони ҳуқуқӣ, ки дарбаргирандаи маълумот дар бораи шахси ҳуқуқӣ мебошад, гирифтани намунаҳои имзо ва мухр барои идоракунии суратҳисоби бонкӣ (аз ҷумла якум ва дуюм шахс), муҳлати ваколати онҳо, ҳуҷҷатҳое, ки инъикоскунандаи номи соҳиби суратҳисоби бонкӣ, рақами он, санаи кушодашавӣ, шаҳодатнома ё гувоҳномаи РМА, рамзе, ки дар он пардохтҳои нафақавӣ пешбурда мешавад ва инчунин дигар

маълумот дар бораи ҳисоботҳо, шартномаҳои моддии басташудаи ӯ бо мизоҷони худ ва иттилоот дар бораи филиалҳо ва мудирони он ва телефонҳои хизматии онҳо ва дигар маълумотҳое, ки ба муштарӣ пайвастагӣ доранд, ба сирри бонкӣ дохил мешаванд. Ҳамзамон дар самти қарздиҳӣ бошад, таърихи қарз, шартномаҳои қаблан басташуда ва амалкунанда дар ин самт, шартномаи гарав, замонат ё ғ., шартномаи ҳиссагузорӣ ва маълумотҳои дигар дар бораи роҳбар ва сармуҳосибу кормандони ташкилотро дар бар мегирад» [153, с. 50-51].

Андронова Т.А. ба ақидаи Маркелова К.А. дар бораи танҳо дар муҳитҳои моддӣ дарҷ шудани сирри бонкӣ розӣ нрашуда, чунин ақида дорад, ки низоми сирри бонкӣ инчунин метавонад нисбат ба маълумоте татбиқ карда шавад, ки дар муҳити моддӣ сабт нашудаанд. «Пӯшида нест, ки солҳои охир ҳангоми ба миён гузоштани амалиётҳои бонкӣ кормандони қарзӣ ё мутахассиси пешбарандаи суратҳисоби бонкӣ метавонад оид ба нақшаи тиҷоратии муштарӣ, шартномае, ки барои он маблағ ба суратҳисоби бонкӣ ворид ё хориҷ карда мешавад пурсида шаванд» [144, с. 68-69].

Мо низ ҷонибдори ақидаи Андронова Т.А. мебошем. Зеро таҷриба нишон медиҳад, ки дар ҳолатҳои зиёд ташкилотҳои бонкӣ ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳо аз ҷониби муштариён дар ба ҷо овардани амалиётҳои бонкӣ рад карда мешавад ва ҳуҷҷатҳои муштарӣ бозпас гардонида мешавад. Инчунин, зимни суҳбат ба кормандони ташкилотҳои бонкӣ ин ва ё он маълумотҳое ошкор мегардад, кии паҳн гардидани он ба муштарии муроҷиатнамуда зарар мерасонад. Аз ин рӯ, ақидаи Андронова Т.А. дар бобати маълумоти сирри бонкӣ қобили таваҷҷуҳ ва дастгирӣ буда, бояд иброз намуд, ки ба низоми сирри бонкӣ бояд ҳамаи маълумоти ба корманди бонк пешниҳодшуда шомил карда шавад, зеро мизоҷ бо боварии комил ва ошкорбаёнӣ ба бонк ба робита мепардозад ва хоҳиши онро дорад, ки иттилооти манзургардида, махфӣ нигоҳ дошта мешавад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва мақолаву нашриёҳои илмӣ дар хусуси мафҳуми «дигар маълумотҳое, ки ташкилоти кредитӣ» муайян намудааст, баҳсу мунозираҳои бепоён мавҷуд аст ва вобаста ба он ақидаи мушаххас мавҷуд намебошад ва таҳқиқ намудани он ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад.

Ба андешаи Плешаков М.А. «ба саволи он ки ин маълумоти дигар чист, посухи дақиқ додан душвор аст ва танҳо тахмин кардан мумкин аст, ки сухан дар бораи иттилооти мустақим ба мизоҷон марбут аст» [132, с. 64].

Олейник О.М. ақидаи олимони хориҷӣ аз ҷумла, ҳуқуқшиносони олмонӣ ва фаронсавиро пайгирӣ намуда, чунин мешуморад, ки маълумоти дигаре, ки ташкилоти қарзӣ муқаррар кардааст, ба муштариёнаш марбут аст. Ақидаи худро бо таҷрибаи хориҷӣ асоснок намуда, ба ҳуқуқшиносони олмонӣ ишора мекунад, ки бонк вазифадор аст, ки маълумотҳо дар бораи далелҳо ва арзёбии онҳо дар бораи муштариёнаш, ки аз онҳо чунин маълумотро талаб мекунад, ошкор накунад. Муаллиф инчунин аз таҷрибаи таҷрибаи фаронсавӣ истинод мекунад, ки «тибқи он бонкдор вазифадор аст a priori тамоми маълумоти шахсии ба ӯ боваркардаи мизоҷон ё ҳатто шахсони сеюм ё дар фаъолияти касбии худ гирифтаашро махфӣ нигоҳ дорад» [81, с. 225-226; 129]. Муаллиф инчунин, ақидаи ҷолиби диққатро пешниҳод намудааст, ки тибқи он «ҳатто агар ҳангоми пешниҳоди қарз, масалан, бонк ҳама гуна маълумот дар бораи саломатӣ ё вазъи оилавии муштарӣ дарёфт кунад ҳам, ин маълумот, на танҳо амалиёти барои додани қарз анҷомшуда, бояд ба сирри бонкӣ дохил карда шавад» [155, с. 241].

Ефимова Л.Г. оид ба мафҳуми «дигар маълумотҳо» (дар заминаи ҳуқуқӣ ё бонкӣ) андешаронӣ намуда, баён намудааст, ки «дигар маълумотҳо» - ин на танҳо маълумоти умумӣ (масалан, ном, суроға, рақами шиноснома ва ғайра), балки метавонад ҳар гуна маълумот бошад, ки ба вазъи ҳуқуқӣ, оилавӣ ё иҷтимоии муштарӣ дахл дорад.

«Масалан, ба гуфтаи ӯ, ба ин гуна маълумотҳо метавонанд дохил шаванд: - маълумот дар бораи он, ки шахс кӯдаки ноболиғ дорад; - далелҳои он, ки ӯ ба ин кӯдак мунтазам маблағ интиқол медиҳад (яъне иҷрои ӯҳдадориҳои алиментӣ); дигар маълумоте, ки хусусияти шахсӣ ё иҷтимоии ӯро нишон медиҳанд». [70, с. 430].

Яъне, дар тафсири Ефимова Л.Г., мафҳуми «дигар маълумотҳо» васеъ аст ва метавонад ҳама гуна маълумоти хусусиятдорро дар бар гирад, агар онҳо ба муайян кардани ҳолати ҳуқуқӣ ё иҷтимоии шахс мусоидат кунанд.

Сбигнева О. ибрози андеша намудааст, ки таҳти мафҳуми «дигар маълумотҳо», бояд амалиёти муштарӣ бо бонк иртиботдошта фаҳмида шавад [56, с. 394].

Яъне, ӯ бар он назар аст, ки чунин маълумотҳо бояд на ҳама гуна маълумоти шахсӣ ё иҷтимоии шахс, балки он маълумоте бошанд, ки мустақиман бо муносибатҳои бонкӣ ва амалиёти молиявии муштарӣ вобастаанд.

Масалан, ба гуфтаи Сбигнева О., ба ин гуна маълумотҳо метавонанд дохил шаванд: маълумот дар бораи бақия ва ҳаракати маблағҳо дар ҳисобҳои бонкӣ; маълумот дар бораи қарзҳо ва шартномаҳои амонатӣ; маълумот дар бораи истифодаи воситаҳои пардохт, мисли кортҳо ё интиқолҳо; дигар маълумотҳое, ки аз амалиётҳои бонкӣ бармеоянд.

Бо ин тарз, Сбигнева О. мафҳуми сирри бонкиро маҳдудтар аз баъзе муаллифон (масалан, Ефимова Л.Г.) шарҳ медиҳад: агар барои Ефимова Л.Г. ҳар гуна маълумот дар бораи шахси муштарӣ метавонад сирри бонкӣ бошад, пас барои Сбигнева О. танҳо он маълумоте, ки аз фаъолияти бонкӣ ба вуҷуд меоянд, ба сирри бонкӣ дохил мешаванд.

Викулин А.Ю. вобаста ба мафҳуми «маълумоти дигареро» ақидаи инфиродии худро зикр намудааст. Яъне мавсуф қайд намудааст, ки ба доираи маълумоти мазкур ҳамаи ҳуҷҷатҳои дар шакли ҳуҷҷат ва электронӣ мавҷудае дохил мебошад, ки барои шахсияти муштарӣ асос

мегардад. Викулин А.Ю. ин адешаи хуро бо ҷанбаҳои зерин асоснок намудааст: «пеш аз ҳама ташкилоти қарзӣ ба маълумоти дигари муштарӣ танҳо маълумотеро вобаста карда метавонад, ки дар он манфиати мизоҷ ба инобат гирифта шуда, ба талаботи қонунҳои дигари федералӣ мухолиф набошад; дуюм, номгӯи ҳуҷҷат ва иттилооте, ки ба ин гурӯҳ ворид мегардад, бояд сифр хусусияти фардӣ дошта бошад; сеюм, мақсади асоси ташкилоти қарзӣ бояд тавассути ҳимояи манфиатҳои муштарӣ ҳимоя намудани манфиатҳои худ мебошад, зеро ҳангоми робита доштани онҳо фоидаи мутақобила ба миён меояд ва бинобар ин, бонк бояд барои ҳатто пешгирии ифшоии он чораандешӣ намояд [113, С. 70-71].

Андронова Т.А дар ин бобат андешаи Викулина А.Ю. пурра дастгирӣ намудааст ва қайд менамояд, ки ташкилоти қарзи ҳангоми тартиб додани чунин рӯйхатҳо ба манфиатҳои мизоҷон такя намоянд [144, с. 70-71]. Ақидаи олимони мазкур дар хусуси маълумоти дигар бояд хусусияти инфиродӣ дошта бошад, қобили қабул намебошад, зеро агар «дигар маълумот» ҳатман хусусияти инфиродӣ (яъне шахсӣ ё хос ба муштарӣ) дошта бошад, он гоҳ меъёри муайянкунандаи сирри бонкӣ вобаста ба ҳар як муштарӣ фарқ хоҳад кард.

Ҳолати мазкур ба он мушкилот оварда мерасонад, ки маълумоти якхела (масалан, навъи ҳисоб, санаи кушодани он ё ҳаҷми амалиёт) барои як муштарӣ сирри бонкӣ ҳисобида мешавад, вале барои муштарии дигар — не, ки дар ин ҷода принсипи баробарии ҳуқуқӣ ва яксон будани ҳимояи сирри бонкиро вайрон мекунад.

Аз ин рӯ, муаллиф (шояд шарҳдиҳандаи ин масъала) бар он ақида аст, ки «маълумоти дигар» набояд ҳатман хусусияти инфиродӣ дошта бошад. Муҳим он аст, ки онҳо ба фаъолияти бонкӣ ва муносибатҳои молиявии муштарӣ вобаста бошанд, на ба хусусиятҳои шахсии ӯ.

Дар натиҷаи амалкарди муқобил меъёри муайян кардани сирри бонкӣ объективӣ ва ягона боқӣ мемонад ва ҳама муштариён дар доираи як низоми ҳуқуқии ҳимоя қарор мегиранд.

Карчевский С. умуман пешбинӣ намудани истилоҳи маълумоти дигар дар мафҳуми сирри бонкиро қобили қабул намешуморад, зеро ташкилоти қарзӣ наметавонад дилхоҳ маълумотро ба номгӯи он ворид намуда, онро ҳамчун сирри бонкӣ ҳисобад. Ӯ қайд менамояд, ки қонунгузор ҳангоми додани чунин ҳуқуқ он ҳолатро ба инобат нагирифтааст, ки тафриқаи сирри тиҷоратӣ ва сирри бонкӣ аз байн рафта, реҷаи нодурусти фаҳмиши онҳоро ташкил менамояд [124, с. 47-48].

Мо андешаи мазкурро қобили дастгирӣ намешуморем ва доир ба ин масъала қайд менамоем, ки дар ин маврид сухан аз омехтани реҷаҳои ҳуқуқӣ намеравад, зеро сирри тиҷоратии бонк - ин сирри худи ташкилот ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ ва сохтори институтсионалӣ мебошад. Сирри бонкӣ бошад, ба муносибатҳои байни ташкилоти қарзӣ ва муштарӣ дахл дорад ва дорои объекти ҳифзи комилан дигар аст. Аз ин рӯ, мо бар онем, ки ташкилоти қарзӣ наметавонад ба мафҳуми «маълумоти дигар» чизеро ворид намояд, ки берун аз доираи маълумоти дигар дар бораи муштарӣ бошад.

Қисми 2 м. 48 ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» номгуи «маълумотҳое, ки сирри бонкӣ маҳсуб мешавад, муайян намудааст, ки аз инҳо иборат аст:

- дар бораи мавҷудияти суратҳисобҳои бонкӣ, соҳибони онҳо, дар бораи маблағҳои пулии дар онҳо мавҷуда ва амалиёти бо ин суратҳисобҳо иҷрошавандаи муштариён;

- дар бораи интиқоли маблағҳои пулӣ аз тарафи шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоб ва дар бораи фиристонандагони (гирандагони) онҳо;

- дар бораи маблағҳои пулӣ ва ашёи қимматбаҳои муштарӣ, ки дар ташкилоти қарзӣ нигоҳ дошта мешаванд» [27].

Мафҳумҳои «дигар иттилооти муқаррарнамудаи ташкилоти қарзӣ» ва «маълумот дар бораи муштарӣ» наметавонанд ду мафҳуми мухталиф баррасӣ шаванд. Ба андешаи Андронова Т.А. мафҳумҳои «маълумоти муштарӣ» ва «дигар иттилооте, ки ташкилоти қарзӣ муқаррар кардааст» синонимҳо мебошанд, зеро ба мазмуни ин мафҳумҳо маълумотҳои якхела дохил карда мешаванд [144, с. 70-73].

Мо низ ҷонибдори ақидаи мазкур мебошем, чунки ташкилотҳои қарзӣ ва бонкҳо аз рӯи маълумотҳои пешниҳоднамудаи муштариён номгуи иттилоотҳоро муқаррар мекунанд.

Дар баъзе аз нуктаҳои илмии баёнгардида мушоҳида намудан мумкин аст, ки ташкилоти қарзӣ тибқи шартномаи байни трафҳо басташуда уҳдадор аст, ки махфияти сирри бонкиро нигоҳ дорад ва тибқи он объекти таҳти ҳимоя қарордодашаванда ин шахсияти муштарӣ, амалиётҳои бархурдоршуда ба ҳисоб меравад, ки дар ҳолати баръакс боиси ҷавобгарии моддӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, дар ҳолатҳои дигар ташкилоти қарзӣ оид ба махфи нигоҳ доштани маълумотҳои ғайр вобаста ба контрагентҳои мизоҷони худ уҳдадор намебошад. Номгӯи амалиёти суратҳисобӣ, ки ба онҳо сирри бонкӣ дахл дорад, дар асоси моддаи 946 КМ ҶТ, қонунгузории махсус ва созишномаҳо муайян карда мешавад. Бинобар сабабе, ки пасандози бонкӣ имрӯз танҳо тариқи суратҳисоб пешбурда мешавад, махфӣ нигоҳ доштани маълумоти мазкур низ ҳатмӣ мебошад. Дар ҳама маврид ҳангоми пешниҳоди маҳсулоти бонкӣ ташкилоти қарзӣ бояд маълумоте, ки таҳти маҳрамияти сирри бонкӣ қарор мегирад ба самъи муштариёни худ расонад ва он бояд ба тариқи худкор амалӣ гардад.

Кодекси маданӣ танҳо бонкҳоро вазифадор мекунад, ки сирри бонкиро нигоҳ доранд, дар ҳоле ки м. 28 ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ҳамчун кафолат на танҳо бонкҳо, балки ташкилотҳои қарзӣ,

инчунин Бонки миллии Тоҷикистонро бобати маҳфуз нигоҳ дошатни сирри бонкӣ уҳдадор намудааст. Аз ин рӯ, ба мақсад муофиқ аст, ки истилои «бонк» ва «ташкилотҳои қарзӣ» таҳлил карда шаванд.

Олимони ватанӣ чунин мафҳумҳои бонк ва ташкилотҳои тиҷоратӣ пешниҳод намудаанд. Бонк – ташкилоте, ки ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро дорад. Ташкилотҳои кредитие, ки якчанд амалиёти бонкиро мегузаронанд [97, с. 103]. Ташкилотҳои қарзӣ – ташкилотҳои тиҷоратии ба мақсади ба даст овардани фоида аз фаъолияти кредитӣ созмон додашуда, ки аз бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои ғайрибонкии кредитӣ иборат мебошад [98, с. 469].

Ба андешаи Мирзозод П.З. бошад мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «бонк ташкилоти қарзие (кредитие) дарназар дошта мешавад, ки ҳуқуқи пешбурди амалиёти бонкиро тибқи талаботи қонунгузорӣ бадаст оварда пешниҳоди қарз ва гирифтани фоизҳо аз он, ҷалб намудани пасандози шаҳрвандон бо мақсади амалӣ намудани мақсади ибтидоӣ ва доани фоиз ба шаҳрвандон барои шарики дар пешниҳоди қарз, кушодану пешбурди суратҳисобҳои гуногунро доро мебошад» [76, с. 5].

Тибқи ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» «ташкилотҳои қарзӣ - шахсони ҳуқуқие (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои маблағгузории хурд), ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии дар Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо иҷро менамоянд. Бонк – ташкилоти қарзие, ки мақсади асосиаш гирифтани фоида буда, дорои с армояи оинномавии барои он муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуқуқи иҷрои на камтар аз се амалиёти зерин: ҷалби амонат ва пасандозҳо, додани қарз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ мебошад. Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ – ташкилотҳои қарзие, ки ҳуқуқи иҷрои баъзе аз амалиёти бонкиро доранд. Номгӯи амалиёти бонкиро барои ташкилотҳои қарзии

ғайрибонкӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар менамояд» [27].

Талаботҳои пешбининамудаи қонун баёнгари онанд, ки ташкилоти кредитӣ нисбат ба бонкҳо азимтар буда, таҳти мафҳуми якум ҳам бонкҳо, ташкилоти маблағгузории хурд, фондҳо ғайрибонкӣ ба ва ғайраҳо фаҳмида мешавад. Ҳолати мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки истилои «бонк» ва «ташкилотҳои қарзӣ» як маъно нестанд. Аммо КМ ҶТ пешбинӣ намудааст, ки танҳо бонк маҳрамияти сирри бонкиро бояд нигох дорад, дар сурате ки ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ аз ин уҳдадори озод аст, гарчанде ки ӯ ҳуқуқи анҷом додани амалиёти инфиродии бонкиро дорад, маълум мешавад, ки барои як амалиёти бонкӣ бонк бояд сирро нигоҳ дорад, дар сурате ки ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ уҳдадор нест [128, с 50].

Аммо мо ба ақидаи мазкур пурра розӣ шуда наметаонем. Зеро, ҳеҷ мухолифат байни КМ ҶТ ва ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» дар ин масъала ҷой надорад. Чунончӣ, тибқи м. 929 КМ ҶТ мутобиқи шартномаи суратҳисоби бонкӣ «як тараф – бонк ё ташкилоти қарзии молиявии дигар, ки ба онҳо ин ҳуқуқ дар асоси иҷозатномаи бо тартиби муқаррарнамудаи қонун дода шудааст. ...»[6] Аз ин, маълум мегардад, ки КМ ҶТ таҳти истилои бонк ҳам ташкилотҳои бонкӣ ва ҳам ташкилотҳои қарзиро муайян намудааст.

ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» дар м. 48 дар бораи махфӣ будани амалиёти муштарии ташкилоти қарзӣ сухан меравад. Қонуни зикргардида на танҳо ба маълумотҳои дорои хусусияти махфибуда шарҳ медиҳад, балки ба таври мустақим ба амалиётҳои ташкилоти қарзӣ ишора намудааст. «Дар қисми 1 моддаи 3 Қонун бонкҳо инчунин намудҳои амалиётҳое, ки ташкилоти қарзӣ ҳуқуқ дорад анҷом диҳад, номбар шудааст, ки аз инҳо иборат мебошанд:

- ҷалби амонат ва пасандозҳо;

- додани қарзҳо (таъминшуда ва таъминнашуда), аз ҷумла:

а) қарзҳои истеъмолӣ, ипотекӣ ва байнибонкӣ;

б) факторинг;

в) форфейтинг;

- кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;

- хариду фурӯши воситаҳои зерин барои худ ё муштариён:

а) воситаҳои бозории пулӣ (аз ҷумла: чекҳо, векселҳо, ӯҳдадориномаҳо ва тасдиқномаҳои пасандозӣ);

б) асъори хориҷӣ;

в) саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматноки интиқолшаванда;

г) қарордодҳои форвардӣ, созишномаи своп, фючерс, опсион ва дигар ҳосилаҳое, ки ба асъор, саҳмияҳо, вомбаргҳо, металлу ва сангҳои қиматбаҳо ё қурбу меъёрҳои фоизӣ дахл доранд;

- додани кафолат, баҳисобгирии ӯҳдадориҳои шартӣ, аз ҷумла кафолатҳо ва эътиборномаҳо (аккредитивҳо) барои худ ва муштариён;

- ҳисоббаробаркунӣ ва интиқоли маблағҳо, аз ҷумла интиқоли маблағҳои электронӣ, барориш ва ё хизматрасонии воситаҳои пардохт, ба истиснои интиқолҳои почтавӣ;

- миёнаравӣ дар бозори пулӣ;

- амалиёти сейфӣ, нигаҳдорӣ ва идоракунии дороиҳо (пул, коғазҳои қиматнок, металлҳо, ҷавоҳирот ва ғайра);

- хизматрасонии амалиёти ба боварӣ асосёфта (идоракунии маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ва ғайра ба манфиати боварикунанда ва дар асоси супориши он);

- ҳар гуна амалиёти дигаре, ки аз амалиёти дар ин модда зикршуда бармеоянд ва бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

- амалиёти кассавӣ: қабул намудан, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан, бастан ва нигоҳ доштани пулҳои коғазӣ ва тангаҳо;

- қабул намудан инкассатсия ва фиристодани пулҳои коғазӣ, тангаҳо ва ашёи қимматбаҳо ва ғ.» [27].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ саволе ба миён омадааст, ки оё амалиёти бонкӣ ва аҳд аз ҷиҳати хусусияти ҳуқуқии худ ба ҳам монанданд ва бо кадом меъёр Қонуни бонкӣ баъзе амалҳоро ҳамчун амалиёт ва дигарро ҳамчун муомилот муайян кардааст. «Аз ин лиҳоз, бамаврид аст, ки масъалаи робитаи байни мафҳумҳои «амалиёт» ва «аҳд» ва муайян кардани фарқияти байни «амалиёти бонкӣ» ва «аҳд» ё якхела будани ин мафҳумҳо таҳлил карда шавад» [97, с. 199-200].

Мафҳуми «амалиёти бонкӣ» поягузорӣ муносибатҳои молиявӣ дар қонунгузорӣ ва ташкилоти қарзӣ ба ҳисоб меравад, зеро маҳз тавассути муқаррар намудани амалҳои иҷозатдодашудаи қонунгузорӣ муайян намудан мумкин аст, ки ташкилоти қарзӣ дорои кадом маҳсулотҳо маҳсулот ва шиканҷаҳои молиявӣ мебошад ва моҳият ва асоси фаъолияти бонкиро ташкил медиҳанд [97, с. 199-200]. Аммо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми расмии ин категория вуҷуд надорад.

Номгуи амалиётҳои бонкиро дар боло зикр кардем. Тибқи м.1 Қонуни зикршуда фаъолияти бонкӣ - аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ анҷом додани амалиёти бонкӣ ва аҳдҳое, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ гардидааст. Ҳамин тариқ, номгӯи амалиёти бонкӣ мукаммал аст.

Агарков М.М. «амалиёти бонкиро чун амалиёте муайян кардааст, ки иҷрои онҳо предмети бевоситаи фаъолияти бонкро ташкил медиҳад, масалан, қабули пасандозҳо, баҳисоб (дисконт) кардани векселхо, интиқол ва ғайра» [42; 43, с. 50].

Дар ин хусус Ефимова Л.Г. қайд намудааст, ки «амалиёти бонкӣ худ ин аҳди оммавӣ аст, ки ҳамаи онҳо бо бастани як ё аҳдҳои бисёр амалӣ карда мешавад» [70, с. 33].

Гурӯҳи муҳаққиқон як қатор хусусиятҳои умумии амалиёти бонкиро қайд менамоянд, ки аз шартҳои зенрин иборат мебошад:

1) дар навбати аввал онҳо ба он ақидаанд, ки мунсибатҳои тиҷоратӣ, алалхусус амалиётҳои бонкӣ бояд дорои давомнокии муҳлат бошад, яъне онҳо бояд хотима дошта бошанд;

2) «сипас дар ягон маврид ташкилотҳои қарзӣ наметавонанд дорои қувваи иқтисодии баробар дошта бошанд ва теъдоди муштариёни онҳо фарқкунанда аст;

3) баъдан ташкилоти қарзӣ ҳангоми гузаронидани амалиёти бонкӣ дорои тавсифи фидутсиарии (бовариноки) мебошад, яъне дар таҷриба бештари вақт назари макур дар фаъолияти бонкҳои давлатӣ ба назар мерасад, ки танҳо ба шахсоне, қарз пешниҳод менамояд, ки дорои қобилияти пурраи пардохт мебошанд;

4) ҳамаи амалиётҳои ташкилоти қарзӣ бояд дорои хусусияти оммавӣ бошанд ва ба ҳар як муроҷиаткунанда муносибати баробар доранд;

5) амалиётҳои ташкилоти қарзӣ дар тамоми мамлакатҳои дунё ба таври ягон ба танзим даровардa шудаанд, ки аз мутобиқгардонии танзими ҳуқуқӣ дар ҳисоббаробаркунӣ ва муносибатҳои қарзӣ шаҳодат медиҳад, яъне бинобар зарурати иқтисодӣ амалиётҳои ягона карда шудаанд» [62, с. 225].

Ба андешаи Тосунян Г.А., Викулин А.Ю. ва Экмалян А.М. амалиёти бонкӣ амалиётҳое мебошанд, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ва Бонки Русия дар таҷриба ниҳода мебошад, ки дар асоси қонуни соҳавӣ ва иҷозатномаи махсуси пешниҳодшавандаи бонки миллии низомсоз ва дигар санадҳои меъёрии қабулнамудаи онҳо ба роҳ монда мешавад [97, с. 205-206].

Братко А.Г. дар бораи амалиёти бонкӣ андешаи худро озодона баён намуда, онро ҳамчун «низоми амалҳои воқеан ё тавассути технологияҳои муосир амалишаванда мефаҳмад, ки дар қонун ё санадҳои дигари расмӣ пешбинӣ шудааст, ки он бояд барои расонидани хизмат ба муштарии худ оид ба иҷрои амалиёти мушаххас анҷом диҳад» [49, с. 22-27].

Олейник О.М. ҳангоми таҳлили муқаррароти қонунгузорӣ ба мафҳумҳои «амалиёт» ва «аҳд» диққат зоҳир намуда, онҳоро аз нигоҳи муносибатҳои молиявию қарзӣ ҳаммаъно шуморидааст. Олимони мухталиф дар ин замина ақидаеро дастгирӣ намудаанд, ки тибқи он қобили қабул мебошад, ки мафҳуми аҳд аз қонуни соҳавии бонкӣ бояд хориҷ карда шавад, зеро он мафҳуми амалиёт онро дарбар мегирад. Дар робита ба ақидаи мавҷуда Олейник О.М. онро инкор намуда, қайд намудааст, ки фаъолияти бонкӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ танҳо дар асоси қонун ва шартнома амалӣ карда мешавад ва маҳз дар ин ҷода он заминаи ҳуқуқӣ пайдо намуда, ҳамчун маҷмӯи амалҳои ҳуқуқиро ба худ касб менамояд. Ӯ иброз намудааст, ки амалҳои дар бонк анҷомшавада ҳамеша дорои мақсадҳои ҳуқуқӣ буда, дар ҳолати рафтори дигар мазмуну моҳияти он аз байн меравад. Бинобар ин, маҳв намудани мафҳуми аҳд дар қонун дуруст намебошад, зеро муносибатҳои бонкӣ сифр хусусияти молумулкӣ дошта, он дар асоси қонунгузории маданӣ танзим карда мешаванд. Аз ин рӯ баҳри нигоҳ доштани мувозинаи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ бояд истилоҳи «амалиёт ва аҳд» ҳамроҳ бояд истифода шаванд [81, с. 22-23; 129].

Бештари олимон ҳангоми вохӯрдани баҳси мазкур ба масъалае диққат додаанд, ки оё амалиётҳои бонкӣ метавонад ҳамчун сирри бонкӣ эътироф шавад? Ба фикри мо аз руи ин масъала мавкеи худро баён кардан бамаврид мебуд.

Як қатор муаллифон мафҳумҳои «амалиёт» ва «аҳд»-ро таҳлил намуда, ба хулосае меоянд, ки сирри бонкӣ на танҳо дар бораи амалиёти ҳисобҳо ва пасандозҳо, балки дар бораи тамоми амалиёти молиявӣ, аз ҷумла муомилот низ маълумотро дар бар мегирад. Бинобар ин, маълумот дар бораи амалиёти бонкӣ ва ҳам амалиёти ташкилоти қарзӣ сирри бонкӣ мебошад [113, с. 69; 132, с. 65; 153, с. 46-47]. Масалан, Маркелова К. инро чунин исбот мекунад: ҳам кафолати бонкӣ ва ҳам кафолат тибқи Кодекси граждании Федератсияи Русия институтҳои

таъмини иҷрои ухдадориҳо мебошанд, аммо аз талаботи қонун мушоҳида намудан мумкин аст, ки танҳо кафолати бонкӣ амалиёти ташкилоти қарзӣ ба ҳисоб меравад ва аз нигоҳи муносибатҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ он аҳд мебошад ва муаллиф бо навиштаҷоти мазкур розӣ шуда наметавонад.

Дар қисми 2 моддаи 5 Қонун «Дар бораи бонкҳо» муомилот «амалиёт бо металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» ва «амалиёти лизингӣ» номида мешавад. Маълум мешавад, ки бонк мувazзаф аст, ки чунин амалиёте ба мисли «ҷалби пасандозҳо ва гузоштани металлҳои қиматбаҳо»-ро махфӣ нигоҳ дорад ва ҳангоми анҷом додани амалиёт бо металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо набояд ин корро анҷом диҳад, ки тибқи Қонун дар бораи бонкҳо аҳд аст [153, с. 46-47].

Ба андешаи Андронова Т.А. он амалиёт ва амалиётҳое, ки дар моддаи 5-и Қонун дар бораи бонкҳо номбар шудаанд, сирри бонкӣ мебошад. Аммо бояд ба он таваҷҷуҳ кард, ки қонунгузор дар бораи амалиёти бонкӣ сухан ронда, дар муқоиса бо амалиёти бонкие, ки номгӯи онҳо баста аст, ҳуқуқи ташкилоти қарзиро барои анҷом додани амалиёти дигар, ба ғайр аз амалиётҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардида таъмин менамояд. Тавре дар боло қайд намуда будем, таҳти мафҳуми маълумоти дигар танҳо он иттилоотҳо сирри бонкӣ эътироф карда мешавад, ки бо мизоҷ робитаи ногусастанӣ дорад, агар муомилот бо мизоҷони бонк алоқаманд набошад пас, мутаносибан, маълумот дар бораи он сирри бонкиро ташкил намедиҳад. Муаллиф нуқтаи назари худро бо овардани чунин мисол асоснок намудааст: агар ташкилоти қарзӣ аз муштарии ин ташкилоти қарзӣ таҷҳизоти идоравӣ харидорӣ кунад, пас ин муомилот сирри бонкӣ хоҳад буд, зеро он бевосита ба муштарии ин ташкилоти қарзӣ алоқаманд аст. Агар ташкилоти қарзӣ аз шахсе, ки муштарии он нест, таҷҳизоти кориро харад, дар ин сурат низоми сирри бонкӣ татбиқ намегардад [144, с. 81].

Гуфтаҳои болоро таҳлил намуда, мо ба чунин хулоса омадем, ки низоми сирри бонкӣ ҳам ба амалиётҳои бонкӣ ва ҳам ба аҳдҳои бонкӣ татбиқ карда мешавад. Зеро, аҳдҳои бонкӣ дар аксарияти ҳолати асоси амалӣ намудани амалиёти бонкӣ баромад мекунанд. Чунончӣ, дар ҳама он намуди аҳдҳое, ки ташкилотҳои бонкӣ дар асоси талаботи қ. 4 м. 3 ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» амалӣ мекунанд, низоми сирри бонкӣ паҳн мегардад. Аз ин рӯ, ақидаи Андронова Т.А. қобили пурра дастгирӣ намебошад. Чункӣ дар ҳама ҳолат дар тамоми муносибатҳо ташкилотҳои бонкӣ бо муштариёни худ амал мекунанд ва шахсе, ки бо ин ё он масъала бо ташкилотҳои бонкӣ ҳамкорӣ мекунад, алакай муштарии ташкилоти бонкӣ эътироф мегардад.

Дар баробари намудҳои сирри давлатӣ, хизматӣ, тиббӣ, тиҷоратӣ ва дигар сирр мафҳуми сирри адвокатӣ, биржавӣ, бонкӣ, сирри андоз, сирри амонатӣ ва шартномавӣ, сирри гуфтугӯҳои телефонӣ ва дигар навъҳои асрор ҷорӣ карда шудааст. Аз ин рӯ, бояд сараввл худи истилоҳи сирро таҳлил намоем.

Институти ҳуқуқии махфият доираи васеи муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро дар бар мегирад, ки дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти шахс, ҷамъият ва давлат ба вуҷуд меоянд. Таҳлили мафҳуми сир бо истифода аз равиши васеъ имкон медиҳад, ки ин истилоҳро ҳамчун чизи пинҳон аз фаҳмиш ва дарки мардум ниҳондошта муайян кунем.

Гаврилов Э.П. аз нигоҳи худ мафҳуми сирри бонкиро шарҳ дода, қайд менамояд, ки сирро як иттилооте мебошад, ки ба мардум дастрас намебошад ва онро танҳо як шахс медонад [115, с. 28].

Шиверский А.А. дар ин бобат зикр менамояд, ки сирри бонкӣ аз нигоҳи табии ё гурӯҳи алоҳидаи объективона асрори табии инсон буда, ва аз нуктаи назари гурӯҳи алоҳидаи субъективӣ бояд баъзе аз иттилоотҳо махфӣ бошанд ва ба дигарон дастрас набошад [103, с. 9-10; 147].

Дал В.И. мафҳуми «сир (асрор)»-ро чунин маънидод кардааст, ки «агар касе чизеро надонад, пас барои у ин сир аст; ҳама чиз пинҳон, номаълум, ношинос. Чизе, ки аз касе, ки бо қасд пинҳон аст ва махфӣ нигоҳ дошта мешавад» [63, с. 642].

Дар истилои забони тоҷикӣ сир ба маънои роз; кор ва амали пинҳонӣ, кор ва амале, ки инсон дар дил пинҳон нигоҳ медорад; орзу ва мақсади пӯшид, маънедод карда шудааст [171].

Олимон барои тасниф кардани маълумоте, ки сирро ташкил медиҳанд, равишҳои гуногун доранд.

Масалан, Алексентсев А.И. дар умум истилоҳи сирро таҳқиқ намуда пешниҳод намудааст, ки гуруҳбандӣ намудани онҳо аз рӯи себъектони зерин дуруст мебошад:

1) моликони маълумоте, ки сирр ҳисобида мешавад;

2) дар ин ё он фаъолияти инсонӣ ё ташкилотҳо иттилоот ҳамчун маҳак ҳисобида мешавад;

3) иттилоот ҳамеша аз ҷониби субъекти муайян дорои реҷаи мушаххас мегардад, яъне он асоси ҳуқуқии худро ба даст меорад;

4) набояд фаромӯш кард, ки маҳрамияти иттилооти мушаххас аз ҷониби субъекти фаъолияте, ки иттилоот ба он тааллуқ дорад, таъмин мегардад [107, с. 15; 147].

Смолкова И.В. аз нигоҳи мавқеи мавҷудияти сирр дар ҷомеа онҳоро ба шахсӣ, оилавӣ, касбӣ, давлатӣ ҷудо намудааст [92, с. 3].

Фатянов А. ва Торопчин С.Я. мавқеи иҷтимоии итилоотро ҳамчун сирр таҳлил намуда, зикр намудаанд, ки дар навбати аввал маълумот дар бораи ҳаёти рузмараи шахс сирр ҳисобида мешавад, ки ба он сирри бонкӣ, амалиётҳои дар нотариус гузаронидашуда, таърихи беморӣ ва ғайраҳо. Баъдан, маълумоте, ки аз ҷониби ташкилоти тиҷоратӣ ҳамчун асоси фаъолият истифода мегардад, яъне сирри тиҷоратӣ дар назар дошта мешавад. Сипас, маълумоте, ки таҳти ҳимояи бевоситаи давлат

қарор гирифта, манфиатҳои давлатиро ҳимоя менамояд, яъне сирри давлатӣ ба ҳисоб меравад [96; 203, с. 9].

Ҳамин тариқ, мафҳуми «сир» метавонад ду маъно дошта бошад. Якум ин, ки сир як соҳаи воқеияти объективӣ мебошад, ки бинобар сатҳи объективии донишҳои илмӣ ва техникӣ барои фаҳмиш ва дарки инсон дастрас нест. Маънои дигари мафҳуми сир бо маълумоте иртибот дорад, ки аллакай ба як фард ё гурӯҳи ашхос маълум аст, вале бо сабабҳои гуногун аз дигар шахсон, гурӯҳҳои алоҳида ё давлат пинҳон аст. Маҳз таҳлили маънои дуюми калимаи «сир» мавзуи таҳқиқоти мост. Аз ин рӯ, бо мақсади дуруст дарк намудани моҳияти сирри бонкӣ тасмим гирифтем, ки умумият ва фарқиятҳои сирри бонкиро аз дигар намуди сирри бо қонун ҳифзшаванда таҳлил намоем.

Аз нигоҳи олимони соҳавӣ ва мутахассисон имрӯз зумраи зиёди сирҳо мавҷуд мебошад, ки «аз ҷониби қонун тахти ҳимоя қарор дорад ва сирри бонкӣ яке аз намудҳои маълумотҳои маҳрамона мебошад, ки бештари вақт бо сирри шахсӣ ва сирри оилавӣ таносубият дорад. Баъзе олимон ба монанди Лиситсина Н.В. доир ба таърифҳои мавҷуда мулоҳизаронӣ намуда, иброз намудааст, ки сирри бонкӣ ба сифати воситае баромад менамояд, ки бо он сирри шахсӣ ва оилавӣ таҳти ҳимоя қарор мегирад» [151, с. 65].

Ҳам Даниленко С.А. ва олими болозикр ба он андешаанд, ки ин зуҳуротҳо ба ҳам хело робитаи зич доранд ва аз теъдоди маълумотҳои ба онҳо марбута фарқият доранд. Ҳангоми аз ҷониби ташкилоти қарзӣ бо шахси воқеӣ бастани шартномаҳо вобаста ба самти амалиёти бонкӣ, ба монанди суратҳисоби бонкӣ ва пасандозӣ маълумотҳоеро ба даст меорад, ки ба шахсияти ӯ ва ҳолати оилавии ӯ дахл доранд ва дар ҳама гуна ҳолат ин гуна маълумот сирри бонкӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин нигоҳ ӯ сирри бонкӣ яке аз воситаи муҳими қонунӣ меҳисобад, ки ҳолати молиявии шахс ва оилаи ӯро кафолати ҳимоя мебахшад. Дар ин замина ӯ андешаи худро идома дода, хулоса намудааст, ки сирри бонкӣ кафолати

ҳифзи сирри шахсӣ мебошад ва иттилоот дар бораи ҳаёти ӯ ба ин зумра дохил намешавад [148, с. 36].

Чунин мавқеъ нодуруст мебошад, зеро тамоми маълумоти ба ташкилоти қарзӣ дар натиҷаи кушодаи суратҳисоб, барасмиятдарории пасанадоз муайянгардида ба мавқеи моддаи 23 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омада, дар заминаи он ҳар шахс ҳуқуқи дахлнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ дорад, ки ба сирри шахсӣ ва оилавӣ дохил мешавад. Дар қонун пешбинӣ намудани мафҳуми сирри бонкӣ ин риоя намудани муқаррароти сарқонун мебошад, зеро сирри бонкӣ яке аз ҷузъи ҷудонашавандаи сирри шахсӣ ва оилавӣ ба ҳисоб меравад, ки тавассути он дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ таъмин мегардад.

Нуктаи назари зикршударо Викулина А.Ю. дастгирӣ намуда, қайд менамояд, ки вазъияи молиявии шахс тавассути сирри бонкӣ ҳисоя карда мешвад, як намуди сирри шахсӣ ва оилавӣ шуморида мешавад ва ин гуна иттилоот ба дахлнопазии ҳаёти шахсии субъект нақши ҳалкунандаро дорост [146, с. 101].

Дар бораи алоқамандии ногусастании сирри бонкӣ бо сирри шахсӣ ва сирри оилавӣ бисёр олимон ақидаронӣ намудаанед.

Аз ҷумла, «Фаддеева Т.А. чунин мешуморад, ки сирри шахсӣ ва оилавӣ метавонад аз маълумот дар бораи ихтиёрдории амвол, пасандозҳои пулӣ иборат бошад» [59, с. 307]. «Монанди ҳамин Шерстобитов А.Е. низ сирри пасандозҳо дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзиро ба сирри ҳаёти шахсӣ дохил мекунад» [57].

«Муаллифони дигар қайд мекунанд, ки «сирри ҳаёти шахсӣ» маълумот дар бораи шахси мушаххасе мебошад, ки ба фаъолияти касбӣ ё ҷамъиятии ӯ алоқаманд нест ва баҳодиҳии вазъи моддии ӯро таъмин менамояд... Қонунгузорӣ қоидаҳои махсуси ҳифзи сирри ҳаёти шахсиро дар ҳолатҳое муқаррар кардааст, ки шаҳрванд барои ҳуқуқҳои худ ба кӯмаки шахсони сеюм – мутахассисон эҳтиёҷ дорад: сирри тиббӣ, сирри нотариалӣ, сирри бонкӣ,… « [60, с. 142; 61; 62]

Ба андешаи олимони ватанӣ сирри ҳаёти шахсӣ муносибатҳои оилавӣ ва шахсӣ, ки бо ҷамъият ва сиёсат алоқамандӣ надорад [98, с. 427].

Лиситсина Н.В. бо Викулин А.Ю. ҳамақида буда, «зикр намудааст, ки дар ҳақиқат ҳам ба воқеа ва ҳодисаҳои ҳаётии инсон, иттилооти вазъи молиявии шахс, ки ба маълумоти сирри бонкӣ шомил мебошад, аҳаммияти ҳалкунанда дорад ва он дар ҳама гуна маврид як қисми сирри оилавӣ ва шахсиро ташкил медиҳад» [146, с. 101].

Ҳамин тариқ, асосҳои назариявӣ ва мавқеи қонунгузориро дар ин хусус таҳлил намуда, дуруст ба хулоса омадан мумкин аст, ки мафҳуми сирри бонкӣ заминаи худро аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда, яке аз роҳҳои татбиқи меъёри конститутсионӣ дар амал ба шумор меравад. Аз андешаҳои олимони болозикр бармеояд, ки маълумот дар бораи суратҳисоб, пасандоз, интиқоли маблағ, қарз ва ғайраҳо «қисми ҷузъи ҷудонашавандаи сирри шахсӣ ва оилавӣ мебошад, зеро маълумоти марбут ба сирри бонкӣ аз ҳаёти шахсӣ ҷудо вуҷуд дошта наметавонад ва дар баъзе маврид ҳангоми интиқоли маблағ ё кушодаи суратҳисоб ва ё кушодани пасандоз ба манфиати аъзои оила сирри оилавиро ташкил медиҳад» [146, с. 101]. Аммо набояд фаромӯш кард, ки сирри бонкӣ тамоми маълумоти вазъи молиявии шахсро дар бар намегирад ва танҳо ба он ҳолати молиявии шахс дахл дорад, ки ба ташкилоти қарзӣ ошкор шудааст. Маълумоти вазъи молиявии шахс метавонад дар дигар ташкилотҳо низ вуҷуд дошта бошанд, аз ҷумла дар ташкилотҳои биржаи молиявӣ ва ташкилотҳое, ки ба криптаасъорҳо ва ғайраҳо машғуланд ва дар ин гуна ҳолат чунин маълумот сирри бонкӣ ҳисобида намешавад. Барои эътироф намудани маълумот ҳамчун сирри бонкӣ ду унсур зарур мебошад, ки бе мавҷудияти яке аз онҳо сирри бонкӣ аз байн меравад, якум як тарафи нигоҳдорандаи маълумоти молиявӣ бояд ташкилоти қарзӣ бошад ва дуюм маълумот ҳимояшаванда ҳамеша бо дороии шахс алоқаманд мебошад. Дар қонун пешбинӣ

намудани чунин муқаррарот барои аз уҳдадории давлат бармеояд, ки тибқи он давлат уҳдадор аст, ки ҳуқуқи ҳар як шахро таъмин намояд, аз ҷумла ҳуқуқ ба дахлнопазирӣ, ҳуқуқ ба сирри шахсӣ ва оилавӣ, ки дар моддаи 23 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст.

**Алоқамандии сирри бонкӣ ва сирри тиҷоратӣ.** Дар алоҳидагӣ зуҳуротҳои мазкур мавриди таҳлил ва таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудаанд, аммо дар доктринаи илмӣ дар ин хусус ақидаи ягона мавҷуд намебошад.

Дар адабиёти илмӣ ақидае мавҷуд мебошад, ки «сирри бонкӣ аз рӯи хусусиятҳои хоси худ ба сирри тиҷоратӣ махсусан ба сирри тиҷорати бонкӣ шомил мешавад, ки ташкилоти қарзӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ мустақилона шиккат варзида, ҳамчун субъекти манфиатдори тарафи шартнома хоҳиши онро дорад, ки маҷмуи сирри тиҷоратӣ ва шахсии мизоҷӣ худро ҳимоя намуда, ба муносибатҳои тиҷоратӣ пардозад» [136, с. 36-40].

Чунин ақида инчунин аз ҷониби  Гвирсман М.В., Скобликов П., Ефимова Л. ва бисёр олимони дигар ақида баён кардаанд, ки сирри бонкӣ як навъ (намуди хоси) сирри тиҷоратӣ мебошад [116, с. 57; 136, с. 36-40; 116, с. 57; 64, с. 94]. Ба гуфтаи. Маркелова К.А, Лиситсна Н.В., Смолкова И.В., Олейник О.М., тафовутҳои сирри бонкӣ ва тиҷоратӣ он қадар назаррасанд, ки онҳо намегузоранд, ки яке аз онҳо ҳамчун навъҳои дигаре баррасӣ шавад [151, с. 53-57; 151, с. 53-54; 153, 25-28; 129, с. 134].

Сирри тиҷоратӣ – пинҳон доштани ақидаҳо, усулҳои муваффақият, даромади тиҷоратӣ [98, с. 427].

Аз ин маълум мегардад, ки олимон доир ба алоқамандии  сирри бонкӣ ва сирри тиҷоратӣ ба ду гуруҳ тақсим шуда, гуруҳи якум сирри бонкиро ҳамчун намуди сирри тиҷоратӣ баён намудаанд ва гуруҳ дуюм бошад ақида доранд, ки сирри бонкӣ ва сирри тиҷоратӣ ду маҳфуми гуногун мебошанд.

Қайд кардан зарур аст, ки сирри тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории махсус танзим карда шудааст. Чунончӣ, муносибатҳоеро, ки бо мансуб донистани иттилоот ба сирри тиҷоратӣ, додани чунин иттилоот ва ҳифзи махфияти он бо мақсади таъмини баробарии манфиатҳои дорандагони иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои танзимшаванда, аз ҷумла таъмини манфиатҳои давлат дар бозори мол, кор ва хизматрасонӣ иртибот доранд, бо қонуни алоҳида Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» [22] таҳти танзими ҳуқуқӣ қарор мегирад ва меъёрҳои он ба ба маълумоти дорои сирри давлатӣ ва бонкӣ алоқаманд татбиқ намегардад (қ.2 м.2).

Ба андешаи Андронова Т.А. ҳам сирри тиҷоратӣ ва ҳам сирри бонкӣ хусусиятҳои хоси худро доранд, ки ба мо имкон медиҳад, ки ин ду ниҳодро фарқ кунем ва сирри бонкиро як навъ сирри тиҷоратӣ нашуморем [144, с. 94].

Аз нуқтаи назари мо ақидаи Андронова Т.А. қобили дастгирӣ мебошад. Зеро, аз андешаи ӯ бармеояд, ки мафҳуми сирри бонкӣ ва сирри тиҷоратӣ дар танзим ва ҳифзи иттилооти дорои хусусияти муҳим ва зарурӣ падидаи ҳуқуқии алоҳида ба ҳисоб меравад ва ин падидаҳои номбаршуда аз ҷониби давлат мавриди ҳимоя қарор гирифта, барои танзим ва ҳифзи онҳо ду қонуни алоҳида татбиқшаванда мебошад. Бо мақсади асоснок намудани ақидаи мазкури худ якчанд фарқиятҳои сирри бонкӣ ва сирри тиҷоратӣ, ки дар адабиётҳои ҳуқуқӣ мавҷуданд, баён мекунем.

Якум, ҳуқуқ ба сирри тиҷоратӣ боиси пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии дорои хусусияти нисбӣ мегардад, яъне, як шахси ваколатдор бо доираи номуайяни субъектҳои ӯҳдадор рӯ ба рӯ мешавад. Дар баробари ин муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар натиҷаи пайдо шудани сирри бонкӣ ба вуҷуд меоянд, ҳамеша хусусияти мутлақ доранд: шахсе, ки ба бонк маълумоти муайянро бовар карда додааст, ҳуқуқ дорад аз шахсони сеюм махфӣ нигоҳ доштани онро талаб намояд [92, с. 53-54].

Дуюм, сирри тиҷоратӣ ба худ дорои мазмуни махсус буда, аз хусусиятҳои зерин иборат мебошад: а) дар навбати аввал ба сирри тиҷоратӣ маълумоте шомил мебошад, ки маҳаки тиҷорат мебошад, ки ба он тарзу усули истеҳсоли мол ё коркардӣ маҳсулот ва техникаи истеҳсоли онҳо, роҳ ва воситаи пешбурди фаъолияти иқтисодӣ ва ғайра), инчунин дигар амалиётҳое, ки аз натиҷаи фаъолияти илмӣ-техникӣ ва зеҳнӣ ба даст омада шудааст ва асоси тиҷорат ба ҳисоб мервад; б) дуюм, ба сирри тиҷоратӣ танҳо он маълумотҳо шомил шуда метавонад, ки дар ҳолати ошкор шудани он ба шахсони сеюм ба тиҷорат воқеан зарар мерасонад ва ин гуна маълумот дорои арзиши муайян мебошад; в) сеюм, сирри бонкӣ ҳамеша таҳти ҳимояи қонун ва воситаи ҳимояи ташкилоти тиҷоратӣ қарор дошта, ба дигарон дастрас намебошад; г) чорум, нигоҳдорандаи чунин маълумот шахсоне ба ҳисоб меравад, ки дар ташкилоти дахлдор фаъолияти меҳнатӣ менамояд ва онҳо уҳдадорӣ бар зимма гирифтаанд, ки сирри тиҷоратиро ошкор нанамоянд. Дар баробари ин, доираи маълумотҳое, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд, дар қонунгузорӣ мустаҳкам шудаанд.

Сеюм, дорандаи маълумотҳои махфии сирри истеҳсолот ҳуқуқи озодона истифода намудани онро дар асоси талаботи қонунгузорӣ доро мебошад. Дорандаи маълумот дар бораи сирри тиҷоратӣ ҳуқуқи озодона ихтиёрдорӣ намудани онро доро мебошад. Шахсе, ки дар асоси талаботи қонунгузорӣ чунин маълумоти махфии тиҷоратӣ ва ё истеҳсолиро ба даст овардааст, новобаста аз иродаи шахсони дигар истифода намудани онро доро мебошад. Аммо муқаррароти мазкури истифода ва ихтиёрдории маълумотҳо нисбат ба низоми сирри бон6кӣ татбиқ карда намешавад. Зеро, сирри бонкиро танҳо бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ доро мебошанд ва аз нуқтаи назаори қонунгузорӣ уҳдадор мебошанд, ки чунин сирри мафҳуз нигоҳ доранд.

Чорум, ҳуқуқи истисноӣ нисбат ба сирри истеҳсолӣ то вақти махфӣ будани он нигоҳ дошта мешавад. Яъне аз лаҳзае, ки махфияти сирри

истеҳсолӣ бекор карда шудааст, ҳуқуқи истисноӣ нисбат ба он қатъ карда мешавад. Аммо масъулияти нигоҳ доштани сирри бонкӣ вазифаи тибқи қонунгузорӣ муқаррашудаи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад.

Яъне, ба андешаи мо нигоҳ доштани сирри тиҷоратӣ, аз ҷумла сирри истеҳсолот ин ҳуқуқи дорандаи чунин маълумот буда, нигоҳ доштани сирри бонкӣ бошад ин уҳдадории ташкилотҳои қарзӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки вобаста ба низоми ҳуқуқиии маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, аз низоми ҳуқуқии маълумоте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳанд, ба куллӣ фарқ мекунанд. Бинобар ин, сирри бонкӣ ва сирри тиҷоратӣ институти алоҳида ба ҳисоб меравананд.

**Алоқамандии сирри бонкӣ бо сирри хизматӣ.** Аксарияти олимон ҷонибдори ақидае мебошанд, ки сирри бонкӣ як намуди сирри тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад [104; 112, с. 36; 103, с. 19]. Олимон ба он ақидаанд, ки кормандони бонк иштирокчии бевоситаи фаъолияти ташкилоти қарзӣ ба ҳисоб рафта, дар нигоҳ доштани он нақши назаррас доранд, ки бо воситаи сирри хизматӣ ва бар зимма гирифтани чунин уҳдадорӣ ба амал баровварда мешавад. Аз ин рӯ, нисбат ба чунин гуруҳи кормандон сирри бонкӣ ба сирри хизматӣ мубаддал мегардад [135, с. 44-45].

Инчунин, аз ҷониби олимони ватанӣ ақидаи ҷолиби диққат баён гардидааст, ки тибқи он иттилооте, ки сирри тиҷоратии субъектони фаъолияти соҳибкорриро ташкил медиҳанд ва мақомоти давлатӣ дар доираи ваколати ба онҳо додашуда ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ аз он воқиф гаштаанд, ба категорияи сирри хизматӣ дохил мешаванд [85, с. 245].

Аз ҷониби Маркелова К.А. ақида баён гардидааст, ки ба сирри хизматӣ маълумотҳое, ки ба фаъолияти дохилии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ дахл доранд, дохил мешаванд ва маълумотҳое, ки бо муштариёни бонк ба амал омада. Барои гуруҳи алоҳидаи кормандони

бонкҳо вобаста ба уҳдадориҳои хизматии онҳо, моҳияти сирри хизматӣ гуногун мебошанд. Аммо аз руи нуқтаи назари қонунгузорӣ сирри бонкӣ, новобаста аз вазифаи ишғолнамуда як хел нигоҳ дошта шавад [153, с. 15].

Тибқи талаботи қ. 2 м. 20 ҚҶТ «Дар бораи таърихи қарз (кредит)» [27] Истифодабарандагони ҳисоботи қарз ӯҳдадоранд: махфӣ нигоҳ доштани ҳисоботи қарзро риоя намуда, иттилооти онро ба шахсони сеюм ошкор накунанд.

Инчунин, тибқи талаботи м. 43 ҚҶТ «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» [23] аъзои Шӯрои нозирон, кормандони Хазина ва шахсоне, ки зери роҳбарии онҳо кор мекунанд ё аз ҷониби Хазина ҷалб карда мешаванд, бояд иттилооти фаъолияти ташкилоти қарзиро, ки дар натиҷаи татбиқи ҳамин Қонун дастрас мекунанд, махфӣ нигоҳ доранд.

Инчунин, аз ҷониби олими ватанӣ Раҳимзода М.З. ақидаи қобили дастгирӣ баён гардидааст, ки тибқи он сирри хизматӣ «ба ҳуқуқи оммавӣ ва сирри тиҷоратӣ бошад ба ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ таааллуқ дорад. Мувофиқи ақидаи мазкур ба сирри хизматӣ ба ғайр аз иттилооти дорои сирри давлатӣ ва хизматӣ, ба истиснои иттилооте, ки ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни онҳо вобастабуда, на аҳамияти тиҷоратӣ, балки давлатӣ доранд, дохил мешавад» [87, с. 14; 154].

Ҳолатҳои баёнгардидаро таҳлил намуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки сирри бонкӣ ва сирри хизматӣ ду намуди алорҳидаи сирри бо қонун ҳифзшаванда ба ҳисоб меравад. Зеро, ин ду намуди сирри бо қонунҳифзшаванда тавассути меъёрҳои алоиҳаи қонунгузорӣ танзим карда шуда, моҳият ва мазмуни алоҳида худро доранд. Мақсади асосии сирри хизматӣ ин фош накардани маълумотҳои идоракунии ин ва ё он ташкилоту муассисаҳо ба ҳисоб меравнд ва вобаста ба ворид шудани ба муносибатҳои меҳнатӣ ба миён меояд. Яъне, асоси пайдо шудани сирри

хизматӣ ин шартномаи меҳнатӣ ба ҳисоб рафта, асоси пайдо шудани сиррии бонкӣ ин мурочиат шахс ба бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ба шумор меравад.

**Алоқамандии сирри бонкӣ бо сирри касбӣ.** Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ақидаҳое ҷой доранд, ки тибқи онҳо сирри бонкӣ як намуди сирри касбӣ ба ҳисоб меравад [148, с. 53]. Тавре С.А. Даниленко, баён намудааст, ки хусусияти маълумотҳое, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд, дар он зоҳир мегардад, ки онҳо бинобар амалӣ намудани фаъолияти касбӣ ба ташкилотҳои бонкӣ маълум гардидааст. Сирри бонкӣ аз рӯи табиати худ ба ташкилоти қарзӣ ва ташкилоти хурди ба ин мақсад ташкилшуда маълум мебошад ва бинобат ин онро ҳамчун сирри касбӣ шуморидан дуруст мебошад [144, с. 92].

Фаткина Е.В. низ ҷонибдори ақидаи мазкур ба ҳисоб рафта, ибрози андеша намудааст, ки дар натиҷаи фаъолияти меҳнатии кормандони ташкилоти қарзӣ ва корреспандентҳои он дар ҷараёни фаъоиляти касбӣ иттилоот оид ба муштариро ба даст овардаанд инъикоскунандаи номгӯи сирри касбӣ мебошанд ва дар як маврид таҳти ҳимояи сирри бонкӣ қарор дода мешавад [157, с. 86-87].

Ба ақидаи мазкур пурра розӣ шудан ғайримкон мебошад. Зеро, мутобиқи талаботи қ.2 м. 18 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон «корманд уҳдадор аст: маълумотҳои дорои сирри давлатӣ, хизматӣ, тиҷоратӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда, бинобар иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ ба ӯ маълум гардидааст, фош накунад» [7].

Тибқи талаботи қ. 1 м. 49 К ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» «аз ҷониби кормандони роҳбарикунанда, кормандон ва намояндагони амалкунанда ё собиқи ташкилоти қарзӣ пешниҳод намудани сирри бонкӣ ба шахсони сеюм, ошкор кардан ё додани имконият барои таҳлили он манъ аст, ба истисноии ҳолатҳое, ки мувофиқи ҳамин Қонун иҷозат дода шудаанд» [27]. «Кормандони ташкилоти қарзӣ дар асоси шартномаи меҳнатии бо корфармо баста худ уҳдадорӣ бар зимма

гирифтаанд, ки иттилооти марбут ба сирри бонкиро махфӣ нигоҳ медоранд ва дар ин ҷода онро метавон ба иттилооти сирри касбии кормандон дохил намуд, «зеро иттилооти мазкур ба ташкилоти қарзӣ сирри бонкӣ мебошад ва кормандон, ки дар натиҷаи фаъоиляти худ дар ташкилоти қарзӣ бо чунин иттилоот ошно мешаванд, ба онҳо ҳамчун сирри касбӣ мебошад» [27] ва дар айни замон бояд ҳамчун сирри бонкӣ ҳифз карда мешавад. Аз ин рӯ, сирри касбии кормандони ташкилотҳои бонкӣ яке аз воситаҳои ҳифзи сирри бонкӣ баромад мекунад.

Сирри касбӣ нисбат ба сирри бонкӣ мафҳуми васеъ буда, ба ғайр аз кормандони муассиса ва ташкилотҳои қарзӣ инчунин ба тамоми соҳаи муносибатҳои касбу кор тааллуқ дорад.

**Алоқамандии низоми ҳуқуқии сирри бонкӣ ва маълумотҳои шахсӣ.** Дар асоси ҚҶТ «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» «маълумоти шахсӣ – маълумот дар бораи далелҳо, воқеаҳо ва ҳолатҳои ҳаёти субъекти маълумоти шахсӣ, ки ба айнияткунонии шахсияти ӯ имкон медиҳад» [30].

Агар ба мазмуни меъёри мазкур назар афканем, пас муайян мегардад, ки ба зумраи чунин маълумот дилхоҳ ҳолатҳои ҳаётии шахс дохил шуда метавонад ва ташкилоти қарзӣ, ки дар натиҷаи пешбурди амалиётҳои худ ва пешниҳоди он ба шахсони воқеӣ бешубҳа маълумотҳои шахсии онро ба даст меорад. Дар чунин ҳолат як иттилооти мавҷуда таҳти ҳимояи қонуни фаъолияти бонкӣ ва маълумоти шахсӣ қарор дода мешавад.

Комилан равшан аст, ки низоми ҳуқуқии сирри бонкӣ бо режими ҳуқуқии маълумоти шахсӣ бо ҳам зич алоқаманд аст. Бояд ба назар гирифт, ки қонунгузор ифшои иттилооти марбут ба сирри бонкиро ба баъзе мақомотҳои давлатӣ иҷозат додааст, ки бо пешбинӣ намудани меъёри ҳатмӣ то як дараҷа маҳрамияти маълумоти шахсиро маҳдуд намудааст [191].

Эҳтимол дорад, ки маҳдудияти низоми ҳуқуқии махфияти маълумоти шахсӣ ба таркиби махсуси субъектҳои низоми бонкӣ асос

ёфтааст, ки дорои ду сатҳ аст: Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои дигари қарзии молиявии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда. Фаъолияти ин субъектҳо истифодаи низоми ҳуқуқии сирри бонкиро дар бар мегирад. Бинобар ин, маълумоти шахсии шахсони воқеӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ дастрас карда шудааст ба номгӯи иттилооти сирри бонкӣ дохил карда мешавад, ки барои субъекти низоми бонкӣ ва ҳам барои соҳиби маълумоти шахсӣ яке аз ҷузъҳои сирри бонкӣ мегарданд. Мавҷудияти низоми ҳуқуқии сирри бонкӣ ва низоми ҳуқуқии маълумоти шахсӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати омӯзиши субъектҳои номбаршудаи низоми бонкӣ ва дигар иштирокчиёни инфрасохторро, ки бо субъектҳои бевосита ба фаъолияти бонкӣ машғуланд, пешакӣ муайян мекунад.

Баъзе иштирокчиёни фаъолияти бонкӣ ҷузъи инфрасохтори он нестанд: инҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти салоҳиятдоре мебошанд, ки фаъолияти мӯътадили фаъолияти бонкиро таъмин ва фароҳам меоранд. Ба мақомоти салоҳиятдор Агентии суғуртаи пасандозҳо, бюроҳои қарзӣ ва дигар субъектҳои инфрасохтори низоми бонкӣ дохил шуда метавонанд, ки ҳуқуқ доранд ба ташкилотҳои қарзӣ дархост пешниҳод намоянд. Яъне низоми ҳуқуқии маълумоти шахсӣ низоми мустақили иттилооти махфӣ буда, бо дигар низомҳои ҳуқуқии иттилооти дорои дастрасии маҳдуд табдил мешавад.

Тибқи талаботи қ.1 м. 8 ҚҶТ «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» «ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти шахсӣ бо розигии субъект ё намояндаи қонунии он аз тарафи доранда ва (ё) оператор, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 9 Қонуни мазкур, амалӣ карда мешаванд» [30].

Барои таъмини бехатарии маълумоти шахсӣ бояд оид ба ҳифзи онҳо аз тасодуфан ё беиҷозат ихроҷ шудан, нусхабардорӣ, дуздӣ, гум кардан, тағйир додан (сохтакорӣ) ва ифшо ё нобуд кардан чораҳо андешида шаванд(қ.3 м. 5 ҚҶТ «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ»).

Ба андешаи мо, низоми ҳуқуқии сирри бонкӣ бо низоми ҳуқуқии маълумоти шахсӣ пурра карда мешавад. Маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, як қатор маълумотҳоеро дар бар мегирад, ки маълумоти шахсиро ташкил медиҳанд. Дар натиҷа, тафсири васеи институти сирри бонкӣ ва мафҳуми иттилооти бонкӣ мантиқӣ ба назар мерасад. Баъд аз ҳама, аз як тараф, маълумоти шахсии шахс инъикоси ҳаёти шахсии шахсест, ки дахлнопазирии ӯ тавассути қонун ҳифз карда мешавад. Аз тарафи дигар, маълумоти шахсӣ як навъ варақаи шахси воқеиро дар ҷомеа ифода намуда, заминаи ҳуқуқӣ барои татбиқи қобилияти ҳуқуқии ӯ мебошанд.

Зербоби мазкури тадқиқоти диссертатсиониро ҷамъбаста намуда, ба хулосаҳои зерин ноил гардидем:

Сирри бонкӣ – маҷмӯи маълумотҳо дар бораи шахсият, фаъолият ва ҳолати молиявии муштарӣ мебошад, ки ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардида, низоми махсуси ҳимофро доро мебошад, ки фош кардани он боиси вайрон гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муштарӣ зарар мерасонад ва боиси пайдо шудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад.

Ба андешаи мо, сирри бонкӣ институти мустақил ва алоиҳаи ҳуқуқие мебошад, ки тавассути қонунгузории махсус ҳифз карда шуда, ҳамчун як намуди мушаххаси сирри тиҷоратӣ ба ҳисоб намеравад.

Омӯзиши алоқамандии сирри бонкӣ бо дигар намудҳои сирри бо қонун ҳифзшаванда хусусиятҳои зерини сирри бонкиро нишон медиҳад: якум, сирри бонкӣ дорои низоми махфияти худ буда, дастрасӣ ба он маҳдуд мебошад, дуюм,  сирри касбӣ дар талаботи қонун ҳамчун сирри хизматӣ ишора мегардад ва ҳифзи маълумотҳои шахсӣ ба мо имкон медиҳад, ки ҳимояи иттилоти сирри бонкиро пурзӯр намоем, ки тавассути он маълумоти ягона (як маълумот) дохил мешаавад, сеюм бо пешбинӣ намудани мафҳуми сирри бонкӣ дар қонун амали меъёри моддаи 23 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, як

қисми  дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ тавассути муқаррар намудани чзо ва ҷавобгарӣ мавриди ҳимоя қарор дода мешавад.

Тавре маълум аст, дар КМ ҶТ танҳо дар боби 49 (Суратҳисоби бонкӣ) меъёр доир ба маҳрамияти маълумот пешбинӣ шуда, дар дигар меъёрҳои КМ ҶТ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ таҳти танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудаанд, ки ба фаъолияти бонкӣ дахл доранд.

Ба ғайр аз ин, дар муносибатҳои қарзӣ ба ғайри аз ташкилотҳои қарзӣ инчунин, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баромад карда метавонанд, ки КМ ҶТ механизми ҳимояи чунин маълумотро ба таври махсус пешбинӣ накардааст. Масалан, тибқи талаботи моддаҳои 888-899 КМ ҶТ қарздиҳанда метавонад, дилхоҳ шахс баромад намояд. Аммо дар меъёри мазкур маҳрамияти муносибатҳои қарзӣ пешбинӣ нагардидааст. Бинобар ин, бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар ин самт чунин тағйиротҳо пешниҳод карда мешавад:

Ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон:

Моддаи 891[1] дар таҳрири зерин қабул карда шавад:

**«Моддаи 891[1]. Маҳрамияти  маълумот дар бораи қарз**

**5.** Маълумот дар бораи қарз, фоизҳо он ва ҷаримаҳои ҳисобшаванда, инчунин маълумотҳои шахсии қарзгиранда маҳрамона буда, қарздеҳ уҳдадор мешавад, ки маҳрамияти мазкурро ҳифз намояд.

**6.** Вайрон кардани талабот дар бораи маҳрамияти маълумот дар бораи қарз, асос барои ҷуброни зарари расонидашуда мебошад».

## 1.3. Асосҳои меъёрии сирри бонкӣ: таҳлили қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ

Ҳуқуқ ба сирри бонкӣ яке аз ҳуқуқҳои муҳими инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад, ки аз тарафи якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим даровarда шудааст. Аз ин рӯ, бо мақсади таҳлили дуруст ва пурраи рисолаи  илмӣ таҳлили асосаҳои қонунгузории танзими сирри бонкӣ аз манфаит холӣ намебошад.

Тавре дар зербоби қаблӣ «ба хулоса омадем, ки сирри бонкӣ яке аз намудҳои сирри шахсӣ, касбӣ, оилавӣ мебошад. Аз ин рӯ, тибқи моддаи 3 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии ӯ ҳеҷ як фард дахолати худсарона намудан ва ба дахлнопазирии манзил, сирри мукотибот, шараф ва обрӯи ӯ худсарона суиқасд намудан мумкин нест» [75, с. 9-14].

Меъёри мазкур сарчашмаи асосии қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон мебошад. Ҳуқуқ ба сирри бонкӣ ва сирри оила дар дигар санади меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ба монанди, моддаи 17 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ [75, с. 15-36] низ мустаҳкам гардидааст.

Махфият ва маҳрамият ҳуқуқи ҳар як инсон ва шаҳрванд ва дар як маврид уҳдадории давлат мебошад, ки бо он муҳити шахсӣ ва оилавии худ шахс ҳимоя карда мешавад, яъне бо роҳи манъ намудани дастрасӣ ба дигар шахсон амалӣ карда мешавад. Объекти маълумотҳои дорои хусусияти махфӣ чунин мебошад:

-маълумоти умумии шахс: ба номгӯи мазкур маълумоте ворид мешаванд, ки иттилооти ҳаётии шахсро ташкил медиҳад, ба монандӣ вазъи молиявию саломатӣ ва оилавӣ;

- маълумотҳои иртиботии шахс: ба зумраи маълумоти мазкур муоширати шахс тавассути воситаҳои шабакаҳои алоқаи барқӣ ва почтавӣ мебошад, аз ҷумла мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, ки датсрасии онҳо маҳдуд карда шуда, танҳо бо қарори суд ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дода мешавад;

-маълумот дар хусуси дорои шахс: манъ гардидани воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил ва манъ гардидани бе иҷозати ӯ истифода гардида молу мулк;

-маълумоти марбут ба шахсият ва муносибатҳои оилавӣ: ба зумраи он иттилоот дар бораи ҳамсар, фарзандон, фарзандхондашудагон, дар бораи ҷои кор, ташкилотҳои ташкилнамуда ва ғайра;

-категорияҳои дахлдори маълумот бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии муайян ба сифати маълумоти дорои сирри хусусӣ тасниф карда мешаванд [194].

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда санадҳои меъёрии хусусияти умумидоштаи байналмилалӣ ба ҳисоб меравед. Дар доираи СММ инчунин, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул карда шудаанд, ки ба танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба сирри бонкӣ равона карда шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти махсусдошта мебошанд. Конвенсияи байналмилалии СММ оид ба мубориза бо маблағгузории терроризм аз 09 декабри соли 1999 яке аз ҳуҷҷатҳои расмии байналмилалӣ дар ин самт мебошад.

Моддаи 2 Конвенсияи мазкур муқаррар намудааст, ки ҳар як шахс тибқи мазмуни Конвенсияи мазкур ҷиноят содир карда эътироф мешавад, агар он шахс бо ягон воситаи бевосита ё ғайримустақим, ғайриқонунӣ ва қасдан маблағҳоро бо мақсади истифода бурдани онҳо ё бо донистани он, ки пурра ё қисман истифода бурда мешавад, бо мақсади амалӣ намудани:

а) ҳама гуна амале, ки ҷиноятро ташкил медиҳад, ки дар доираи татбиқи яке аз шартномаҳои дар замима зикршуда ва тавре ки дар он муайян шудааст;

б) ҳама гуна амали дигаре, ки барои марг ё осеби вазнини ҷисмонӣ расонидани як шаҳрванди ғайринизомӣ ё ягон шахси дигаре, ки дар амалиёти ҷангӣ дар вазъияти мунокишаи мусаллаҳона иштирок намекунад, агар ҳадафи ин амал аз рӯйи табиат ё мазмунаш тарсондан ба аҳолӣ ё маҷбур кардани ҳукумат ё ташкилоти байналмилалиро ба анҷом додан ё худдорӣ кардан аз анҷом додани ягон амал бошад.

Ҳар як давлати узв мувофиқи принсипҳои ҳуқуқии дохилии худ барои муайян кардан, ошкор кардан, ях кардан ё мусодираи ҳама гуна маблағҳои бо мақсади содир намудани ҷиноятҳои дар моддаи 2 пешбинишуда истифодашаванда ё ҷудошуда, инчунин даромади аз ин

ҷиноятҳо бадастомада бо мақсади мусодираи эҳтимолӣ чораҳои зарурӣ меандешад(м. 8).

Конвенсия як қатор воситаҳои пешгирӣ ва ҷилавгирӣ аз омодагии молиявии амалҳои террористиро дар бар мегирад, аз ҷумла:

- ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз ҷумла нисбати шахсони ҳуқуқӣ барои пешниҳод ё ситонидани маблағҳо бо мақсади истифодаи онҳо барои содир намудани амалҳои террористӣ;

- ошкор ва бастани ҳама гуна воситаҳое, ки террористон бо мақсади мусодираи эҳтимолӣ истифода мебаранд;

- таъмини ногузирии муҷозоти террористон, аз ҷумла тавассути татбиқи принсипи «супурдан ё ба ҷавобгарӣ кашидан»;

- истирдоди террористон, аз ҷумла дар асоси худи ҳамин Конвенсия;

– манъи рад кардани дархост оид ба ёрии ҳуқуқӣ ба ҳамдигар дар асоси сирри бонкӣ ва ғайра.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз соли 2004 аъзои Конвенсияи мазкур мебошад, то ин вақт якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул намудааст, ки дар поён дар бораи онҳо таҳлилҳои худро манзур менамоем.

Принсипҳои Волфсберг [183] ва 40 тавсияи ФАТФ, ки соли 1990 қабул шудаанд, «муқаррароти афзалиятноки фаъолияти бонкҳоро ҷиҳати пешгирии истифодаи низоми бонкӣ барои қонунигардонии даромадҳо аз ҷиноятҳо» [106] дар бар мегиранд, дар соҳаи баррасишаванда аҳаммияти хоса доранд.

Моҳияти ин ҳуҷҷатҳо аз муқаррар намудани уҳдадории бонкҳо оид ба муқаррар намудани муносибатҳо танҳо бо он мизоҷоне, ки манбаи даромадашон манбаи ҳуқуқӣ тасдиқ шудааст, иборат аст. Маҳз аз ҷониби ташкилоти мазкур бори нахус принсипи асосии «Муштарии худро бидонед» коркард карда баромада шуд, ки тибқи талаботи он ташкилоти қарзӣ бояд уҳдадор карда шавад, ки муштарӣ, принсипал ва бенефитсиарро бояд таҳти санҷиши дахлдор қарор диҳад. Ҳамзамон, дар асоси талаботи мазкур ташкилоти қарзӣ қабл аз гузаронидани амалиёт

бояд дар бораи муштарӣ ва бенефитсиар маълумот ба даст оварда, «дар ҳолати мутобиқат доштани он ба талаботи ФАТФ ва қонуни давлатӣ оид ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба дастомада пешниҳоди аҳди бонкиро ба ӯ рад менамояд» [89, с. 14].

«Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 октябри соли 2009, №724 бори нахуст дар «Бонки миллии Тоҷикистон департаменти мониторинги молиявӣ таъсис дода шуда, сохтори мазкур уҳдадор гардид, ки талаботҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди расмикунонии пул (ФАТФ) ва амалӣ қонуни соҳавиро дар самти қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм бо роҳи ҷамъоварӣ бар зимма дошта, тибқи он уҳдадор аст, ки таҳлил ва пешниҳоди иттилоот ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд». Воҳиди сохтории мазкур оид ба мутобиқ будани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсияҳои ФАТФ дар як сол ду маротиба дар назди гурӯҳи ФАТФ дар Аврупо ва Осиё ташкилшуда маълумот медиҳад» [89, с. 14].

Пеш аз ҳама ҷорӣ намудани талаботи Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди расмикунонии пул (ФАТФ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҷалб намудани сармоягузории кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Созишнома дар бораи табодули маълумоти ҳисобҳои ғайрирезидентҳо дар шаҳри Берлин санаи 30.10.с.2014 дар самти мубодилаи электронии худкорӣ иттилооти марбут ба сирри бонкӣ қабул карда шуд, ки дар 51 давлати ҷаҳон қобили қабул шуморида шуда, дар асоси он бори нахуст ҳисоботи соли 2016 дар соли 2017 вобаста ба ғайрирезидентҳо пешниҳод гардид. Дар заминаи созишномаи зикргардида, иттилоот дар бораи даромад, мавҷудияти двидентҳо ва дигар даромадҳо, PMA, маълумоти дар шиносномаи онҳо зикргардида пешниҳод мегардад.

Баъд аз қабули созишномаи мазкур кишварҳое, ки онро дар давлати худ ба тасвиб расонидан ба қонуни вобаста ба сирри бонкӣ таъсир расонида, қисман маълумотҳои ғайрирезиденҳоро аз таҳти ҳимоя берун намуд, ки сабаби асосии қабули чунин созишнома ин пешгирӣ намудани қонунвайронкунӣ дар самти напардохтани андозҳо мебошад [157, с. 174].

Тибқи FATCA як қатор созишномаҳо ва талаботҳо таҳия ва қабул карда шуданд, ки дар асоси он иттилоот дар бораи ҳолати молиявии шаҳрвандони хориҷӣ ва ташкилотҳои хориҷӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод мегардад, ки ин номгӯйи маълумоти бо низоми сирри бонкӣ ҳифзшавандаро тибқи қонунгузории давлатҳое, ки созишномаҳои байниҳамдигарии дахлдор бастаанд, объективона танг мекунад.

Дар соли 2005 амалӣ таърихӣ ба вуқӯъ пайваста, иттиҳоди байнибонкӣ «Созишномаи ҳамкории байнибонкӣ»-ро дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия ба тасвиб расонид ва расмат ба фаъолияти худ ҳусни оғоз бахшид.

Яке аз рӯйдоди муҳим дар ин хусус он мебошад, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар ҷаласаи ибтидоӣ узви комилҳуқуқи Иттиҳоди байнибонкии Созмони ҳамкории Шанхай гардид ва бинобар сабаби ворид шудан ба чунин ташкилоти бонуфуз Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки рушди Чин ҳамкории худро ногусастанӣ гардониданд.

Дар ҳақиқат истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун неъмати бебаҳо ба ҳисоб меравад, зеро маҳз баъд аз рӯйдоди муҳим Бонки миллии Тоҷикистон робитаи худро мустақилона бо бонкҳои Осиё марказӣ ва дигар бонкҳои бонуфузӣ ҷаҳонӣ ба монандӣ Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (1992), Хазинаи Байналмилали Асъор, Бонки Ҷаҳонӣ (1993), Бонки Исломии Рушд (1996), Бонки Осиёии Рушд (1998), Созмони Ҳамкории Шанхай, Бонки рушди иттиҳоди иқтисодии АврОсиё дар доираи ИДМ, Фонди Саудии Рушд (ФСР), Фонди Кувайтии Рушди Иқтисодии Араб (ФКРИА), Фонди Созмони Кишварҳои Содиркунандаи Нафт (ОПЕК), ба роҳ монда, як қатор созишномаҳои тақдирсозро ба

тасвиб расонид, ки барои рушди минбаъдаи Тоҷикистон такони ҷиддӣ бахшид.

Баҳри дуруст ба роҳ мондани сиёсати молиявию қарзӣ Бонки миллии Тоҷикистон 7.12.с.2011 бо мақсади иҷро дастури супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз ташкилотҳои байналмилалии бонуфузи ба номи иттиҳоди дастрасии молиявӣ (Alliance for Financial Inclusion-AFI) пазируфта шуд, ки дар ташкилоти мазкур зиёда аз 120 ташкилот аз 90 давлати ҷаҳон фаъолият доранд.

Ҳамчунин, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун яке аз бонкҳои салоҳиятдори давлатӣ, бо мақсади таҷрибагирӣ аз бонкдории давлатҳои пешрафта кӯшишҳои зиёде ба харҷ додааст ва дар ин замина Клуби мудирони бонкҳои марказии кишварҳои Осиёи Марказӣ, минтақаи Баҳри Сиёҳ ва Балкан ҳамкорӣ намуда, созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба расмият даровардааст [88, с. 158-160].

Дар доираи давлатҳои ИДМ санади муҳиме, ки ба таҳкими сирри бонкӣ мусоидат намудааст, ин Қонуни намунавӣ «Оид ба сирри бонкӣ» ҳамчун қонунӣ роҳнамо ба ҳисоб меравад, ки бо қарори ҷаласаи чордаҳумин пленарии Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви ИДМ аз 16 октябри соли 1999 таҳти №14-7 таҳия ва тасвиб расид.

Қонуни мазкур муносибатҳоеро, ки вобаста ба гирифтан, нигоҳдорӣ, ҳифз, интишор ва пешниҳоди маълумоти дорои сирри бонкӣ ба миён меоянд, инчунин ҷавобгариро барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи сирри бонкӣ танзим менамояд.

Дар қонуни намунанавии мазкур мафҳуми васеи сирри бонкӣ пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он сирри бонкӣ – маълумоте, ки бонк ё ташкилоти қарзӣ дар бораи амалиётҳои бонкӣ ва байнибонки ва муомилот ба манфиати мизоҷон, суратҳисобҳо ва пасандозҳои муштариён ва корреспондентҳои он, инчунин маълумот дар бораи худи мизоҷон ва корреспондент, ки ифшои онҳо метавонад ҳуқуқи

дахолатнопазирии ҳаёти шахсии онҳоро вайрон кунад, ҳифз карда мешавад.

Қонуни мазкур нисбат ба бонкҳои маркази давлатҳои аъзо (Бонки миллӣ, Бонки давлатӣ ва ғ.) монеагиҳоро пешбинӣ намудааст, ки тибқи он ташкилоти қарзӣ наметавонад маълумотҳои дар натиҷаи ҳисоботдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ гирифтааст, ифшо намояд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории миллӣ ифшо намояд.

Дастоварди муҳими қонуни мазкур инчунин дар он ифода меёбад, ки дар он меъёри мушаххас вобаста ба пешниҳод намудани маълумоти дорои сирри бонкӣ доир ба парвандаи ҷиноятӣ (м. 9), доир ба парвандаҳои маданӣ ва ё иқтисодӣ, арбитражӣ (м.10), пешниҳоди чунин маълумотҳо ба идораҳои нотариалӣ ва ворисони суратҳисоб (м. 11), пешниҳоди маълумотҳое, ки дорои сирри бонкӣ мебошад ба мақомотҳои назорати асъор, мақомотҳои андоз ва гумрук (м.12), пешниҳоди маълумотҳои мазкур ба ташкилотҳои бонкӣ (м.13) дар алоҳидагӣ танзим карда шудааст.

Бонк (ташкилотҳои қарзӣ) тибқи моддаҳои 10, 11, 12 ва 13 Қонуни намунавии мазкур танҳо дар бораи муштарии худ маълумот медиҳанд, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад.

Бархе аз давлатҳои аъзои ИДМ дар доираи муқаррароти Қонуни намунавиии зикргардида, қонунҳои алоҳидаи худ дар бораи сирри бонкиро қабул намудаанд, ки доир ба он дар зербоби минбъада ақидаҳо баён мегардад.

«Бо мақсади баҳрагирӣ аз ташкилотҳои хориҷӣ Бонки миллии Тоҷикистон бо ташкилотҳои брунмарзӣ як қатор шартномаҳои ва созишномаҳои ҳамкориро ба имзо расонидааст аз ҷумла: - бо Маркази мониторинги молиявии Бонки маркази Арманистон (майи соли 2011); - бо Хадамоти давлатии кашшофии молиявии Ҷумҳурии Қирғизистон (декабри соли 2010); - бо Хадамоти федералии мониторинги молиявии Федератсияи Русия (майи соли 2012); - бо Хадамоти давлатии

мониторинги молиявии Украина (июли соли 2012); - бо Идораи кашшофии молиявии Вазорати молияи Туркманистон (соли 2012); - бо Мақомоти кашшофии молиявии Ҷумҳурии Исломии Эрон (майи соли 2012) Шурои мудирони мақомоти кашшофии молиявии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (соли 2013)» [89, с. 192].

Низмои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар ташкилотҳои байналмилаллии ҳам сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳам сатҳи минтақавӣ низ ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст. Чунин ҳамкориҳо ба он мусоидат намудааст, ки миёни низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳо созишномаҳои дуҷониби ба имзо расонида шудаанд, ки онҳо ба таҳкими институти сирри бонкӣ мусоидат намудаанд.

Аз ҷумла, Созишнома дар бораи махфият, ки байни ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои қарзии Федератсияи Россия ба имзо расонида шудааст, ба ҳисоб меравад. Мавзуи асосии созишномаи мазкур ин  тартиб ва шартҳои интиқол, гирифтан ва истифодаи иттилооти дастрасии маҳдуд аз ҷониби тарафҳо, ки маълум шудааст ё аз ҷониби тарафҳо ба ҳамдигар дода мешавад, ташкил медиҳад. Муқаррароти Созишномаи мазкур нисбат ба ҳамаи созишномаҳое, ки аз ҷониби тарафҳо баста мешаванд, инчунин ба ҳама гуна маълумоте, ки тарафҳо дар марҳилаҳои гуфтушунид оид ба бастани созишномаҳо ба ҳамдигар интиқол медиҳанд, татбиқ карда мешаванд.

Бо назардошти хусусияти махфӣ доштанри созишномаи мазкур мазмун ва моҳияти асосии созишномаи мазкурро дар маводҳои дастраси умумӣ таҳлил намудан иҷозат надорад. Дар робита ба масъалаи ҷойдошташуда бештари вақт дар созишномаҳои баимзорасида масъалаи мубодилаи иттилооти марбут ба сирри бонкӣ ҳаллу фасл карда мешаванд ва ҳамзамон дар онҳо ҳолатҳои надодани чунин иттилоот зикр карда мешавад ва замиинаи муҳими рушди институти сирри бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Аз таҳлили муқоисавии ҳуқуқии гузаронидашуда мушоҳида намудан имконпазир аст, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ як қартор санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалиро ба тасвиб расонидааст, ки масъалаи сирри бонкиро дар бар мегирад ва он аз рӯи хусусияти худ ба созишномаи дуҷониба, баналмилалӣ ва минтақавӣ тафриқагузорӣ карда мешавад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилаллӣ заминаи муҳими рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд, ки қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эътироф ва ҷори намудани дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва махфи будани маълумотҳои марбут б фардият хело бузург азрёби мегардад, зеро бо пешбинӣ намудани чунин меъёр дар моддаи 23 заминаи асосии ҳуқуқиро ба миён овард ва бори нахуст баъди соҳибихтиёрии Тоҷикистон ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва ифшои иттилооти сирри шахсӣ (аз ҷумла сирри бонкӣ) маҳдуд гардида, танҳо ба шахсони алоҳида пешниҳод намудани он бо тартиби устуворӣ қонунгузорӣ иҷозат гардид. Барои таъмин кардани ҳифзи ин ҳуқуқи конститутсионии шахс қонунҳои соҳавӣ махфӣ будани сирри бонкӣ, тиҷоратӣ ва хизматиро муайян кардаанд [95, с. 141-142].

Қонуни махсуси соҳавӣ, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқиро вобаста ба сирри бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намудааст, ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» мебошад.

Дар моддаи 48 Қонуни мазкур номгӯйи мақомоте пешбинӣ шудааст, ки ба онҳо маълумоти дорои сирри бонкӣ дода мешаванд ва дар баъзе ҳолатҳо шартҳои муайяне муқаррар карда шудааст, ки тибқи онҳо ин маълумот метавонад ба онҳо дода шавад.

Таҳлил намудани меъёрҳои қонун вобаста ба дастрасии мақомотҳои давлатӣ ба иттилооти дорои сирри бонкӣ барои идома таҳқиқоти гузаронидашаванда саривақти ва муҳим арзёбӣ шуда, барои саҳеҳии рисолаи таҳқиқотӣ мусоидат мекунад.

Тавре ки Сапожников Н., қайд мекунад, маълумоте, ки сирри бонкиро ба маънои маҳдуд ташкил медиҳад, аз рӯи вобастагии худи иттилоот ба соҳибони он яъне, мизоҷони бонк ва намояндагони ваколатдорӣ онҳо дода мешавад. Дар ҳолатҳои дигар маълумотҳои зикргардида танҳо ба мақомоти давлатӣ ё шахсони мансабдори он бо тартиби қатъии муқаррароти қонунгузорӣ манзур карда мешавад. Доираи шахсоне, ки ба маълумот оид ба суратҳисобҳо ва пасандозҳои шахсони воқеӣ дастрас мебошанд, аз як тараф ва шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, аз тарафи дигар гуногун аст. Тафовути муносибат ба ин масъала, дуруст арзиёби карда мешавад, зеро давлат тибқи қонуни асоси худ ухдадорӣ бар зимма гирифтааст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро таъмин менамояд ва танҳо бо мақсади нигоҳдории манфиати нигоҳ доштани сохтори конститутсионӣ, риояи ҳуқуқу озодиҳои дигарон воқеан дахолати давлат ба чунин маълумот бештар ба назар мерасад [134, с. 12; 187].

Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3], Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [2], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [11], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [14], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» [16], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» [17], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» [12] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» [15] ҳуқуқи мақомотҳои зикршуда бобати гирифтани маълумотҳои зарурие, ки хусусияти сирри бонкиро ташкил медиҳанд, пешбинӣ намудаанд.

Баъзе масъалаҳое, ки зимни фаъолияти мақомотҳои мазкур ба миён омадаанд, таҳлил хоҳем кард.

Чунончӣ, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» меъёри мушаххасе, ки бонкҳоро ҷиҳати ба прокуророн пешниҳоди маълумоти доррои сирри бонкӣ доштаро уҳдадор намояд, ҷой надорад. Танҳо дар Қонуни конститутсионии мазкур муқаррар гардидааст, ки «ахбори оморӣ ва ахбори дигар, маълумот, ҳуҷҷатҳо ё нусхаҳои онҳо, ки барои амалӣ намудани назорати прокурорӣ ё тафтиши ҷиноят заруранд, бо талаби прокурор ё муфаттиш ройгон дода мешаванд» [2].

Аз муқаррароти мазкур оё хулоса намудан мумкин аст, ки прокурор ба маълумотҳои дорои хусусияти сирри бонкӣ ҳуқуқи бевоситаи дастрасӣ дорад. Масалаи мазкур дар адабиётҳои ҳуқуқӣ аз тарафи олимон гуногун баҳогузорӣ карда шудааст. Чунончӣ, ба андешаи Хакулова М.Х. қонун дар бораи прокуратура ваколатхои прокурорро дар соҳаи назорат муқаррар менамояд, ки аз роҳбарони муассисаю ташкилотҳои тафтишшаванда талаб намудани ҳуҷҷатҳо, маводҳо ва дигар маълумотро дар бар мегирад. Ин ваколатҳо қобилияти дархост кардани маълумот аз муассисаҳо дар бораи шахсони сеюмро дар бар намегиранд. Ҳамин тариқ, ҳангоми аз ташкилоти қарзӣ на дар бораи худ, балки дар бораи мизоҷони он маълумот талаб кардани прокуратура ваколатҳои прокурор ба имконияти гирифтани маълумоти аз тарафи муассиса ҳифзшавандаи сирри бонкӣ, дахл надорад [140, с. 20].

Андешаи мазкур аз ҷониби Андронова Т.А. дастгирӣ карда шуда, номбурда чунин иброз намудааст, ки азбаски қонунгузорӣ дар бораи бонкҳо мақомоти прокуратураро ба қатори мақомоте дохил накардааст, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба маълумоти дорои сирри бонкиро доранд, онҳо ҳуқуқ надоранд аз бонкҳо пешниҳоди баъзе намудҳои маълумотро талаб кунанд, гарчанде ки қонун дар бораи фаъолияти онҳо ҳуқуқи талаб

кардани ҳама гуна маълумоти ба онҳо заруриро пешбинӣ кардааст [144, с. 135-136].

Ақидаҳои мазкур қобили дастгирӣ мебошад. Зеро, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба дахлнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавиро муқаррар намудааст, ки он арзиши олӣ мебошад. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» мақомоти прокуратура ба зумраи мақомоте, ки маълумоти сирри бонкӣ, бевосита ба онҳо дода мешавад, номбар нагардидааст. Аз ин рӯ, прокурор ба маълумотҳои дорои сирри бонкӣ ҳуқуқи дастрасӣ надорад. Аммо чунин муносибат нисбат ба бонкҳои исломӣ фарқ мекунад, ки дар онҳо прокуророн дар доираи парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқи гирифтани маълумоти сирри бонкиро доро мебошанд.

Агар аз ҷониби мақомоти прокуратура тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ амалӣ карда шавад, пас дар ин ҳолати субъекти гирандаи маълумолти дорои сирри бонкӣ прокурор набуда, балки шахси мурофиавии дигар – муфаттиш баромад мекунад, ки тартиби дастрасии муфаттиш ба маълумотҳои сирри бонкиро на Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» балки Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [9] ба танзим медарорад.

Ҳолатҳои зикргардида дар дигар Қонунҳои ҶТ «Дар бораи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ» низ ҷой дорад. Аз ин рӯ, муфаттишоти мақомотҳои мазкур зимни тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ба КМҶ ҶТ такя мекунанд.

Муштиколи асосиро дар ин самт барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ ва муфлисшавии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои бонкӣ ба миён меорад. Чункӣ, дар ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» мудирони махсуси ташкилотҳои қарзии барҳамхуранда дар руйхати шахсони ба маълумоти

сирри бонкӣ ҳуқуқдошта дарҷ нагардиидаанд. Тибқи моддаи 13 ҚҶТ «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» «маълумот дар бораи вазъи молиявии ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла маълумот дар бораи қарздорон, ба истисноии маълумот дар бораи амонат ва пасандозҳои шахсони воқеӣ минбаъд маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ва бонкӣ ҳисобида намешаванд ва маълумот дар бораи амонатгузорону пасандоздорон, ба истисноии маълумот оид ба маблағи умумии талаботи онҳо, шахсони вобастаи ташкилоти қарзӣ ё шахсони тибқи Қонуни мазкур ба фаъолияти ғайриқонунӣ гумонбаршуда, махфӣ боқӣ мемонад»[12].

Аз мазмуни меъри мазкури қонунгузорӣ маълум мегардад, ки ҳангоми оғоз намудани расмиёти муфлисшавӣ сирри бонкӣ мазмун ва моҳияти худро нигоҳ медорад.

Мутобиқи талаботи моддаи 17 ҚҶТ «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» «мудири махсус рӯйхати қарздеҳон ва қарздорони ташкилоти қарзиро тартиб дода, вазъи молиявии ташкилоти қарзиро бо мақсади ситонидани қарзҳо, арзёбии тавозун, фурӯши молу мулк ва пардохти қарзҳои кредиторон, баррасӣ менамояд. Яъне, мудири махсус ягона шахсе мебошад, ки ба ташкилоти қарзӣ роҳбарӣ карда, онро бе ваколатнома намояндагӣ мекунад» [12].

Вобаста ба ин, дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ақидаҳои ҷолебе ҷой доранд, ки дар қонунгузориҳо оид ба муфлишавӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои қонунгузорӣ такдири минбаъдаи сирри бонкӣ ҳал карда нашудааст [120].

Аз ин рӯ, бо мақсади ба амалия ва ба қонунгузорпӣ мувофиқат намудани қонунгузории амалкунанда, пешниҳод карда мешавад, ки ба қисми 3 моддаи 48 ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» сархати 10 бо мазмуни зерин илова карда шавад: « – ба мудирони ташкилотҳои барҳамхуранда, ки дар асоси таъиноти суди иқтисодӣ таъин гардидаанд.»

Тавре дар зербобҳои қаблӣ баён намуда будем, масъалаҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудааст ва вобаста ба норасогиҳои қонунгузорӣ дар ин санади кодификатсионӣ пешниҳодҳои худро манзур намуда будем. Қонунгузории амалкунанда дастрас намудани маълумотҳои сирри бонкиро дар асос ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҳавола намудааст.

Аз ин рӯ, тасмим гирифтем, ки баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки тибқи онҳо маълумотҳои сирри бонкӣ гардиш дода мешавад, таҳлил намоем. Чунончӣ, мутобиқи талаботи моддаи 12 Қ ҶТ «Дар бораи таърихи қарз (кредит)» Бюрои таърихи қарз уҳдадор аст, ки таърихи қарзи ҳар як ташкилоти қарзиро махфӣ нигоҳ дошта дастрасии фосилавии онро танҳо бо бастани шартномаи хизматарсонӣ ба ташкилоти қарзии дигар манзур намояд.

Аз мазмуни меъёри мазкури қонунгузорӣ маълум мегардад, ки масъалаҳои ҳуқуқӣ вобаста ба пешниҳоди маълумотҳо ба Бюрои таърихи қарз, ки дар онҳо маълумотҳои дорои сирри бонкӣ мавҷуданд, тавассути ҚҶТ «Дар бораи таърихи қарз (кредит)» ба танзим даровварда шудаанд.

Мутобиқи талаботи қисми 1 «моддаи 105 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои қарзии молиявӣ уҳдадоранд:

- дар асоси мактуби иттилоотии мақомоти андоз суратҳисобҳои бонкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро кушоянд, ба истисноии суратҳисобҳои пасандозии шахсони воқеӣ, ва дар муҳлати 5 рӯз тавассути шабакаҳои алоқаи электронӣ ба мақомоти андоз иттилооти мазкурро ирсол намоянд;

- ҳама гуна амалиётҳои бонкиро бо нишон додани рақами мушаххаси андозсупоранда анҷом диҳанд;

- бо дархости хаттии мақомоти андоз дар муҳлати 5 рӯз иттилоотро дар бораи суратҳисобҳои бонкӣ, бақия ва гардиши маблағҳо дар суратҳисобҳои андозсупорандаи санҷишшаванда пешниҳод намоянд;

- ҳангоми қабули ҳуҷҷатҳо оид ба пардохти андозҳо дарҷ намудани рақами мушаххаси андозсупоранда ва намудҳои андозҳои пардохтшавандаро (рамзҳои андозҳоро) талаб намоянд, инчунин дуруст дарҷ намудани реквизитҳои бонкии гирандаи пардохтро назорат кунанд;

- дар асоси дархости хаттии мақомоти андоз дар муҳлати 5 рӯз дар бораи суратҳисобҳои бонкӣ, бақия ва гардиши маблағҳои андозсупорандагоне, ки нисбати онҳо қарор дар бораи ба таври ғайрисудӣ рӯёнидани қарзҳои эътирофшудаи андоз қабул гардидааст ва (ё) андозсупорандагони бемасъулият эътироф шудаанд, маълумот пешниҳод намоянд» [4].

Моддаи 9 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ки «мақомоти гумрук метавонанд тибқи тартиби байни мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ва мақоми давлатии ваколатдор мувофиқашуда, бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳимояи сирри давлатӣ, тиҷоратӣ, бонкӣ, андоз ва дигар сирри қонунан ҳифзшаванда ва дигар маълумоти махфӣ (конфиденсиалӣ) маълумоти гирифтаашонро ба мақоми давлатии ваколатдор диҳанд, агар чунин маълумот барои ин мақомот ҷиҳати иҷрои вазифаҳои мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаашон гузошташуда зарур бошад».

Аммо дар қисми 3 моддаи 48 КҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» пешниҳоди иттилооти дорои хусусияти сирри бонкиро ба як қатор мақомоти давлатӣ пешбинӣ намуда, ба номгӯи он мақомоти гумрук пешбинӣ накардааст. Аз ин рӯ, мақомоти гумрук наметавонад, ки маълумотҳои сирри бонкиро аз бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ дастрас намояд ва онро истифода намояд.

Аммо қонуни фаъолияти бонкӣ ягона қонуне намебошад, ки масъалаи сирри бонкиро дар бар гирад. Чунончӣ, тибқи талаботи қисми 6 моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» [24], мақомот, агентҳои назорати асъор ва шахсони мансабдори онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд сирри тиҷоратӣ, бонкӣ ва хизматии ҳангоми амалӣ кардани ваколатҳояшон маълумшударо махфӣ нигоҳ доранд. Чунин муқарраротро инчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» муқаррар намудааст. Зеро, тибқи моддаи 43-и он аъзои шӯрои нозирон, кормандони хазина ва шахсоне, ки зери роҳбарии онҳо кор мекунанд ё аз ҷониби хазина ҷалб карда мешаванд, бояд иттилооти фаъолияти ташкилоти қарзиро, ки дар натиҷаи татбиқи ҳамин Қонун дастрас мекунанд, махфӣ нигоҳ доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қатъномаҳои 1267, 1373, 2170 ва 2178-и Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид ва Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ бар зидди пулшӯйӣ ва маблағгузории терроризи (ФАТФ) рӯёдоди муҳим барои пешгирии қонунвайронкунӣ ба вуқуъ пайваста, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» [20] қабул гардид, ки яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли омро танзим намудааст. Дар асоси Қонуни мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 октябри соли 2013, №443 Низомномаи «Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» тасдиқ гардид,

ки Бонки миллии Тоҷикистон яке аз аъзоёни Комиссияи мазкур мебошад.

Ба ғайр аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда, инчунин баъзе масъалаҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ тавассути ҚҶТ «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» низ танзим карда шудааст, ки доир ба он дар зербоби қалбӣ андешаронӣ намудаем.

Муносибатҳои ҳуқуқиеро, ки дар рафти ташаккулу истифодаи иттилооти ҳуҷҷатшуда ва манбаю захираҳои иттилоот ба миён меоянд, офаридани технологияҳои иттилоотӣ, коркарди барномаҳои компютерии худкорӣ идоракунии иттилооот, бо ташкили низомҳои махсус муайян намудани тартиби ҳифозати он ва дар ниҳоят бояд нисбат ба ҳар як дорандаи иттилоот пешбинӣ намудани ҳуқуқу уҳдадориро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» [18] муайян мекунад.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ оид ба муносибати ғайриқонунӣ бо маълумотҳои сирри бонкӣ, инчунин дар дигар меъёрҳои қонунгузорӣ низ муқаррар гардидаанд, ки он мавзуи таҳлили зербобҳои минбаъда ба ҳисоб меравад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида нисбат ба сиррии бонкӣ хусусияти умумӣ доранд. Ба ғайр аз меъёрҳои умумие, ки дар боло қайд гардиданд, инчунин санадҳои меъёрии махсусе  амал мекунанд, ки ба танзими масъалаҳои сирри бонкӣ нигаронида шудаанд, ки инҳо пеш аз ҳама Қонунҳои ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» [28], «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» [25] мебошанд.

Чунончӣ, моддаи 54  ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» маасъалаҳои ҳуқуқии сирри бонкиро пешбинӣ намудааст, ки он шабеҳи моддаи 48 ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» мебошад. Фарқияти асосии ин ду меъёри қонунгузорӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар он

прокурор дар баробари таҳқиқбаранда ва муфаттишон ҳуқуқи гирифтани маълумотро доро мебошанд.

Моддаи 27 ҚҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» масъалаҳои ҳуқуқии махфиятро танзим намудааст, ки он шабеҳи моддаи 48 ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» мебошад, ки доир ба паҳлуҳои асосии қонунгузори махсуси соҳавӣ дар зербобҳои минбаъда фикру мулоҳизаҳо баён мегарданд.

Принсипҳои асосиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» [29] дар самти ҳифзи иттилоот ба танзим даровардааст. Чунончӣ, тибқи Қонуни мазкур тартиби ва шаклҳои ҳифзи иттилоот бо тарз ва усули мазкур муайян намудааст:

- шахсони бевосита ба иттилоот сарукордошта ухдадоранд ҳангоми ҳифзи иттилоот ба ҳолатҳои ташкилӣ ва техникии он диққат диҳанд, ки дар натиҷа риояи меъёрҳо ва талаботи қонун таъмин мегардад;
- дар самти ҳифзи иттилоот талаботҳои махсус мавҷуд мебошанд, ки дар асоси он ташкилотҳои коркардӣ иттилоот барномаи ҳисоббаробаркуниро барои таҷҳизоту дастгоҳо тартиб медиҳанд;
- мақомоти дахлдори давлатӣ бояд ҳамеша назорати иҷрои талаботи ҳифзи иттилоотро ба ҷо оварад.

Қонуни зикргардида, сарчашмаи асосии меъёрҳои қонунгузорие, ки ба ҳифзи маълумотҳои дорои сирри бонкӣ мебошад, ба ҳисоб меравад. Зеро, субъектони дорандаи маълумоти сирри бонкӣ аз рӯйи муқарраротҳои асосии Қонуни зикршуда механизмҳои асосии ҳифзи иттилоотро коркард ва истифода менамояд. Аз ин рӯ, метавон ҚҶТ «Дар бораи ҳифзи иттилоот» – ро ба зумраи қонунгузорие ворид намоем, ки бевосита ба сирри бонкӣ тааллуқ дорад.

Тавре маълум аст, қисми дигари низоми ҳуқуқиро санадҳои меъёрии зерқонунӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо дар асос ва барои иҷроиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул мегарданд. Аз ин рӯ, имрӯз дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии

зерқонуние амал мекунанд, ки бавосита муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба сирри бонкиро танзим намудаанд, аз ҷумла:

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 октябри соли 2013, №443 Низомномаи «Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» тасдиқ гардидааст. Комиссияи мазкур бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ дар татбиқи стандартҳои МКД/МТ/МПСҚО аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор таъсис дода шудааст

Инчунин, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 ноябри соли 2015, №646 «Тартиби гузаронидани чорабиниҳо оид ба манъ ва бекор кардани манъи воситаҳои молиявӣ ё дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳое, ки ба рӯйихати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд» қабул ва тасдиқ гардидааст;

Дастурамали №255 дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022 таҳти №157 қабул гардида, бо он санаи 29 октябри соли 2024 таҳти №77 тағйирот ворид карда шудааст [37; 201], махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳои дорои сирри бонкиро кафолат додааст. Чунончӣ, тибқи банди 80 – и он маълумот дар бораи қарзҳои аз суратҳисоб хориҷшуда махфӣ нигоҳ дошта мешавад;

Дигар ҳуҷҷати муҳиме, ки ба ҳифзи сирри бонкӣ нигаронида шудааст, ин Дастурамали №256 оид ба тартиб, муҳлат ва ҳаҷми иттилооту маълумоте, ки аз ҷониби Бюрои таърихи қарз ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2023 таҳти №32 қабул гардидааст [38; 201], ба ҳисоб меравад. Аммо тазаккур бояд дод, ки маълумотҳои дорои сирри бонкӣ асосан ба Бюрои таърихи қарз пешниҳод карда мешавад. Вале дар Дастурамали №256 муқаррароти алоҳида доир ба

махфияти маълумотҳои пешниҳодгардида ҷой надорад, ки ин камбудии ҷиддии санади меъёрии ҳуқуқии зикргардида ба ҳисоб меравад [201].

Талаботи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, инчунин таъмини амнияти иттилоот ҳангоми ташкили фаъолияти Бюрои таърихи қарзро Дастурамали №246 «Оид ба талаботи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти иттилоот ҳангоми ташкили фаъолияти Бюрои таърихи қарз» муайян ва танзим намудааст, ки он бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2021, таҳти №167 қабул гардидааст [40]. Масъалаи муҳиме, ки дар махфияти сирри бонкӣ зарур аст, дар Дастурамали мазкур танзим карда шудааст, зеро тибқи он компютери инфиродии корманд бояд дорои сохтори муҳофизатие бошад, ки компютери корӣ бояд воситаҳои таъмини мукаммалӣ ва махфияти таъминоти барномавиро дошта бошад;

Низоми мавҷудияти сирри бонкиро инчунин Дастурамали №171 «Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2011 таҳти №74 қабул гардидааст, ба танзим даровардааст. Чунончӣ, тибқи б. 9 – и он маълумот дар бораи мавҷудияти суратҳисоби бонкӣ, соҳиби он, маблағҳои пулии дар он мавҷудбуда ва амалиётҳо вобаста ба интиқоли маблағҳои пулӣ ва ашёи қиматбаҳо, ки дар ташкилоти қарзии молиявӣ нигоҳ дошта мешаванд сирри бонкӣ буда, ба шахси сеюм танҳо бо риояи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дода мешавад;

Вобаста ба иҷрои банди 2 Нақшаи кории Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, №2с/5 аз 25 декабри соли 2015, Дастурамал «Оид ба ташкили ҳамкорӣ дар бораи табодули маълумот байни Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти муқовимат ба қонунигардонии

(расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм»бо назардошти пешниҳодҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳия гардида, аз ҷониби роҳбарони аввали мақомоти дар боло зикршуда ба имзо расид ва аз моҳи феврали соли 2016 маврида амал қарор гирифтааст.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки гарчанде мудири махсус ягона шахсе мебошад, ки ба ташкилоти қарзӣ роҳбарӣ карда, онро бе ваколатнома намояндагӣ мекунад, аммо дар қонунгузориҳо оид ба муфлисшавӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ тақдири минбаъдаи сирри бонкӣ ҳал карда нашудааст. Аз ин рӯ, бо мақсади ба амалия ва ба қонунгузорпӣ мувофиқат намудани қонунгузории амалкунанда пешниҳод карда мешавад, ки ба қисми 3 моддаи 48 ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» сархати 10 бо мазмуни зерин илова карда шавад: « – ба мудирони ташкилотҳои барҳамхуранда, ки дар асоси таъиноти суди иқтисодӣ таъин гардидаанд.»

Мақомоти прокуратура ва дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ – ин мақомот ва шахсони мансабдоре мебошанд, ки ба маълумотҳои сирри бонкӣ ҳуқуқи дастрасӣ надошта, танҳо дар доираи парвандаи ҷиноятӣ ва бо тартиби муқаррарнамудаи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумотҳои сирри бонкӣ дастрасӣ пайдо мекунанд.

Гузаронидани таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаҳои сирри бонкӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда шуда, ягон санади меъёрии ҳуқуқии мукаммали алоҳида доир ба масъалаи мазкур қабул карда нашудааст. Аз ин рӯ, Бонки милли Тоҷикистонро зарур аст, ки бо мақсади корбарии дуруст ҷиҳати ҷамъ кардан, истифода намудан ва коркард кардан бо маълумотҳои дорои хусусияти сирри бонкӣ Дастурамали мушаххас қабул намояд, ки он имкон медиҳад, коргузории махфӣ дар тамоми ташкилотҳои қарзӣ дуруст ба роҳ монда шавад.

# БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҲИФЗИ СИРРИ БОНКӢ ДАР НИЗОМИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТНОККУНОНӢ

## 2.1. Сирри бонкӣ дар низоми ҳуқуқҳои миллӣ: таҳлили муқоисавии равишҳо дар кишварҳои гуногун

Аз таҳлили боби қаблӣ маълум гардид, ки сирри бонкӣ решаи таърихии худро дошта, дар асраи байналмилалӣ танзим карда шудааст. Аз ин рӯ, бо мақсади таҳлили пурраи масъалаи мазкур тасмим гирифтем, ки равиши сирри бонкиро дар низоми муосири ҳуқуқи ҷаҳонӣ таҳлил намоем.

Баррасии хусусиятҳои танзими ҳуқуқии сирри бонкӣ дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи ҷаҳон яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти илмии мо ба шумор меравад.

Хусусяитҳои танзими ҳуқуқии сирри бонкӣ дар низоми ҳуқуқии англо – саксонӣ.

Механизмҳои идоракунии низоми пулии ИМА, ки дар натиҷаи раванди таърихӣ ба вуҷуд омадаанд, падидаи хеле беназир мебошанд. Қонунгузорӣ дар бораи бонкӣ ва фаъолияти бонкӣ дар ИМА хеле васеъ мебошанд. Муқаррароти асосии он ба Маҷмуи қонунҳои ИМА дохил карда шудаанд (фасли 12, «Бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ»).

Дар танзими ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ қонунгузориҳои зерин дохил мешаванд: Қонуни Edge дар бораи амалиёти бонкҳои хориҷӣ аз соли 1927; Қонуни бонкии хориҷии Макфадден аз соли 1927; Қонун дар бораи молиявӣ дар солҳои 1933 ва 1935; Қонун дар бораи якҷоякунии бонкҳо дар солҳои 1960 ва 1968; Қонун дар бораи қарзи одилона аз соли 1968; Қонун дар бораи муомилотҳои бонкии байналмилалӣ аз соли 1978 [105, с. 109].

Дар ИМА муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба сирри бонкӣ ва танзими ҳуқуқии он тавассути ду санади меъёрии ҳуқуқӣ: Қонун дар бораи сирри

бонкӣ аз соли 1970 ва Қонун дар бораи сирри молиявӣ аз соли 1978 амалӣ карда мешавад.

Қонун дар бораи сирри бонкӣ бо мақсади ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандони ИМА аз нақзи қонун ва пешгирии ҷиноятҳои молиявӣ қабул карда шудааст. Зеро, дар солҳои охири даҳаи 60 – уми асри XX талаботи шаҳрвандони ИМА ба низоми бонкӣ ва молиявӣ зиёд гардида буд. Вазири молияи ИМА бо санади давлатии қабулгардида (сирри бонкӣ) ваколат шудааст, ки ба ташкилотҳои молиявӣ тартиби таҳияи ҳисоботро дар самти муомилоти асъорӣ, мубодилаи пули нақд ва дигар воситаҳои он ва молияи бурунмарзӣ амалӣ намояд [46, с.143-144].

Дар ИМА низ ташкилотҳои қарзӣ вазифадор карда шудаанд, ки иттилоот дар бораи суратҳисоби шахсони воқеию ҳуқуқиро бо тамоми хусусиятҳои ҳифозатӣ таъмин намоянд ва вобаста ба амалиётҳои зиёда аз 10 000 (даҳ ҳазор) доллари ИМА гузаронидашуда ба таври худкор мақомоти давлатиро огоҳ намоянд. Агар аз ҷиҳати дигар ба санади сирри бонкӣ назар афканем пас муайян мегардад, ки дар ИМА ин санад дастрасии мақомоти танзимкунанда ба сирри бонкӣ хело содда намудааст: муассисаҳои молиявӣ вазифадоранд ҳама гуна маълумотеро, ки ба фаъолияти молиявии ғайриқонунӣ марбутанд, пешниҳод кунанд. Маълумот дар бораи транзаксияҳои шубҳанок ба бойгонии марказии электронӣ фиристода мешавад, ки бевосита ба созмонҳо, ба монанди FBI ва CIA дастрас аст.

Гузашта аз ин, Суди Олии ИМА дар вақти қабули муқаррароти мазкур эътироф карда буд, ки шахси воқеӣ дар робита ба махфияти ҳуҷҷатҳои молиявие, ки дар муассисаи бонкӣ нигоҳ дошта мешавад, ҳимояи конститутсионӣ надорад. Агар асосе вуҷуд дошта бошад, ки ин ҳуҷҷатҳо ба нақзи эҳтимолии қонун марбутанд, муассисаҳои молиявӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳуҷҷатҳои дахлдори ҳама гуна мансабдорон, директорон, саҳмиядорони назоратӣ ва қарзгирандагони асосиро пешниҳод мекунанд [111, с. 58-66].

Ба муассисаҳои молиявӣ иҷозат дода мешавад, ки бидуни огоҳӣ ба муштарӣ маълумотро дар бораи шахсият ё суратҳисоби ӯ дар сурати мавҷуд будани шубҳа ба фаъолияти ғайриқонунӣ пешниҳод кунанд [127, с. 72-77].

Минбаъд, соли 1976 дар натиҷаи ворид гардидани тағйироти чорум ба Конститутсияи ИМА Суди Олии ИМА талаботи қонунгузорӣ оид ба дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба бонкҳо дар бораи гирифтани маълумот дар бораи айбдоршавандаро хилофи талаботи конунститутсионӣ эътироф накард. Яъне, чунин дархост конститутсионӣ эътироф гардид. Суд қарори худро бо он асоснок намудааст, ки муштарӣ бо иҷозати дастрасии корманди бонк ба маълумоти шахсӣ аз дахолатнопазирӣ даст кашидааст [111, с. 58-66].

Қонун дар бораи ҳуқуқ ба сирри молиявӣ барои барқарор кардани тавозун байни хоҳиши ҳифзи дахолатнопазирии шахсӣ ва манфиати давлат дар гирифтани ҳуҷҷатҳои махфӣ барои таъмини тафтишоти ҷиноятӣ қабул шуда буд. Қонун дар бораи ҳуқуқ ба сирри молиявӣ ҳолатҳоеро маҳдуд мекунад, ки дар он ниҳодҳои давлатӣ метавонанд нусхаҳои сабтҳои молиявии муштарӣ ё муассисаи молиявӣ дастрас ва ба даст оранд. Худи муштарӣ метавонад иҷозати хаттӣ диҳад, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои муайяне, ки барои мақсадҳои муайян ё мақомоти муайяни давлатӣ пешниҳод карда мешаванд. Истифодаи фармони судӣ дар бораи таъқибот, ки тибқи Қоидаҳои федералии мурофиаи ҷиноятӣ дода шудааст, бояд дар давоми 90 рӯз ба муштарӣ огоҳӣ дода шавад, агар суди содиркунанда муҳлатро мавқуф нагузошта бошад. Илова бар ин, агар дархости маъмурӣ ё ордер истифода нашавад, мақомоти давлатӣ бояд дархости расмии хаттиро ба муассисаи молиявӣ пур кунанд. Муштарие, ки аз тафтишот зарар дидааст, метавонад ба суди содиркунанда барои бекор кардани дархост ё ордер ариза пешниҳод кунад ва метавонад кӯшиш кунад, ки ҳукуматро аз гирифтани сабтҳо бо

пешниҳоди дархости хаттӣ ба суди дахлдори округии ИМА пешгирӣ кунад [82, с. 42].

Омӯзиши низоми ҳуқуқии амрикоӣ дар бораи сирри бонкӣ нишон медиҳад, ки дар он нисбат ба дигар давлатҳо дарстрасии мақомотҳои дахлдор зиёд ба назар мерасад. Ба андешаи мо ҳисобот додани ташкилотҳои молиявӣ дар бораи муомилот зиёда аз 10 000 доллари ИМА ба принсипҳои асосии ҳифзи сирри бонкӣ мухолифат мекунад. Зеро, дар қонунгузори ИМА асосҳое, ки дар он нишонаҳои амалиёти ғайриқонунӣ ошкор мегардад, пешбинӣ нагардидааст ва ҳолати мазкур ба бонкҳо ва ташкилотҳои бонкӣ имконият медиҳад, ки дилхоҳ амалиёти бонкиро ғайриқонунӣ гумон намуда, ба мақомотҳои дахлдор доир ба ин ҳолат хабар диҳанд. Ин ҳолат ба моҳият ва табиати ҳуқуқии сирри бонкӣ мухолифат мекунад.

Дар Британияи Кабир, махфияти бонкии муштариён ба таври умум аз ҷониби қонуни умумӣ эътироф карда мешавад. Бонкҳои Британияи Кабир тобеи қонунҳое мебошанд, ки шахсони воқеиро дар робита бо коркард ва интиқоли маълумоти шахсӣ муҳофизат мекунанд.

Дар солҳои 80-уми асри гузашта пешниҳод шуда буд, ки вазифаҳои махфияти бонк дар шакли оиннома рамзгузорӣ карда шаванд, аммо ҳукумати Бритониё ин пешниҳодро рад кард. Уҳдадории махфият ҳамчун принсипи умумие дониста мешавад, ки дар қонунҳо ифода ёфтааст ва дорои истисноҳои худ мебошад. Аммо принсипи махфият барои муштарӣ ҳангоми интихоби бонк яке аз омилҳои ҳалкунанда ба ҳисоб меравад, зеро он на танҳо ба муомилот, балки ба ҳама маълумот дар бораи муштарӣ, аз ҷумла, шахсӣ, тиҷоратӣ, реквизитҳои бонкӣ, реквизитҳои муомилот ва дигар маълумот дахл дорад.

Аввалин дастури Иттиҳоди Аврупо, ки соли 1995 қабул шуда буд, дар Англия тибқи Қонун дар бораи ҳифзи маълумот аз соли 1998 амалӣ карда шуд. Соли 2018 Муқаррароти умумии ҳифзи маълумотҳо дар Иттиҳоди Аврупо эътибор пайдо кард, ки тибқи он бонк Кодекси қарзро

қабул мекунад, ки дар муқарраротҳои мазкур таҷассум ёфтаанд: маълумоти шахсӣ махфӣ ва шахсӣ аст; бонкҳо метавонанд дар бораи махфият шартномаҳо банданд, ки уҳдадориҳои шартномавиро ба вуҷуд меоранд ва ҳангоми дархост ва нигоҳдории иттилоот набояд аз он суистифода кунанд [158].

Аммо, махфияти бонкӣ уҳдадории мутлақ нест ва бояд истисноҳо бошад. Бо шарофати парвандаи машҳури ҳуқуқии Tournier v. National Provincial and Union Bank of England, доираи масъулияти бонкро барои махфият муайян кард ва дар доираи он уҳдадории махфӣ аз уҳдадории оддии ахлоқӣ ба уҳдадории қонунӣ мубаддал карда шуд [158].

Танҳо дар ҳолатҳои зерин бонкҳои Британияи Кабир ҳуқуқи ошкор намудани маълумотҳоро доро мебошад:

- ошкор кардан бо розигии муштарӣ сурат мегирад;

-манфиати бонк ифшои маълумотро талаб мекунад;

-тибқи қонун бонк бояд маълумотро ифшо кунад;

-уҳдадории ифшои иттилоот дар назди ҷомеа.

Бонк бо гирифтани розигии муштарӣ ҳуқуқ пайдо мекунад, ки вазъи умумии суратҳисоби муштариро ифшо кунад ё танҳо маълумотеро, ки муштарӣ иҷозат додааст, пешниҳод намояд. Бонк вазифадор нест, ки муштариро огоҳ созад ва мунтазири розигии ӯ бошад, агар дархост бо супориши суди ҳориҷӣ асоснок карда шуда бошад.

Бонк ҳуқуқ дорад, ки маълумоти муайянеро ҳангоми гирифтани иҷозати муштарӣ, дар шакли хаттӣ ифшо намояд. Аммо агар муштарӣ ба огоҳии бонк посух надиҳад, бонк ҳуқуқи ифшои онро пайдо намекунад. Қонун дар бораи ҳифзи маълумот аз соли 1998 муқаррар намудааст, ки агар муштарӣ ба огоҳии бонк посух надиҳад, бонк наметавонад маълумотро ифшо кунад.

Бонк, ки манфиати шахсии худро дар ифшои маълумот оид ба воқеияти якчанд созишномаҳо дорад, бояд муштариро дар бораи нияти ифшои маълумоти шахсии худ 28 рӯз пеш аз чунин ифшокунӣ огоҳ созад.

Дар ин маврид ифшои сирри бонкӣ бояд қатъиян бо маълумоте, ки барои ҳифзи манфиатҳои бонк зарур аст - ҳангоми ба миён омадани даъво байни бонк ва муштарии он ё дар ҳолате, ки бонк нисбат ба кафил даъво пешниҳод мекунад, маҳдуд карда шавад. Ифшои ба манфиати худ аз ҷониби бонк ҳамчун як мушаххасоти маҳдуди доктринаи сирри бонкӣ ҳисобида мешавад, аммо он набояд бештар аз маълумоти заруриро барои ҳифзи манфиатҳои худ ифшо кунад.

Бо мақсади самараноктар кардани низоми бонкии Британияи Кабир дар Қонун дар бораи хизматрасониҳои молиявӣ ва бозорҳо аз соли 2000 ислоҳ ворид карда шудааст. Ин қонунест, ки фаъолияти ташкилотҳои калонро қонунӣ эътироф намудааст ва ба тавре амал намекунад, ки низоми молиявиро дар Англия вайрон кунад, аммо он метавонад танҳо дар сурате кор кунад, ки бонк тибқи талаботи қонун маълумоти махфӣ пешниҳод кунад. Ба ин гурӯҳи қонунгузории танзими чунин муносибатҳо инчунин Қонун дар бораи терроризм аз соли 2000, Қонун дар бораи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва терроризм аз соли 2001 ва Қонун дар бораи даромадҳо аз ҷиноят аз соли 2002 дохил мешанд. Ҳамчун як қисми иҷрои қонунҳо, Бонк уҳдадор аст маълумоти шахсиро дар сурати гумонбари терроризм ё амали ҷиноятӣ ошкор кунад. Дархост барои ифшои иттилоот дар ҳолати далелҳои оқилона, ки муштарии бонк мавзуи фаъолияти ғайриқонунӣ аст ва таҳти амали яке аз қонунҳо меафтад. Ҳамзамон, Бонк ва муштарии ӯ бояд дар бораи санҷиши дарпешистода саривақт огоҳ карда шаванд.

FCA вазифадор аст, ки бо мақомоти танзимкунанда ҳамкорӣ кунад ва агар лозим бошад, онҳоро бо маълумот пешниҳод кунад. Инчунин мақомоти пурқудрате мавҷуд аст, ки ширкатҳои бузурги сармоягузор, ширкатҳои суғурта ва корхонаҳои суғуртавиро назорат мекунад ва чунин назоратбарӣ барои муътадилии низоми молиявии Британияи Кабир мусоидат мекунад.

Дар айни замон, дар Британияи Кабир, зиёда аз 20 истисно мавҷуд аст, ки уҳдадории бонкҳоҳо вобаста ба ифшои маълумотҳо мувофиқи талаботи қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст. Чунин уҳдадориҳои бонкҳо на танҳо вобаста ба зиёд гардидани ҳолатҳои ифшои сирри бонкӣ, балки вобаста ба қабули санадҳои қонунгузории зиёд ба вуҷуд омадааст [111, с. 58-66].

Ба ғайр аз ин, дар қонунгузории Британияи Кабир ифшо кардани маълумотҳои ба манфаити ҷомеа ҷой дорад, ки ин ҳолат дар илм ва амалияи Британияи Кабир баҳсҳои зиёдеро ба миён овардааст. Бо назардошти маҳдудияти доираи рисолаи таҳқиқотӣ танҳо ҳаминро мехоҳем таъкид намоем, ки ишфо кардани сирри бонкӣ ба манфиати ҷомеа ҳолате мебошад, ки ба мазмун ва моҳияти приснипи сирри бонкӣ мухолифат мекунад. Омӯзиши низоми ҳуқуқии англо – саксонӣ, аз ҷумла низоми қонунгузории ИМА ва Британияи Кабир нишон медиҳанд, ки дар ин низомҳои ҳуқуқӣ дастрасии зиёд ба маълумотҳои дорои сирри бонкӣ мавҷуд мебошанд.

Ҳуқуқи бонкии Иттиҳоди Аврупо аз як қатор дастурҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои Иттиҳоди Аврупо, ки баъзе ҷанбаҳои фаъолияти бонкиро танзим намудааст, иборат мебошад. Дар танзими муносибатҳо вобаста ба сирри бонкӣ, «Иттиҳоди Аврупо нақши муҳим доранд: Дастури Шӯрои 77/780/ЕЕС аз 12 декабри соли 1977; Оид ба ҳамоҳангсозии қонунҳо, қарорҳо ва муқаррароти маъмурии марбут ба муқаррар ва гузаронидани соҳибкорони ташкилотҳои қарзӣ Дастури Шуро 89/646/ЕЕС аз15 декабри соли 1989 ва Дастури иловагии он таҳти №77/780/ЕЕС аз 10 июни соли 1991; Дар бораи пешгирии истифодаи низоми молиявӣ бо мақсади қонунигардонии пул» [55, с. 176], дастури шӯрои мазкур 2003/48 / ИА аз 3 июни соли 2003 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат мебошад.

Мубодилаи иттилоот, аз ҷумла маълумоти хусусияти махфидошта, табиатан проблемаҳои сирри бонкӣ ва касбиро ба миён овардааст.

Ҳамоҳангсозии қонун дар соҳаи сирри бонкӣ мушкилоти мураккаб буд, чунки кишварҳои гуногуни Аврупо дар асоси анъанаҳои худ ба танзими принсипҳои бонкӣ фароҳам овардааст.

Қадами аввалини роҳи ҳамоҳангсозии масъалаи мазкур ин усули барқарор кардани маҳдудиятҳо нисбати мақомоти назорати бонкӣ оид ба истифодаи маълумоти махфӣ, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои онҳо гирифташуда мебошанд.

Дар истилоҳоти роҳнамо оид ба дастурамалҳои бонкӣ, ин маънои онро дорад, ки на сирри бонкӣ, балки сирри касбии кормандони мақомоти назоратӣ мебошад. Кӯшиши ҳалли ин мушкилот аз қабули директиви (дастур) –и  №77/780/EEC аз 12 декабри соли 1977 мебошад. Зеро ҳуҷҷати мазкур уҳдадориҳои мақомотҳои давлатиро бобати гирифтани маълумотҳои дорои сирри бонкӣ бо риояи қатъии талаботи қонунгузорӣ оид ба сирри бонкиро муқаррар намудааст. Тибқи моддаи 12 он «давлатҳои аъзо кафолат медиҳанд, ки айни замон аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор ё дар гузашта кироя кардашуда, ки бо уҳдадории сирри касбӣ кироя мегиранд. Ин маънои онро дорад, ки ҳама гуна маълумоти махфие, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ гирифтан мумкин аст ба ягон шахс пешниҳод карда намешавад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун» [55, с. 176]. Дар асоси Дастури мазкур давлатҳои аъзо ҳуқуқи мубодилаи чунин маълумотҳоро бо дигар давлатҳои аъзо пайдо намудаанд.

Тавре ки Вишневский А.А., қайд намудааст, мубодилаи ахбор дар байни мақомотҳои назоратии давлатҳои гуногун ду тарз маҳдуд карда мешавад. Маҳдудияти аввал ба сирри касбӣ дахл дошт. Кормандони мақомоти салоҳиятдор уҳдадории сирри касбӣ доштанд ва ин уҳдадорӣ ҳам ба кормандони навбатдор ва ҳам ба шахсоне дахл дошт, ки дар гузашта кормандони мақомоти дахлдор буданд. Маҳдудияти дуюм ба мақсадҳое дахл дошт, ки маълумоте, ки ҳангоми назорат гирифта шудааст, истифода мешуд. Ин муқаррароти Дастурамал манъи

мубодилаи иттилоот бо дигар мақомоти назоратӣ (масалан, идораи андоз, агар мубодила дар робита ба парвандаи маъмурӣ ё ҷиноятӣ сурат нагирифта бошад) буд. Муносибати Директиваи (дастурамали) дуюм ба сирри бонкӣ ба ду принсипи асосӣ асос ёфтааст. Аз як тараф, Дастурамал зарурати нигоҳ доштани сирри касбиро ба кормандони мақомоти назоратӣ тасдиқ кардааст. Аз тарафи дигар, имкони мубодилаи иттилоот байни мақомоти назоратии давлатҳои гуногун ва додани маълумот ба баъзе мақомоти назоратии ғайрибонкӣ васеъ гардид.

Дастурамал байни ифшои ин маълумот дар мурофиаи ҷиноятӣ ва маданӣ фарқият гузошт. Ифшо кардани маълумот дар мурофиаи ҷиноятӣ бечунучаро диниста шуд. Оид ба мурофиаи маданӣ маълумот дар бораи ташкилоти қарзии мушаххас метавонад дар сурати муфлис шудани ташкилоти қарзӣ ё бо сабабҳои дигар барҳам хӯрдан ошкор карда шавад. Аммо ин маълумот ба шарте ифшо карда мешавад, агар ба манфиатҳои шахсони сеюм таъсир нарасонад [55, с. 23].

Дар асоси ҳуҷҷатҳои мазкур дар Иттиҳоди Аврупо давлдатҳои аъзои қонунгузориҳои худро дар самти ҳифзи сирри бонкӣ муқаррар намудаанд.

Чунончӣ, дар шароити кунунӣ, сиёсати сирри бонкии кишварҳое чун Швейтсария ва Шоҳигарии Лихтенштейн хеле ҷолиб ба назар мерасад. Ин кишварҳо низоми бонкии хеле қавӣ ва устувор доранд, зеро иқтисоди ин ду кишвар маҳз дар бахши бонкӣ бунёд шудааст.

Низоми сирри бонкии Швейтсария дар тӯли беш аз 300 сол махфияти маълумотро дар бораи пасандозҳо дар бонкҳои Швейтсария кафолат додааст. Чунон ки маълум аст, бонкдорҳои Женева бонкдорҳои дарбори шоҳони Франсия буданд ва аввалин маълумоти хаттӣ дар бораи сирри бонкӣ ба соли 1713 рост меояд. То соли 1934 муқаррарот дар бораи сирри бонкӣ дар кодексҳои маданӣ ва меҳнатии Швейтсария мавҷуд буданд. Қонуни федералии «Дар бораи бонкҳо ва кассаҳои

амонатӣ», ки соли 1934 қабул шудааст, аз аввал сирри бонкиро ҳамчун мафҳуми қонуни ҷиноятӣ эътироф намуда, аз ҳамон вақт ҷавобгарии ҷиноятиро барои ифшои ғайриқонунии он пешбинӣ намуда буд ва ин барои таъмини кафолати махфияти амонатгузор мусоидат мекунад [144, с. 30].

Дар Швейтсария мафҳуми расмии сирри бонкӣ дар сатҳи қонунгузорӣ вуҷуд надорад. Ҳолати мазкур бо он асоснок карда шудааст, ки сирри бонкӣ чунин муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ - бонк-мизоҷ, бонк-давлатро ифода мекунад ва дар як мафҳум дуруст ифода ва рамзкунонии ин муносибатҳоро қонунӣ кардан имконнопазир аст. Бо вуҷуди ин, дар ин ҷо фаҳмиши амалии ҳуқуқии сирри бонкӣ ташаккул ёфтааст. Дар Швейтсария ин маънои уҳдадории бонкҳо барои нигоҳ доштани маълумоти махфӣ дар бораи вазъи молиявӣ ва шахсии мизоҷони худ, ки дар натиҷаи муносибатҳои мутақобила бо онҳо ба даст омадааст, мебошад. Мутобиқи Қонун «Дар бораи бонкҳо ва кассаҳои амонатӣ» дар Швейтсария на танҳо ташкилотҳои қарзӣ вазифадор буданд, ки иттилооти сирри бонкиро мавриди ҳимоя қарор диҳанд, балки тибқи қонун он бояд аз ҷониби ташкилотҳои эмиссиявӣ кассаҳои амонатӣ, ширкатҳои молиявии хусусмияти амалиётии бонкидошта, филиалҳои хориҷӣ ва бонкҳои фаръии хориҷӣ дар ҳудуди кишвар. Талабот оид ба сирри бонкӣ ба филиалҳои хориҷии бонкҳои Швейтсария татбиқ намегардад.

Тибқи қонунгузории Швецсария шахсони зерин ба гурӯҳи шахсони дорои уҳдадории нигоҳ доштани сирри бонкӣ дохил мешаванд: шахсони роҳбарикунандаи бонкҳо, кормандони бонкҳо, ҳамаи шахсони дигаре, ки дар бонк тибқи шартнома ба кор қабул шудаанд, инчунин таҷрибаомӯзон, кормандони муваққатӣ, кормандони ёрирасон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ваколатдор, ки бо бонк муносибатҳои шартномавӣ надоранд, вале ба маълумот дар бораи муштарӣ, мудирияти муфлисшавӣ ва шахсони масъули барҳамдиҳии бонк дастрасӣ доранд; коршиносони

Комиссияи бонкӣ, инчунин роҳбарон ва кормандони Палатаи ҳисоб. Уҳдадории нигаҳдории сирри бонкӣ нисбат ба мутахассисони биржа, фирмаҳои биржа, роҳбарон, нотариусҳо ва агентҳои тиҷоратӣ дахл надорад.

Ҷанбаи хеле муҳими ҳифзи иттилооте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, дар он аст, ки уҳдадории шахсон оид ба нигоҳ доштани сирри маълумот дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст, ки иваз кардани ҷойи кор уҳдадории мазкурро истисно намекунад. Сирри бонкӣ бо вақт маҳдуд намешавад ва он ҳатто пас аз баста шудани суратҳисоби муштарӣ низ эътибор дорад.

Қонунгузории Швейтсария ҳолатҳоеро, ки дар онҳо сирри бонкӣ қисман ифшо карда мешавад, пешбинӣ намудааст. Аз ҷумла, дар сурати гумонбар шудани шаҳрванди Швейтсария дар содир намудани кирдори ҷиноятӣ, мақомоти тафтишотӣ метавонанд қарори судро дар бораи ифшои маълумоти зарурии тафтишот пешниҳод кунанд. Ин муқаррарот ба шаҳрвандони хориҷӣ ба андозае низ татбиқ карда мешавад, ки дар шартномаи Швейтсария бо ҳар як кишвари мушаххас муайян кардааст. Мақомоти тафтишотии хориҷӣ наметавонанд чунин маълумотро мустақиман талаб кунанд, ки онҳо аз суди Швейтсария қарор қабул кунанд. Дар тафтишоти ҷиноятӣ, кирдори содиркардаи ҷинояткор бояд тибқи қонунҳои Швейтсария банду баст ва ҷазо дода шавад. Ин ҳолат барои нигоҳ доштани сирри бонкӣ муҳим аст, зеро дар Швейтсария ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи андоз кирдорҳои хурд ба ҳисоб меравнд ва барои чунин кирдор ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой надорад. Саркашӣ аз андоз барои додани сирри бонкӣ асос шуда наметавонад [185].

Аз нуқтаи назари мо чунин муқаррарот ба бонкҳои швейтсарӣ имконият фароҳам овард, ки нуфузи Бонки Швейтсария дар арсаи ҷаҳонӣ эътибори махсус пайдо намудааст.

Бо назардошти таҳлили пурра ва ҳаматарафаи таҳлили муқоисавӣ намудани масъалаи мазкур тасмим гирифтем, якчанд давлатҳоро бо

назардошти хусусиятҳои танзими ҳуқуқии масъалаи сирри бонкӣ таҳлил намоем.

Тавре дар зербобҳои қаблӣ дарҷ намуда будем, санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими муносибатҳои сирри бонкӣ ба ду гуруҳи калон: санадҳои байналмилалӣ ва санадҳои дохилидавлатӣ тақсим карда мешаванд.

«Хусусиятҳои заминаи қонунгузории дохилии давлатҳоро, ки институти сирри бонкиро муайян мекунанд, аз рӯйи чаҳор хусусиятҳо зерин муайян кардан мумкин аст:

1) Мавҷудияти қонунгузории махсус дар соҳаи сирри бонкӣ.

Таҳлили манбаъҳои танзими ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки на дар ҳамаи кишварҳо қонунгузории махсуси танзими институти сирри бонкӣ мавҷуд аст. Ба чунин давлатҳо Андора, Британияи Кабир, Олмон, Ирландия, Италия, Ҳабашистон ва ғайраҳо дохил мешаванд ва талаботи он дар қонунҳои маданӣ, шартнмоаи тарафҳо ва баъдан дар ҳолати вайрон шудани талаботи ин қонунҳо бо қонуни ҷиноятӣ мавриди ҳимоя қарор мегиранд» [125].

Бонк ҳуқуқ дорад маълумотро бо розигии мустақим ё пешбинишудаи муштарӣ ифшо кунад. Дар сурате, ки бонк муштарии худро дар бораи нияти ба шахсони сеюм ифшо кардани маълумоти дорои сирри бонкӣ огоҳонида, сабабҳои ин амалро фаҳмонда, аз муштарӣ розигии хаттӣ гирифта бошад, уҳдадории махфият риоя карда намешавад. Агар он бевосита ба манфиатҳои худи бонк дахл дошта бошад, иҷозати муштарӣ барои ифшои маълумоти махфӣ талаб карда намешавад.

Дар аксари кишварҳо (Австрия, Маҷористон, Юнон, Дания, Испания, Кипр, Лихтенштейн, Люксембург, Малта, Полша, Португалия, Словения, ИМА, Финландия, Чехия, Швейтсария ва ғ.) қонунгузории махсуси бонкӣ мавҷуд аст, ки заминаи ҳуқуқии институти сирри бонкиро муайян мекунад.

2) Хусусиятҳои маълумотҳое, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд.

«Пеш аз ҳама, сирри бонкӣ маълумот дар бораи суратҳисобҳо ва пасандозҳои муштарӣ, ки дар робита ба хизматрасонӣ ба муштарии ташкилоти қарзӣ ба бонк маълум шудааст, маълумот дар бораи амалиёти аз номи муштарии бонк анҷом додашуда (Озарбойҷон, Арманистон, Британияи Кабир, Қирғизистон, Испания, Италия ва дигар кишварҳо), инчунин ҳама намуди пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ (Юнон) дохил мешаванд.

Дар баъзе кишварҳо (масалан, Арманистон, Маҷористон, Қирғизистон, Полша, Украина, Эстония ва ғ.) сирри бонкӣ, инчунин ҳама гуна маълумотро дар бораи худи муштарӣ дар бар мегирад:

-маълумот дар бораи вазъи молиявии ӯ;

-маълумоти шахсӣ;

-маълумот дар бораи фаъолияти хоҷагидорӣ, сирри тиҷоратӣ ва касбӣ;

-маълумот дар бораи ҳама гуна барномаи фаъолияти худ ё дар бораи таҳия, ихтироъ, намунаи саноатӣ (Арманистон, Украина);

-ҳама гуна сирри дигаре, ки дар доираи муносибатҳои онҳо бо муштарӣ ба бонк дастрас шудаанд (Австрия, Лихтенштейн, Люксембург, Швейтсария ва ғ.)» [125].

Сирри бонкӣ, инчунин маълумот дар бораи муносибатҳои байни муштарӣ ва бонкро дар бар мегирад (масалан, дар Юнон, Ҷумҳурии Чехия).

Аз гуфтаҳои болоӣ маълум мегардад, ки номгӯйи маълумотҳое, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд, пеш аз ҳама доираи муносибатҳои муштарӣ бо бонкҳоро муқаррар намуда, дар асоси шартномаҳои тарафайн танзим карда шудаанд (масалан, Британияи Кабир). Аммо тазаккур бояд дод, ки дар қонунгузории баъзе давлатҳо чунин доира маҳдуд карда нашудааст. «Масалан, дар асоси моддаи 60 Қонуни Украина «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» аз 7 декабри соли 2000

мушоҳида намудан мумкин аст, ки ба масъалаи сирри бонкӣ на танҳо иттилоот балки тартиби ҳифозат, иттилооти мизоҷ рамзҳое, ки бонкҳо барои ҳифзи маълумот истифода мекунанд, маълумот дар бораи ҳисоботи муҳосибӣ, ба истиснои маълумоте, ки ба табъ расонида мешавад» [183].

«Дар Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи сирри бонкӣ» аз 23 июли соли 2002 ба маълумоти сирри бонкӣ инчунин, маълумот дар бораи муштарии дигар бонк, ки дар натиҷаи мубодилаи маълумот байни бонкҳо маълум гардидааст, дохил мешавад» [198].

Тавре маълум гардид, номгӯйи маълумотҳои дорои сирри бонкӣ на танҳо тавассути шартҳои муносибатҳои байниҳамдигарии бонкҳо ва муштариён, балки инчунин, тавассути санадҳои меъёрии локалии ташкилотҳои қарзӣ, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро танзим мекунанд, муайян карда шудааст.

3) «Хусусиятҳои субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба риояи кафолатҳои ҳуқуқӣ ва уҳдадории нигоҳ доштани махфияти сирри бонкӣ.

Субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба сирри бонкӣ ба се гурӯҳ тақсим карда мешаванд: дорандагон, соҳибон ва истифодабарандагони маълумоти сирри бонкӣ).

Ба сифати дорандагони маълумоти дорои сирри бонкӣ муштариёни бонкҳо(Австрия, Арманистон, Венгрия, Олмон, Латвия), кореспондентҳои бонкҳо (Белорусия, Қирғизистон), инчунин моликони суратҳисоб (Белорусия) баромад мекунанд» [125].

«Номгӯйи моликони сирри бонкие, ки барои риояи низоми махфияти сирри бонкӣ масъуланд, дар аксарияти ҳолатҳои дар ҳамаи давлатҳо монанд мебошанд ва аз шахсони зерин иборат мебошад:

-Бонкҳо ва ташкилотҳои кредитӣ (Австрия, Озарбойҷон, Арманистон, Британияи Кабир, Олмон, Украина, Шветсия ва ғайра);

-Ҳамаи шахсони мансабдори корпуси бонкӣ: аъзои шӯрои директорон, муассисон, аъзои шӯрои идоракунӣ, директор, менеҷерҳо,

агентҳо, кормандони бонкҳо ва дигар шахсони (Австрия, Венгрия, Дания, Кипр, Литва, Лихтенштейн, Люксембург, Малта, Португалия, Словакия, Финляндия, Фаронса, Швейтсария ва ғайраҳо)» [125].

Аз талаботи қонунгузории давлатҳои болозикр бармеояд, ки дар аксари ҳолатҳо махфи нигоҳ доштани сирри бонкӣ ба ташкилоти қарзӣ ва дар ҳолатҳои яксон бошад, ба кормандони бонкҳо ва ташкилотҳои бонкӣ вогузор шудааст.

Таваҷҷӯҳ ба ин ҷанба аз он ба миён меояд, ки дар бисёр кишварҳо низоми сирри бонкӣ на аз ҷониби як корманди алоҳида, балки бо бастани шартномаи байни ташкилоти қарзӣ ва бонк муайян карда мешавад. Аммо тавре мебинем, масъулияти ифшои маълумоти махфӣ дар бисёр кишварҳо ба дӯши кормандони бонк ва дигар намояндагони ташкилоти қарзӣ гузошта мешавад.

Аз ин рӯ, тибқи қонунгузории баъзе давлатҳои ифшои ғайриқонунии сирри бонкӣ натанҳо боиси ҷавобгарии маданӣ, балки асос барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳкор низ мегардад (масалан, Венгрия, Кипр, Малто, Нидерландия, Португалия, Фаронса, Швецсария ва ғайраҳо). Масалан, моддаи 162 Кодекси ҷиноятии Швецсария ҷавобгарии ҷиноятиро барои ифшои сирри тиҷоратӣ ва ё маълумоти махфиро пешбинӣ намудааст. Моддаи 273 ҳамин кодекс бошад ҷавобгарии ҷиноятӣ дар намуди ҳабс барои ҷосусони хориҷие, ки кӯшиши ба даст овардани маълумотҳои махфиро аз бонкҳои Швецсария намудаанд, пешбинӣ намудааст.

Дар баъзе мавридҳо гирифтани розигии соҳиби суратҳисоби бонкӣ оид ба ифшо намудани иттилооти суратҳисоби ӯ ба кишвари хориҷа нодуруст ҳисобида мешавад, зеро ба талаботи қонун мухолиф мебошад. Ин ба хотири ҳифзи муштарии бонк аз иръоб (шантаж) ё фишори эҳтимолии шахсони сеюм сурат мегирад.

«Дар Кипр уҳдадории нигоҳ доштани сирри бонкӣ барои директорон, мудирон, агентҳо ва кормандони бонк ҳатто пас аз барканор ё истеъфои онҳо низ аз байн намеравад» [125].

Гурӯҳи сеюм аз истифодабарандагони иттилоот иборат аст. Ин гурӯҳ аз рӯйи шумораи одамоне, ки онро ташкил медиҳанд, бузургтарин аст. Дар кишварҳои гуногун ба онҳо гурӯҳи мазкури шахсон дохил мешаванд:

1. Намояндагони бевоситаи мизоҷони бонк. Ба ин гурӯҳ шахсони зерин дохил мешаванд:

– намояндаҳои ваколатдорони шахсони воқеӣ (Озарбойҷон, Белорусия, Қазоқистон ва Тоҷикистон);

– дар сурати вафот кардани шахси воқеӣ ворисони хуқуқии ӯ (Озарбойҷон, Арманистон, Белоруссия, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Украина), инчунин идораҳои нотариалӣ (Озарбойҷон, Арманистон, Белоруссия, Қазоқистон, Тоҷикистон, Украина) ва муассисаҳои консулии хориҷӣ (Озарбойҷон, Арманистон, Белоруссия, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Украина).

2. Мақомотҳои давлатие, ки фаъолияти молиявию хоҷагии шаҳрвандонро танзим ва назорат мекунанд:

– мақомоти назорати давлатии қоғазҳои қимматнок (Португалия);

– «дар қонуни соҳавӣ ва қонуни суғуртаи пасандозӣ ташкилотҳои суғуртаи пасандозҳо (кафолат) ва дигар бонкҳо (Қазоқистон, Қирғизистон, Португалия);

– тибқи талаботи Кодекси андоз ва қонуни соҳавӣ мақомоти андоз (Тоҷикистон,Арманистон, Гурҷистон, Полша, ва ғ.). Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки дар кишварҳое чун Андорра, Люксембург, Лихтенштейн ва Швейтсария интиқоли маълумот дар бораи дархостҳои андоз, ба шарте ки онҳо ҷиноят набошанд, комилан манъ аст»[204].

«Бояд гуфт, ки қонунгузории Швейтсария фарқияти байни мафҳумҳои «саркашӣ аз андоз» ва «қаллобӣ аз андоз»-ро пешбинӣ мекунад» [204].

Муайян кардани далелҳои саркашӣ аз пардохти андоз дар доираи салоҳияти мақомоти андоз буда, аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ мавриди баррасии судӣ қарор намегирад. Барои саркашӣ аз андоз ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати шаҳрванд ҷаримаи маъмурӣ таъин карда мешавад ва ё қарзи андоз ситонида мешавад. Ин таҳримҳо нисбати шаҳрвандони хориҷӣ татбиқ намегарданд, агар онҳо резиденти Швейтсария набошанд. Дар сурати напардохтани андоз, ба истиснои ҳолатҳои ҷиноят, сирри бонкӣ ифшо намешавад.

3. Гурӯҳи сеюмро мақомотҳои зерин ташкил медиҳанд:

– мақомоти таъқиботи ҷиноятӣ (Арманистон, Белоруссия, Қазоқистон, Қирғизистон, Португалия);

– прокуратура (Қазоқистон);

- судҳо (Озарбойҷон, Арманистон, Белоруссия, Қазоқистон, Тоҷикистон, Украина).

Дар маҷмуъ, метавон хулоса кард, ки номгӯйи субъектҳои асосии муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба риояи кафолатҳои ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои нигоҳ доштани сирри бонкӣ дар тамоми кишварҳои пешрафта амалан якхела буда, танҳо вобаста ба он фарқ мекунад, ки ба ғайр аз соҳибон ва дорандагони маълумоти махфии бонкӣ, киҳо метавонанд истифодабарандаи он бошанд. Ин пеш аз ҳама ба муайян кардани нақши мақомоти андоз ҳамчун истифодабарандагони сирри бонкӣ дахл дорад.

4) «Хусусияти чорум аз шарт ва тартиби ифшои маълумоти махфӣ ба истифодабарандагони маълумот оид ба сирри бонкӣ иборат мебошад.

Танзими шароит ва тартиби ифшои маълумоте, ки сирри бонкиро дар кишварҳои гуногун ташкил медиҳанд, асосан заминаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии якхела доранд. Пеш аз ҳама, ифшои сирри бонкӣ дар асоси ваколатномае сурат мегирад, ки муштарии бонк ба намояндагони

шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ (Озарбойҷон, Тоҷикистон), инчунин дар ҳолати фавти молик дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқшудаи нотариалӣ барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи ворисон (Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Украина ва ғайра) дода мешавад» [161].

Пас аз гирифтани иҷозати хаттии бонк аз соҳиби сирри бонкӣ, он метавонад ба шахсони сеюм (Қазоқистон, Украина, Эстония ва ғайра) ифшо карда шавад.

«Як қатор қонунҳои Аврупо ифшои сирри бонкиро дар асоси дархостҳои хаттӣ ба мақомоти андоз бо асосҳои зерин пешбинӣ мекунанд:

- ҳалли масъалаҳои пардохти андоз, инчунин дар ҳолатҳое, ки маблағҳо ва дигар молу мулки шахси воқеӣ дар суратҳисобҳо ё нигаҳдории дар бонк қарордошта метавонанд ситонида ё мусодира карда шаванд (Тоҷикистон);

- дар ҳолатҳои ҳатмӣ (автоматӣ) хабар додани нозироти андози давлатӣ дар бораи кушодани суратҳисоби нав ва мавҷудияти ҳама гуна суратҳисобҳои дигари ба ин андозсупоранда тааллуқдошта (Маҷористон, Юнон, Гурҷистон, Испания, Словакия ва ғ.), инчунин аз ҷумла маълумоти шахсии муштарии бонк (Британияи Кабир);

- дар ҳолатҳои дархости махсуси мақомоти андоз (Кипр), вале бо баъзе маҳдудиятҳо (масалан, дар Полша, дар сурати тасдиқи бонк аз ҷониби мақомоти андоз дар бораи рад кардани пешниҳоди маълумоти зарурӣ)» [161].

Қобили зикр аст, ки дар баъзе кишварҳо мақомоти андоз метавонанд маълумоти бонкиро бидуни маҳдудият дастрас кунанд (Литва, Ҷумҳурии Чех, Эстония ва ғайра), дар дигар кишварҳо дастрасӣ ба сирри бонкӣ танҳо дар сурати ошкор намудани ҷинояти андоз (Португалия) бидуни маҳдудият таъмин карда мешавад, бо мақсади тафтиши андоз (Юнон, Италия, Словакия ва ғ.). Як қатор кишварҳое

ҳастанд, ки мақомоти андоз ба маълумоти бонкӣ дастрасӣ надоранд (Андорра, Лихтенштейн, Люксембург, ба истиснои ҳолати марги сокини Люксембург, Швейтсария, ба истиснои ҳолатҳои муайяне, ки ба категорияи «қаллоби андоз» дохил мешаванд).

Ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки судҳои маданӣ ва ҷиноятӣ метавонанд ба кормандони бонк ва дигар шахсони ба сифати шоҳид ифшо кардани сирри бонкӣ иҷозат диҳанд (масалан, дар Швейтсария).

Аммо тазаккур бояд дод, ки гарчанде дар доираи давлатҳои аъзои ИДМ ду тарзи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба сирри бонкӣ мавҷуд бошад ҳам, вале моҳияти умумии масъалаи мазкур ягона мебошад ва хусусиятҳои куллии фарққунанда надорад.

Ҳангоми мушоҳида ва азназаргузаронии қонуниҳои давлатҳои аъзои ИДМ вохӯдан мумкин аст, ки баъзе масъалаҳои сирри бонкӣ ба таври возеҳу равшан ҳаллу фасл карда шудааст, яъне дар қонунҳои онҳо масъалаи мазкур ба таври дақиқ муайян шудааст. Зеро, масъалаи мазкур дар Арманистон [181], Узбекистон [183] ва Қирғизистон [179] тавассути қонуни махсус дар бораи сирри бонкӣ ба танзим даровarda шудааст. Муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба сирри бонкӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар асоси Қонун «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон» [182; 188] ва дар Украина дар асоси Қонун «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» [184].

Дар ҳар як қонуни ҷумҳуриҳои номбурда мафҳуми сирри бонкӣ муқаррар карда шудааст. Чунончӣ, м. 4 Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон чунин мафҳуми сирри бонкиро муқаррар намудааст: «сирри бонкӣ маълумот дар бораи муштарӣ, амонату пасандозҳои ӯ, дигар аҳдҳои амалишудаи ӯ дар бонк ва дигар бонкҳои ошкор шудааст, фаҳмида мешавад».

Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи сирри бонкӣ» дар моддаи 4 чунин мафҳуми сирри бонкиро пешбинӣ намудааст: «сирри бонкӣ маълумот дар бораи суратҳисобҳои муштарӣ, ки вобаста ба

хизматрасонӣ ба муштарии бонк ба бонк маълум шудааст, маълумот дар бораи амалиёти аз номи муштарӣ ё ба манфиати ӯ анҷомдодашуда, инчунин сирри тиҷории ӯ, маълумот дар бораи ҳама гуна барномаи фаъолият ё таҳия, ихтироъ, намунаи саноатӣ ва ҳама гуна маълумоти дигаре, ки мизоҷ дар бораи ӯ медонист ё дар бораи ин нияти нигоҳ доштани сирри муштарӣ дониста ё нигоҳ доштан мумкин буд, дониста мешавад». Агар ин маълумот дар робита ба назорати бонкҳо ба Бонки марказӣ маълум шуда бошад, пас он низ сирри бонкӣ маҳсуб мешавад.

Моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон «Дар бораи сирри бонкӣ» муқаррар намудааст, ки «сирри бонкӣ маълумоти аз ҷониби бонк ҳифзшавандае мебошад: дар бораи амалиётҳо, суратҳисобҳо ва пасандозҳои мизоҷони (корреспондентҳои) он; дар бораи муштарии (корреспонденти) худ, ки бонк вобаста ба расонидани хизматҳои бонкӣ ба ӯ гирифтааст; дар бораи мавҷудият, хусусият ва арзиши амволи муштарӣ (корреспондент), ки дар сейфҳо ва биноҳои бонк нигоҳ дошта мешаванд; оид ба амалиёти байнибонки ва муомилоти бо супориши муштарӣ (корреспондент) ё ба манфиати ӯ басташуда; дар бораи мизоҷи (корреспонденти) бонки дигар, ки дар натиҷаи муомилоти маълумоти сирри бонкӣ байни бонкҳо маълум гардид; оид ба иштирокчиёни низоми нафақа, ҳаҷм ва ҳаракати саҳмҳои нафақа, пасандозҳои нафақа дар суратҳисобҳои нафақаи инфиродии шаҳрвандон» [183].

Яке аз бартариятҳои қонуни ҷумҳуриҳои Арманистон, Узбекистон ва Қирғизистон дар самти сирри бонкӣ дар он зоҳир мешавад, ки он на танҳо мафҳуми сирри бонкӣ балки мафҳуми ифшои чунин иттилоотро дар бар мегирад. Дар қонунгузориҳои мазкур мафҳуми зикршуда ба таври ягона муайян гардида, зикр мешавад, ки «ифшои сирри бонкӣ ин нашр ё паҳн кардани маълумоте мебошад, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, шифоҳӣ ё хаттӣ, тавассути воситаҳои ахбори омма ё бо дигар воситаҳо, расонидани чунин маълумот ба маълумоти шахси сеюм ё шахсон, ё мустақиман ё ғайримустақим ба шахсони сеюм имконияти ба

даст овардани онро фароҳам овардан, яъне: иҷозат додан, монеъ нашудан ё дар натиҷаи вайрон кардани тартиби нигоҳдории чунин маълумот, фароҳам овардани имконияти ба даст овардани он ҳисобида мешавад» [174].

Дар ҳамаи қонунҳои номбаршуда дар ҳолати мавҷуд будани зарар ҳангоми ифшои иттилооти сирри бонкӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ ва дар ҳолати набудани зарар ба ҷавобгарии маъмурӣ, маданӣ, меҳнатӣ ҷалб карда мешаванд.

Бештар чунин ҷавобгарӣ хусусияти моддӣ дорад, масалан дар Ҷумҳурии Қирғизистон шахсони гунаҳкор ҳангоми пурра талофи намудани зарараи расонидааш ҳуқуқи муштарӣ барқароршуда ҳисобида мешавад. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон бошад масъалаи мазкур ба таври вазнинтар танзим карда шудааст, яъне барои чунин кирдор натанҳо талофии зарари расонидашуда балки ба ҷавобгарии ҷаноятӣ кашида мешванд. Дар Ҷумҳурии Арманистон дар баробари барқарор намудани зарари расонидашуда боз ба андозаи аз ду ҳазор то даҳ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки бо ҳукми суд татбиқ карда мешаванд, масъулият доранд. Яъне, дар ҷумҳуриҳои Арманистон ва Қазоқистон барои ифшои ғайриқонунии маълумоти дорои сирри бонкӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардидааст.

Масъалаи танзими ҳуқуқии сирри бонкӣ дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ.

Бонкдории исломӣ, ки ҳамчун низоми бефоиз маъруф аст, дар даҳсолаи охир маъруфияти беандоза пайдо кардааст. Бисёре аз иқтисоддонҳо, сиёсатмадорон ва шахсиятҳои соҳаҳои мухталиф дар бораи имкони муқовимат ба ниҳодҳои молии анъанавии ин низом баҳс мекунанд. Истилоҳи «бонки исломӣ» бори нахуст дар миёнаҳои солҳои 1980 пайдо шуд ва ба маънои як ниҳоди молиявие буд, ки фоиз намегирад. Бонкдории исломӣ бар асоси шариат, як низоми меъёрҳо ва қонунҳое, ки марбут ба пешбурди корҳои иқтисодӣ, давлатӣ ва сиёсӣ,

инчунин ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи мусулмонӣ мебошанд, асос ёфтааст [164]. Аммо тафовут дар он аст, ки бонки исломӣ фоиз намегирад. Ин ба таъсири бузурги Қуръон аст, ки фоида аз рибо иҷозат намедиҳад. Тибқи меъёрҳои ахлоқи исломӣ танҳо он сарвате эътироф шудааст, ки бо меҳнати ҳалол ба даст оварда шудааст ё ҳамчун ҳадя ё мерос гирифта шудааст.

Бонкҳои исломӣ бо пешниҳоди барномаҳои мухталиф ба амонатгузоронашон даромад ба даст меоранд. Чор воситаи маъмултарин инҳоянд:

1) «Мудараба» як шарикии махсусест, ки дар он нақшҳо ба таври возеҳ тақсим шудаанд. Дар ин ҳолат, пули муштарӣ на танҳо пасандоз, балки як навъ сармоягузорӣ аст;

2) «Мушарака» шарикӣ дар шароити баробар аст. Дар ин сурат муштарӣ метавонад назар ба ҳолати аввал фоидаи бештар ба даст орад. Аммо сармоягузор таваккали «нокомӣ»-и лоиҳаи бонкиро ба дӯш мегирад ва дар сурати муфлисшавӣ як қисми уҳдадориҳои бонкро ба дӯш мегирад.

3) «Мурабаха» - барои сармоягузории амалиётҳои тиҷоратӣ иҷозат медиҳад;

4) «Қадр – ул - ҳасан» (кредити хайрия) қарзи бефоиз аст, ки ба шахсони ниёзманд, ширкатҳо ё минтақаҳо дода мешавад [141, с. 265-269].

Соли 1983 Маҷлиси Эрон Қонун «Дар бораи фаъолияти бонкӣ бидуни гирифтани рибо» – ро қабул кард ва ин қонун соли 1984 эътибор пайдо кард. Дар кишвари мазкур бастани шартномаи пасандози манъ гардида, дар ҷойи он шартномаи намояндагӣ таҳия ва ба имзо расонида мешавад. Дар ин маврид пул тибқи шартномаи намояндагӣ дар бонк гузошта мешавад ва бонк бошад, дар навбати худ, ҳамчун шахси боваринок маблағҳоро ба муомилот мегузорад ва дар чунин муомилот, ба монанди гирифтани даромади фоиз, иҷора бо хариди минбаъда ва ғайра истифода мебарад. Дар натиҷаи ин амалиётҳо бонк фоида ба даст

оварда, фоизи худро аз ин маблағ нигоҳ медорад ва пули боқимондаро ба муштарии худ бармегардонад [141].

Ҳамин тариқ, дар бонкҳои исломӣ шахсе, ки пулашро ба амонат гузоштааст, бонкро шахси бовариноки худ медонад, ки метавонад пули муштариро сармоягузорӣ кунад ва баъдан фоида аз муомилот ба ӯ диҳад. Фоида дар вақти муайян, ҳар рӯз, моҳона ё солона пардохт карда мешавад. Пардохти ниҳоии фоида пас аз ба итмом расидани муҳлати муомилот ва анҷом додани ҳисобҳои дақиқ сурат мегирад. Бонк ҳуқуқ дорад тамоми амалҳои марбут ба ин муомилотро анҷом диҳад ва шахси боэътимод мебошад.

Ҳангоми анҷом додани фаъолияти бонкӣ бидуни гирифтани рибо, бонкҳо аз намудҳои гуногуни шартномаҳо истифода мебаранд ва шахсе, ки тасмим гирифтааст аз бонк қарз гирад, аллакай шарики бонк маҳсуб мешавад ва аз бонк бо фоиз маблағ мегирад. Дар натиҷа, шахс маблағи қаблан гирифтаашро бо фоизи кам ба бонк бармегардонад. Дигар мисол овардан мумкин аст. Бонк метавонад ба ҷойи пул худаш молро барои муштарӣ харидорӣ кунад ва онро бо қарз ба муштарӣ фурӯшад. Дар ин ҳолат бонк пуле намедиҳад, ки аз он фоиз гирифта метавонад, балки молро худаш мефурӯшад.

Махфият яке аз ҳуқуқҳои асосии ҳар як шахс аст. Ин ҳуқуқ барои ҳама ва пеш аз ҳама барои дини ислом муқаррар шудааст. Машғул шудан ба рибо ва судхӯрӣ дар фарҳанги динни ислом ҷиноят ҳисобида мешавад. Бинобар ин, дар кишварҳои бо низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ташаккулдода маҳрамияти чунин иттилоот иҷозат дода намешавад. Дар сураи «Ал - Ҳуҷурот» китоби муқаддас Қуръон чунин пешбинӣ намудааст: «Эй касоне, ки имон овардаед, аз гумон бипарҳезед, зеро баъзе аз онҳо гуноҳкоранд ва ҷосусӣ накунед...» [72].

Аз муқаррароти мазкур маълум мегардад, ки тамоми муомилотҳо дар бонкҳои исломӣ бо назардошти низоми махфияти сирри бонкӣ амал мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ Қонуни ҶТ «Дар бораи бонки

исломӣ» қабул карда шудааст, ки дар он низоми сирри бонкӣ монанди ҚҶТ «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» танзим карда шудааст.

Ҳамин тариқ, ҷамъбасти таҳлили стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқии сирри бонкӣ, мо метавонем ба хулосаҳои зерин барорем. Қонунгузории махсус оид ба сирри бонкӣ дар ҳама кишварҳо вуҷуд надорад ва тавассути меъёрҳои зерин: конститутсия, қонунҳо дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумӣ ва дар баъзе мавридҳо бевосита бо қонунҳо дар бораи сирри бонкӣ танзим карда мешавад. Агар аз муҳтавои танзими дастрасии иттилооот ба сирри бонкӣ ва номгӯи маълдумоти ба он воридшаванда нигарем, пас онҳоро ба ду гурӯҳи азим ҷудо намудани дуруст мебошад: маълумоте, ки тибқи шартҳои шартномаи байни ташкилоти қарзӣ ва муштарӣ ва маълумоте, ки фаъолияти худи бонкро ҳамчун муассисаи молиявӣ муайян мекунад.

Субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба риояи кафолатҳои ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои нигоҳ доштани сирри бонкӣ дар кишварҳои гуногун тақрибан як хел арзёбӣ карда мешаванд. Дорандагони иттилоот мизоҷон ва корреспондентҳои бонкҳо мебошанд. Соҳибони сирри бонкӣ бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ, инчунин роҳбарияти онҳо, хизматчиён, коргарон ва ғайраҳо. Истифодабарандагони маълумот шахсони гуногун мебошанд: намояндагони бевоситаи мизоҷони бонк (намояндаҳои боэътимоди шахсони воқеӣ, ворисон, идораҳои нотариалӣ ва ғ.); мақомоти давлатие, ки фаъолияти молиявию хоҷагии шаҳрвандонро танзим ва назорат мекунанд (мақомоти танзимкунандаи коғазҳои қиматнок; мақомоти андоз ва ғайра); гурӯҳи сеюм аз мақомоте иборат аст, ки таъқиби ҷиноятиро пеш мебаранд, прокуратура ва судҳо.

Риояи низоми сирри бонкӣ дар бисёр кишварҳо гуногун буда, он аз воситаи дастрасӣ ва ба мақомотҳои давлатӣ додани он, аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

## 2.2. Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини кафолати ҳифзи сирри бонкӣ дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз муқарраротҳои зикргардидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки низоми дастрасии иттилооти сирри бонкӣ маҳдуд карда шуда, он дорои хусусияти махфӣ мебошад. Дар қонуни қаблан қабулнамудани Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» алалхусус дар мазмуну моҳияти моддаи 48 зикр шудааст, ки пешбинӣ намудани муқаррароти сирри бонкӣ дар қонун пеш аз ҳама пеш гирифтани роҳи дахолати шахс ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии ҳар як фардӣ ҷомеа мебошад, ки бо он ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳар як шахс мавриди ҳисоя қарор мегирад ва падидаи мазкур бо ҷавобгариҳои мухталиф пурзӯр карда мешавад.

Махфӣ нигоҳ доштани иттилооти марбут ба сирри бонкӣ дар танзим ва иҷрои ҳуқуқҳои муштраиён ва корреспондентҳои ташкилоти қарзӣ мусодат намуда, боварии онҳоро дучанд менамояд. Аз нигоҳи дигар кафолатҳои ҳуқуқии сирри бонкӣ дар қонунгузорӣ бо меъёрҳои махсус мустаҳкам гардида, аз фаъолияти ташкилию ҳуқуқӣ, татбиқи бемамониат ва муҳофизати он равона карда шудааст. [151, с. 143].

Дар қонунгузорӣ на танҳо мафҳуми сирри бонкӣ, балки принсипҳои он, тартиби ҳифзи он низ муайян шудааст.

Муқаррароти моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкҳо» бевосита сарчашма ва заминаи ҳуқуқии худро аз талаботи моддии 23 Конститутсияи ҶТ ба даст оварда, танҳо дар асоси он дастрасии иттилооти мазкур ба монанди иттилооти шахсӣ ва оилавӣ маҳдуд карда мешавад ва дар фарқият аз охирин он аз ҷониби ташкилоти қарзи таҳти ҳимоя қарор мегирад.

Муқаррарот дар бораи сирри бонкӣ ба шаҳрвандон имконият фароҳам меорад, ки ба таври махфӣ фаъолияти соҳибкорӣ ва хоҷагидории худро озодона бе мамониат амалӣ намуда, онро бо роҳи кушодани суратҳисоби бонкӣ, интиқоли маблағ ва ғайраҳо ба роҳ монад.

Тибқи м. 32 Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи моликиятро қонун кафолат медиҳад.

Маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд, таҳти ҳимояи ҳуқуқӣ қарор доранд. Қонунгузорӣ муқарраротеро муқаррар мекунад, ки барои таъмини махфӣ будани иттилооте, ки бояд сирри бонкӣ ҳифз карда шаванд. Танҳо дар ду қонун иттилоотҳои ба сирри бонкӣ дахлдошта пешбинӣ карда шудааст, аз ҷумла дар Кодекси маданӣ ва ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» зикр шудааст.

Моддаи 48 ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» муқарраротеро дар бар мегирад, ки ба субъектҳое, ки маълумоти дорои сирри бонкиро гирифта метавонанд, муқаррар шудааст. Дар қисми дигар моддаи мазкур ҳолатҳое зикр шудааст, ки маҳз кадом амалиётҳои бонкӣ бояд таҳти ҳимоя (махфият) қарор гиранд, ба онҳо суратҳисобҳо ва амалиётҳои онҳо (ба муқаррароти мазкур амаонату пасандози шахсони воқеӣ низ дохил мешаванд, зеро он бо кушодани суратҳисоб амалӣ карда мешавад), иттилооти марбут ба интиқоли маблағ ва дар бораи гирандагон ва интиқолдиҳандагон ва ғайраҳо, инчунин маълумот дар бораи ҳисоботи маҷмуии фаъолияти бонкӣ, ки дарбаргирандаи иттилоот дар бораи шахс мебошад ва роҳбари мақомоти ҳокимияти давлатӣ муайян мекунад, пешбинӣ шудааст мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоте, ки вазифаҳои суғуртаи ҳатмии пасандозҳоро иҷро мекунад, паҳн мегардад. Инчунин дар қонунгузорӣ муқаррарот пешбинӣ карда шудааст, ки ба ташкилотҳои аудиторӣ додани маълумоти ба шахсони сеюм дар бораи муомилот, суратҳисобҳо ва пасандозҳои ташкилотҳои қарзӣ, мизоҷон ва корреспондентҳои онҳо, ки дар рафти санҷиш ба даст оварда шударо манъ аст. Мақоми ваколатдоре, ки вазифаҳоро оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм амалӣ менамояд ҳуқуқ надорад маълумоти аз ташкилотҳои қарзӣ гирифташударо мутобиқи қонунгузорӣ ба шахсони сеюм ифшо намояд.

Операторони низоми пардохти ҳуқуқ надоранд ба шахсони сеюм маълумот оид ба амалиёт ва суратҳисобҳои иштирокчиёни низоми пардохти ва мизоҷони онҳоро ифшо намоянд.

Ҳангоми дастарас гардидани иттилооти сирри бонкӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ намояндагон ва роҳбарони мақомотҳои давлатӣ ҳуқуқ надоранд, маълумоти мазкурро ба шахсони сеюм дастрас намояд, зеро тибқи талаботи қонуни соҳавии худ уҳдадоранд иттилооти мазкурро танҳо бо мақсадҳои низомномавии худ ноил гардидан истифода менамояд, ки тибқи қонунгузорӣ дар бораи муқовимат бо қонунгардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст овардашуда ва мубориза бо коррупсия дастрасшударо маълумот пешниҳод намоянд.

Мутобиқи талаботи қ. 6 м. 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» «мақомот, агентҳои назорати асъор ва шахсони мансабдори онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд сирри тиҷоратӣ, бонкӣ ва хизматии ҳангоми амалӣ кардани ваколатҳояшон маълумшударо махфӣ нигоҳ доранд» [24].

Марказҳои амалиётӣ ва марказҳои клиринги пардохтӣ ҳуқуқ надоранд ба шахсони сеюм маълумот оид ба муомилот ва суратҳисобҳои иштирокчиёни низоми пардохтӣ ва мизоҷони онҳоро дар ҷараёни гузаронидани хизмтарасониҳои худ ба шахсони бегона ифшо намоянд, ба истиснои он ҳолатҳое, ки чунин уҳдадорӣ дар қонунгузорӣ ва барои ноил гардидани дуруст анҷом дода шудани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ равона шудааст.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ надорад маълумотро дар бораи муомилот, суратҳисобҳо ва пасандозҳо, дигар амалиётҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ, ки дар рафти фаъолияти муътадили онҳо ба даст омадааст ифшо кунад ё ба шахсони сеюм пешниҳод намояд.

Бо вуҷуди ин, муқарраароти м. 48 ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», ки ҳолати ифшо накардани чунин иттилоотро муайян намуда, дар як маврид ҳуқуқи гирифтани маълумоти дорои сирри бонкиро

доранд, дар бар намегирад. Аз ҷумла, нисбати мақомоти тафтишоти пешакӣ чунин муқаррароти таъмини махфӣ муқаррар карда нашудаанд, ки ба онҳо бо ризоияти роҳбари мақомоти таҳқиқотӣ дар парвандаҳои тобеи онҳо дар шакли маълумотнома дар бораи муомилот ва суратҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандоне, ки бидуни ташкили суратҳисоби пасандози шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, бо ризоияти роҳбари мақомоти тафтишотӣ пешниҳод карда мешаванд.

Бо мақсади иҷроиши муқаррароти м. 2 КМҶ ҶТ, ки вазифаҳои пешбурди парвардаи ҷиноятӣ муқарарр намудааст ва тибқи он «ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ҳимояи манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд» [9] вазифаи асосии субъектони асосии пешбурди парвандаи ҷиноятӣ муайян намудааст, ки ба он ифшо накрадани сирри бонкӣ низ дохил мешавад ва қонунгузорӣ кафолатҳои ифшо накардани маълумоти бадастомадаро аз ҷониби мақомоти тафтишотии пешакӣ муайян намуда, ҷавобгариро барои вайрон намудан низоми сирри бонкӣ муқаррар намояд.

Бо дарназардошти аҳаммияти махсуси сирри бонкӣ аз нуқтаи назари манфиатҳои ҷамъиятии давлат ва умуман ҷомеа, омӯхтани тадбирҳое, ки ба ҳифзи чунин маълумот нигаронида шудаанд, ба мақсад мувофиқ аст.

Дар асоси талаботи м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иттилоот» «ҳифзи иттилоот – маҷмуи чорабиниҳо, ки бо мақсади пешгирӣ намудани ихроҷӣ, дуздӣ, гумкунӣ, нобудсозии беиҷозат, ғалат маънидодкунӣ, тағйирдиҳӣ (сохтакорӣ), нусхабардории беиҷозат ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот гузаронида мешаванд» [29].

Аз мамуни меъёри мазкури қонунгузорӣ маълум мегардад, ки табдирҳо оид ба ҳифзи иттилоот ба самтҳои мазкур равона карда шудааст:

1) таъмини ҳифзи иттилоот аз дастрасии беиҷозат, нобуд кардан, тағйир додан, нусхабардорӣ, пешниҳод кардан, паҳн кардан, инчунин аз дигар амалҳои ғайриқонунӣ нисбат ба чунин иттилоот;

2) нигоҳ доштани махфияти маълумоти маҳдуд;

3) татбиқи ҳуқуқ ба иттилоот.

Барои таъмини ҳифзи самараноки махфияти маълумоти маҳдудшуда, аз ҷумла иттилооте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд, ки баҳри таъмини амнияти иттилооти зикршуда дар ҳамбастагӣ коркард намудани чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва техникӣ ба маврид ва саривақтӣ мебошад

Риояи низоми махфияти маълумоти маҳдудшуда, аз ҷумла маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, ҳамчун яке аз чораҳои ҳифзи иттилоот ба ҳисоб меравад. Қонунгузории маданӣ асос ва тартиби ба мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор додани маълумоти дорои сирри бонкиро бе ризоияти мизоҷон ва мухбирони ташкилоти қарзӣ пешбинӣ менамояд.

Дар як қатор мавридҳо қонунгузорӣ бевосита ба ташкилотҳои қарзӣ хабар додани мизоҷонро дар бораи ҳолати ба мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор пешниҳод намудани маълумоте, ки сирри бонкии муштарии мазкурро ташкил медихад, манъ мекунад. Масалан, ҳуҷҷатҳо ва маълумот дар бораи амалиётҳо, суратҳисобҳо ва пасандозҳо, инчунин маълумот дар бораи амалиёти мушаххаси шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд. Ташкилоти қарзие, ки ҳуҷҷату маълумоти зикршударо пешниҳод менамояд, инчунин кормандони чунин ташкилотҳои қарзӣ ҳуқуқ надоранд дар ин бора ба мизоҷони ин ташкилоти қарзӣ ё шахсони дигар хабар диҳанд.

Татбиқи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот аз муқаррароти пешбининамудаи моддаи 30 Конститутсияи ҶТ бармеояд, ки тибқи он ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат

дода мешавад. Гурӯҳи маълумотҳое, ки гардиши онҳо маҳдуд карда шудааст, дар қ. 2 моддаи мазкури Конститутсия пешбинӣ шудааст, ки таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, дар ҳудуди ҶТ манъ карда шудааст.

Дар якчанд қонунҳои амалкунандаи ҶТ зикр шудааст, ки бадасторӣ, нигоҳдорӣ, мавриди истифода қарор додан ва ба ҳамагон дастрас намудани маълумоти ҳаёти шахс манъ аст, агар ӯ дар ин хусус худ розигӣ надода бошад.

Қонунгузорӣ дар самти фаъолияти бонкҳо уҳдадории нигоҳ доштани сирри бонкии муштариён ва корреспондентҳои онҳоро ба зиммаи ташкилотҳои қарзӣ, Бонки миллӣ ва ташкилоте, ки вазифаҳои суғуртаи ҳатмии пасандозҳоро амалӣ менамояд, вогузор намудааст. Қонун бевосита уҳдадории субъектҳои мушаххасро оид ба ифшо накардани маълумоти дорои сирри бонкӣ муқаррар кардааст. Аз ҷумла, мутобиқи қонунгузории амалкунанда Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилоте, ки вазифаҳои суғуртаи ҳатмии пасандозҳоро иҷро мекунад, ҳуқуқ надорад маълумотро дар бораи суратҳисобҳо, пасандозҳо, инчунин маълумот дар бораи амалиёт ва амалиёти мушаххас аз ҳисоботи ташкилотҳои қарзӣ, ки дар натиҷаи иҷрои вазифаҳои иҷозатномадиҳӣ, назоратӣ ва амрдиҳиро гирифтаанд, ифшо кунад ва чунин муқаррарот бевосита дар қонун зикр шудааст ва ҳолати ифшои он низ муайян шудааст. Дар ин замина ташкилотҳои аудиторӣ ҳуқуқ надорад ба ифшои ин маълумотҳо ҳуқуқ надоранд, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, ифшо намоянд. Мақоми ваколатдоре, ки чораҳои мубориза бар зидди қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаро амалӣ менамояд, инчунин ҳуқуқ надорад ба шахсони сеюм маълумоти аз ташкилотҳои қарзӣ гирифташударо фош намояд. Ҳолатҳо ва асосҳои

фош намудани чунин маълумотҳоро қонунгузории амалкунанда муқаррар мекунад.

Ташкилоте, ки вазифаҳои марбут ба суғуртаи ҳатмии пасандозҳоро иҷро мекунад, ҳуқуқ надорад маълумоти тибқи қонунгузорӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба онҳо дастраснамударо ба шахсони сеюм ифшо кунад.

Дар ҳолати баъакс амал намудани ташкилоти суғуртаи ҳатмии амонату пасандозҳо Бонки милли Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти масъул дар санҷиш ва назорати фаъолияти онҳо мақоми ваколатдоре, ки чораҳоро оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда анҷом медиҳад, нисбати онҳо чораҳои таъсиррасониро амалӣ менамояд ва дар баробари ин онҳо тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарии моддӣ ҷалб карда шуда, ҷуброни зарари расонидаашонро пурра амалӣ менамоянд.

Қобили зикр аст, ки дар Кодекси мадании ҶТ ҳуқуқи муштарӣ барои ҷуброни зиён пешбинӣ шудааст ва дар ҚҶТ «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» бошад, ҳолати ба мизоҷони бонк зарари расонидааш ҷуброн карда мешавад, пешбинӣ карда нашудааст.

Ҳолати мазкур дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ақидаҳои гуногунро ба миён овардааст. Чунончӣ, Витрянский В.В. қайд намудааст, ки дар бисёр ҳуҷҷатҳое, ки принсипҳои шартномаҳоро муайян мекунанд, инчунин масъулияти вайрон кардани ухдадориҳои шартномавиро ба танзим медароранд, дифференсиатсияи мафҳумҳои «зарар», «зиён», «хароҷот», ки аксар вақт ҳамчун синонимҳо ва ё истилоҳҳои якдигарро пурра мекунанд, ба кор бурда мешаванд, на ҳамеша қатъиян риоя карда мешавад. Бинобар ин, ҳар дафъа маънои ҳақиқии истифодаи ин ё он мафҳумро равшан кардан лозим меояд, агар вай, албатта, ягон аҳаммияти ҳуқуқӣ дошта бошад [48, с. 638].

Малеина М.Н. қисмати зарари расонидашударо таҳқиқ намуда, брози андеша намудааast, ки «дар адабиёти ҳуқуқӣ, амалияи судӣ ва

судҳои иқтисодӣ мафҳумҳои «зарар», «зиён», «харочот» истифода мешаванд. Зарар ва зиён аксар вақт синоним ҳисобида мешаванд. Мафҳумҳои «зарар» ва «харочот» ба ҳам мувофиқ нестанд. «Зарар» мафҳуми васеътар буда, ба зарари молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ чудо мешавад» [60, с. 507; 73; 74].

Лисисин Н.В. меъёрҳои КГ Федератсияи Россия ва Қонун дар бораи бонкҳоро таҳлил ва муқоиса намуда, ақидаеро чонибдорӣ намудааст, ки «дар қонунгузории мадании Федератсияи Русия чуброни тамоми зиёнҳо — зиёни воқеӣ ва фоидаи аз даст рафтаро пешбинӣ мекунад, дар ҳоле ки Қонун дар бораи бонкҳо танҳо зарари воқеиро пешбинӣ мекунад» [151, с. 157-158]. Талофи намудани чуброни зарари расонидашуда дар ҳачми пурра дар қонунгузории маданӣ ҳамчун принсип баромад менамояд. Тибқи талаботи он ҳар шахси чабрдида ҳуқуқ дорад зарарашро дар ҳачми пурра талаб намояд ва агар тибқи созиш ба дигар шарту шароит розӣ нашуда бошад. Муаллиф чунин мешуморад, ки дар ин ҳолат меъёрҳои Кодекси мадании Федератсияи Руссияро ба роҳ мондан «лозим аст ва бинобар ин, агар дар созишномаи муштарӣ бо ташкилоти қарзӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, муштарӣ ҳуқуқ дорад аз бонк чуброни ҳарду харочотеро, ки ӯ барои барқарор кардани ҳуқуқи мадании вай ба даст овардааст, талаб кунад ё барои барқарор кардани ҳуқуқи мадании ӯ тибқи шартҳои муқаррарии худ аз даст дода мешуд, пешбинӣ карда шавад» [151, с. 157-158].

Ба андешаи Андронова Т.А. муштари дар ҳама гуна ҳолатҳои дар ҳолати ба ӯ расидани зарар талофи намудани онро талаб намояд, зеро вайрон кардани сирри бонкӣ метавонад ҳам ба зарари воқеӣ ва ҳам фоидаи аз даст додашуда оварда расонад.

Ақидаи мазкур қобили дастгирӣ мебошад. Зеро тамоми муносибатҳои доир ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ манбаи асосии танзими муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад ва дар ин ҳолат тамоми муносибатҳои байни муштарӣ ва ташкилотҳои қарзӣ дар асоси

шартномаҳои тарафайни басташуда, ки хусусияти маданӣ-ҳуқуқӣ дорад, муайян карда мешавад. Дар ин ҳолат ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар сурати аз ҷониби ташкилотҳои бонкӣ ва ташкилотҳои кредитӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои суғуртавии амалиётҳои бонкӣ рияо нагардидани талаботи қонун дар хусуси махфи нигоҳ доштани иттилооти ба мизоҷ дахлдошта ва дар натиҷаи воқеан зарар дидан ба ӯ ҳам зарари моддӣ ва зарари дар намуди фоидаи аздастрафтаро пурра ҷуброн намояд, агар исбот шавад, ки амалӣ мазкур бо гуноҳи яке аз ташкилотҳои номбурда ё агар зарар воқеан мавҷуд, яъне тарафи даъвогар уҳдадор аст, ки зарари расонидашуда исбот намояд.

Баъзе аз муаллифон дар таҳқиқотҳои худ дар ин хусус оид ба ҷой доштани зарари маънавӣ мулоҳизаронихо анҷом дода шудааст, ки он хело ҷолиб мебошад [71, с. 673].

Сарбаш С.В. яке аз олимоне мебошад, ки чунин ақидаро дастгирӣ намудан, андешаи худро чунин баён намудааст: дар ҳолати аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ифшо градидани иттилооти сирри бонкӣ ё дигар шахсон мизоҷ исбот намояд, ки ӯ дар ҳақиқат ҳам аз ҷиҳати рӯҳони ва ҷисмони азият дидааст ва чунин ҳолат танҳо дар мавриди мавҷудияти суратҳисоби бонкӣ имконпазир буда, бояд ҳолатҳои мазкур аз ҷониби равоншинос ва дигар шоҳидон исбот гардад [90, с. 152].

Мавқеи муаллифон дар ин хусус гуногун буда, ҳатто онҳо ҷой доштани зарари маънавии шахсони ҳуқуқиро низ қобили дастгирӣ мешуморанд, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ зарари иқтисодӣ ва шаклӣ арзиши дорад [110, с. 52].

Дар ин ҳолат ба андешаи мо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар баробари ҳуқуқи талаб намудани ҷуброни зарари моддӣ, инчунин ҳуқуқ доранд, ки ҷуброни зарари маънавиро низ талаб намоянд, чунки дар натиҷаи амали ғайриқонунӣ неъматҳои ғайримоддии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ низ аз зарар канора намемонанд, ки дар обрӯ, натиҷа шаъну шараф ва эътибори кории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ осеб расонида мешавад.

Доир ба масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон кардани низоми махфияти сирри бонкӣ ва намудҳои он дар зербоби минбаъда ақидаронӣ карда мешавад.

Масаълаи муҳиме, ки ҳалли имлии худро талаб мекунад, ин масъалаҳои ҳуқуқии маҳдуд кардани махфияти сирри бонкӣ ва субъектоне, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба маълумоти сирри бонкӣ доранд, мебошад.

Мутобиқи талаботи м. 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад» [1].

Аз мазмуни меъёри мазкури конститутсионӣ маълум мегардад, ки ҳуқуқ ба сирри бонкӣ ҳуқуқи мутлақ набуда, дар ҳолатҳои дар қонунгузорӣ пешбинишуда маҳдуд карда мешавад. Ҳуқуқи ба сирри бонкӣ тавассути ба субъектони махсус пешниҳод намудани ҳуқуқи дастрасӣ ба он маҳдуд карда мешавад.

Дар асоси талаботи қонунгузорӣ шахсоне, ки ба иттилооти сирри бонкӣ дастрасӣ доранд аз рӯи хусусиятҳои хос онҳоро ба се гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намудан мумкин аст.

Ба гурӯҳи якум, шахсоне дохил мешаванд, ки бевосита дар ҷараёни коркарди маълумоти сирри бонкӣ ширкат меварзанд ва ҳифзи он аз ҷониби онҳо вобаста мебошад, ташкил медиҳанд. Ба онҳо муштариён ва корреспондентҳои ташкилоти қарзӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳое дохил мешаванд, ки вазифаҳои марбут ба суғуртаи ҳатмии пасандозҳоро иҷро мекунанд.

Ба гурӯҳи дуюм, кафолати махфияти он аз онҳо вобаста буда, ба зумраи чунин субъектон тамоми ташкилотҳои қарзӣ, Бонки миллии

Тоҷикистон ва ташкилотҳое дохил мешаванд, ки вазифаҳои марбут ба суғуртаи ҳатмии пасандозҳоро иҷро мекунанд.

Дар баробари ин, аз таҳлили м. 48 ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ҷараёни махфинигоҳдорӣ на танҳо шахси ҳуқуқӣ бо мақомҳои худ, балки кормандони он метавонад иштироки махсус дошта бошад, зеро бештари чунин маълумот аз ҷониби кормандони ташкилот коркард карда мешавад ва онҳо сарчашмаи аввали коркарди маълумот ба ҳисоб мераванд.

Ба гурӯҳи сеюм, шахсоне дохил мешаванд, ки датсрасӣ ба маълумоти мазкур ба мизоҷон, намояндаи ваколатдори онҳо, ташкилоти нигоҳдорандаи таърихи қарз, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор шомиланд. Дастраси ба иттилооти сирри бонкӣ ба онҳо танҳо дар асоси талаботи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад. Ба намояндаи якум дар асоси ариза ва шартномаи мавҷуда, ба таърихи қарз бо гирифтани розигии мизоҷ ва шартномаи ҳамкории онҳо, ба мақомот ва шахсони ваколатдор дар асоси қарор расмии тибқи қонун қабулшуда ва ё дар асоси мактуб дода мешавад.

Аз мазмуни меъёрҳои ҚҶТ «Дар бораи иттилоотонӣ» «маълум мегардад, ки дастрасӣ ба иттилоот қобилияти ба даст овардани иттилоот ва истифодаи он мебошад.

Ҳар як маълумоти сирри бонкӣ аз рӯи шакли худ ба таври гуногун дастрас карда мешаванд:

-маълумот дар бораи суратҳисоб ва амалиётҳои он дар шакли иқтибос аз суратҳисоб бо гузоштани штампи ташкилот бо қайди санаи дахлдор дода мешавад;

- нусхаи шаҳодатномаҳои амонатию пасандозҳо ва иқтибос аз чунин суратҳисобҳо бо тартиби дар боло зикргарида;

-ҳуҷҷатҳо ва маълумоти марбут ба анҷом додани амалиёти асъорӣ ва агар чунин амалиёт бо кушодани суратҳисоб анҷом дода шуда бошад пас иқтибос аз суратҳисоб;

- дигар амалиётҳои анҷомдодашуда дар шакли маълумотнома манзур карда мешавад» [18].

Мутаассифона, дар қонунгузории амалкунанда муайян нашудааст, ки маълумотҳои марбут ба сирри бонкӣ дар кадом шакл манзур карда мешавад, яъне дар шакли электронӣ, хаттӣ, иқтибосҳо, маълумотнома ва ғайраҳо.

Дар таҷриба дар аксар ҳолатҳо нофаҳмоиҳоро ба миён оварда, мақомоти давлатӣ маҷбур мешавад барои ҳамаҷониба аниқ намудани маълумоти дастрасшуда иттилооти мазкурро чанд маротиба дар шаклҳои гуногун талаб намояд. Ташкилоти қарзӣ дар як маврид уҳдадор аст талаботи қонунии мақомоти давлатиро иҷро намояд, аз ҷониби дигар уҳдадор аст иттилооти муштарӣ ва амалиётҳои ӯро махфӣ нигоҳ дорад.

Дар бораи зарурати ба тартиб андохтани низоми ҳуқуқии ифшои маълумоти дорои сирри бонкӣ мувофиқи талаботи мақомоти ваколатдор, аниқ кардани мафҳуми «шаҳодатномаҳо оид ба амалиёт ва ҳисобҳо...» дар асарҳои илмӣ комилан дуруст қайд карда шудааст [143].

Шахсоне, ки ба гирифтани ин маълумот ҳуқуқ доранд, дар қисми 2 м. 48 ҚҶТ «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» пешбинӣ гардидааст, ки номгӯйи онҳо дар зербобҳои қаблӣ таҳлил ва барои бартараф намудани норасогиҳои қонунгузорӣ пешниҳодҳо асоснок карда шудаанд.

Маълумотҳое, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд, аз ҷумла ҳуҷҷатҳо ва маълумот дар бораи муомилот, суратҳисобҳо ва пасандозҳо, маълумот дар бораи амалиёти мушаххаси шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, ки бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ фаъолияти соҳибкорӣ анҷом медиҳанд ва шахсони ҳуқуқӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд. Вақте ки Бонки миллии Тоҷикистон вазифаҳои муқаррарнамудаи қонунгузориро иҷро менамояд, мушаххасони сирри бонкӣ ба ӯ ошкор карда мешавад. Дар айни ҳолат ташкилоти қарзие, ки ҳуҷҷату маълумоти зикршударо пешниҳод

менамояд, инчунин кормандони чунин ташкилоти қарзӣ ҳуқуқ надоранд, ки дар ин бора ба мизоҷони ин ташкилоти қарзӣ ё шахсони дигар хабар диҳанд.

Асос барои гирифтани маълумот оид ба суратҳисобҳо ва пасандозҳои шахсони воқеӣ аз ҷониби ташкилоте, ки вазифаҳои суғуртаи ҳатмии пасандозҳоро амалӣ менамояд, рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ мебошад, ки яке аз ҳолатҳои зерин баромад карда метавонанд:

-бозхонд (бекор кардани) иҷозатномаи бонк аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон барои анҷом додани амалиёти бонкӣ мутобиқи ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»;

-аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории ҶТ ҷорӣ намудани мораторий барои қонеъ кардани талабҳои кредиторони бонк.

Таҳқиқоти гузаронидашуда вобаста ба нақши сирри бонкӣ дар ҳифзи ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои молиявӣ нишон медиҳад, ки ташкилоти қарзию молиявӣ имконият медиҳад, ки фаъоиляти худро озода ба роҳ монда аз он баҳра гирад ва дахолати давлат ва дигар шахсон ба иттилооти сирри бонкӣ бе асос барои рушди минбаъдаи ташкилоти қарзӣ ё коста гардидани боварии шаҳрвандон ба он мегардад. Зеро, на дар ҳама ҳолат шаффофият дар ҷараёти фаъолияти тиҷоратӣ ба манфиат мутобиқат менамояд. Аз натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда комилан андешарони намудан мумкин аст, ки ифшои сирри бонкӣ ба фаъоиляти муътадили ташкилоти қарзӣ ва дигар ташкилотҳои молиявӣ таъсири калон мерасонад, ҳатто дар ҳолати нигоҳ надоштани он боиси татбиқ гардидани чораҳои таъсиррасонӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, дар намудӣ ҷаримабандӣ, қатъи амалиёти муайян, бозхонди иҷозатномаи фаъолияти бонкӣ мегардад. Ҳамзамон, дар ҳолати ифшо гардидани он аз ҷониби кормандони он ҷавобгари асоси ташкилоти қарзӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки аз муқаррароти бевоситаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикитон

бармеоянд. Дар мавриди ошкор шудани ифшо гардидани иттилоот дар ташкилоти қарзӣ нобоварии шахрвандонро ба чунин ташкилот оварда мерасонад ва онҳо аз хизматарасонии чунин ташкилот даст кашида ба ташкилоте ҳамкорӣ менамоянд, ки ҳуқуқу озодиҳои онҳоро, ки дар моддаи 23 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст, эътироф, эҳтиром, риоя ва ҳифз меанамояд, зеро тибқи моддаи 5 он ҳуқуқу озодиҳои шахс арзиши олӣ мебошад ва бояд амали ташкилоти қарзӣ ба талаботи адолат ҷавобгӯй бошад.

Ҳуқуқ ба сирри бонкӣ ҳуқуқи мутлақ набуда, дар ҳолатҳо ва шартҳои дар қонунгузорӣ муқарраршуда маҳдуд карда шудани онҳо мумкин аст. Маҳдуд кардани ҳуқуқи мазкур танҳо бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳ ва озодиҳои дигар шарҳвандон, манфиатҳои давлат ва ҷомеа иҷозат дода мешавад.

## 2.3. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани сирри бонкӣ: ҷанбаҳои маданӣ, интизомӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ

Ҳифзи ҳуқуқии сирри бонкиро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд. Кафилҳои сирри бонкӣ муассисаи молиявӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва агентии суғуртаи пасандозҳо мебошанд. Сирри бонкӣ яке аз намудҳои сирри бо қонун ҳифзшаванда мебошад. Дастрасӣ ба иттилооте, ки онро ташкил медиҳад, бо мақсади таъмини суботи низоми бонкӣ ва фаъолияти бехатару самараноки он бо қонунгузории амалкунанда маҳдуд карда мешавад.

Табиати ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқӣ (алоқаи ногусастании он бо ҳуқуқҳои субъективӣ) хусусият ва мазмуни онро муайян мекунад. Ин ҳолат пеш аз ҳама бо инҳо асоснок карда мешавад: якум, ҳуқуқ ба ҳифз ба мисли ҳуқуқи субъективии умумӣ, меъёри рафтори имконпазири шахси ваколатдор, вале рафтори мақсаднок ва маҳдудтар буда, дар навбати аввал чораҳои пешгирикунандаи вайронкунии ҳуқуқ истифода мегардад ва баъдан барои барқарор намудани он чораҳои ҳифзи ҳуқуқ истифода

мегардад; дуюм, дар ҳама ҳолатҳои ҳуқуқи субъективӣ накши ҳалкунандаро бозида тадбирҳо ё чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ бояд ба талаботи он мутобиқ бошад; сеюм, ҳуқуқ ба ҳифз ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ умуман якчанд имкониятҳоеро дарбар мегирад, ки амалишавии ҳуқуқи субъективиро дар марҳила ва ҳолатҳои гуногун таъмин менамояд [60, с. 346; 61; 62].

Кафолатҳои қонунии ҳифзи сирри бонкӣ бо андешидани чораҳои ҳуқуқии давлатӣ ва хусусӣ амалӣ карда мешавад. Онҳо тавассути дар қонунгузорӣ муқаррар намудани уҳдадории ташкилотҳои қарзӣ ва шахсони дигар оид ба таъмини махфияти маълумоти дорои сирри бонкӣ, инчунин ҷавобгарӣ барои ифшои ғайриқонунии он амалӣ карда мешаванд.

Зарурати таъмини ҳуқуқҳои мизоҷон ва корреспондентҳои ташкилоти қарзӣ оид ба ҳифзи махфияти маълумоти дорои сирри бонкӣ вобаста ба таҷовузи ғайриқонунӣ ба ин маълумот ду гурӯҳи субъектонро шомил намудан дуруст мебошад: маълумоти марбут ба сирри бонкӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ва дигар ташкилотҳои молиявӣ, ки дорандаи ибтидоии иттилоот мебошад, ки дар асоси талаботи қонун уҳдадор шудаанд ва ба гурӯҳи алоҳидаи дуюм шахсони сеюме дохил мешаванд, ки ҳангоми дастрас намудани он аз ташкилоти қарзи уҳдадоранд онро махфӣ нигоҳ доранд ё ҳолатҳои ғайриқонунӣ онро гирифтаанд дохил мешавад. Субъекти якум ҳамеша кафолати таъмини махфияти чунин иттилоотро татбиқ менамояд ва субъекти дигар барои ноил шудани мақсадҳои қонунии худ истифода менамояд.

Танҳо бо дархости шаҳванди манфиатдор ҳифзи ҳуқуқи поймолгардидаи ӯ ба сирри бонкӣ барқарор карда мешавад, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, мақомоти судӣ ё Бонки миллии Тоҷикистон бо талаби татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатие, ки қонун муқаррар кардааст, бо мақсади пешгирии амалҳои ғайриқонунӣ ва барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшуда, амалӣ карда шавад.

Татбиқи ҷавобгарӣ барои вайрон кардани низоми сирри бонкӣ воситаи қонунии таъмини махфияти маълумоте мебошад, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд. Мафҳуми «ҷавобгарии ҳуқуқӣ» мазмун ва моҳияти хоси худро дорад. Истифодаи он ҳамеша бо оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ барои субъекти ҳуқуқ алоқаманд мебошад, яъне барои шахсе, ки талаботи қонунро иҷро кардааст ё баръакс меъёри ҳуқуқиро вайрон кардааст [85, с. 327].

Ҷавобгарӣ дар соҳаи низоми сирри бонкӣ бо баробари аз тарафи шахсе, ки чунин маълумотро бе асосҳои қонунгузорӣ ифшо намудааст, ба миён омада, дар асоси талаботи меъёрҳои қонунгузории соҳаҳои дахлдори ҳуқуқӣ ба танзим даровarда мешавад.

Ба андешаи Андронова Т.А. айни замон барои ифшои маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, асоси ҷавобгарии маъмурӣ, ҷиноятӣ ва маданӣ мегардад [144, с. 162].

Ба андешаи Фаткина Е.В. бошад, қонунгузорӣ намудҳои зерини ҷавобгариро барои вайрон кардани сирри бонкӣ муқаррар менамояд: маданӣ, интизомӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ [157, с. 134].

Мо низ ҷонибдори ақидаи Фаткина Е.В. мебошем. Зеро барои вайрон намудани низоми махфияти сирри бонкӣ тамоми намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба миён меояд, ки ҳар яке онҳоро дар поён таҳлил менамоем.

Муҳаққиқ Лиситсин Н.В., хусусиятҳои фарқкунандаи моҳияти намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро дар низоми сирри бонкӣ таҳлил намуда, қайд мекунад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ татбиқ карда мешавад ва бештари вақт барои барқарор намудани ҳуқуқҳои ҷамъиятию ҳуқуқӣ равона шудааст ва давлат ҳамчун субъекти асоси татбиқкунандаи он дар симояи мақомотҳои давлатӣ амалӣ менамояд. Дар муносибатҳои зикршуда, алалхусус дар муносибатҳои маданӣ танҳо дар асоси муроҷиати шахсони воқеию, ки муштарии ташкилоти қарзию молиявӣ мебошад, ташкилоти

қарзӣ ё кормандони ӯ ба ҷавобгарии маданӣ ҷалб карда мешаванд ва ҳуқуқи вайронгардида барқарор карда мешавад ва ин ҳуқуқ танҳо ба ин субъект дахл дорад. Бояд қайд кард, ки дар фарқият аз вазифаи ҷамъиятии давлат – ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ё маъмурӣ кашидани гунаҳкор, ба ҷавобгарии маданӣ кашидани шахси вайронкунандаи низоми махфигии сирри бонкӣ ин ҳуқуқи ҷабрдида мебошад [151, с. 144].

Бо мақсади таҳлили пурра ва объективонаи масъалаи мазкур тасмим гирифтем, ки ҳар як намуди ҷавобгарии ҳуқуқиро барои вайрон кардани низоми махфияти сирри бонкиро дар алоҳидагӣ таҳлил намоем.

***Ҷавобгарии маданӣ – ҳуқуқӣ барои вайрон кардани сирри бонкӣ.*** Ҷавобгарии маданӣ як намуди муҷозот дар шакли муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки бо оқибатҳои номусоиди дорои хусусияти молумулкӣ ва баъзан ғайримолумулкии аз ҷониби гунаҳгор (қарздор) буда, бо маҷбуркунии давлат таъмин гардида, бо маҳкумияти содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ ва мавзуи он ҳамроҳ мешавад [60, с. 660].

«Олимон ба хулоса омадаанд, ки ҷавобгарии маданӣ – ҳуқуқӣ бо мавҷудияти се нишонаҳояш асоснок карда мешавад: - маҷбуркунии давлатӣ; - оқибатҳои манфии ногувор барои ҳуқуқвайронкунанда (қарздор); - маҳкумияти ҳуқуқвайронкунанда ва субъекти ӯ» [60, с. 659].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалае баррасӣ шудааст, ки барои ифшои ғайриқонунии сирри бонкӣ кӣ бояд ҷавобгар бошад? - корманди мушаххаси бонк ё худи бонк ҳамчун шахси ҳуқуқӣ [144, с. 163]. Баъзе муаллифон бар ин назаранд, ки дар сурати аз ҷониби бонк ифшо кардани маълумоти дорои сирри бонкӣ муштарӣ ҳуқуқ дорад аз бонк ҷуброни зиёнро талаб намояд. Чунин ҷавобгарӣ ба зиммаи кормандони бонке гузошта мешавад, ки онро ошкор мекунанд [58, с. 454].

Лиситсина Н.В. чунин мешуморад, ки истинод ба м. 139 Кодекси граждании Федератсияи Русия комилан қобили қабул нест, зеро он муносибатҳои марбут ба ҳифзи сирри хизматӣ ва тиҷоратиро танзим мекунад, дар ҳоле ки танзими ҳуқуқии сирри бонкиро м. 857 Кодекси

мадании Федератсияи Русия ба танзим даровардааст. Илова бар ин, аз андешаи зикршуда бармеояд, ки ҷавобгарӣ дар шакли ҷуброни зарар ҳам ба зиммаи ташкилоти қарзӣ ва ҳам ба корманди мушаххаси он, ки ба вайрон кардани низоми сирри бонкӣ роҳ додааст, гузошта мешавад [151, с. 147].

Омӯзиши адабиётҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт нишон медиҳад, ки дар назди муштарӣ худи бонк ҷавобгарии нигоҳ доштани сирри бонкиро ба зимма дорад ва дар сурати аз ҷониби кормандони ташкилотҳои қарзӣ вайрон намудани низоми махфияти сирри бонкӣ ба андешаи мо ҷавобгарии худи ташкилоти қарзӣ ба миён меояд. Дар байни  ташкилоти бонкӣ ва корманди ифшонамудаи сирри бонкӣ мумкин аст, муносибатҳои ҷавобгарии интизомӣ ба миён ояд.

Дар асоси талаботи қисми 4 моддаи 946 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариро барои аз ҷониби бонк ифшо кардани маълумоти дорои сирри бонкӣ ҳаллу фасл намуда, зикр шудааст, ки «муштарие, ки ҳуқуқи он вайрон шудааст, ҳуқуқ дорад аз бонк ҷуброни зарари расондашударо талаб кунад» [6].

Дар ин гуна маврид шахс ҳуқуқ дорад дар асоси моддаи 14 КМ ҶТ ҷуброни пурра зарари ба ӯ расонидашударо талаб намояд, агар тибқи қонун ё талаботи шартномаи андозаи камтар нисбат ба он муайян нашуда бошад, яъне талаботи мазкур пешакӣ дар шартнома ҳаллу фасл нагардида бошад.

Бояд шахси ҷабрдида, ки муштарии ташкилоти қарзию молиявии дахлдор мебошад, исбот намояд, ки дар натиҷаи ифшои иттилооти сирри бонкии ба ӯ дахлдошта, ҳуқуқаш вайрон шудааст, молу мулки ӯ осеб дид ё ғайб задааст, ки ин ҳолати яқини зарари воқеӣ мебошад ва бояд исбот кунад, ки дар ҳолати муътадили фаъолияташ ӯ метавонист дорои кадом андоза фоида ба даст меовард, ки ҳолати мазкур ба фоидаи аз даст рафта рост меояд.

Ҳамзамон, дар қ. 3 м. 14 КМ ҶТ пешбинӣ гардидааст, ки «агар шахси вайронкардаи ҳуқуқ даромад ба даст оварда бошад, шахсе, ки ҳуқуқаш вайрон гардидааст, ҳуқуқ дорад дар баробари зиёнҳои дигар фоидаи аздастрафтаро ба андозаи на камтар аз чунин даромад талаб намояд» [6].

Дар ин гуна маврид, агар ташкилоти қарзию молиявӣ дар натиҷаи ифшои маълумотии марбут ба сирри бонкӣ даромад ба даст орад, пас шахс-муштарӣ ҳуқуқ дорад аз бонк дар баробари дигар зиёнҳо ҷуброни фоидаи аз даст рафтаро ба андозаи на камтар аз чунин даромад талаб намояд [157, с. 135].

Моддаи 49 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ҷавобгарии субъектҳоеро, ки ба маълумоти дорои сирри бонкӣ дастрасӣ пайдо кардаанд, муқаррар кардааст. Аз ҷумла, барои ифшои сирри бонкӣ Бонки миллии Тоҷикистон, шахсоне, ки аз рӯи касб, вазифа ё фаъолияти худ мустақиман ё ба таври ғайримустақим дахолат доранд, шахсони мансабдор ва кормандони мақомоти давлатӣ дар доираи талаботи қонунгузорӣ ҷавобгарӣ доранд.

Дар баробари ин, бо назардошти он, ки меъёри мазкур номгӯйи мукаммали субъектҳои ҳуқуқи гирифтани маълумоти дорои сирри бонкиро дарбар намегирад, муқаррарот дар бораи ҷавобгарии субъектҳо барои ифшои ғайриқонунии он хеле маҳдуд ба назар мерасад. Чунин вазъият метавонад ба пайдоиши шартҳои пешакии вайрон кардани низоми махфияти маълумоти дахлдор аз ҷониби шахсони сеюм мусоидат намуда, таҳдиди вайрон кардани ҳуқуқ ба сирри бонкиро ба вуҷуд орад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ олимон пешниҳод намудаанд, ки меъёри ҷавобгарӣ барои ифшои маълумоти дорои сирри бонкӣ аз ҷониби ҳар як субъекти гирифтани он ба таври қонунӣ муқаррар карда шавад. Пешниҳоди мазкурро бо он асоснок намудаанд, ки ҳамин тариқ, барои ғайриқонунӣ ифшо кардани сирри бонкӣ ҳам нисбат ба шахсоне, ки маълумотҳои мазкурро ба таври қонунӣ ё ғайриқонунӣ ё тасодуфан ба

даст овардаанд ба ҷавобгарии дар қонунгузорӣ муқарраргардида ҷалб карда мешаванд [157, с. 136].

Пешниҳоди мазкур айни ҳол инчунин барои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қобили дастгирӣ мебошад. Яъне, дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам гардидани доираи муайяни субъектони ҳуқуқи дастрасӣ дошта ба сирри бонкӣ ва барои онҳо муқаррар намудани намуди муайяни ҷавобгарӣ барои татбиқи дуруст ва якхелаи меъёрҳои қонунгузорӣ мусоидат мекунад.

Илова бар ин, м. 49 Қонуни ҶТ «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ», ки васеъ намудани муқарраротн онро нисбат ба маълумот оид ба амалиёти муштариёни ташкилотҳои қарзӣ, ки агентҳои пардохтии бонкӣ (субагентҳо) анҷом медиҳанд, пешбинӣ менамояд, муқарраротро дар бораи ҷавобгарии агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохти барои ифшои маълумоти дорои сирри бонкӣ дарбар намегирад.

Дар асоси муқаррароти дар боло зикргардидаи моддаи 48 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва дар м. 464 КМ ҶТ зикр шудааст, ки «қарздор дар ҳолатҳое, ки сабаби вайрон кардани уҳдадорӣ амал ё беамалии шахсони сеюм оид ба уҳдадориҳояшон дар назди қарздор гаштааст, дар назди кредитор ҷавобгар мебошад» [6].

Аз муқаррароти мазкур мушоҳида намудан мумкин аст, новобаста аз он ки шахсони сеюм уҳдадории худро дар назди қарздор иҷро кардаанд ё накардаанд оид ба ҷавобгарии худ дар назди кредитор ҷавобгарии фардӣ дорад.

Дар робита ба ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар асоси шартномаи басташуда байни ташкилоти қарзӣ ва агентҳои пардохти бонкӣ, ки ҳуқуқ дорад дигар ташкилотҳоро ба сифати субагентҳо ҷалб намоянд, инчунин байни агенти пардохтии бонкӣ ва субагенти пардохти бонкӣ бо мақсади анҷом додани амалиёти инфиродии бонкӣ ҳуқуқи дастрасӣ ба маълумоти дорои сирри бонкиро мегиранд [157, с. 137].

Аз ин лиҳоз, дар баробари муқаррар намудани талаботи пешниҳодшуда аз агентҳои пардохтии бонкӣ (субагентҳо) низ талаб карда мешавад, ки иттилооти марбут ба сирри бонкӣ дахлдоштаро ифшо накунанд ва дар ҳолати амали муқобил дар м. 49 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» муқаррарот дар бораи ҷавобгарии субъектҳои зикргардида барои ифшои маълумоти зикршударо ба миён меорад. Муттаҳидсозии муқаррароти боло дар м. 48 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» хело дуруст мебошад, зеро риояи ҳуқуқҳои муштарии ташкилоти қарзӣ аз ҷониби агентҳо ва субагентҳои низоми пардохти низ дар як маврид риоя карда мешавад.

Ҷавобгарии маданӣ танҳо дар сурати риояи шартҳои муайян ба миён меояд, ки ҳамаи онҳоро дар якҷоягӣ таркиби ҳуқуқвайронкунии маданӣ ном мебаранд.

Танҳо дар м. 462 КМ ҶТ ҳолатҳои зикр шудаанд, ки боиси ҷалб гардидани шахс ба ҷавобгарии маданӣ мегардад: 1) якум боят исбот карда шавад, ки шахс уҳдадориҳои худро дар назди кредитор иҷро накардааст; 2) шахс уҳдадории худро иҷро намудааст, аммо бо тарз ва усул номатлуб мебошад, яъне ба таври дахлдор иҷро накардааст; 3) дар ҳама ҳолат бояд исбот карда шаванд, ки гуноҳ (дар шакли қасдона ва ё аз беэҳтиётӣ) дар чӣ зоҳир мешавад; 4) дар ҳолатҳои истисноӣ пешбинӣ шудани ҷавобгарӣ дар қонунгузорӣ.

«Таркиби ҳуқуқвайронкуии маданӣ аз аломатҳои зерин иборат мебошад: 1) кирдори зиддиҳуқуқӣ; 2) мавҷудияти гуноҳ; 3) алоқаи сабабии байни кирдор ва оқибати фаророасида; 4) мавҷудияти зарар» [60, с. 663].

Иҷрои номатлуб ва ё иҷро накардани уҳдадориҳо боиси пайдо шудани амал ғайриқонунӣ мегардад. Беамалии ғайриқонунӣ бо беамалии оддии субъект маҳдуд нашуда, балки аз худдорӣ кардан аз амалҳои муайяне, ки санади ҳуқуқӣ ё шартнома пешбинӣ кардааст, иборат аст [60, с. 663].

Аз ҷумла, агар ташкилоти қарзӣ уҳдадориҳои худро оид ба нигоҳ доштани махфияти маълумоти дорои сирри бонкӣ, ба хусус худдорӣ аз амалҳои муайяне, ки дар санади меъёрии ҳуқуқӣ ё созишнома оид ба таъмини махфияти маълумоти зикршуда дар бораи мизоҷон пешбинӣ шудааст, номатлуб иҷро кунад ё иҷро накунад, амали ӯ ғайриқонунӣ мебошад. Масалан, агар джар ташкилоти қарзӣ корманде фаъолият намояд, ки дорои дониш ва малакае намебошад, ки бо иттилооти сирри бонкӣ фаъолият намояд, яъне талаботи қонунгузорӣ, тарзу воситаи истифодаи техникаи таҷҳизотҳои бокиро намедонад, инчунин, дар бонк барномаи махсусе мавҷуд намебошад, ки ҳифзи иттилоотро таъмин намояд ё дар натиҷаи корношоямии он иттилоот дар сомонаҳои интернетӣ ё аз ҷонибӣ шахсони киберӣ дастрас карда шуда бошанд, пас чунин амал низ ифшои ғайриқонунии иттилооти сирри бонкӣ ҳисобида мешавад.

Ифшои маълумот дар бораи муштариён, мухбирони худ ва амалиёти бонкие, ки онҳо анҷом медиҳанд, ҳамчун фаъолияти ғайриқонунии ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад, яъне: а) ба шахсоне, ки тибқи қонун ҳуқуқи гирифтани ин маълумотро надоранд, б) ба шахсоне, ки ҳуқуқи гирифтани ин маълумотро доранд, вале ба андозаи зиёдтар ё бар хилофи тартиби муқаррарнамудаи қонун пешниҳод намудани он (масалан, аз ҷониби бонк ба мақомоти тафтишоти пешакӣ пешниҳод намудани шаҳодатномаи амалиёт ва суратҳисобҳои муштарӣ - шахси ҳуқуқӣ дар сурати набудани розигии зарурии роҳбари мақомоти тафтишот).

Яке аз унсурҳои ҳатмии ҷавобгарии маданӣ ин мавҷуд будани зарар мебошад, ки он дар ду шакл ифода меёбад: дар шакли расидани зарар ба молу мулк ё камшавии он ва дар шакли фоидаи аз дастрафта инъикос меёбад. Дар меъёрҳои қонунгузории маданӣ дар баробари истилоҳи «зарар», инчунин истилоҳҳои «зиён», «талафот» пешбинӣ карда шудааст. Аммо истифодаи онҳо ҳамчун зарар дуруст намебошад, зеро таҳти зарар

танҳо зарари моддӣ фаҳмида мешавад ва таҳти зиён бошад талафоти маънавӣ дохил мешавад. Таҳти истилоҳи талаф бошад он чизе фаҳмида мешавад, ки воқеан шахс онро молу мулки доштаашро дар натиҷаи нобуд шудан аз даст додааст. Аммо таҳти истилоҳи зарар на танҳо зарари воқеӣ балки фоидаи аз даст рафта, яъне молу мулки дар оянда бадастоянда низ дозхил мешавад, яъне мафҳуми зарар нисбат ба зиён ва талафон васеътар мебошад.

Алексеев С.С. пешниҳод мекунад, ки «объект, субъекти ҳуқуқвайронкунӣ ва тарафи объективии он (ғайриҳуқуқӣ будани амалҳои ҳуқуқвайронкунанда, натиҷаи зараровар ва алоқамандии сабабӣ байни онҳо) ҳамчун аломатҳои таркиби ҳуқуқвайронкунии маданӣ» [44] ҳисобида шаванд ва бо ҳамин мавҷудияти онҳоро муқаррар намуда, дар бораи нисбат ба шахс татбиқ намудани чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ - маданӣ бояд сухан кард. Ӯ гуноҳро ба катори унсурҳои ҳатмии таркиби ҳуқуқвайронкунӣ дохил намекунад ва ин аз инъикоси дурусти хусусиятҳои хоси ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи маданӣ шаҳодат медиҳад [44].

Ба андешаи Агарков М.М.: «...зарар бояд дар натиҷаи қасд ё беэҳтиётии дағалонаи ҷабрдида ба вуқуъ ояд. Ин маънои онро надорад, ки зарар бояд танҳо аз ҷониби худи ҷабрдида ба худаш расонида шавад. Барои зарари ба худ расонида ҳеҷ кас ҷавобгар намебошад… дар назар зараре фаҳмида мешавад, ки ҳамчун натиҷаи умумии ҳам ҷавобгар ( зиёнрасонанда) ва ҳам ҷабрдида фаро мерасад» [42, с. 249; 43].

Зарари молумулкӣ оқибатҳои моддии (иқтисодии) ҳуқуқвайронкуниест, ки дар шакли пулӣ ифода меёбад. Арзиши пулии зарари молу мулкро талафот меноманд. Моддаи 14 КМ ҶТ ду намуди зиёнро муайян намудааст: зарари воқеӣ ва фоидаи аз даст рафта [60, с. 664].

Мутобиқи муқаррароти м. 946 КМ ҶТ муштарии ташкилоти қарзӣ ҳуқуқ дорад дар натиҷаи зарар дидан аз ифшои маълумоти ба ӯ марбута, ки сирри бонкӣ ба ҳисо мерафт на танҳо талаб намудани зарари воқеиро,

балки ҷуброни фоидаи аз дастрафтаро низ талаб кунад. М. 49 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ҷавобгарии субъектони дар қонун зикршударо барои ифшои сирри бонкӣ, инчунин барои расонидани зарар пешбинӣ намудааст.

Дар ин ҷода андешаи олимон яксон набуда, онҳо гумони онро доранд, ки оё дар байни Кодекси маданӣ ва қонуни фаъолияти бонкӣ ихтилофҳои мавҷуд буда метавонад.

Ба андешаи Фаткина Е.В. ҳуқуқи муштарӣ барои барқарор намудани зарари расонидашуда дар намуда зарари воқеан ба ӯ расонидашуда ва дар намуди фоидаи аз даст рафта танҳо дар КГ РФ муқаррар карда шудааст ва ӯ он андешаро ҷонибдорӣ намудааст, ки даъвои мазкур танҳо нисбта ба бонкҳо рост меояд. Дар қонуни соҳавӣ бошад ӯ зикр намудааст, ки танҳо ифшои сирри бонкӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ, агентҳои он (аз ҷумла субагентҳо), мақомоти давлати ва шахсони мансабдорӣ он ё кормандони худи ташкилотро пешбинӣ намудааст, аммо ба таври дақиқ зикр накардааст, ки боиси пайдо гардидани кадом намуди ҷавобгарӣ мегардад. Дар қонуни соҳавӣ дар фарқият ба Кодекси мадании Федератсияи Россия истилоҳи зарар не балки истилоҳи зиён қайд мешавад ва ба ғайр аз зарари моддӣ зиёни маънавиро низ зикр намудааст, аммо дар муқаррароти он барқароркунии фоидаи аздастрафта ҷой надорад. Дар як маврид номгӯи субъектоне, ки ба ифшои сирри бонкӣ дастрасӣ доранд, Қонун «Дар бораи бонкҳо...» низ бо муқаррароти КГ ФР мувофиқат намекунад [157, с. 140].

Андешаи мазкур қобили дастгирӣ мебошад. Аз ин рӯ, тавре дар боло зикр кардем, бо назардошти он, ки ифшо намудани сирри бонкӣ дар натиҷаи вайрон намудани уҳдадориҳои шартномавӣ ба миён меояд, ба андешаи мо муштарие, ки ҳуқуқаш нисбат ба махфияти сирри бонкӣ вайрон гардидааст, дар баробари ҳуқуқи талаб намудани зарари воқеӣ,

инчунин ҳуқуқ дорад, ки ҷуброни зарари фоидаи аздастрафтаро талаб намояд.

Вобаста ба масъалаи баррасишаванда боз як масъалае ҷой дошта метавонад, ки робитаи сабабӣ байни амали ошкор намудани сирри бонкӣ ва зарари расидашуда бояд аз ҷониби кадом субъект исбот карда шавад.

Муҳаққиқ Сапожников Н. дар ин хусус андешарони намуда, қайд менамояд, ки қабл аз бастани шартномаи байни бонк ва муштарӣ дар баробари дигар масъалаҳои дар шартнома матраҳшаванда бояд масъалаи ҷавобгарии ташкилоти қарзӣ дар намуди ҷарима пешбинӣ карда шавад [134, с. 15; 187]. Ақидаи мазкур аз тарафи Лиситина Н.В. дастгирӣ ёфта, қайд менамояд, ки дарҷ намудани масъалаи мазкур дар шартнома барои тарафҳо на дар ҳама ҳолат имконпазир аст ва чунин муқаррарот бояд дар қонун муқаррар карда шавад [151, с. 159].

Андешаҳои мазкур қобили дастгирӣ мебошанд, зеро яке аз маъмултарин воситаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ ин ҷуброни зарар ва ҷарима ба ҳисоб меравад. Аммо айни ҳол дар сатҳи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти бонкдорӣ барои вайрон намудани махфияти сирри бонкӣ намуд ва андозаи ҷавобгарии маданӣ пешбинӣ нагардидааст. Бинобар ин, мо низ чунин пешниҳод мекунем, ки дар қонунгузории амалкунанда намуд ва андозаи ҷавобгарии маданӣ дар намуди ҷаримаи аҳдшиканӣ барои вайрон кардани низоми махфияти сирри бонкӣ муқаррар карда шавад.

Ҳуқуқвайронкунии мадание, ки боиси зарари молумулкӣ намегардад, метавонад зарари ғайримолумулкӣ расонад. Аз ҷониби ташкилоти қарзӣ вайрон кардани уҳдадорӣ оид ба нигоҳ доштани махфияти сирри бонкӣ бешубҳа боиси таъсири равонӣ ба муштарӣ дар робита ба чунин вайрон кардани ҳуқуқи ӯ ба махфияти маълумоти дорои сирри бо қонун ҳифзшаванда мегардад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ зарари ғайримолумулкӣ ҳамчун оқибатҳои ҳуқуқвайронкуние фаҳмида мешавад, ки мазмуни иқтисодӣ ё шакли арзишӣ надоранд. Дар меъёри қонунгузории маданӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба барқарор намудани ранҷи азобу укубати маънавӣ ва рӯҳи танҳо бо истилоҳи «зарари маънавӣ» пешбинӣ карда шудааст. Аксари олимон ҷонибдорӣ он адешаанд, ки дар қонунгузорӣ зикр намудани истилоҳи «зарари ғайримолумулкӣ» дуруст ва аз нигоҳи ҳуқуқӣ қобили қабул мебошад, зеро онҳо мафҳуми зарари маънавӣ ва ҷисмониро дар бар мегиранд ва бо мафҳумҳои «маънавӣ» ва «ахлоқӣ», ки ба ҳамдигар муродиф мебошанд, баён намудани он дуруст намебошад [60, с. 665].

Олимон Мозолин В.П. ва Масляев А.И. се шарти асосии фаро расидани зарари ғайримолумулкиро пешниҳод намудаанд, ки аз инҳо иборат аст: «а) дар сурати вайрон кардани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии шахс, ки аз лаҳзаи тавлид то ба фавт ба ӯ тааллуқ доранд, б) ҳангоми поймолшавии неъматҳои ғайримоддии шахс (масалан, шараф, қадру қимат, обрӯ); в) вобаста ба ҳолатҳое, ки бевосита дар қонун зикр шудааст» [60, с. 666].

Дар адабиёти илмӣ оид ба ин масъала нуктаҳои гуногуни илмӣ мавҷуд аст. Як қатор муаллифон чунин мешуморанд, ки бояд хусусияти императивии уҳдадории ҷуброни зарари маънавӣ муқаррар карда шавад [94, с. 462]. Гурӯҳи дигари муаллифон он андешаро ҷонибдорӣ намудаанд, ки тибқи он талаб кардани зарари маънавӣ аз ҷониби муштарии бонк ҳуқуқӣ онҳо ба ҳисоб меравад ва зумраи чунин муштариён танҳо шахсони воқеӣ дохил мешаванд [71, с. 673].

Ба ғайр аз ин, мавқе мавҷуд аст, ки мувофиқи он шахсони ҳуқуқӣ низ ҳуқуқи ҷуброни зарари ғайримолумулкиро доро мебошанд, ки онро чун оқибатҳои ҳуқуқвайронкуние, ки мазмуни иқтисодӣ ва шакли арзишӣ надоранд, фаҳмида мешавад [152, с. 83]. Ин нуқтаи назар махсусан дар шароити низоми ноустувории бонкӣ муҳим мешавад.

Дар адабиёти илмӣ ҳамчунин қайд шудааст, ки ҳарчанд муносибатҳои байни бонк ва муштарӣ дар шакли шартнома сурат гирифта бошанд ҳам, агар вайрон кардани сирри бонкӣ ба обрӯи кории соҳиби суратҳисоб зарар расонида бошад, бояд зарари маънавӣ ҷуброн карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки зарари маънавӣ ва зарари моддӣ дар ҳолати мавҷуд будани баҳс аз ҷониби суд мавриди хулосабарорӣ қарор дода мешавад ва андозаи онҳо низ ба ҳамдигар вобаста нестанд ва ҳангоми барқарор намудани онҳо бояд дар алоҳидагӣ амалӣ карда шаван. Бархе аз олимон ҷонибдорӣ он ақидаанд, ки қонунгузорӣ дар ин маврид ба тағйирот ниёз дорад ва бояд ҷуброни зарари ғайримолумулкӣ нисбати шахсони ҳуқуқӣ низ татбиқ карда шаванд, зеро шахси ҳуқуқӣ дорои эътибори корӣ буда, дар ҳолати вайрон гардидани он метавонад ба онҳо хисорот ворид намояд [110, с. 52]. Фаъолияти муътадили шахси ҳуқуқӣ аз эътибори кории он вобаста аст ва дар боло олимон таҳти зарари ғайримолумулкӣ ҷуброни зарари маънавиро дар назар доранд.

Вобаста ба кирдори ғайриҳуқуқии анҷомдодашуда, ки аз ифшо намудани иттилооти сирри бонкӣ бармеояд, ҳолатҳои расонидани зарар ва оқибати ногуворе, ки ба муштарӣ расидааст дорои робитаи сабабӣ мебошад, ки дар натиҷа боиси ҷалб гардидани шахс ба ҷавобгарии маданӣ мегардид.

Додозода А.М. қайд менамояд, ки «ҳангоми муайян кардани робитаи сабабӣ ва гуноҳ, қайд кардан муҳим аст, ки сабаб – оқибати кирдор дар муайян кардани андозаи ҷавобгарӣ аҳаммияти ҳуқуқӣ надорад» [149, с. 103]. Ба андешаи ӯ «алоқаи сабабии кирдор ва оқибати фаъорасида ва гуноҳ танҳо бо он ҳолат алоқаманданд, ки онҳо шартҳои зарурии ҷавобгарии маданӣ мебошанд. Робитаи сабабӣ танҳо барои муқаррар намудани далели вайронкунии ухдадориҳои шартномавӣ аҳаммияти ҳуқуқӣ дорад». Вобаста ба масъалаи мазкур ӯ дар таҳқиқоти худ андешаи Идрисов Х.В. қобили зикр шуморида, дар он чунин

омадааст: «ҳангоми муайян кардани андозаи ҷавобгарӣ принсипи дигар - принсипи «қобилияти пешбинишуда» (foresee ability) нисбат ба зарари пешбинишудаи вайронкунандаи уҳдадорӣ ба назар гирифта мешавад» [150, с. 116].

Барои амалияи ҳуқуқӣ муайян кардани он, ки ҳангоми ҳалли парвандаҳои мушаххас кадом робитаи сабабӣ метавонад ва бояд ба назар гирифта шавад, муҳим аст [60, с. 666]. Кӯшишҳои коркарди илмии мазкур дар давраҳои зиёд дар ҳуқуқи маданӣ амалӣ шуда истодааст.

Пешниҳод карда шудааст, ки байни имкони абстрактӣ (нисфӣ) ва мушаххаси натиҷае, ки бо рафтори додашуда ба вуҷуд омадааст, фарқ карда шавад. Бинобар ин, ҳангоме, ки рафтор боиси воқеияти натиҷа гардида бошад ё имконияти мушаххаси пайдоиши онро ба вуҷуд оварда бошад, робитаи сабабӣ байни рафтори шахс ва натиҷаи ба амаломада аҳаммияти ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Агар шароите, ки имкониятро ба воқеият табдил медиҳад, мушаххаскунии натиҷа он гоҳ вуҷуд дошта метавонад, ки агар аз нигоҳи объективони он такроршаванда ва рафтор бо онҳо алоқамандии зич дошта бошад. Дар сурати ягонагии объективӣ дар вазъияти мушаххаси ҳамон як ҳолатҳо, рафтори бо онҳо алоқаманд, танҳо имкони абстрактии натиҷаеро ба вуҷуд меорад, ки ҷавобгариро истисно мекунад [65, с. 230, 233; 66].

Иоффе О.С. ҳамчун намояндаи ҳуқуқи мадании шуравӣ вобаста ба масъалаи болозикр принсипи «қобилияти пешбинишуда» (foresee ability) коркарда намуда, онро аз нигоҳи илмӣ асоснок намудааст. Ӯ он нуктаи назарро қобили дастгири шуморидааст, ки «нақши ҳалкунанда ба доираи пешбинӣ дар ҳолати гуноҳ дар шакли беэҳтиётии дараҷаи баланд ё паст аҳаммият дорад. Пешгӯии оқибатҳои зараровар ҳар қадар мушаххастар бошад, дараҷаи гуноҳ бояд ҳамон қадар ҷиддӣ эътироф карда шавад» [65, с. 469; 66].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ назарияи муносибатҳои сабабӣ – зарурӣ ва сабабӣ – тасодуфӣ васеъ паҳн шудааст. Тарафдорони назарияи мазкур

андеша доранд, ки агар робитаи байни онҳо зуҳуроти зарурият (мунтазам) бошад ва хусусияти занҷирии тасодуфии ҳодисаҳо надошта бошад, амали шахс метавонад сабаби ба вучуд омадани натиҷа гардад [157, с. 145].

Назарияи дигар ба фарқияти байни сабабҳои мустақим ва ғайримустақим асос ёфтааст. Танҳо робитаи бевоситаи сабабҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммияти ҳуқуқидошта мебошад, ки натиҷа (оқибат) аз талаботи қонунҳои объективӣ, кирдори содиршуда ва мавқеи содиршавии кирдори дахлдор вобаста мебошад. Сababи ғайримустақим метавонад танҳо дар сурате аҳаммияти ҳуқуқӣ пайдо кунад, ки қарздор (шахси зараррасон) аломатҳои мушаххаси вазъиятро, ки дар инҳирофоти муайян аз шароити муқаррарӣ ифода ёфта, боиси ба вуҷуд омадани натиҷаи манфӣ мегардад, ба вуҷуд оварда бошад [78, с. 305-306; 80].

Дар назари аввал исботи ҳолати ифшои маълумоти сирри бонкӣ хело саҳлнок менамояд, аммо дар воқеият дар ҷараёти баррасии парвадандаи аз ҷониби суд муайян намудани робитаи байни ҳуқуқвайронкунӣ ва андозаи зарари расонидашуда хело мушкил мебошад [134, с. 11-15; 187; 194]. Қодирзода Т.Қ. доир ба масъалаи мазкур андешарони намуда, дар таҳқиқоти диссертатсионии худ таҷрибаи ғании судиро таҳлил намудааст ва вобаста ба ҳолати болозикр талаботи банди 2 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2010 таҳти №3 «Дар бораи ҳалномаи судӣ» ҷонибдорӣ намудааст, ки тибқи он «ҳалнома ҳамон вақт асоснок мебошад, ки агар ҳолатҳои парванда бо далелҳои дар маҷлиси судӣ таҳқиқгардида, ки ба талаботи қонун оиди дахлдорӣ ва ҷоизии далелҳо ҷавобгӯй мебошанд, ё ҳолатҳое, ки ба исбот эҳтиёҷ надоранд (моддаи 64 КММ) тасдиқ шуда бошанд. Инчунин, вақте ки ҳалнома хулосаҳои мукаммали судро дар бар мегирад, ки онҳо аз ҳолатҳои воқеии парванда бармеояд» [33; 73].

Аз ин маълум мегардад, ки шахсе, ки татбиқи чунин чораи ҷавобгарии маданиро дар намуди ҷуброни зарар талаб мекунад, бояд

далели аз ҷониби контрагент вайрон кардани уҳдадорӣ, мавҷудият ва андозаи товони зарар, робитаи сабабии байни амали ғайриқонунӣ ва зарари расонидашударо (оқибати фарорасидаро) исбот намояд. Исбот накардани ақаллан яке аз шартҳои зикршуда барои рад кардани даъво оид ба ҷуброни зарар асоси кофӣ мебошад.

Аломати дигари муҳими фаро расидани ҷавобгарии маданӣ ин мавҷудияти гуноҳ мебошад. Ба андешаи олими ватанӣ Додозода А.М. «таҳти мафҳуми гуноҳ муносибати рӯҳӣ ва иродавии субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ ба моҳияти ҳаракати (беҳаракатии) зиддиҳуқуқии онҳо, алоқаи сабабӣ ва оқибати фаро расидани натиҷаи кирдори содиршуда фаҳмида мешавад» [149, с. 14].

Раҳимзода М.З. масъалаи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқиро таҳлил намудан ибрози андеша намудааст, ки дар кирдори шахс, ки дар оқибат бо ҳуқуқвайронкунӣ пайваст аст, дорои гуноҳ мебошад, ки ҳамчун шарти ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, яъне он иброзгарӣ шарти субъективии ҷавобгарӣ ба ҳисоб меравад. Чунин кирдор бештари вақт бо рӯҳияи шахс вобастагӣ дорад, яъне шахс натиҷаи нохуши амали худро ба назар мегирад ва бошуури худ ба ҳолатҳое диққат ҷалб менамояд, ки оқибатҳои ногувори кирдори худро бартараф карда метавонад ё на ва ҳолати мазкур ҳамавақт ба рӯҳияи субъективии ӯ ҳамнгоми содир намудани амали зиддиҳуқуқӣ ва оқибати он пайваст мебошад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки арзёбии анъанавии мазкур ба ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки барои рафтори нодурусти субъект равона шудааст рост меояд ва чун қоида дар рафти баҳодиҳии он ҳамеша гуноҳ мавҷуд буда, намуди ҷавобгарии татбиқшаванда муайян аст. Ба андешаи ӯ дар вақти муайян намудани гуноҳ барои паст ё зиёд намудани андозаи ҷавобгарӣ ба ҳолати рӯҳии шахс, ки ӯ амали мазкурро қасдона ё аз беэҳтиётӣ содир намудааст, диққат зоҳир карда мешавад. Қайд бояд намуд, ки дар м. 28 КҶ ҶТ ҳолати мазкур пурра кушода шуда, тибқи он субъекти содиркунандаи кирдори зиддиҳуқуқӣ

амали номатлуби инсонӣ, яъне ҳуқуқвайронкуниро мехост ё оқибатҳои ногувори онро бошуури худ роҳ медод. Дар лаҳзаи мавҷуд будани гуноҳи аз беэҳтиёти содиршуда дар моддаи 29 КҶ ҶТ муқаррарот мавҷуд аст, ки шахс ҳангоми амали худ намехост оқибати ногувори он рух диҳад, аммо бинобар сабаби худбоварӣ ба амали ҳуқуқвайронкунӣ роҳ додааст. [101, с. 360-361].

Дар як маврид Раҳимзода М.З. масъалаи гуноҳро ҳангоми арзёбии дараҷаи ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ мавриди мулоҳизаронӣ қарор дордааст. Муаллиф қайд менамояд, ки гуноҳ дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ба хусусиятҳои муносибат вобастагӣ дошта, он дар аксари ҳолатҳо бавуҷудорандаи уҳдадории пулӣ ё молӣ мебошад, яъне шахс ҳангоми расонидани зиён ба шахс ба ҷавобагии моддӣ ҷалб карда мешавад. Зеро, дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ бештар ба ҳолате аҳаммият дода мешавад, ки  оё дар натиҷаи кирдори шахс зарар мавҷуд ҳаст ё на аҳаммияти дучанд дода мешавад. Аз ин рӯ, дар ҳуқуқи маданӣ ба шартҳои гуноҳи қасдона ё беэҳтиётӣ кам диққат зоҳир карда мешавад, чунки барои ҷуброни зарари расонидашуда, ки тавассути ҷавобгарии маданӣ амалӣ карда мешавад, ҷой доштани ҳамагуна гуноҳ дар кирдор басанда мебошад [101, с. 361].

Масъалаи гуноҳ яке аз институтҳои муҳим ва мураккаби ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад. Зеро, мафҳуми «ҳуқуқвайронкунӣ» ҳамчун асоси ҷавобгарӣ, аз ҷумла аломатҳои муайян, дар назарияи ҷиноятӣ, маъмурӣ ва умумии ҳуқуқ устувории худро пайдо кардааст. Масалан, дар КҶ ҶТ [5] пешбинӣ гардидааст, ки асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои  тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аст (м.11). Мафҳуми ҳуқуқвайронкунии маданӣ дар қонунгузорӣ ё доктринаи илмӣ ба назар намерасад ва онро дар муносибатҳои маданӣ бо ҷавобгарии маданӣ шарҳ медиҳанд.

Олимон бо такя ба талаботи қонунгузорӣ ҳангоми ифшои маълумоти сирри бонкӣ ҷавобгарии кормандони ташкилоти қарзиро зери шубҳа қарор додаанд. Баъзе аз олимон ба он ақидаанд, ки дар ин гуна ҳолат ҳам корманд ва худи ташкилоти қарзӣ уҳдадорӣ бар зимма гирифтаанд ва ба ҷавобгарӣ ҷалб карда мешаванд [58; ;135, с. 28].

Инчунин дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ақидае ҷой дорад, ки тибқи он даъво нисбат ба корманд ва дар сурати надоштани молу мулк ба сифати кафили ӯ нисбат ба бонк пешниҳод карда шавад [47, с. 214].

Аз мазмуни муқаррарот дар бораи ҷавобгарии пешбининамудаи м. 49 ва 57 ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» муайян мегардад, ки дар ҳолати ифшои ғайриқонунии маълумоти сирри бонкӣ аз ҷониби «кормандони роҳбарикунанда, кормандон ва намояндагони амалкунанда ё собиқи ташкилоти қарзӣ, кормандон ва нозирони Бонки миллии Тоҷикистон, шахсони сеюм ва шахсони санҷишгар» [27] ҷавобгар мебошанд. Гарчанде дар Қонуни мазкур зикр нашудааст, ки дар ҳолати ифшои ғайриқонунии иттилооти сирри бонкӣ кормандони ташкилоти қарзӣ ба кадом ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷалб карда мешавад, аз нуқтаи назари муқаррароти мавҷудаи қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҷойдошта ба андешаи мо дар бонкҳо шахсони болозикр ҳамеша ба ҷавобгарии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятӣ фаро гирифта мешаванд, ки он бо санади судӣ ва санади Бонки милли Тоҷикистон татбиқ карда мешавад. Аммо дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ тавре аз муқаррароти м. 1193 КМ ҶТ бармеояд, шахсони болозикр, ки бештари онҳо дар як маврид кормандони ин ё он ташкилот ё мақомоти давлатӣ ба ҳисоб мераванд ва аз ин нуқтаи назар мушоҳида мешавад, ки даъво ба онҳо не, балки ба ташкилоти қарзӣ ё мақомоти давлатӣ пешниҳод карда мешавад. Муқарраротҳои мазкур шаҳодати он мебошанд, ки на танҳо кормандони ташкилоти қарзӣ балки худи онҳо низ дар ин гуна маврид ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Ба андешаи мо дар сурати аз ҷониби кормандони ташкилотҳои қарзӣ ва ё шахсони мансабдори онҳо вайрон намудани махфияти низоми сирри бонкӣ ҷабрдида (соҳиби суратҳисоби бонкӣ) метавонад бевосита нисбат ба ташкилотҳои қарзӣ даъво пешниҳод кунад. Зеро, дар муносибатҳои маданӣ ташкилотҳои қарзӣ баромад мекунанд ва шартномаҳои маданӣ – ҳуқуқиро худи ташкилотҳои қарзӣ ба расмият даровардаанд. Масъала оид ба ҷавобгарии кормандони ташкилотшҳои қарзӣ бошад, дар асоси қонунгузории меҳнатӣ байни ташкилоти қарзӣ ва кормандони он ҳал карда мешавад.

Зиёда аз ин, м. 463 КМ ҶТ институти ҳуқуқии ҷавобгарии қарздор барои кормандони худро танзим намудааст, ки мутобиқи меъёри мазкур «амали кормандони қарздор ҷиҳати иҷрои ухдадориҳои он амали қарздор эътироф карда мешавад. Қарздор барои ин амал ҷавобгар аст, агар чунин амал боиси иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ухдадорӣ гардида бошад» [6].

Инчунин, мутобиқи муқаррароти қ. 1 м. 1193 КМ ҶТ «шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ зарареро, ки корманди он ҳангоми иҷрои ухдадориҳои меҳнатӣ (хизматӣ, мансабӣ)-и худ расонидааст, ҷуброн менамояд» [6].

Вобаста ба ин хулосаронӣ намудан мумкин аст, ки дар сурати ҳам аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ва ҳам аз ҷониби кормандони ташкилотҳои қарзӣ вайрон намудани низоми махфияти сирри бонкӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ – мадании ташкилотҳои қарзӣ ба миён меояд ва дар ҳар ду ҳолат ташкилотҳои қарзӣ дар назди муштарӣ ҷавобгарии маданӣ – ҳуқуқиро ба зимма доранд.

***Ҷавобгарии интизомӣ – ҳуқуқӣ барои вайрон кардани сирри бонкӣ.*** Ташкилотҳои қарзӣ ва кормандони онҳо дар муноситаҳои ҳуқуқи меҳнатӣ қарор доранд, ки чунин муносибатҳоро Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [7] тахти танзими ҳуқуқӣ қарор додааст.

Мутобиқи талаботи м. 18 Кодекси меҳнат, корманд ухдадор аст: маълумотҳои дорои сирри давлатӣ, хизматӣ, тиҷоратӣ ё сирри дигари бо

қонун ҳифзшаванда, бинобар иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ ба ӯ маълум гардидааст, фош накунад.

Ба андешаи Сошникова Т.А. корфармо бо мақсади ҳимояи манфиатҳои идоравии худ ҳангоми ба кор қабул намудани шахс бояд дар шартномаи меҳнатӣ муқаррароти алоҳидаро оид ба ифшо накардани сирри давлатӣ (дар ҳолати ташкилоти давлатӣ будан), сирри тиҷоратӣ (дар ҳолати ба тиҷорат вобаста будани фаъолият), сирри хизматӣ ва сирри бонкӣ (дар ҳолати ташкилоти қарзӣ будан) ҷой диҳад. Кормандон бояд бо Низомнома дар бораи сирри тиҷоратӣ бо имзо шинос шаванд. Дар рафти кор инчунин бо корманд дар бораи ифшо накардани сирри тиҷоратӣ шартномаи иловагӣ бастан мумкин аст [137, с. 394-400].

Дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои ҳуқуқии амалӣ кардани уҳдадории дар м. 18 Кодекси мазкур пешбинишуда муқаррар карда шудааст. Чунончӣ, мутобиқи талаботи қ. 1 м. 42 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи меҳнатӣ «бо ташаббуси корфармо метавонад бо асосҳои зерин бекор карда шавад: аз тарафи корманд фош намудани маълумотҳои дорои сирри давлатӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда, ки ба ӯ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ маълум шудаанд» [7].

Мазумни меъёри овардашуда шаҳодати онанд, ки талаботи он ба сирри бонкӣ, ки як намудани сирри бо қонун ҳифзшаванда мебошад, дахл дорад.

Механизми муҳими ҳифзи махфияти сирри бонкӣ нисбат ба кормандони ташкилотҳои қарзӣ ва дигар мақомотҳое, ки дорандаи маълумоти дорои сирри бонкӣ мебошанд, ин муқаррароти м. 190 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки ҳолати қасдона фош намудани сирри хизматӣ ва тиҷоратӣ, агар шартҳои маҳфуз нигоҳ доштани он дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ шуда бошанд, он ҳамчун асоси ба миён омадани ҷавобгарии пурраи моддии корманд эътироф мегардад.

Муқаррарот дар бораи ҷавобгарӣ барои ифшои маълумоти махфӣ, аз ҷумла, сирри бонкӣ, дар як қатор қонунҳои ҶТ низ пешбинӣ шудаанд, ки шахсони мансабдорро ҳамчун субъекти ҷавобгарӣ барои фош намудани он пешбинӣ мекунанд. Чунончӣ, тибқи талаботи қ.1 м. 43 ҚҶТ «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» «аъзои Шурои нозирон, кормандони Хазина ва шахсоне, ки зери роҳбарии онҳо кор мекунанд ё аз ҷониби Хазина ҷалб карда мешаванд, бояд иттилооти фаъолияти ташкилоти қарзиро, ки дар натиҷаи татбиқи ҳамин Қонун дастрас мекунанд, махфӣ нигоҳ доранд» [21, 23].

Инчунин, тибқи талаботи қ. 8 м. 28 ҚҶТ «Дар бораи таърихи қарз (кредит)» «Бюрои таърихи қарз барои таҳрифи иттилооте, ки аз таъминкунандагони иттилоот гирифта шудааст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад» [26].

Тазаккур бояд дод, ки намудҳои ҷавобгарии интизомӣ барои вайрон кардани низоми махфияти сирри бонкӣ дар худи Кодекси меҳнат пешбинӣ карда шудааст, ки тибқи талаботи қ. 1 м. 62 Кодекси меҳнат, «барои аз ҷониби корманд вайрон кардани интизоми меҳнат, корфармо ҳуқуқ дорад чунин намудҳои ҷазои интизомиро татбиқ намояд:

- сарзаниш;
- танбеҳ;
- танбеҳи қатъӣ;
- қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» [7].

Тавре дар боло зикр карда шуд, вайрон намудани низоми махфият дар ташкилоту муассисаҳо яке аз асосҳои бо ташаббуси корфармо қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ба хулоса омадан мумкин аст, ки қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз ҷониби кормандони ташкилотҳои қарзӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳое, ки ба маълумоти сирри бонкӣ дастрасӣ доранд, ҷавобгарии

интизомиро дар намуди қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо татбиқ мекунанд.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ақидаи Лиситсина Н.В., Жукова Н.С., ва Куршакова Д. ҷонибдорони зиёдеро пайдо намудааст, ки тибқи он «уҳдадории нигоҳ доштани сирри бонкиро ҳам ба кормандони бонк, ки дар асоси шартномаи меҳнатӣ кор мекунанд ва ҳам ба шахсоне, ки дар бонк бо дигар асосҳо (шартномаи кор, хизматрасонӣ) кор мекунанд, татбиқ карда мешавад, агар чунин муқаррарот дар шартномаи дахлдор махсусан пешбинӣ шуда бошад, вагарна чунин шахсон барои ифшои сирри бонкӣ ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд» [119, с. 13; 126, с. 66-67; 151, с. 153].

Ақидаи мазкур қобили дастгирӣ мебошад, зеро дар сурати дар шартнмоаҳои меҳнатӣ ва ё дигар асосҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ пешбинӣ нагардидани уҳдадорӣ ҷиҳати махфӣ нигоҳ доштани сирри бо қонун ҳимояшаванда, аз ҷумла сирри бонкӣ ҷавобгарии интизомиро истисно мекунад.

Тавре амалияи фаъолияти бонкӣ нишон медиҳад, дар ташкилотҳои қарзӣ иваз шудани ҳайати идоракунӣ ва кормандон зиёд ба назар мерасад. Гарчанде дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми ҳимояи сирри бонкӣ нисбат ба кормандони собиқи ташкилотҳои бонкӣ муқаррарот пешбинӣ гардида бошад ҳам, вале муҳлати амали чунин уҳдадорӣ муқаррар нагардидааст. Бо мақсади пурзӯр намудани меъёри қонунгузорӣ зарур мебошад оид ба ифшо нагардидани иттилооти сирри бонкӣ аз ҷониби кормандони ташкилоти қарзӣ ба таври якумра меъёри алоҳида шомил карда шавад. Ба хусус дар м. 49 ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад: «3. Муқаррароти қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур нисбат ба кормандони роҳбарикунанда, кормандон ва намояндагони амалкунанда ё собиқи ташкилоти қарзӣ уҳдадории якумраи онҳо ба ҳисоб меравад».

Дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар гардидани муқаррароти мазкур барои муътадилии ҳифзи махфияти сирри бонкӣ мусоидат намуда, кафолати иловагии конститутсионии ҳуқуқ ба ҳифзи маълумоти шахсӣ мебошад.

***Ҷавобгарии маъмурӣ – ҳуқуқӣ барои вайрон кардани сирри бонкӣ.*** Ғайриқонунӣ фош кардани маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, инчунин боиси ҷавобгарии маъмурӣ мегардад.

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] меъёри мустақимро оид ба риоя накардани муқаррароти м. 48 ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» пешбинӣ накарда бошад, ҳам вале тавассути баъзе меъёрҳои қисми махсус ба ҳимояи институти сирри бонкӣ равона карда шудааст. Чунончӣ, моддаи 554[1] Кодекси мазкур ҷавобгарии маъмуриро барои ошкор кардани маълумоте, ки сирри тиҷоратии субъектҳои хоҷагидор ва соҳибкорони инфиродиро ташкил медиҳадро пешбинӣ намудааст. Диспозитсияи меъёри мазкур барои кирдорҳои зерин фаро расидани ҷавобгарии маъмуриро пешбинӣ намудааст: ошкор кардани маълумоте, ки сирри тиҷоратии субъектҳои хоҷагидор ва соҳибкорони инфиродиро ташкил медиҳад.

Тазаккур бояд дод, ки субъекти ҳуқуқвайронкунии мазкур субъекти махсусро ташкил медиҳад, ки аз шахсони мансабдори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ иборат мебошад.

Шарти асосии фаро расидани ҳуқуқвайронкунии мазкур ин набудани аломатҳои таркиби ҷиноят ба шумор меравад. Моддаи 554[1] КҲМ ҶТ ҷавобгарии маъмуриро дар намуди ҷарима ба андозаи аз шаст то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳоро муқаррар намудааст.

Дигар меъёре, ки ба масъалаи ҳифзи сирри бонкӣ равона карда шудааст, ин муқаррароти м. 527[1] КҲМ ҶТ ба ҳисоб меравад, ки он ҷавобгарии маъмуриро «барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда,

маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» [10], ба ҳисоб меравад.

Ҳуқуқвайронкунии мазкур низ танҳо дар сурати мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят фаро расида, субъекти он мақомот ва шахсони мансабдоре мебошанд, ки «дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» [10], ваколатдор гардидаанд.

М. 527[1] КҲМ ҶТ ҷавобгарии маъмуриро вобаста ба субъекти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ чунин муқаррар намудааст: «ба шахсони мансабдор аз сад то дусад, ба соҳибкорони инфиродӣ аз сесад то панҷсад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима таъйин карда мешавад» [10].

Боби 29 КҲМ ҶТ ҳуқуқвайронкуниҳоро дар соҳаи қонунгузории бонкӣ муқаррар намудааст, ки барои кирдорҳои зерин ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар намудааст: риоя накардани қоидаҳои пешниҳоди ҳисобот ва иттилоот дар бораи фаъолияти бонкӣ (м. 535), рекламаи ошкоро бардурӯғи хизматрасонии бонкӣ (м. 536), пешниҳод накардани маълумот дар бораи тавозуни (баланси) пардохт (м. 537), ба қайд нагузоштани суратҳисобҳо ва амонатҳои берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодашаванда (м. 538), беасос саркашӣ кардан аз қабули асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 539), барои реклама истифода кардани тасвирҳои пулҳои коғазии асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 539), муомилоти ғайриқонунӣ бо асъори хориҷӣ (м.541).

Боби 29 КҲМ ҶТ гарчанде ки ба ҳимояи қонунгузории соҳаи бонкӣ равона карда шуда бошад ҳам, вале дар он муқарроти махсус дар бораи ҳимояи ҳуқуқ ба сирри бонкӣ пешбинӣ нагардидааст, ки ин яке аз камбудиҳо дар соҳаи қонунгузорӣ ба шумор меравад. Зеро дар

қонунгузорӣ мустаҳкам нагардидани меъёрҳои императивии ҳуқуқӣ самаранокии институти ҳуқуқӣ дар ҷомеа коста мегардад.

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ҳимоя намудани сирри бонкӣ ва бартараф намудани нуқсонҳо дар қонунгузории амалкунанда тасмим гирифтем, ки доир ба мукаммал намудани қонунгузорӣ дар ин самт таклифҳои зерин ба қонунгузорӣ пешниҳод намоем.

Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

Моддаи 109[1] дар таҳрири зерин илова карда шавад:

«**Моддаи 109[1]. Ифшо намудани маълумотҳои дорои хусусияти махфӣ.**

3. Барои аз ҷониби шахсоне, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооти махфиро доранд, ғайриқонунӣ ифшо намудани маълумоте, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасӣ ба он маҳдуд карда шудааст, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷоҳ то сад, ба шахсони мансабдор аз сад то дусад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сесад то шашсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

4. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда,-

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз сад то яксаду панҷоҳ, ба шахсони мансабдор аз яксаду панҷоҳ то дусад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз панҷсад то ҳафтсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.»

Моддаи 541[2] дар таҳрири зерин илова карда шавад:

«**Моддаи 541[2]. Ифшо намудани маълумотҳои дорои сирри бонкӣ.**

3. Барои аз ҷониби шахсоне, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар бораи сирри бонкиро доранд, ғайриқонунӣ ифшо намудани маълумоте, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сирри бонкӣ мансуб, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷоҳ то сад, ба шахсони мансабдор аз сад то дусад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сесад то шашсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

4. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда,-

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз сад то яксаду панҷоҳ, ба шахсони мансабдор аз яксаду панҷоҳ то дусад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз панҷсад то ҳафтсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.»

Бо назардошти хусусиятҳои конститутсионӣ доштани ҳуқуқ ба сирри бонкӣ баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии пешниҳодгардида бояд аз ҷониби мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шавад.

Аз ин рӯ, ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон [8] тағйиротҳои зерин ворид карда шавад.

Ба моддаи 93 КМҲМ ҶТ пас аз рақам ва аломати «107,» рақам ва аломати «$109^{1}$,» ва пас аз рақам ва аломати «541(1), « рақам ва аломати «$541^{2}$,» илова карда шавад.

***Ҷавобгарии ҷиноятӣ – ҳуқуқӣ барои вайрон кардани сирри бонкӣ.*** Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи муҳимтарини ҳуқуқи оммавӣ ба ҳисоб меравад, ки ба ҳимояи тамоми соҳаҳои ҳуқуқ нигаронида шудааст.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади кодификатсионӣ ва санади ягонаи муайянкунандаи кирдор ҳамчун ҷиноят ва муқаррар намудани ҷазо барои он бо муқаррар намудани якчанд меъёрҳои ҳуқуқ ба маълумоти шахсӣ, аз ҷумла маълумоти сирри бонкиро ҳимоя намудааст.

Тазаккур бояд дод, ки кафили муҳими ҳифзи сирри бонкӣ Кодекси ҷиноятӣ мебошад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ғайриқонунӣ гирифтан ва ифшои маълумоти дорои сирри бонкӣ пешбинӣ мекунад [144, с. 163].

Моддаи 277 КҶ ҶТ барои ҷамъоварии маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ намудааст, ки тарафи субъективии он аз кирдорҳои зерин иборат аст: «1. тасарруфи аснод; 2.

ришвадиҳӣ; 3. таҳдид нисбати шахсоне, ки сирри тиҷоратӣ ё бонкиро медонанд ё бо наздикони онҳо; 4. дошта гирифтани мавҷи воситаҳои алоқа; 5. ғайриқонунӣ тамос гирифтан ба низом ё шабакаи компьютерӣ; 6. истифодаи воситаҳои махсуси техникӣ; 7. бо роҳи дигари ғайриқонунӣ» [5].

Ҷавобгарии ҷиноятӣ бо моддаи мазкур танҳо дар сурати мавҷуд будани ду мақсад: 1. ифшо намудани он ва 2. истифодаи ғайриқонунии ин маълумотҳо, ба миён меояд.

Субъекти ҷинояти мазкур шахси мукаллафи ҳангоми содир кардани ҷиноят ба синни 16 – солагӣ расида мебошад.

Объекти ҷинояти мазкур муътадилии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, ба хусус фаъолияти бонкӣ мебошад.

Тарафи объективии ҷинояти мазкурро қасди бевосита дар бар мегирад. Зеро шахс дарк мекунад, ки ғайриқонунӣ маълумот ба даст оварда истодааст, оқибати ногувори онро пешбинӣ мекунад ва фаро расидани чунин оқибатро мехоҳад.

«Қонунгузорӣ барои содир кардани ҷинояти мазкур чунин намуди ҷазоро муқаррар намудааст: ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол» [5].

Ҷинояти мазкур дорои хусусияти айбдоркунии умумӣ буда, ҳангоми ҷой доштани асос ва шартҳои моддаи 140 КМҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда мешавад.

Ба даст овардан ва ифшои ғайриқонунии маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, бар хилофи иродаи соҳиби он, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки тибқи қонун махфӣ будани маълумоти мазкур кафолат дода шудааст, поймол намуда, инчунин боиси расонидани зарар мегардад. Аз ин рӯ, ҷабрдидаи ҷинояти мазкур шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки маълумотҳои ғайриқонунӣ ҷамъ кардашуда ба онҳо тааллуқ дорад.

Механизми дигари ҳимояи сирри бонкӣ ин меъёри м. 278 КҶ ҶТ ба ҳисоб меравад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ифшои сирри бонкӣ пешбинӣ намудааст. Тибқи талаботи моддаи мазкур кирдорҳои зерин таркиби ҷинояти дар м. 278 КҶ ҶТ пешбинишударо ташкил медиҳанд: «ифшои ғайриқонунӣ ё истифодаи сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ бидуни розигии молики он аз ҷониби шахсе, ки ин сир вобаста ба фаъолияти касбӣ ё хизматиаш маълум буд ва ин кирдор бо мақсади ғаразнок ё дигар манфиати шахсӣ содир гардида, ба корхонаи тиҷоратӣ ё соҳибкори инфиродӣ ба миқдори калон зарар расондааст» [5].

Аз муқаррароти худи меъёри мазкур маълум мегардад, ки субъекти ҷинояти мазкур субъекти махсус - шахсе, ки ин сир вобаста ба фаъолияти касбӣ ё хизматиаш маълум буд, баромад карда метавонанд. Тибқи талаботи қонунгузорӣ чунин шахсон ба маълумоти дорои сирри бонкӣ ҳуқуқи дастрасӣ доранд:

1. фиристонандагон ва гирандагони интиқолҳои пулӣ;

2. кормандони Бонки миллии Тоҷикистон;

3. кормандони Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба аудити муштарии ташкилоти қарзӣ дар қисми хизматрасонии маблағҳои буҷети давлатӣ, фондҳои давлатӣ ва қарзи давлатӣ ;

4. судяҳо;

5. иҷрочии мақомоти иҷро;

6. кормандони бюрои таърихи қарз;

7. таҳқиқбаранда ва муфаттишон;

8. кормандони мақомоти андоз аз рӯйи масъалаҳои пардохти андози шахсони ҳуқуқӣ.

Ду шарти асосии фаро расидани ҷинояти мазкур дар диспозитсияи м. 278 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст: якум агар «мақсади ғаразнок ё дигар манфиати шахсӣ содир шуда бошад ва дуюм ба корхонаи тиҷоратӣ ё соҳибкори инфиродӣ ба миқдори калон зарар расонида бошад» [5].

Тарафи объективии ҷинояти мазкурро қасди бевосита дарбар мегирад. Зеро шахс дарк мекунад, ки ғайриқонунӣ маълумотро фош намуда истодааст, оқибати ногувори онро пешбинӣ мекунад ва фаро расидани чунин оқибатро мехоҳад.

Қонунгузорӣ барои содир кардани ҷинояти мазкур чунин намуди ҷазоро муқаррар намудааст: «бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то панҷсаду чилу ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол» [5].

Яке аз хусусияти хоси ҷинояти мазкур дар он ифода мегардад, ки меъёри мазкур инчунин хусусияти мурофиавиро низ доро мебошад. Зеро, тибқи эзоҳи м. 278 КҶ ҶТ «таъқиби ҷиноят барои содир намудани кирдорҳои пешбининамудаи ҳамин модда мутобиқи аризаи корхонаи тиҷоратӣ ё соҳибкори инфиродии зарардида оғоз меёбад» [5].

Аз мазмуни эзоҳи мазкур маълум мегардад, ки дар он норасогии қонунгузорӣ ба назар мерасад. Зеро, агар дар натиҷаи содир гардидани ҷинояти мазкур шахси воқеӣ зарар дида бошад, пас дар ин ҳолат оё парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда мешавад ё намешавад? Чунки соҳибмулкони суратҳисобҳои бонкӣ ба ғайр аз соҳибкорони инфиродӣ инчунин шахсони воқеӣ низ шуда метавонанд.

Зиёда аз ин, камбудии меъёри мазкури қонунгузорӣ инчунин дар он ифода меёбад, ки шарти фаро расидани ҷиноятро бо расонидани зарари калон алоқаманд намудааст. Аммо дар эзоҳи м. 278 КҶ ҶТ андозаи зарар, ки зарари калонро ташкил медиҳад, шарҳ дода нашудааст. Дар дигар меъёрҳои боби 27 КҶ ҶТ зарари калон ва зарари махсусан калон дар эзоҳҳои моддаҳои боби зикршуда эзоҳ дода шудааст. Вале, дар м. 278 КҶ чунин меъёр ҷой надорад ва дар дигар моддаҳо низ масъалаи мазкур ҳал карда нашудааст, ки дар таҷриба мушкилотҳои татбиқи меъёрҳои

ҳуқуқиро ба миён меорад. Зеро, қиёс дар ҳуқуқи ҷиноятӣ иҷозат дода намешавад.

Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки эзоҳи моддаи 278 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Эзоҳ: 1) Таъқиби ҷиноят барои содир намудани кирдорҳои пешбининамудаи ҳамин модда мутобиқи аризаи корхонаи тиҷоратӣ, ташкилотҳои бонкӣ, шахсони воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, ки маълумотҳои сирри тиҷоратӣ ва бонкӣ ба онҳо тааллуқ дорад ва ба онҳо зараррасонида шудааст, оғоз карда мешавад.

2) Дар ҳамин модда зарар ба миқдори калон чунин зарар ҳисобида мешавад, ки агар он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёд бошад.»

Меъёри дигари муҳиме, ки ба ҳимояи сирри бонкӣ равона карда шудааст, ин м. 278[1] КҶ ҶТ ба ҳисоб меравад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои аз ҷониби кормандони ташкилотҳое, ки бо маблағи пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, ифшо намудани иттилоот ба муштариёни худ ё дигар шахсон дар бораи ба мақоми ваколатдор дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом додани иттилоот оид ба чораҳое, ки барои муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом андешида мешаванд, агар чунин кирдор дар давоми соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад, пешбинӣ намудааст.

Субъекти ҷинояти мазкур низ субъекти махсус мебошад. Тарафи объективии ҷинояти мазкурро қасди бевосита дарбар мегирад. Зеро шахс дарк мекунад, ки ғайриқонунӣ амал намуда истодааст, оқибати ногувори онро пешбинӣ мекунад ва фаро расидани чунин оқибатро мехоҳад.

Шарти асосии фаро расидани ҷавобгарӣ бо ин моддаи ин баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ мебошад.

Қонунгузорӣ барои содир кардани ҷинояти мазкур чунин намуди ҷазоро муқаррар намудааст: бо ҷарима ба маблағи аз чорсад то панҷсаду чилу ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол.

Таҳлили ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ифшои сирри бонкӣ нишон медиҳад, ки ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ – ҳуқуқӣ хусусияти умумӣ - ҳуқуқӣ доранд, яъне чун қоидаи умумӣ давлат субъекти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ ва муайянкунандаи ҷазо барои он мебошад. Дар ҷавобгарии маданӣ – ҳуқуқӣ бошад, ҳуқуқи талаб кардани ба ҷавобгарии маданӣ кашидани гунаҳкор барои ифшои сирри бонкӣ ва муайян намудани намуди ҷавобгарӣ ба соҳибони суратҳисоби бонкӣ ва муштариёни ташкилотҳои қарзӣ тааллуқ дорад, ки бо содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ манфиатҳои қонунии онҳо поймол шудааст. Ғайр аз он, фоидаи молумулкӣ аз татбиқи ҷазои маданӣ ба соҳибони суратҳисоби бонкӣ ва муштариёни ташкилотҳои қарзӣ тааллуқ дорад, ки бо содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ манфиатҳои қонунии онҳо поймол шудааст, тааллуқ дорад.

Инчунин, хусусияти хоси ҷавобгарии маданӣ аз ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ барои ифшои ғайриқонунии сирри бонкӣ дар он ифода меёбад, ки ба ҷавобгарӣ кашидани ҳуқуқвайронкунанда аз иродаи худи шахси зарардида вобаста мебошад.

# БОБИ 3. ТАҲДИДҲО ВА ДУРНАМОИ МУОСИРИ ТАНЗИМИ СИРРИ БОНКӢ ДАР НИЗОМИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

## 3.1. Таъсири рақамисозӣ ба ҳифзи сирри бонкӣ: таҳдидҳои киберӣ, ҷори намудани технологияҳои электронӣ

Барои низоми бонкӣ моҳияти иқтисодӣ аз иҷрои вазифаҳои миёнаравӣ дар раванди хизматрасонӣ ба контрагентҳо иборат мебошад. Маблағҳое, ки банкҳо мегиранд, ба корхонаҳо бо шартҳои мушаххаси карздиҳӣ барои истифодаи муваққатӣ пешниҳод карда мешаванд. Бонкҳо дар муносибатҳои иқтисодӣ яке аз накшҳои асосиро иҷро намуда, маблағҳоро ҷамъ мекунанд ва барои рушди соҳаи истеъмолӣ шароит фароҳам меоранд.

Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз қариб ягон соҳае боқӣ намондааст, ки таҳти тахсири технологияҳои нави рақамӣ қарор гирад, ки ба ҷумлаи он соҳаи бонкӣ ҳамчун як бахши фаъоли иқтисодиёт низ шомил шудааст. То ин ҷониб тамоми давлатҳои абарқудрат ва далатҳои рӯ ба афзоиш кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки барои рушди низоми иқтисоди рақамӣ заминаҳои ҳуқуқиро ташаккул диҳанд [121, с. 184-187].

Муносибатҳои ҷамъиятӣ моро водор месозад, ки тадриҷан қонунгузории ватании худро бо пайдо гардидани иқтисоди рақамӣ ба талаботи замона мутобиқ намоем [118, с. 6-12]. Аз ин маълум мегардад, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи иқтисодияти рақамӣ дар раванди фаъолияти бонкӣ, ба хусуси ҳимояи сирри бонкӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

«Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳз муҳиммияти масъалаи мазкурро ба инобат гирифта, давраи бо фармони худ аз 8-уми январи соли 2025 таҳти №911 солҳои 2025-2030-ро дар Тоҷикистон «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намуданд, ки пеш аз ҳама ин мутобиқгардонии иқтисодиёти кишвар ва равандҳои

инноватсионии Тоҷикистон ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ буда, бо воситаи ҷорӣ намудани технологияҳои наву замонавӣ дар иқтисодиёт такмил додани муносибатҳои марбута равона шудааст» [164, 180]. «Дар ин хусус Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28-уми декабри соли 2024 изҳор намуданд» [164, 180].

«Фаъолияти бонкӣ ҳамчун ҷузъи фаъол ва ҷудонашавандаи иқтисодиёти ҳар кишвар дар заминаи ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ба таъмини амнияти иқтисодӣ ва ҳифзи сирри бонкӣ ниёз пайдо менамояд ва дар ин асно водор менамояд, ки пеш аз ҳама дар навбати аввал амнияти иқтисодии фаъолияти ташкилоти қарзӣ таъмин гардад, баъдан коркард намудани восибатҳои техникии ҳифзи сирри бонкӣ ва кӯшиш ба харҷ додан барои пешгирии ҳуқуқвайронкунию ҷинояткорӣ ва муқовимат намудан ба таҳдидҳои дохилию брунмарзӣ ба ҳисоб меравад.» [161; 185].

Бо мақсади амали намудани амнияти иқтисодии бонк аз омилҳои болозикр зарур аст, ки як қатор корҳои зерин анҷом дода шаванд:

- таҳлил ва омӯзиш намудани вазъи имрӯзаи иқтисодиёти дохилӣ ва ҷаҳонӣ бо роҳи ошкор намудани таҳдидҳои мавҷуда ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисоди рақамӣ;

- вусъат додани самти матбуот ва рекламаи бонк аз таҳдидҳои рақами бо воситаи паҳн намудани наворҳои кӯтоҳ, навиштаҷот дар тасвирот, равон намудани паёмакҳои кӯтоҳ аз ташкилоти қарзӣ ба муштарӣ бо мақсади рафъ намудани қаллобӣ, терроризм, расмикунонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастомадӣ ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ;

- пеш бурдани назорати мунтазам вобаста ба сиёсати фоизии Бонк ва дигар сиёсатҳо қарзӣ, амалиётӣ, асъорӣ, ки фаъолияти муътадили ташкилоти қарзӣ таъсир мерасонанд;

- таҳия намудани стратегияи бартарафкунии ва барқароркунии ташкилоти қарзӣ ва ҷори намудани нақшаи чорабиниҳо барои рафъи

онҳо аз ҳолатҳои ғайриинтизор ва кам кардани талафот ва нигаронидани диққат ба таъмини устувории дарозмуддати бонк.

Тавре дар боло қайд намуда будем, асоси ягона рушд ва буҳрон шудани ташкилоти қарзӣ аз фаъолияти муътадили он ва боварии муштарӣ ба он вобастагшии ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳифзи иттилооти муштарӣ ва амалиётҳои он яке аз воситаи устувории фаъолияти ташкилоти қарзӣ иборат мебошад, ки сарчашмаи даромади ташкилоти қарзӣ ба ҳисоб меравад ва амалҳои ҳифзи иттилоот самтҳои зеринро дар бар мегирад:

- андешидани тадбирҳои барои ҷори намудани муқаррароти қонунгузорӣ оид ба ҳифзи иттилооти марбут ба сирри бонкӣ, ки иттилоот дар бораи шахс, ҳолати молиявӣ, ҳисобҳо ва дигар муомилоти ӯро дар бар мегирад;

- таҳия намудани санадҳои меъёрии дохилӣ оид ба ҳифзи иттилоот ҳангоми фаъолияти рақамии ташкилоти қарзӣ (масалан, Дастури умумии ҳифзи маълумот - GDPR);

- бо мақсади таъмини амнияти технологӣ дар ҷараёни фаъолият истифодаи технологияҳои муосири ҳифзи маълумот (коркард намудани барномаи махсус бо иқтидори тадриҷан ивазкунии рамзгузорӣ, низоми амниятӣ ва ғайра) ва дар як маврид аз ин амалҳо коркард намудани муқовиматҳои техникӣ бо ҳамлаҳои киберӣ бо роҳи гирифтани иттилооти сирри бонкӣ.

Аз гуфтаҳои мазкур баремояд, ки ташкилоти қарзӣ дар самти ҳифзи иттилооти марбут ба сирри бонкӣ на танҳо дорои вазифаи ҳуқуқӣ мебошад, балки уҳдадор аст заминаи амнияти технологии онро низ таъмин намояд. Риоя намудани вазифаҳои мазкур ба ташкилоти қарзи имконият медиҳад, ки эътимоди муштариёнро ба он баланд намуда, ҳамчун асос барои фаъолияти босамарӣ он гардад.

Дар заминаи рақамисозӣ ва бехатар анҷом додани аҳдҳо (транзаксияҳо) бояд технологияҳои blockchain (блокчейн) истифода

гардад, ки «пойгоҳидодаҳои тақсимшуда дар асоси шабакаи ғайримарказии ҳамсол ба ҳамсол (P2P), ки механизми созиш, криптография ва блокҳои бозгашт» равона шудааст [122. с. 147-155]. Истифодаи технологияи болозикр пеш аз ҳама ба махфинигоҳдории иттилоот равона шудааст. Дар замони муосир баъзе аз имкониятҳои blockchain дар фазои мақсадҳои ғайриқонунӣ ҷорӣ гардидаанд. Алалхусус амали чунин технологияро дар фаъолияти ташкилоти ғайриқонунии бо номи Darknet (шабакаи торик) ба таври маъмулан истифода мегардад. Дар шабакаи мазкур бештари ашёҳои дар муомилот манъбуда мавриди муомилот қарор мегиранд. Бинобар сабабе, ки дар шабакаи номбурда технологияи муосир истифода мешавад, пайгирии истинодии дар он ғайриимкон ё хело душвор мебошад [130, с. 99-104]. Технологияҳои блокчейн имрӯз дар дунё хело маъмул буда, ҳам дар фаъоиляти қонунӣ ба монанди муомилоти криптоасъорҳо ва барои амалҳои ҷиноятӣ истифода шавад.

Дар адабиётҳои ҳуқук доир ба низоми blockchain баҳсу мунозираҳои зиёде мавҷуд мебошад, ки маълумоти сирри бонкиро низ дар бар гирифтааст.

Ба андешаи муҳаққиқ Камалян В.М.,: «ба раванди идентификатсия (мушаххаскунӣ) технологияҳои blockchain дохил кардан лозим аст. Ба ибораи дигар, тавассути таҳия ва тасдиқи он дар сатҳи қонунгузории низоми нави мушаххаскунии шахсият дар асоси технологияи blockchain, маълумоти шахсии муштарӣ комилан ҳифз карда мешавад. Бо истифодаи чунин технологияҳо, бонк метавонад маълумоти заруриро зуд ва пурра ба даст орад, инчунин ҳифзи ҳамаҷонибаи маълумоти шахсии мизоҷонро пурра таъмин намуда, тавассути низоми рамзкунонидашудаи сохташуда ихроҷи эҳтимолии маълумотро аз байн мебарад» [123, с. 32-39].

Тазаккур бояд дод, ки на ҳама муҳаққиқон ақидаи мазкурро ҷонибдорӣ намудаанд. Чунончӣ, Ефимова Л., андеша дорад, ки «сарфи назар аз бартариҳои ошкори истифодаи технологияҳои blockchain дар

бахши бонкӣ, аз ҷумла бартариҳои интиқоли маблағ аз ҳисоби коҳиши назарраси хароҷот, хатарҳои зерине, ки дар амал ба вуҷуд меоянд, бояд ба назар гирифта шаванд:

1) blockchain метавонад барои корбарон на пурра, балки қисман махфиятро таъмин кунад, яъне он барои бонкҳо дар мубориза бо қонунигардонии даромадҳои пулӣ ва маблағгузории терроризм монеа эҷод мекунад;

2) бебозгашт ва тағйирнопазирии муомилот дар blockchain. Ба ибораи дигар, blockchain – и оммавӣ кафолати ниҳоии ҳисобҳои гузаронидашуда нест;

3) ҳангоми истифодаи технологияҳои blockchain, бонк вазифаи пешбарии худро ҳамчун миёнарави молиявӣ аз даст медиҳад» [102, с. 179].

Ефимова Л.Г. ба он ақида аст, ки ҳангоми истифодаи blockchain пайгирии амалиётҳои анҷомдодашуда дар такилоти қарзӣ ё дастрас намудани иттилоот ҳамчун далел хеле душвор мебошад ва дар ин замина танзим нагардидани он бо асосҳои ҳуқуқӣ аз доираи танзими судӣ берун монда, қарорҳои судӣ фарогири он намебошад. Ҳамзамон, ӯ қайд намудааст, ки ҳангоми гузаронидани ҳама ё баъзе аз амалиётҳои бонкӣ, аз ҷумла, дар ҷараёни ҳисоббаробаркунӣ, барасмиятдарорӣ ва иҷрои шартномаи гарав, аккредитив, муомилоти коғазҳои қиматнок ва ҷараёни қарздиҳӣ ба таври  маъмул тавси дода шудаанд [102, с. 181].

Айни ҳол якчанд шикркатҳои маъмуле мавҷуданд, ки технологияҳои блокчейн қисми ҷудонашавандаи фаъоиляти онҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, платформаи машҳури криптовалютии Ripple яке аз барномае мебошад, ки аз истифодабарандаи технологияи болозикр мебошад, ки соли 2012 барои бонкҳо ҳангоми доду гирифти асъорҳои электронӣ истифода мешавад.  Намунаи Civic соли 2017 яке аз барномае мебошад, ки барои айнияткунонии шахсият равона шудааст ва он низ бо заминаи барномаи махсусгардонидашуда ташкил карда шудааст [130, с.

99-104]. Civic барои ташкилотҳои қарзӣ ташкил карда шудааст, бо воситаи технологияи блокчейн ҳифзи иттилоооти муштариёни ташкилоти қарзиро ҳангоми истифода аз он таъмин менамояд. Маълумоте, ки байни корбарон мубодила мешавад, аз хатари дастрасӣ ба шахсони сеюм озод мебошад.

Миқёси паҳншавии технологияи blockchain аз афзоиши таваҷҷӯҳи давлатҳо ба ин технология ва таъсиси ҷомеаҳои байналмилалӣ шаҳодат медиҳад. Чунончӣ, санаи 10 апрели соли 2018 дар доираи Иттиҳоди Аврупо Эъломия оид ба таъсиси Шарикии Аврупоии блокчейн (EBP) қабул карда шуд, ки мақсади асосии он ҳамкорӣ дар соҳаи ташкили инфрасохтори хизматрасониҳои блокчейни аврупоӣ (EBSI), ки хизматрасониҳои ҷамъиятии фаромарзӣ дар саросари ИА бо истифода аз технологияи blockchain пешниҳод мекунад, иборат мебошад [167].

Айни ҳол воридкунии низоми технологияи blockchain дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди муҳокимаронӣ қарор дорад. Дар хусуси самаранокии истифодаи технологияи blockchain Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як нишасти хабарӣ баён намудааст [168].

Аммо дар назар дошт, ки ҳар як соҳаи техникӣ ва технология ва истифодаи онҳо дар танзими муносисбатҳои ҷамъиятӣ бояд дорои заминаи муайяни қонунгузорӣ бошад.

Айни ҳол дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсусе, ки истифодаи низоми технологияҳои blockchain – ро дар соҳаи ҳифзи сирри бонкӣ иҷозат диҳад, вуҷуд надорад. Масъалаи мазкур танҳо тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумии соҳаи иттилоот ва ҳифзи иттилоот танҳи танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудааст. Бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар ин самт пешниҳод карда мешавад, ки ба қонунгузории амалкунанда тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда шуда, истифодаи технологияҳои blockchain дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар карда шавад.

Қаллобон ва муфсидон ҳарчи бештар имрӯз ба бахши бонкӣ проблемаҳои зиёдеро ба миён оварда, кӯшиш менамояд, ки амнияти иттилоотии сирри бонкиро вайрон намоянд ва чунин ҷиноятҳо яке аз ҷойҳои намоёнро дар интернен сазовор шудааст. Аз ин зуҳурот шаҳрвандон дар изтироб буда, таҳдид ошкор ва вайрон шудан манфиатҳои онҳо аз эътибор холӣ нест. Ҷинояткорон бо истифода аз технологияҳои муосир бо роҳи фиреб ё дуздӣ маблағҳои муштариёни ташкилоти қарзиро тасарруф менамояд [108, с. 1-15; 114]. Чунин амалҳои ғайриқонунии онҳо бевосита ба тври мустақим ба ҳолати молиявии мизоҷон, эътибору нуфуз бонк, баҳри таъмини амнияти технологии бонкӣ хароҷотҳои зиёдро талаб намуда, иттилоотҳои аздастрафта бо мушикли барқарор карда мешаванд.

Гирифтани маълумоти дақиқ дар бораи талафоти мустақим аз сабаби худдории ҷабрдидагон аз гузориш дар бораи ҳодисаҳо ва мушкилии пайгирии қаллобии фаромарзӣ мушкил аст. Дар ин замина бозомӯзии кормандон аз таҳдидҳои мавҷуда, коркарди амнияти ҳамаҷониба бо дарбаргирии технологияҳои муосир ва пешгирии талафот хароҷоти ғайримустақими ташкилоти қарзиро ташкил медиҳад.

Он ҳолат дар рӯзҳои охир нигароникунанда мебошад, ки миқдори ҷиноятҳои қаллобӣ беш аз пеш дар интернет зиёд шудааст ва ташкилотҳои қарзиро водор намудааст, ки ба ин таҳдидҳо мустақилона муқовимат намоянд. Аз ҳолати мазкур ширкатҳои бонуфуз молиявӣ ва консалтингӣ иброз намудаанд. Масалан, аз зумраи яке аз чунин ширкатҳо McKinsey дар соли 2023 ҳангоми таҳлил ва омӯзиши ширкати молиявӣ ҳисоботеро дар сомонаи худ интишор намуд, ки тибқи он афзоиши фишинг, насби нармафзори зараровар яке аз воситаи маъмултарини қаллобӣ гардидааст [108, с. 1-15; 114]. Баҳри бартараф намудани зуҳуроти мавҷуда, ташкилотҳои қарзии сармоягузор кӯшиш ба харҷ доданд, ки онро пурра бартараф намоянд, аммо то ҳол ба ин зуҳурот хотима набахшиданд.

Ба андешаи мо ягона роҳи муқовимат ба ин зуҳурот ташвиқу тарғиби мунтазами мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва волонтёрон мебошад, зеро маҳз бо роҳи огоҳкунии шахсони воқеӣ муқовимат имконпазир мегардад. Ҳамзамон дар ин замина такмили на танҳо қонунгузорӣ, балки ҷанбаҳои техникии ташкилоти фаъолияткунанда зарур шуморида мешавад. Барои он ин ҳолат дар таҳқиқоти гузаронидашаванда муҳим арзёбӣ мегардад, ки иттилооти марбут ба сирри бонкӣ маҳз аз ҷониб ташкилотҳои қарзӣ амнияти ифшо нагардидани маълумот амалӣ карда мешавад. Яъне ташкилотҳои қарзи дар фаъоиляти худ бо мақсади зуд қонеъ намудани талаботи муштариёни худ аз технологияҳои муосири рақамӣ истифода менамояд ва ин гуна маълумотҳоро дар барномаҳои технологии муосир, замимабарномаҳо ва барномаҳои бевосита бо шабакаи алоқаи барқӣ алоқаманд ворид менамояд ва дар ин замина тибқи қонунгузорӣ уҳдадор гардидааст, ки таъмини амният ё баҳри ошкор нагардидани иттилооти сирри бонкӣ мунтазам такмили техника, барномаҳои корӣ ва воситаҳои ҳифзу иттилоотро бояд амалӣ намояд.

Рақобат дар бахши бонкӣ афзоиш ёфта, монеаҳо барои воридшавӣ коҳиш мееёбанд, зеро эҳтиёҷ ба сармоягузориҳои бузурги дохилии технологияҳои иттилоотӣ кам мешавад. Дар баробари ин провайдерҳои нави фаромарзӣ ба бозори тиҷорат ворид гардида, рӯз аз рӯз истифодабарандагони маҳсулоти рақамӣ рӯ ба афзоиш дорад. Ҳолати мазкур ба он оварда мерасонад, ки байни чунин ташкилотҳои рақобати ҷадид ба амал омада, арзиши хизматрасонӣ ва нархҳои рақобатпазир пайдо мегардад.

Бештари бонкҳои низомсоз ва азим дар бозори иқтисодӣ мавқеӣ ҳалкунандаро доранд, зеро ин ташкилотҳои тули солҳои дароз бо ҳамон як муштарӣ ҳамкорӣ намуда, ба андешаи онҳо ин бонк хело боэътимод мебошад. Ҳолати мазкур ба он оварда мерасонад, ки бонкҳои мазкур бо

фаъолияти бегазанди худ рафтани муштариёниро ба дигар ташкилотҳои қарзӣ пешгирӣ намудаанд.

Коршиносон ба афзоиши фаъолияти киберамният аз ҷониби ҷинояткорон ишора мекунанд, ки тағйирот дар стратегия ҳамлаи онҳоро таъкид мекунанд.

Айни ҳол Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирӣ ва мубориза бо киберҷиноятҳо муборизаи шадид намуда истодааст. «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28-уми декабри соли 2023 таъкид намуданд» [185]: «вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии ҷумҳуриамон тадбирҳои иловагӣ андешем» [185].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ намудҳои киберҷиноятҳо ҷой дорад, ки муҳаққиқон фикру ақидаҳои худро баён намудаанд. Киберҷиноятҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намудан душвор аст, чунки онҳо ба якдигар вобастагӣ доранд, вале дар умум чунин гурӯҳҳои киберҷиноятҳоро ҷудо намудан имконпазир аст:

1. Киберҷиноятҳои молиявӣ. Киберҷинояткорон шабакаи Интернетро дар ин маврид барои гирифтани манфияти молиявӣ истифода мебаранд.

2. Киберҷиноятҳо вобаста ба ҳаёти шахсӣ. Киберҷиноятҳо на танҳо ба корхонаҳои муҳими давлатӣ, балки ба ҳаёти шаҳрвандони оддӣ низ бевосита таъсир мерасонанд. Додаҳои шахсии коргарон ва истифодабарони шабакаи Интернет ҳамеша зери хатар аст.

Истифодабарони Интернет додаҳои шахсии худро дар он ҷойгир менамоянд, ки метавонад мавриди истифодаи қаллобон гардад ва қоидаҳои таъмини бехатарии иттилоотро дар шабакаҳои иҷтимоӣ риоя кунад.

3. Киберҷиноятҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ. Баъзе аз киберҷиноятҳо ба тағйир додани муҳити сиёсӣ ё ин ки зарар овардан ба шахсиятҳои алоҳида ё гурӯҳи одамон равона карда мешаванд. Бадбинӣ оид ба шахсиятҳо ва гурӯҳи одамон дар асоси омилҳои гендерӣ, динӣ, қабилавӣ, маҳаллию миллӣ ва ғайра пайдо мешавад. Масалан, паҳн намудани хабарҳои бардурӯғ оид ба шахсони алоҳида ва гурӯҳи одамон. Гурӯҳҳои экстремистию террористӣ фазои иттилоотиро барои тарсонидан, паҳнкунии ақидаҳои худ ва ворид намудани зарарҳо ба IT-инфрасохтор истифода мебаранд [193].

Киберҷиноятҳоро мумкин аст, ба ду гурӯҳ ҷудо кард: 1. ҷиноятҳое, ки ба шабакаҳо ва ё таҷҳизотҳо равона карда шудааст; 2. ҷиноятҳое, ки барои амалӣ намудани фаъолияти ҷиноятӣ аз таҷҳизотҳо истифода мекунанд. Гурӯҳи якуми ин намуд ҷиноятҳо тавассути воситаҳои зерин содир карда мешаванд: вирусҳо; барномаҳои зараррасон ва ҳуҷумҳои DoS. Гурӯҳи дуюми киберҷиноятҳо бошанд, бо чунин воситаҳо содир карда мешаванд:  Почтаи электронии фишинг; таъқиби киберӣ; дуздии шахсияти онлайниҳо [169; 172].

Аксари ҷиноятҳои кибернетикиро шахсони дорои дониши махсуси иттилооти компютерӣ, ки аз он пул кор мекунанд, содир мекунанд; фаъолияти киберҷинояткорӣ метавонад аз ҷониби шахсони алоҳида ё созмонҳо анҷом дода шавад ва баъзеҳо метавонанд гурӯҳҳои муташаккилро ташкил кунанд, ки дар онҳо усулҳои пешрафтаи дорои тахассуси баланди техникӣ истифода шаванд [160; 172].

Киберҷиноятҳои амали ғаразноке мебошад, ки аз ҷониби як шахси муайян ё гурӯҳи муташаккил бо истифода аз технологияҳои рақамӣ амалӣ карда шуда, ҳадафҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани маблағро

доро мебошад. Дар ин хусус олимони ҳуқуқшиносӣ дар самти ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳқиқотҳои намуда, ба зумраи он ҷиноятҳои дар соҳаи молия ва бонкдорӣ содиршаванда инҳоро рабт медиҳанд:

-қаллобӣ бо воситаи навъҳои гуногуни муошират ва муомилоти файлҳо, яъне тавассути почтаи электронӣ, мессенҷерҳо ва ғайраҳо;

-қаллобӣ дар сомонаҳое, ки дар интернет ташкил карда мешаванд;

-қаллобӣ бо роҳи ошкор намудани маълумот дар бораи шахсият ва ғайраҳо;

-бо роҳи фиреб аз кортҳои бонкӣ тасарруф намудани маблағ;

-бо роҳи занг задан ба телефони шахс ва фиреб додани ӯ, ки гӯё бонк аз муштарӣ иттилооти марбут ба ӯро бо мақсади ҳимоя намудан амалӣ кардан мехоҳад;

-дуздидани иттилоооте, ки сирри корпоративӣ мебошад ва бо роҳи ба муомилот баровардани он ба дасст овардани маблағ;

-ҳамлаҳои ransomware гӯё онҳо бо мақсади ҳимояи аз ҷинояткории киберӣ пул тараб мекунанд (кибер – иръоб);

-cryptojacking (бе огоҳии шахс хориҷ намудани криптоасъорҳо аз ҳамиёни электронии онҳо);

-кибер ҷосусӣ яъне дастрас намудани иттилооти шахс бе розигии ӯ [160; 109, с. 77-79].

Олимон дар натиҷаи таҳлилҳои ва омӯзишҳо муайян намудаанд, ки ҷиноятҳои киберӣ ба ду намуд ҷудо мешаванд: бо воситаи ворид намудани вирусҳо, корношоям намудани хизмати DdoS, барномаҳои зараровар, яъне ба компютер чунин файлҳои зараровarда ворид карда мешавад; дуюм бо роҳи паҳн кардани нармафзори зараровар, тасвирҳои гуногун ва иттилооти ғайримақбул, ки амалҳои мазкур бо истифода аз компютер содир мешаванд [109, с. 77-79].

Олимон дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар баробари ин ду ҷинояти киберӣ боз дигар намуди онро пешниҳод намудаанд, ки он

нигоҳ доштани маълумот дар бораи он, ки кӣ дуздида шудааст, ба ҳисоб меравад [196].

Аз ҷониби давлати номбурда Конвенсияи аврупоӣ оид ба киберҷиноятҳо ба тасвиб расидааст, яъне онҳо зарурати ин конвенсияро эътироф намуда, дар он ҷиноятҳои киберӣ тафриқабанди шудаанд: унсурҳо дар Интернет, дуздии ғайриқонунии маълумот, порнографияи кӯдакона ҷиноятҳои марбут ба поймолкунии ҳуқуқи муаллиф, харид ё фурӯши ашёи ғайриқонунӣ, боздоштани ғайриқонунӣ ва дигар намудҳо [131].

Дороиҳои кибернетикӣ, ки дар фазои киберфазо вуҷуд доранд ва муҳофизатро талаб мекунанд, ба ҷисмонӣ (дар ҷаҳони воқеӣ вуҷуд доранд) ва виртуалӣ (танҳо дар киберфазо вуҷуд доранд) тақсим мешаванд.

Пешгирӣ намудани ҷиноятҳои киберӣ яке аз чорабиниҳои байналмилалие мебошад, ки тамоми ташкилотҳои бонуфуз дар панҳ гардидани он мубориза мебаранд. Баҳри пешгирии ҷиноятҳои бо восиатаҳои технологидошта анҷомшаванда нақши Созмони Милали Муттаҳид (СММ) ва Интерпол дар бештари давлатҳои ҷаҳон, Созмони Шурои Аврупо, Иттиҳоди Аврупо (ИА) дар давлатҳое, ки дар Аврупо қарор доранд, Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Рушд (OECD) хело нақши муҳим доранд, яъне муқовимати асосиро онҳо ташкил намудаанд.

Аввалин омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти киберҷиноят ва чораҳои қонунии ҷиноӣ барои мубориза бо он дар миқёси байналмилалӣ аз ҷониби Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Рушд анҷом дода шуд, ки дар байни солҳои 1983 ва 1985 имкониятҳои ҳамоҳангсозии қоидаҳоро, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳои киберҷиноятӣ пешбинӣ мекунанд, омӯхтааст [156, с. 54]. Пешниҳодҳои Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Рушд OECD дар гузориши «Ҷиноятҳои марбут ба компютер: таҳлили сиёсати ҳуқуқӣ» оварда шудаанд. Санаи 14 декабри соли 1990 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид

қатъномаеро [171] қабул кард, ки дар он аз кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид даъват ба амал овард, ки ҳарчи беш аз пеш нисбат ба ҷиноятҳои бо технологияҳои инттилоотию компютерӣ содиршаванда диққат зоҳир намуда, дар сатҳи қонунгузории давлатӣ ва дар он пешбинӣ намудани принсип ва ҳамкории байналмилалиро пешбинӣ намоянд, ки талошҳоро дар самт пешгирӣ, таъқиб ва ҷазо байни якдигар пурзӯр намоянд. Соли 1995 нахустин Конфронси байналмилалии Интерпол оид ба ҷиноятҳои компютерӣ баргузор гардид, ки нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз паҳншавии ҷиноятҳои киберҷиноятиро тасдиқ кард. Баъдан, чунин конфронсҳо аз ҷониби Интерпол дар солҳои 1995, 1996, 1998 ва 2000 баргузор шуданд.

Дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳо Шӯрои Аврупо Конвенсияи Шӯрои Аврупо оид ба киберҷинояткориро аз 23 ноябри соли 2001 дар шаҳри Будапешт қабул кардааст [189]. Ин яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи шабакаи ҷаҳонии компютерӣ ва то ҳол ягона ҳуҷҷати ин сатҳ мебошад. Омода намудани лоиҳаи он муддати зиёдро дар бар гирифта, дар давоми 4 сол ҳамагӣ 27 лоиҳа таҳия карда шуда, шакли ниҳоӣ, ки муқаддима ва чаҳор бобро дар бар мегирад, санаи 25 майи соли 2001 ба Комиссияи Аврупо оид ба киберҷиноят дар ҷаласаи 50-уми пленарии худ аз 18 то 22 июни соли 2001 пешниҳод карда шуд. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз кӯшишҳои дар сатҳи байналмиллалии дар боло номбаршуда, ҳамаи онҳо бояд пеш аз ҳама бо амалҳои ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар сатҳи миллӣ алоқаманд бошанд. Кӯшишҳои миллӣ ва байналмилалӣ бояд ҳамдигарро пурра намуда, таваҷҷуҳи умумиҷаҳонӣ ба масъалаҳои киберҷиноятро таъмин намуда, ҳамоҳангсозии қадамҳоро оид ба мубориза бар зидди ҷиноятҳои киберӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ таъмин намоянд. Дар ин замина муҳокимаи лоиҳаҳои қонунҳои SOPA ва PIPA дар ИМА [190; 199] мақоми махсус доранд.

Тазаккур бояд дод, ки аз ҳама кишварҳои аз ҷиноятҳои киберӣ эмин ва дар ин ҷода пешоҳангу пешсаф давлати Малайзия мебошад, ки 74 дар сад метавонад худро аз ҷинятҳои киберӣ ҳифз намояд. Инчунин, Япония-72, Индонезия-70, ИМА-60, Русия-60, Фаронса-51, Олмон-45 дар сад метавонанд, худро аз ҷиноятҳои киберӣ муҳофизат намоянд. Аз ин нишондиҳандаҳо маълум мегардад, ки ягон давлате ба пуррагӣ қударту тавоноии муқобилияти онро надорад ва наметавонад ба пуррагӣ, яъне сад дар сад худро аз ҷиноятҳои киберӣ ҳифз ва ҳимоя намояд… [159].

Тавзу зикр карда шуд, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикиро яке аз ҳадафҳои асосии худ қарор дода, бо он мубориза меборад. Ҳануз, санаи 7-уми ноябри соли 2003 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон»содир гардид. Дар асоси он Барномаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 30-юми июни соли 2004 таҳти № 290 [166] тасдиқ шуд ва тибқи он амнияти иттилоотии мо ба таври ҳамешагӣ ҳифзу назорат карда мешавад».

Мутобиқи Барномаи мазкур «Низоми амнияти иттилоотӣ бештар ба воситаи чор самти асоси таъмин карда мешавад: ҳимояи ҷисмонӣ, ҳимояи ташкилӣ, ҳимояи техникӣ ва ҳимояи оперативӣ (фаврӣ). Ҳимояи техникии иттилоот соҳаи муҳими муосири таъмини амнияти иттилоотии фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.» Сарраёсати ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоишгари давлатии Барномаи зикршуда мебошад.

Чорабинии дигари муҳими давлатӣ дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо ин қабул гардидани Консепсияи сиёсати иттилоотии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, № 451 тасдиқ карда шудааст. Консепсияи мазкур ҳуҷҷати давравӣ ба ҳисоб рафта, амали он солҳои 2008-2012 – ро дар бар гирифтааст.

Дар баробари киберҷиноятҳо, терроризми иттилоотӣ ва ҷангҳои тахмилии киберӣ авҷ гирифта, ба истиқлолияти давлатҳо таҳдид намуда истодаанд. Аз рӯи ақидаи муҳаққиқ Степанова О.А.: «зери мафҳуми кибертерроризм -амали шахс ва гурӯҳи шахсон барои тарсонидани омма, фишор овардан ба мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, ба вуҷуд овардани фазои тарсу воҳима дар афкори ҷомеа, тавассути зарар расонидан ба ба воститаи шабакаҳои иттилоотӣ-электронӣ фаҳмида мешавад» [138].

Таҷриба нишон додааст, ки яке аз ҳадафҳои асосии кибертеррористон ба даст овардани маълумоти махфӣ ва дорои хусусияти стратегии мақомоти давлатӣ мебошад. Моҳи майи соли 2017 вируси харобкунандае бо номи «WannaCry» ба низоми компютерӣ дар саросари ҷаҳон паҳн карда шуд, ки дар натиҷаи он 500 ҳазор компютер бо низоми «Windows» дар 150 кишвари дунё зарар дида, аз кор монданд [163].

Инчунин охирҳои моҳи декабри соли 2018 хакерҳои номаълум санадҳои ҳизбҳо ва маълумоти шахсии садҳо сиёсатмадорони Олмонро рахна карда, дар Интернет паҳн намудаанд, ки асосан суроғаи ҷойи истиқомат, рақами телефонҳои мобилӣ, почтаи электронӣ, нусхаи шиноснома ва ҳуҷҷатҳои дохилиҳизбии ин сиёсатмадоронро дар бар мегирифт.

Санаи 13-уми декабри соли 2023 бо мақсади пешгирӣ аз содир шудани чунин амалҳо бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар байни дигар воҳидҳои сохтории Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳо таъсис дода шуд, ки дар он барномаи машғулияти назариявию амалӣ оғоз гардид [177].

Ташкили чунин сохторро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28-уми декабри соли 2023 ба Прокуратураи генералӣ ва

дигар сохторҳои қудратӣ супориш дода буданд. Ҳамчунин шуъбаҳои махсуси мубориза алайҳи киберҷиноятҳо дар сохтори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон низ фаъолияти мунтазам менамоянд.

Барои муборизаи оқилонаву мақсаднок бо киберҷинояткорӣ заминаҳои муайяни иқтисодиву иқтимоӣ ва техникӣ зарур мебошанд. Яке аз омилҳои асосии муборизаи шадид бо ин намуди ҷинояткорӣ ин омода намудани кадрҳои соҳибихтисос дар ин самт ба шумор меравад.

Мутобиқи талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми феврали соли 2025, таҳти №114 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «барои давраи то соли 2030 ин самти иқтисоди рақамӣ (таҳқиқот вобаста ба таъсири технологияҳои рақамӣ ба моделҳои тиҷорат, инноватсия, бозори меҳнат, хизматрасонӣ ва тағйироти ичтимоӣ, роҳҳои амалисозӣ ва идоракунии самараноки технологияҳои рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳо) ва технологияҳои коммуникатсионӣ ва амнияти иттилоотӣ (инфрасохтори мукаммали шабака барои баланд бардоштани устуворӣ ва амният, таҳияи протоколҳо ва технологияҳои нав барои интиқоли бехатари маълумот, таҳқиқот дар соҳаи ҳисоббарории квантӣ ва алоқа, таҳияи усулҳо барои ҳифзи маълумотҳо ва ҳимояи инфрасохтор аз таҳдидҳо (амнияти қабул, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди иттилоот), ба ҳисоб мераванд» [31; 32].

Самаранокии кори бонкҳо ва рақобатнокии онҳо дар бозор аз ҷори намудани маҳсулот ва технологияи нав вобаста аст ва ин маҳсулоту технологияи фурӯхташаванда, навоварии бонкӣ меноманд.

Маҳсулоти бонкӣ маводи тартибдодани қисми хизматрасониҳои бонкиро ташкил медиҳад, ки аз кортҳои пластикӣ, чеки роҳӣ, китобчаи амонатӣ, ҳамёни электронӣ ва ғайраҳо иборат мебошанд. Навоварии бонкӣ дар фаъолияти бонкӣ ба ду намуди асосӣ: ягона ва оммавӣ тақсим карда мешаванд [188].

Маҳсулоти ягона – ин маҳсулоти инфиродӣ буда, аз дигар маҳсулоти бонкӣ бо хусусиятҳо гуногун фарқ мекунад, масалан, тангаи мушахас аз тиллои мушахас бо ҳаҷми муайян, вомбарги эмитенти мушахас – бонк.

Маҳсулоти бонкии оммавӣ – ин маҳсулоти бароришаш барои омма аст, ки тавсифи махсус надорад, масалан, амонати бонкӣ, қарз, қарзи давлатӣ ва ғ. Маҳсулоти бонкии оммавӣ ба доираи васеӣ истифодабарандагон ва ё мизоҷони бонк пешниҳод карда мешаванд ва ба гурӯҳи номуайяни шахсон равона карда шудаанд.

Танзими тамоми самти мазкур танҳо тавассути дуруст ба роҳ мондани ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар низоми бонкӣ амалӣ карда мешавад.

Имрӯз фаъолияти ташкилоти қарзию молиявиро бе назардошти технологияҳои иттилоотӣ тасаввур намудан ғаримкон аст ва бинобар сабабе, ки фаъолияти онҳо хусусияти фавриро дорост бояд коркарди зуд ва бефосилаи ҷараёни иттилоот ба таври шояду бояд ба роҳ монда шавад. Бо ин мақсад ташкилотҳои қарзӣ мунтазам кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки технология ва барномаҳои наву замонавиро, ки коркарди бехатари сирри бонкиро амалӣ менамояд, дар фаъоиляти худ ҷорӣ менамоянд [142, с. 86-94].

Дар замони муосир автоматикунонии фаъолияти бонкӣ тақозои замон ба ҳисоб меравад, ки дар як муддати кӯтоҳ ва сарфаи вақт амалиёти дахлдор гузаронида мешавад, ки ба сатҳу сифати хизматрасонии бонкиро осон мегардонад. Дар санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон воситаҳои мазкурро низомҳои фосилавии бонкӣ меноманд. Замони муосир ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкилотҳои қарзиро водор менамояд, ки ба ин зуҳурот диққат зоҳир намоянд. Дар ин замина дар бештари бонкҳои воситаҳои барномавию технологии зерин истифода мешаванд: 1) бонкинги мобилӣ (яъне бонки босуръан) – тавассути сохтани замимабарномаҳои мобилӣ амалӣ карда мешавад, ки таввасути он шахсони воқеӣ суратҳисоби худро назорат намуда,

пардохти хизматрасонии давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, хариду фурӯши асъор, гирифтани қарз ва пардохти онро амалӣ менамояд; терминал-бонкинг таҷҳизоти техникие мебошад, ки тавассути он шахсони воқеӣ ҳангоми пардохти хизматрасони тавассути кортҳои бонкӣ ва ҳамиёнҳои электронӣ амалӣ менамояд ва чунин таҷҳизотҳои дар марказҳои хизматарсонӣ дар дасти соҳибкорон ё кормандони онҳо нигоҳ дошта мешавад ва ҳамзамон ба ин зумра ворид намудани таҷҳизотҳои худкори бонкӣ ва банкоматҳоро ворид намудан дуруст мебошад;

Яке аз самтҳои муҳими ҷорӣ намудани технологияҳои электронӣ дар низмои бонкӣ ин ҷорӣ намудани интернет-банкинг ба ҳисоб меравад. Интернет-бонкинг барномаи бонкие мебошад, ки бештари вақт аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ истифода мешванд ва тавассути он шахсони ҳуқуқ имконият доранд, ки тамом ҳисоббаробаркуниро амалӣ намоянд ва барои ин зарур аст, ки танҳо бо бонк шартнома ба имзо расонида дорои логин ва рамз гарданд ва бонк дар навбати худ тавассути шлюзи бехатар суртаҳисоби ӯро бо низоми интернет-бонкинг пайваст менамояд ва муштари бо воситаи бровзерҳо метавонад ба сомонаи бонки дахлдор ворид шуда, суратҳисоби худро идора намояд. [142, с. 86-94].

Ҷорӣ намудани технологияҳои интернет-бонкинг байни олимон ақидаҳои гуногунро ба миён оварда, муҳаққиқон афзалиятҳо ва норасогиҳои падидаи мазкурро таҳлил намудаанд.

Муҳаққиқи рус Аннануров М.А., чунин афзалият ва камбудиҳои интернет – бонкингро пешниҳод намудааст. Ба андешаи муҳаққиқ интернет – бонкинг чунин афзалиятҳо дорад:

- низоми мусоид ва самаранок;
- воситае мебошад, ки манбаи мизоҷон зиёд мешаванд;
- ба таври шабонарӯзӣ хизматрасони мешавад;
- низоми босуръат ва бо сарфаи вақт барои бадаст овадани фоида;
- ҳамгироии амалиётҳои бонкӣ бо дигар намудҳо;

-баландшавии сифати хизматрасонӣ дар низоми бонкӣ;

-назорати автоматии хавфҳо.

Ба андешаи муҳаққиқ интернет – бонкинг чунин афзалиятҳо дорад:

-бехавф гузаронидани маблағҳоро аз як ҷо ба ҷои дигаро таъмин менамояд;

-ҳангоми истифодабарии он бехатарии маълумот таъмин карда мешавад;

-он бо имзои электронии рақамӣ амалӣ карда мешавад, ки дорои муаммоҳо мебошад;

-аз нигоҳи психологӣ ба мизоҷонкӯмак мерасонад;

-мушкилоти пешгӯикунии муҳлати харҷбарории лоиҳа;

-кам намудани мутахассисоне, ки аз нуқсони таҷриба азият мекашанд [162; 186].

Олимони рус Пожарова Д.В., Федко А.Ю. ва Василева Ю.Д. дар таҳқиқотҳои илмии худ ва гузаронидани пурсишҳои оммавӣ ба хулоса омаданд, ки интернетбонкинг барои ташкилотҳои тиҷоратӣ хело қулай ва осон мебошад ва дорои афзалиятҳои зерин мебошанд:

1. истифодаи осон ва оддӣ. Ҳангоми пурсиш бештари ташкилотҳои тиҷоратӣ иброз доштанд, ки низоми мазкур хело осон ва оддӣ мебошад ва барои сарфаи вақт ва маблағ мусоидат менамояд;

2. содда будани интерфейс. Бештари сомонаҳои интернетбонкинг аз нуқтаи назари омма назарсанҷӣ карда шуда, бонкҳо дар робита бо мизоҷон кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки онро ҳама табақаи аҳолӣ, маъюбон пиронсолон, шахсони бо биноиши маҳдуд ва ғайраҳо истифода баранд;

3. дастрасии фосилавӣ. Бидуни тарк намудани манзили истиқоматӣ анҷом додани амалиётҳои мураккабтарин бо маблағҳо мебошад ва қисми зиёди муҳосибон дар рафти фаъолияти муҳосибӣ аз он истифода менамоянд.

Дар ҳоли ҳозир бештари шахсон аз истифодаи он танқиси мекашанд, зеро ба он бовар надоранд ва ҳангоми гирифтани қарз бештар ба кардҳо ниёз доранд ва ин камбудии интернетбонкиг ба ҳисоб меравад. Дар байни камбудиҳои дагир яке аз маъмултарини он ин истифода нагардидани ҳамаи табақаи аҳоли аз смартфонҳо мебошад, ки ба ин зумра калонсолон шомил мебошанд ва барои ин гуна низом муқовимат намудан бо технологияҳои нав мушкил мебошад [197].

Бо мақсади танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба интернет – бонкинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Дастурамал таҳти №201 «Дар бораи хизматрасонии фосилавии бонкӣ», ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2013, таҳти №235 тасдиқ карда шудааст [35; 175; 201], қабул гардидааст.

Банди 6-и Дастурамали зикргардида ба ҳифзи иттилоот бахшида шуда, муқаррар намудааст, ки «Барномаи амнияти иттилооти хизматрасонии фосилавии бонкӣ ҳадди ақал бояд ҷанбаҳои зеринро дар бар гирад: – ошкор ва баҳо додани хавфҳои марбут ба пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ; – муайян намудани чораҳо оид ба кам кардани хавфҳо, аз ҷумла татбиқи технологияҳои дахлдори мушаххаскунии муштарӣ ва меъёрҳои назорати дохилӣ; – муайян намудани чораҳо оид ба таъмини амнияти иттилооти муштарӣ аз дастрасии беиҷозат ва таъмин намудани яклухтии иттилооти мазкур; – баҳодиҳии чораҳои хабардоркунии муштариён.» [178].

Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интертен – бонкинг хуб инкишоф ёфта, қисми таркибии муносибатҳои ҳаррӯзаи одамонро ташкил медиҳад. Тибқи оморҳои расмӣ ба санаи 31 декабри соли 2024 теъдоди умумии ҳамёнҳои электронии 25 ташкилоти қарзии молиявӣ 12,1 млн. ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба 31 декабри соли 2023 3,4 млн адад (38,6%) зиёд мебошад [192].




«Яке аз шартҳои ба роҳ мондани фаъолияти инноватсионӣ ин ба вуҷуд овардани инфрасохтори зарурии инноватсионӣ мебошад. Инфрасохтори инноватсионӣ ташкилотҳо (муассисаҳо)-е мебошанд, ки қобили амалӣ кардани фаъолияти инноватсионӣ доранд, яъне ба инноватсия ва таъмини шароити ҷорӣ кардани раванди инноватсионӣ хизмат мерасонанд. Ба ин гуна инфрасохтор марказҳои инноватсионӣ-технологӣ, инкубаторҳои технологӣ, технопаркҳо, марказҳои таълимӣ ва ташкилотҳои дигари махсусгардонидашуда дохил мешаванд» [195].

Бо мақсади вусъат додан ба рушди технологияҳои инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023 таҳти №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» қабул карда шудааст. «Қабул гардидани Фармони мазкур барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, ғанӣ гардондани буҷети давлатӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиш додани таъсири омилҳои инсонӣ заминаи мустаҳкам гузошта, барои баланд бардоштани рейтинги байналмилалии кишвар ва ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоварад» [33].

Айни ҳол қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ дар рушди бесобиқа қарор дорад. Чунончӣ, дар Паёми навбатии худи Пешвои миллат аз 28-уми декабри соли 2024 барои «вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имконияти технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт солҳои

2025-2030-ро дар Тоҷикистон Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия эълон намуданд» [33].

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 таъкид намуда буданд, ки «бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани «ҳукумати электронӣ» дар Тоҷикистон, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон таъсис ёбад» [33].

Аз ин рӯ, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми марти соли 2024 таҳти №798 Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди  Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Агентии мазкур мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки пешбурди сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи рушди инноватсия ва технологияҳои рақамӣ амалӣ мекунад.

Эълон гардидани солҳои 2025-2030 Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушду инкишофи ворид намудани технологияҳои нав дар низоми идоракунии давлатӣ, аз ҷумла низоми фаъолияти бонкӣ аҳаммияти махсус зоҳир намуда истодааст.

Айни ҳол омиле, ки барои инкишофи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ монеагӣ ба миён меорад, ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудани имзои электронии рақамӣ ба шумор меравад.

Тавре аз оморҳои расмӣ маълум мегардад, ҳоло дар ҷумҳурӣ шумораи ками имзоҳои электронии рақамӣ ба қайд гирифта шудааст, ки омили мазкур барои пурра ба роҳ мондани технологияҳои иттилоотӣ дар тамоми низоми мақомотҳои давлатӣ ва муассисаҳои давлатӣ, аз ҷумла низоми бонкӣ монеагӣ ба вуҷуд меорад. Бинобар ин, пешниҳод карда

мешавад, ки ҳангоми гирифтани шиносномаҳои шаҳрвандӣ дар баробари шиноснома ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодатнома дар бораи имзои электронии рақамӣ дода шавад.

Омӯзиши зербоби мазкур имконият медиҳад, ки ба чунин хулосаҳои илмӣ ноил гардем:

Якум, таъмини амнияти иқтисодӣ ва ҳифзи сирри бонкӣ водор менамояд, ки санҷиши мунтазамро дар ин самт амалӣ намуда, баҳри такмили равандҳо, назоратӣ доимӣ бурда, дар умум амнияти иқтисодӣ ва ҳифзи иттилооти марбут ба сирри бонкӣ бо заминаи ҳуқуқ ва технологӣ таъмин карда мешавад. Амалҳои якум аз уҳдадории давлат оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон сарчашма гирифта, омилҳои технологии он аз ҷониби ташкилоти қарзӣ бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои молиявии ӯ ба роҳ монда мешавад. Омилҳои мазкур барои нигоҳ доштан эътимоди шаҳрвандон ба давлат ва ба фаъоиляти молию қарзии бонк хуло зарур мебошад.

Дуюм, ташкилотҳои қарзӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқукро дар ҳамбастагӣ зарур аст, ки баҳри пешнигирии ҷиноятҳои киберӣ бештар чораҳои профилактикию омӯзиширо амалӣ намоянд, инчунин мушкилоти такмили заминаи меъёрӣ дар соҳаи киберҷинояткорӣ мебошад.

Сеюм, имзои электронии рақамӣ воситаи муҳими амалӣ намудани технологияҳои нав дар низоми фаъолияти бонкӣ мебошад, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба такмили заминаҳои қонунгузорӣ ва корбарии амалӣ эҳтиёҷ дорад. То он даме, ки имзои электронии рақамӣ дар сатҳи бояду шояд инкишоф наёбад, технологияҳои иттилоотӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои электронии рақамӣ дар низоми бонкӣ самаранок намегардад.

Чорум, ҷиноятҳои нави дар замона мавҷуда, ин ҷиноятҳои киберӣ мебошад, ки сатҳи хатари он ба терроризм ва экстремизим баробар дониста мешавад ва дар ин замина ҳамкории байнидавлатӣ ва

баналмилалӣ баҳри нигоҳ доштани низоми махфияти сирри бонкӣ мебошад, ки мубориза байналмилалиро тақозо мекунад.

Панҷум, мубориза алайҳи ҷиноятҳои кибернетикӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ташкилотҳои қарзи уҳдадор карда шаванд, ки пеш аз қабул ба кор кормандони худро аз ҳисоби кормандони соҳибкасб, ки муассисаҳои миёна ва олии касбии технологиро хатм намудаанд, ба кор ҷалб намоянд ва қабл аз ба кор шуруъ намудан онҳо ба омӯзиши низоми бонкдорӣ фаро гирифта шаванд.

## 3.2. Муқовимат ба қонунигардонии даромадҳо ва сирри бонкӣ: тавозуни манфиатҳо

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти давлатӣ ва мақомотҳои ваколатдори давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин муқовимат ба қонунигардонии дороиҳо ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2023, таҳти № 1950 «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» [20] содир намудани амалҳои зерин ҳамчун қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст овардашуда эътироф мегардад:

«- анҷом додани аҳдҳои молумулкӣ ё дигар амалиёт бо даромадҳое, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд;

- махфӣ нигоҳ доштан ё пинҳон намудани хусусияти аслӣ, манбаъ, маҳалли ҷойгиршавӣ, тарзи ихтиёрдорӣ, аз ҷо ба ҷо гузаронидан, ҳуқуқ ба молу мулк ё тааллуқдорӣ;

- инчунин истифода бурдани ин гуна даромадҳо барои машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар фаъолияти иқтисодӣ ё истифодаи онҳо бо роҳи дигар».

Фаъолияти мазкур аз ҷониби субъектони махсуси ваколатдори давлатӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба

қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» муқаррар гардидааст, бо роҳи андешидани чораҳои назоратӣ амалӣ карда мешавад.

Чунончӣ, муқаррароти Қонуни зикршуда доираи субъектони ваколатдори давлатӣ дар самти муқовимат бо қонунигардонии даромадҳо ваколатдор мебошанд, муайян намудааст. Қонунгузорӣ доираи мазкури субъектони муқовимат бо қонунигардонии даромадҳоро муқаррар намудааст:

«- барои ташкилотҳои қарзӣ –Бонки миллии Тоҷикистон; - барои иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, ташкилотҳои суғурта, ташкилотҳое, ки фулузоту сангҳои қиматбаҳо, маснуоти заргарӣ ва шикастапораҳои ин гуна маснуотро хариду фурӯш мекунанд, ширкатҳои аудиторӣ ва аудиторони мустақил, муҳосибони хусусӣ» [19; 20], ломбардҳо, ташкилотҳое, ки биноҳо барои бозиҳо, тотализаторҳо ва муассисаҳои букмекерӣ доранд, инчунин ташкилотҳое, ки бозии лотерея ва дигар бозиҳои бурднок мегузаронанд ва дар онҳо ташкилкунанда ҷоизаро дар байни иштирокчиён, аз ҷумла дар шакли электронӣ «ба бозӣ мегузорад – Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; - барои нотариусҳо, адвокатҳо, ҳуқуқшиносони мустақил ва дигар шахсоне, ки хизматҳои ҳуқуқӣ мерасонанд – Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; - корхонаи бо хизматгузории почта алоқаманд (дар робита ба интиқоли пул)» [20] «– Хадамоти алоқаи назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; - барои биржаи мол ва дигар биржаҳое, ки бо мол амалиёти молиявӣ мегузаронанд – Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;» [20] «- барои хадамоти гумрук, ки дар сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамлу нақли маблағҳои пулии нақд ва ҳуҷҷатҳои муомилотӣ назорат мекунанд –Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; - барои назорати иҷрои уҳдадориҳои андоз – Кумитаи андози назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; - барои дигар

субъектҳои мониторинги молиявӣ, ки қонунгузорӣ барои онҳо мақомоти ҳокимияти давлатиро, ки фаъолияти онҳоро танзим ва назорат менамоянд, муайян накардааст – аз тарафи мақоми ваколатдор» [20].

Бо дастури Пешвои миллат дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2011, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 октябри соли 2009, №724 ба сохтори Бонки миллии Тоҷикистон тағйирот ворид гардид ва мутобиқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2010, №33 бори нахуст дар «Бонки миллии Тоҷикистон департаменти мониторинги молиявӣ таъсис дода шуда, сохтори мазкур уҳдадор гардид, ки талаботҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди расмикунонии пул (ФАТФ) ва амалӣ қонуни соҳавиро дар самти қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм бо роҳи ҷамъоварӣ бар зимма дошта, тибқи он уҳдадор аст, ки таҳлил ва пешниҳоди иттилоот ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд». Воҳиди сохтории мазкур оид ба мутобиқ будани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсияҳои ФАТФ дар як сол ду маротиба дар назди гурӯҳи ФАТФ дар Аврупо ва Осиё ташкилшуда маълумот медиҳад [89, с. 14]. Ҳамзамон сохтори мазкур уҳдадор гардидааст, ки муқобили амалиётҳои молиявии ташкилотҳои террористӣ ва шахсони ба ин гуруҳ шомилгардида, ба экстремизм ва шахсони ба он воридшаванда ва ҳолати молиявии онҳо, маблағгузории ташкилотҳо ва гурӯҳҳои муташакили муомилоти маводи мухаддир, пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия, одамфурӯшӣ ва аз ин восита ба дастоврадани даромад, равона шудааст [89, с. 123].

Бо мақсади ҷоннок намудани фаъолият дар самти муқовимат бо қонунигардонии дороиҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 октябри соли 2013, таҳти №443 «Дар бораи таъсиси Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят

бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ва Низомномаи «Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» тасдиқ гардид. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2024, таҳти №186 ҳайати Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ таҷдид гардида, ба он роҳбарони як қатор мақомоти давлатӣ, ки метавонанд ба фаъолияти Комиссия ва иҷрои вазифаву мақсадҳои он мусоидат намоянд, аз ҷумла Вазорати корҳои хориҷӣ, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, Хадамоти иҷро, Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳо, инчунин Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон илова карда шуданд [165].

Бо мақсади баҳодиҳӣ, маҳдудсозӣ ва дуруст муайян кардани хавфҳо бо назардошти шакл ва ҳаҷми истифодаи усулҳои назорати хавфҳо ва амалиёт барои бонкҳо, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, бонкҳои исломӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломӣ бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2021, таҳти №168 «Дастурамали таҳти № 247 дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ» [36; 176; 201] қабул карда шудааст.

Тибқи муқаррароти Дастурамали Шӯрои нозирони ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади самаранок иҷро намудани вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда, мониторинг ва назорати масъалаҳои идоракунии хавфҳо, аудит, риояи талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои дохилии ташкилотҳои қарзии молиявиро тавассути Кумитаҳои Шӯрои нозирон мегузаронад.

Таъсиси Кумитаи идоракунии хавфҳо дар назди Шӯрои нозирон дар ташкилотҳои қарзии низомсоз ва ташкилотҳои қарзии эҳтимолии

низомсоз, инчунин дар ташкилотҳои маблағгузории хурди низомсоз ҳатмӣ мебошад. Ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки низомсоз намебошанд мустақилона қарор оид ба таъсиси Кумитаи идоракунии хавфҳо қабул менамояд. Дар ҳолати набудани Кумитаи идоракунии хавфҳо вазифаҳои дахлдор ба Кумитаи аудити Шӯрои нозирон вогузор мегардад(банди 5).

Дар фаъолияти бонкӣ корҳои санҷишӣ ва назоратӣ бобати муқовимат бо қонунигардонии даромадҳо дар адабиётҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби олимон ба чунин гурӯҳҳо тақсим карда шудаанд: «1) муомилот бо маблағҳои пулӣ дар шакли нақдӣ; 2) муомилот вобаста ба суратҳисобҳои бонкӣ ва 3) дигар аҳдҳо вобаста ба молумулки манқул» [178].

Корҳои санҷишӣ ва назоратие, ки ба гурӯҳи якум дохил мешаванд, аз инҳо иборат аст:

1) аз суратҳисоб гирифтани маблағи пулӣ ба таври нақдӣ ва ё ворид намудани он ба суратҳисоби шахсони ҳуқуқии ғайр ба таври нақдӣ, беасос интиқол додани маблағ, хориҷ намудани маблағ аз суратҳисоб бе асосҳои кофӣ ва ғайра;

2) мунтазам анҷом додани мебодилаи бо асъори хориҷӣ;

3) коғазҳои қиматнок бе асосҳо дар дасти шахсони воқеӣ қарор дорад;

4) шахсони воқеӣ ё шахсони ҳуқуқии ғайрирезидент ба шахси воқеӣ бо чекҳо маблағ пешниҳод намудаанд;

5) мунтазам иваз намудани асъорҳои кишварҳои гуногун;

6) шахсони воқеӣ ба ворид намудани пули нақд ба сармояи шахси ҳуқуқӣ;

7) интиқоли маблағ ба суратҳисоб;

8) пешниҳод кардан ё гирифтани қарз, маблағгузорӣ;

9) аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок байни шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ, ки дар давлате, ки иштирокчии созишномаи байналмиллалӣ оид ба

мубориза бо қонунигардонии даромадҳои пулӣ ба қайд гирифташуда, истиқоматкунанда ё воқеъ мебошанд.

Гурӯҳи дуюми чораҳои назоратиро фаъолияти зерин ташкил медиҳад:

1) ҷойгир кардани маблағҳои пулӣ дар суратҳисоби пасандозии ба манзуркунанда додашуда ё кушодани чунин суратҳисоб ба фоидаи шахсони сеюм;

2) интиқоли маблағ дар хориҷа ба суратҳисоби номаълум ё гирифтани маблағ аз он;

3) ба суратҳисоби шахси ҳуқуқӣ ворид намудани маблағ ё аз ҳисоб баровардани онҳо, агар ташкилот на зиёда аз се моҳ мавҷуд бошад ва қаблан аз рӯйи ин суратҳисоб ягон амалиёт анҷом надода бошад.

Гурӯҳи сеюми чораҳои назоратиро иҷро намудани амалҳои зерини назоратӣ ташкил медиҳад:

1) ба гаравхона гузоштани коғазҳои қиматнок, металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо, маснуоти заргарӣ, металпора ва дигар ашёҳои қимматбаҳо;

2) амалӣ намудани тамоми намуди суғурта, аз ҷумла, суғуртаи хаёт, пасандоз, нафақа, манзур намудани онҳо ба шахсони воқеӣ ё аз ҷониби ӯ ба дигар шахс ҳамчун мукофот дода шудан;

3) бо бастани шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бадастории молумулк ва додани он би дигар шахс;

4) беасос аз суратҳисоби бонкии ташкилоти ғайриқарзӣ гузаронидани пул ба дигар суратҳисоб;

5) мунтазам муомилот намудан бо металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ва ғайраҳо.

Ба ғайр аз муомилоти хоҷагидорӣ ва молиявӣ, агар яке аз тарафҳои онҳо шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ бошад, ки қаблан ба рӯйхати шахсоне ворид шудааст дар даст доштан ба ҷинояти экстримистӣ амалҳои бевосита ё бавосита иштирок намудаанд ё дар чунин кирдор гумонбар шудаанд,

амалиётҳои молиявии онҳо, бояд аз ҷониби ташкилоти қарзӣ назорат карда шавад. Тазаккур бояд дод, ки назорати молиявӣ аз болои муомилоти дар боло зикршуда пурра нест ва метавонад вобаста ба шароити мавҷуда васеъ карда шавад.

Яке аз воситаҳои муҳим дар муқовимат ба қонунигардонии даромадҳо ин мушаххасгардонии шахсияти муштарӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад. Мазмуни истилоҳи «мушаххасгардонии шахсияти муштарӣ» дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода нашудааст, ки боиси тафсирҳои гуногун ва санҷиши расмии ҳуҷҷатҳо мегардад. Асосан ҳангоми баҳо додан ба «мушаххасгардонии шахсияти муштарӣ» принсипи бунёдии низоми муқовимат бо қонунигардонии даромадҳо: «муштарии худро шинос», амал намудан лозим аст.

Дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дуруст ба роҳ мондани «мушаххасгардонии шахсияти муштарӣ» бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2023, таҳти №85 Дастурамали таҳти №257 дар бораи санҷиши дахлдори муштарӣ қабул карда шудааст [201].

Дар дастурамали мазкур мафҳуми мушаххаскунии муштарӣ истифода гардида, он чунин шарҳ дода шудааст: «маҷмуи чорабиниҳо оид ба муайян кардани маълумоти мушаххаскунанда вобаста ба муштарӣ (намояндаи муштарӣ) ба ҳисоб мервад» [39].

Вобаста ба ин чунин мафҳуми илмии «мушаххасгардонии шахсияти муштарӣ» - ро муайян намудан мумкин аст: *«Муайян кардани шахс яке аз вазифаҳои назоратӣ мебошад, ки кормандони бонк бо мақсади муқаррар намудани моликият ва қонунӣ будани ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи субъекти хоҷагидор, тасдиқи ваколати он ва қабули қарор дар бораи имконияти бастани муносибатҳои муштарӣ бо муштарии интихобкардаи бонк анҷом медиҳанд».*

Пешбинӣ намудани муқарраротҳои оид ба шахсияти муштарӣ барои пешбигирии амалиётҳои ғайриқонунӣ зарурӣ буда, аз нигоҳи ҳуқуқӣ анҷом дода кушодан, амалиёт гузаронидан ва бастани онро дар асоси ҳуҷҷатҳои нусхабардорӣ, ба номи каси дигар тартиб додашуда ё дорои аломатҳои қалбакӣ буданро истисно мекунад. Дар баъзе ҳолатҳо, бонк на ҳамчун ҷабрдида, балки вайронкунандаи қонун дар бораи мубориза бо қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ бошад. Чунин ҳолат ҳангоме ҷой дошта метавонад, ки агар ҳангоми санҷиши ҳуҷҷат ё дар парвандаи ҷиноятӣ муайян карда шавад, ки муштарии ҳуқуқвайронкунанда аз хизматрасонии бонкӣ зери ниқоби шиносномаи ягон каси дигар истифода кардааст.

Вобаста ба ин, дар банди 14 Дастурамали мазкур дарҷ шудааст, ки «бо мақсади мушаххаскунии муштарӣ ва молик-бенефитсиар субъектҳои ҳисоботдиҳанда ҷамъоварии маълумоти зарурии зеринро дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият ва дигар ҳуҷҷатҳои эътиборнок ва боэътимод, анҷом медиҳанд» [39]:

«1) барои муштарӣ - шахсони воқеӣ ва молик-бенефитсиарон: - насаб, ном ва номи падар (агар бошад); - санаи таваллуд; - ҷойи таваллуд (агар дар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият бошад); - миллат (агар дар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият бошад); - шаҳрвандӣ; - ҷинс; - суроғаи маҳалли истиқомат (бақайдгирӣ) ё ҷойи будубош (агар дар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият бошад ё аз сухани муштарӣ); - вазъи оилавӣ (агар дар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият бошад ё аз сухани муштарӣ); - рақами мушаххаси андозсупоранда (агар бошад); - маълумоти ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият: ном, силсила (агар бошад) ва рақам, санаи додани ҳуҷҷат, номи мақоме, ки ҳуҷҷатро додааст ва рамзи воҳиди сохторӣ (агар бошад), маълумоти ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд барои будубош (истиқомат) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ном, силсила (агар бошад) ва рақам, санаи оғози эътибори ҳуқуқи будубош (истиқомат) ва санаи анҷоми эътибори ҳуқуқи

будубош (истиқомат), аз ҷумла маълумоти корти муҳоҷират (рақами корт, санаи оғози эътибори будубош ва санаи анҷоми эътибори будубош) – агар доштани чунин ҳуҷҷатҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ бошад; - маълумот барои тамос: рақами телефон (хонагӣ, корӣ ё мобилӣ), суроғаи почтаи электронӣ, суроғаи почта (аз сухани муштарӣ)» [39];

«2) барои шахсони ҳуқуқӣ ва созмонҳои ҳуқуқии хориҷӣ: - номи пурра, инчунин (агар бошад) номи кӯтоҳ ва ном бо забони хориҷӣ; - шакли ташкилию ҳуқуқӣ; - рақами мушаххаси андозсупоранда – барои резидент; - рақами мушаххаси андозсупоранда ё рамзи ташкилоти хориҷӣ – барои ғайрирезидент (агар бошанд); - маълумот дар бораи қайди давлатӣ: санаи бақайдгирӣ, рақами ягонаи мушаххас (барои резидент) ё рақами бақайдгирӣ аз рӯйи ҷойи ташкил ва бақайдгирӣ (барои ғайрирезидент), номи мақоми бақайдгиранда, маҳалли бақайдгирӣ;» [39] «- суроғаи ҷойгиршавӣ ва суроғаи почта; - маълумот дар бораи иҷозатнома оид ба доштани ҳуқуқ барои фаъолият (агар бошад): намуд, рақам, санаи додани иҷозатнома, мақоме, ки иҷзотнома додааст, муҳлати эътибор, рӯйхати намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашаванда; - рамзи мушаххаси бонкӣ – барои бонкҳои тиҷоратӣ – резидентҳо; - маълумот дар бораи мақомоти шахси ҳуқуқӣ (сохтор ва ҳайати кормандони мақомоти идоракунии шахси ҳуқуқӣ); - маълумот дар бораи андозаи сармояи оинномавӣ (андӯхта)-и бақайдгирифта ва пардохтшуда ё андозаи фонди оинномавӣ, молу мулк; - маълумот дар бораи дар маҳалли ҷойгиршавии худ будан ё набудани шахси ҳуқуқӣ, мақоми доимоамалкунандаи идоракунии он, мақомоти дигари он ё шахсоне, ки ҳуқуқи аз номи шахси ҳуқуқӣ бе ваколатнома амал карданро доранд; - маълумот барои тамос: рақами телефон (хонагӣ, корӣ ё мобилӣ), суроғаи почтаи электронӣ, суроғаи почта (аз сухани муштарӣ)» [39];

3) «барои соҳибкорони инфиродӣ: - маълумоте, ки дар зербанди 1) банди 14 Дастурамали зиргардида пешбинӣ шудааст; - маълумот дар бораи бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ: санаи бақайдгирӣ, рақами бақайдгирии давлатӣ, номи мақоми бақайдгиранда, маҳалли бақайдгирӣ; - маълумот дар бораи иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияте, ки бояд иҷозатнома дошта бошад: намуд, рақам, санаи додани иҷозатнома, аз тарафи кӣ дода шудааст, муҳлати амал, намуди фаъолияти иҷозатномаи додашуда»[39].

Вазифаи кормандони бонк инчунин вақте мушкил мешавад, ки муштарии онҳо шахси ҳуқуқӣ бошад, ки шахсияти онҳо аз тафтиш ва арзёбии ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи вазъи ҳуқуқӣ, бақайдгирии давлатӣ ва соҳибони ташкилот иборат аст.

Аз ин рӯ, дар амалияи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ се намуди санҷишҳо вуҷуд дорад, ки якум, муқаррарӣ, дуюм қатъӣ ва сеюм соддакардашуда мебошад.

Дар ҳар се намуди санҷишҳои мақомоти давлатӣ бо мақсади муқовимат бо қонунигардонии даромадҳои ҳуҷҷатҳои мушаххас, ки дар Дастурамали таҳти №257 пешбинӣ шудааст, талаб карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои зерин вобаста ба шахсият ва вазъи ҳуқуқии муштарӣ талаб карда мешавад:

«1. Барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон: - шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷумла шиносномаи дипломатӣ, хизматӣ ё шиносномаи умумишаҳрвандии хориҷӣ); - шаҳодатномаи таваллуд – барои шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синаш ба 16 нарасидааст (аз ҷониби намояндаи қонунӣ нусхаи асл пешниҳод карда мешавад); - ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти хизматчии ҳарбӣ; - шаҳодатномаи ронандагӣ ё хизматӣ; - дигар ҳуҷҷатҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият эътироф шудаанд» [39; 201].

«2. Барои шаҳрвандони хориҷӣ: - шиносномаи шаҳрванди хориҷӣ ё дигар ҳуҷҷате, ки дар қонун пешбинӣ шудааст ё тибқи созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият эътироф мешавад; - ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд барои будубош (истиқомат) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: гувоҳномаи иқомат, иҷозат барои истиқомати муваққатӣ, раводид ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандро барои будубош (истиқомат) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоянд, аз ҷумла корти муҳоҷират – агар доштани чунин ҳуҷҷатҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ бошад» [39].

«3. Барои шахсони бешаҳрванд: - гувоҳномаи иқомат барои шахси бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ё шаҳодатномаи шахси бешаҳрванд. 4. Барои гурезагон:- шаҳодатномаи муваққатии паноҳҷӯянда; - шаҳодатномаи гуреза; - дигар ҳуҷҷатҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият эътироф мешаванд» [39].

«Ҳуҷҷатҳое, ки бо мақсади мушаххаскунии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ талаб карда мешаванд: 1. Барои шахсони ҳуқуқӣ: - шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ (нусха) ё иқтибос аз феҳристи давлатии шахсони ҳуқуқӣ; - оиннома (нусхаи тибқи тартиби дахлдор тасдиқшуда); - шартномаи таъсисӣ, агар қонунгузорӣ пешбинӣ карда бошад (агар ҷамъиятро як шахс ташкил карда бошад, он гоҳ нусхаи ҳуҷҷати тасдиқшуда дар бораи таъсис); - тағйирот (иловаҳо) ба ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва шаҳодатномаи қайди давлатии чунин тағйирот (иловаҳо); - шаҳодатнома дар бораи ба қайди мақомоти андоз гузоштан; - ҳуҷҷатҳое, ки ваколати шахсони дорои ҳуқуқи имзои аввал ва дуюмро дар корти намунаи имзоҳо ва нақши муҳр тасдиқ мекунанд (қарори мақомоти идорӣ, фармонҳо, ваколатномаҳо ва ғайра), (нусхаи асл ва

нусхаи аз тарафи худи ташкилот тасдиқшуда); - иҷозатнома, ки ҳуқуқи фаъолияти соҳибкориро медиҳад ва барои муштарӣ гирифтани иҷозатнома ҳатмӣ мебошад (нусха); - беруннависи феҳристи давлатии шахсони ҳуқуқӣ – бо дархости иловагӣ»[39].

«2. Барои соҳибкорони инфиродӣ: - ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти соҳибкори инфиродӣ; - шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии соҳибкори инфродӣ; - иҷозатнома, ки ҳуқуқи фаъолияти соҳибкориро медиҳад ва барои муштарӣ гирифтани иҷозатнома ҳатмӣ мебошад – ҳангоми зарурат нусха пешниҳод карда мешавад» [39; 201].

Имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқовимат бо қонунигардонии дороиҳоро яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат эътироф намуда, чораҳои қонунии муқовимат бо онро роҳандозӣ намудааст.

Чунончӣ, «бо мақсади ҳимояи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз амалиётҳои қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм дар асоси» [89] моддаи 1 ва қисми 3-и моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм», ««Феҳрасти аломатҳои аҳд ва амалиёти шубҳанок» таҳия шуда, аз ҷониби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар таърихи 28 апрели соли 2011, таҳти №87 тасдиқ гардидааст. Феҳрасти мазкур дар асоси Тавсияҳои ФАТФ таҳия гардида, тартиби муайян намудани аломатҳои аҳд ва амалиётҳои шубҳанокро дар бар мегирад» [89].

Инчунин, дар қонунгузории ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятӣ ҷавобгарии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятӣ барои вайрон намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» – ро муқаррар намудааст.

Чунончӣ, моддаи 527[1] КҲМ ҶТ ҷавобгарии маъмуриро барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли омро пешбинӣ намудааст, ки шарти асосии фаро расидани он набудани аломати таркиби ҷиноят мебошад. Ҷазо барои чунин кирдор ба шахсони мансабдор ба андозаи аз 100 то 200, ба соҳибкорони инфиродӣ аз 300 то 500 ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз 1000 то 2000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима таъйин карда мешавад.

Дар моддаи 262 КҶ ҶТ бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаро пешбинӣ гардидааст, чунин таркиби ҷиноятро дар бар мегирад: «анҷом додани амалиёти молиявӣ ё аҳдҳои дигар бо маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ё молу мулки дигар, ки баръало даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда мебошанд, бо мақсади рӯйпӯш ва пинҳон намудани сарчашмаи ба даст овардани ин молу мулк ва ё мусоидат намудан ба ҳар гуна шахсе, ки дар содир намудани ҷинояти асосӣ иштирок намудааст, то ки ӯ тавонад аз ҷавобгарӣ барои кирдорҳои содирнамудааш саркашӣ намояд, инчунин рӯйпӯш ё пинҳон кардани хусусияти аслӣ, маҳалли ҷойгиршавӣ, тарзи ихтиёрдорӣ, ҷойивазкунӣ, ҳуқуқ ба молу мулк ё мансубияти он, ҳамчунин ба даст овардан, соҳибӣ кардан, истифода бурдан ё ихтиёрдории чунин молу мулк»[5].

Дар баробари ин, моддаи 262 КҶ ҶТ меъёри махсуси ҳавасмандкунӣ ва аз ҷавобгарӣ озодкунандаро пешбинӣ намудааст, ки дар эҳози моддаи мазкур пешбинӣ гардидааст. Ҳолати ягонаи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани шахс ин: «агар шахс пас аз содир намудани ҷиноят ихтиёрӣ омада, ба гуноҳи худ иқрор шуда, ба ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат кунад ва (ё) ихтиёран даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаашро супорида бошад»[5].

Ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятии дар моддаи 262 КҶ ҶТ пешбинишуда ин дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкур пешбинӣ гардидааст, ки аз инҳо иборат мебошад: « - такроран; - аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; - аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ; - ба миқдори калон содир шуда бошад; - аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ); - ба миқдори махсусан калон содир шуда бошанд»[5].

Қонунгузории ҷиноятӣ барои содир кардани кирдорҳои зикршуда ҷазои ягонаи асосӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодиро пешбинӣ намудааст ва маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба сифати ҷазои иловагӣ баромад мекунад.

Чорабинии дигари муҳими давлатӣ дар самти муқовимат бо қонунигардонии даромадҳо ин қабул гардидани Тартиби гузарондани чорабиниҳо оид ба ғайрифаъолгардонӣ ва фаъол гардондани воситаҳои молиявӣ ё молу мулки дигари шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 26 декабри соли 2024, таҳти № 663 тасдиқ карда шудааст [168], ба ҳисоб меравад.

Тибқи талаботи Тартиби мазкур ба рӯйхатҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, шахсони ҳуқуқӣ, гурӯҳҳо ва ташкилотҳо ва ғайраҳо шомил мебошанд, ки аз ҷониби кумитаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид ба рӯйхатҳои ҷиноятҳои терросристию экстремистӣ, ки дар асоси қатъномаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №1267 (1999), №1988 (2011), №1989 (2011), №2253 (2015), №1718 (2006) ва №1737 (2006) таъсис дода шудаанд, муайян шудааст.

Асосҳо барои ба рӯйхати миллӣ дохил кардан инҳоянд:

- ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гунаҳкор донистани шахси воқеӣ дар содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом;

- дар асоси санади Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани ташкилот (филиал ва (ё) намояндагии он) ба гурӯҳи террористӣ ё экстремистӣ агар чунин санадҳои эътиборӣ ҳуқуқӣ пайдо карда бошанд ва барҳам додан ё манъ кардани фаъолияти он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мурочиати Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё прокурорҳои тобеи ӯ ба суд оид ба боздоштани фаъолияти шахси ҳуқуқӣ ё ташкилот барои фаъолияти террористӣ ё экстремистӣ;

- дар асоси қарори муфаттиш ё прокурор ба ин рурӯҳ ворид намудани шахсони воқеӣ имконпазир мебошад, агар онҳо ҷинояти дорои хусусияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли омро содир намуда бошанд.

Дар муносибатҳои байналмилалӣ ҳолатҳои хоси ворид намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баин гуна гурӯҳҳо мавҷуд мебошанд:

- рӯйхати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар фаъолияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом иштирок мекунанд ё барои иштирок гумонбар дониста мешаванд, ки аз ҷониби давлатҳои хориҷӣ ё ташкилотҳои байналмилалӣ тартиб додашуда, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ ё принсипи мутақобила эътироф намудааст;

- ҳукм (қарор)-ҳои эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои давлатҳои хориҷӣ оид ба маҳкум кардани шахси воқеӣ барои ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом, инчунин қарорҳои эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳо ва мақомоти дигари салоҳиятдори давлатҳои хориҷӣ оид ба ташкилоти террористӣ эътироф шудани ва манъ кардани фаъолияти он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ ё принсипи мутақобила эътироф намудааст;

- дархости мақоми ваколатдори давлати хориҷӣ оид ба ғайрифаъолгардонии молу мулк (воситаҳо)-и шахсон ва ташкилотҳое, ки дар фаъолияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом иштирок мекунанд ё барои иштирок гумонбар дониста мешаванд, ҳангоми ҷой доштани асосҳои оқилона барои шубҳа ё тахмини ҷоиз, ки чунин шахсон ё ташкилотҳо амали террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли омро содир мекунанд ё кӯшиши содир намудани онро мекунанд, ё ин ки дар содир кардани он иштирок ё мусоидат мекунанд ё ин ки бевосита ё бавосита дар ихтиёр ва ё таҳти назорати чунин шахсон қарор доранд, ё бо супориш ё дастури чунин шахсон амал мекунанд.

Ҳуҷҷати муҳими дигари давлатӣ дар самти муқовимат бо қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноятӣ ба дастовардашуда ин Тартиби пешбурди маълумоти оморӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва шакли ҳисоботдиҳии он, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 29 ноябри соли 2024, таҳти № 616 ба ҳисоб меравад.

Тибқи Тартиби мазкур ба роҳ мондани шаш намуди шаклҳои ҳисоботдиҳӣ пешбинӣ гардидааст, ки шакли ҳисоботдиҳии №1 – маълумоти оморӣ оид ба ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили хабар дар бораи амалиёту аҳдҳои шубҳанок ва иттилооти дигар; шакли ҳисоботдиҳии №2 – маълумоти оморӣ дар бораи пули накд, воситаҳои гардони манзурӣ ва маҳсулоти таъиноти дуҳадафа, ки тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва содир гардидаанд; шакли ҳисоботдиҳии №3 – маълумоти оморӣ оид ба микдори субъектҳои ҳисоботдиҳанда, танзим ва назорати онҳо; шакли ҳисоботдиҳии №4 – маълумоти оморӣ оид ба табодули иттилоот байни мақоми ваколатдор ва мақомоти дахлдори давлатӣ; шакли ҳисоботдиҳии №5 – маълумоти оморӣ дар бораи парвандаҳои ҷиноятии оғозгардида, қатъшуда ва ба суд

ирсолшуда оид ба ҷиноятҳои асосӣ ва ҷиноятҳои марбут ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва шакли ҳисоботдиҳии №6 – маълумоти оморӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом.

Мониторинги ҷараёнҳои молиявӣ ба пурзӯр намудани назорати давлатӣ аз болои соҳибкорӣ нигаронида шудааст, аз ин рӯ, тавсия додан мумкин аст, ки низоми ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад, ки он имкон медиҳад маълумоти заруриро дар бораи ҳаракати захираҳои молиявии шаҳрвандон ва ташкилотҳо дар вақт ва макон дар муддати кӯтоҳтарин ба даст оранд, инчунин ба Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқи дастрасӣ ба маълумот дар суратҳисобҳои муштариёнро бидуни огоҳии худи бонкҳо фароҳам оварда шавад. Ин имкон медиҳад, ки занҷирҳои печидаи муомилот дар саросари ҷаҳон пайгирӣ карда шавад ва манбаҳоро барои қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба дастовардашуда тавассути юрисдиксияҳои оффшорӣ, ки маҷбур мешаванд, дар бораи мизоҷони худ маълумот пешниҳод кунанд, карда шавад. Дар баробари ин, чунон ки Горкина Е.В. ва Похлебаев И.В. дуруст қайд мекунанд, «...хатари онро истисно кардан мумкин нест, ки низоми дастрасии махзани маълумот метавонад боиси ифшои маълумоти махфӣ барои истифодаи минбаъдаи он бо мақсадҳои хилофи ҳадафҳои мақомоти танзимкунанда ва ҳифзи ҳуқуқ гардад» [117, с. 71-78].

Масъулият барои ҳалли мушкилоти марбут ба шустушӯи пул асосан ба дӯши кормандони бонкҳо гузошта мешавад, ки онҳо бояд ба Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон маълумоти заруриро фавран пешниҳод кунанд, зеро ҷинояткорон ҷараёни молиявии худро асосан тавассути каналҳои бонкӣ роҳнамоӣ

мекунанд. Ин бонкҳоро вазифадор мекунад, ки муштариёни худро, ки бо пули накд ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, аз ҷумла муайян кардани бенефитсиарҳоро ба таври қатъӣ муайян кунанд.

Аз мазмуни Тартиби гузарондани чорабиниҳо оид ба ғайрифаъолгардонӣ ва фаъол гардондани воситаҳои молиявӣ ё молу мулки дигари шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд, маълум мегардад, ки яке аз асосҳои ба руйхат ворид намудани шахс ин аз тарафи шахс содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ё паҳнкунии силоҳи қатли ом ба ҳисоб меравад. Аммо дар асоси мазкур содир намудани ҷинояти дар моддаи 262 КҶ ҶТ пешбинигардида, дарҷ карда нашудааст. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки содир гардидани ҷинояти дар моддаи 262 КҶ ҶТ пешбинигардида низ яке аз асосҳои ба руйхати миллии шахсон ворид кардан эътироф карда шавад.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти илмии гузаронидашуда метавонем чунин хулосаронӣ намоем:

1. Дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ гарчанде институти алоҳидаи бонкӣ амал намекард, аммо аз давраи ғуломдорӣ сар карда, то замони аз тарафи Россияи подшоҳӣ забт карда шудани ҳудуди Осиёи Миёна падидаҳои бонкӣ ва сирру асрори нигоҳ доштани маблағ ва муомилотҳо вобаста ба маблағ ҷой доштанд. Гарданде, дар қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба монанди «Қонунномаи Сосониён», Китоб-ал-байъ ва ғайраҳо боб ва ё фасли алоҳида доир ба муносибатҳои бонкӣ ва ё саррофӣ (пешдод, салам) бахшида нашуда бошад ҳам, вале онҳо тавассути меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои тиҷоратӣ танзим карда шуда буданд. Сабаби асосии инкифош наёфтани институти бонкӣ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ ва дигар давлатҳое, ки меъёри ҳуқуқии онҳо меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ мебошад, дар оятҳои 278 ва 279 Сураи Бақара манъ шудани рибохорӣ (гирифтани фоиз) мебошад ва рибо (фоиз) асосӣ фаъолияти ташкилотҳои бонкии имрӯзаро ташкил медиҳад **[1–М]; [2–М]; [5–М]**.

2.Тамоми давраи пайдоиш ва инкишофи падидаи сирри бонкиро метавонем ба давраҳои зерин тақсим намоем:

-давраи якум, фарогири давраи ҳукмронии давлати Сомониён;

-давраи дуюм, фарогири барҳам хурдани давлати Сомониён то таъсис ёфтани Генерал – губернатории Туркистон;

-давраи сеюм, солҳои 1869 – 1924;

-давраи чорум, солҳои 1925- 1963;

-давраи панҷум, солҳои 1964 – 1990;

-давраи шашум, солҳои 1991 – 2010;

-давраи ҳафтум, солҳои 2011 – 2024 **[1–М]; [3–М]**.

3. Сирри бонкӣ – маҷмуи маълумотҳо дар бораи шахсият, фаъолият ва ҳолати молиявии муштарӣ мебошад, ки ҳангоми хизматрасонӣ ва

муносибат бо низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардида, низоми махсуси ҳимояро доро мебошад, ки фош кардани он боиси вайрон шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муштарӣ гардида, ба манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи он зарар мерасонад ва боиси пайдо шудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад.

Сирри бонкӣ институти мустақил ва алоҳидаи ҳуқуқие мебошад, ки тавассути қонунгузории махсус ҳифз карда шуда, ҳамчун як намуди мушаххаси сирри тиҷоратӣ ба ҳисоб намеравад. Омӯзиши алоқамандии сирри бонкӣ бо дигар намуди сирри бо қонун ҳимояшаванда хусусиятҳои зерини сирри бонкиро нишон медиҳад: якум, сирри бонкӣ дорои низоми махфияти худ буда, дастрасӣ ба он маҳдуд мебошад, дуюм, сирри касбӣ ва ҳифзи маълумотҳои шахсӣ яке аз воситаҳои иловагии кафолати сирри бонкӣ ба шумор рафта, объектии ҳимояи онҳо ҳамон як ё якчанд маълумот мебошанд, сеюм сирри бонкӣ яке аз воситаҳои амалӣ шудани меъёри моддаи 23 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва оилавии субъектони муносибатҳои маданиро таъмин менамояд **[1–М]; [5–М]**.

Масъалаҳои сирри бонкӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда шуда, ягон санади меъёрии ҳуқуқии мукаммал доир ба масъалаи мазкур қабул карда нашудааст. Аз ин рӯ, Бонки милли Тоҷикистонро зарур аст, ки бо мақсади корбарии дуруст ҷиҳати ҷамъ кардан, истифода намудан ва коркард кардан бо маълумотҳои дорои хусусияти сирри бонкӣ Дастурамали мушаххас қабул намояд, ки он имкон медиҳад, коргузории махфӣ дар тамоми ташкилотҳои қарзӣ дуруст ба роҳ монда шавад.

Қонунгузории махсус оид ба сирри бонкӣ дар ҳама кишварҳо вуҷуд надорад ва тавассути меъёрҳои зерин: конститутсия, қонунҳо дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумӣ ва дар баъзе мавридҳо бевосита бо қонунҳо дар бораи сирри бонкӣ танзим карда мешавад. Дар давлатҳои гуногун рӯйхати асосии маълумотеро, ки

сирри бонкиро ташкил медиҳанд, ба ду гурӯҳ тақсим карда мешавад: маълумоте, ки тибқи шартҳои шартномаи байни ташкилоти қарзӣ ва муштарӣ ва маълумоте, ки фаъолияти худи бонкро ҳамчун муассисаи молиявӣ муайян мекунад **[1–М]; [6–М]**.

Субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба риояи кафолатҳои ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои нигоҳ доштани сирри бонкӣ дар кишварҳои гуногун тақрибан як хел арзёбӣ карда мешаванд. Дорандагони иттилоот мизоҷон ва корреспондентҳои бонкҳо мебошанд. Соҳибони сирри бонкӣ бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ, инчунин роҳбарияти онҳо, хизматчиён, коргарон ва ғайраҳо. Истифодабарандагони маълумот шахсони гуногун мебошанд: намояндагони бевоситаи мизоҷони бонк (намояндаҳои боэътимоди шахсони воқеӣ, ворисон, идораҳои нотариалӣ ва ғ.); мақомоти давлатие, ки фаъолияти молиявию хоҷагии шаҳрвандонро танзим ва назорат мекунанд (мақомоти танзимкунандаи коғазҳои қиматнок; мақомоти андоз ва ғайра); гурӯҳи сеюм аз мақомоте иборат аст, ки таъқиби ҷиноятиро пеш мебаранд, прокуратура ва судҳо**[1–М]; [8–М]**.

Риояи низоми сирри бонкӣ дар бисёр кишварҳо, пеш аз ҳама, аз он вобаста аст, ки онҳо масъалаҳои нигоҳ доштани махфияти маълумоти сирри бонкиро дар муносибатҳои байни ташкилотҳои қарзӣ бо мақомоти андоз, судӣ, тафтишотӣ ва ғайра чӣ гуна танзим мекунанд.

Дар қонун муқаррар намудани даст кашидан аз сирри бонкӣ – дар асоси принсипи конститутсионии давлати демократии ҳуқуқбунёд, уҳдадории давлат аз риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ ва таъмини мувозинати онҳо дар қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, волоияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва озодии иқтисодии он набояд таҳти таҷовусҳо қарор гирад, балки бояд ба талаботи адолат ҷавобгӯ бошад, барои ҳифзи арзишҳои аҳамияти конститутсионидошта, аз ҷумла ҳуқуқу манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятии шаҳрвандон мувофиқ, мутаносиб ва зарур бошад ва ба моҳияти ҳуқуқҳои конститутсионии дахлдор дахл накунад, яъне, миқёс ва татбиқи мазмуни

асосии муқарраროти конститутсиониро, ки ин ҳуқуқҳоро ифода менамоянд, махдуд накунанд ва танҳо бо зарурати таъмини ҳуқуқҳои дар Конститутсия пешбинишуда асоснок карда шавад **[1–М]; [8–М]; [9–М]**.

Ғайр аз ин, низоми сирри бонкии муқаррарнамудаи қонун яке аз воситаҳои татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон барои озодона истифода бурдани молу мулки худ барои соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти хоҷагидории тибқи қонун манънашуда, аз ҷумла дар шакли имконияти нигоҳ доштани маблағҳои худ дар суратҳисобҳои бонкӣ, интиқоли пул ва ғайра мебошад.

4. Ҳуқуқ ба сирри бонкӣ ҳуқуқи мутлақ набуда, дар ҳолатҳо ва шартҳои дар қонунгузорӣ муқарраршуда маҳдуд карда шудани онҳо мумкин аст. Маҳдуд кардани ҳуқуқи мазкур танҳо бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳои ва озодиҳои дигар шарҳвандон, манфиатҳои давлат ва ҷомеа иҷозат дода шудааст.

Ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ – ҳуқуқӣ хусусияти умумӣ - ҳуқуқӣ доранд, яъне чун қоидаи умумӣ давлат субъекти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ ва муайянкунандаи ҷазо барои он мебошад. Дар ҷавобгарии маданӣ – ҳуқуқӣ бошад ҳуқуқи талаб кардани ба ҷавобгарии маданӣ кашидани гунаҳкор барои ифшои сирри бонкӣ ва муайян намудани намуди ҷавобгарӣ ба соҳибони суратҳисоби бонкӣ ва муштариёни ташкилотҳои қарзӣ тааллуқ дорад, ки бо содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ манфиатҳои қонунии онҳо поймол шудааст. Ғайр аз он, фоидаи молумулкӣ аз татбиқи ҷазои маданӣ ба соҳибони суратҳисоби бонкӣ ва муштариёни ташкилотҳои қарзӣ тааллуқ дорад, ки бо содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ манфиатҳои қонунии онҳо поймол шудааст, тааллуқ дорад **[1–М]; [6–М]; [7–М]**.

Таъмини амнияти иқтисодӣ ва ҳифзи сирри бонкӣ на танҳо вазифаи ҳуқуқӣ, балки технологӣ низ буда, назорати доимӣ, такмили равандҳо ва санҷиши мунтазамро талаб мекунад. Ин барои нигоҳдории эътимоди мизоҷон ва фаъолияти муваффақонаи бонк дар шароити хавфҳои муосир

муҳим аст. Мушкилоти асосии афзоиши ҷиноятҳои кибернетикӣ дар бахши фаъолияти бонкӣ ин саривақт ошкор накардан ва бесифатона ошкор намудани таҳдидҳо ва хафвҳо, ошкор нашудани сареъи ҷинояткорон, инчунин мушкилоти такмили заминаи меъёрӣ дар соҳаи киберҷинояткорӣ мебошад.

Ҷавобгари барои ҳалли мушкилоти марбут ба шустушӯи пул асосан ба дӯши кормандони бонкҳо гузошта мешавад, ки онҳо бояд ба Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон маълумоти заруриро фавран пешниҳод кунанд, зеро ҷинояткорон ҷараёни молиявии худро асосан тавассути каналҳои бонкӣ роҳнамоӣ мекунанд. Ин бонкҳоро вазифадор мекунад, ки муштариёни худро, ки бо пули нақд ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, аз ҷумла муайян кардани бенефитсиарҳоро ба таври қатъӣ муайян кунанд **[1–М]; [5–М]; [7–М]**.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар натиҷаи таҳқиқоти илмии анҷомдодашуда муаллиф тавсияҳои зерини хусусияти амалидоштаро пешниҳод менамояд:

**7. Ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

Моддаи 891[1] дар таҳрири зерин илова карда шавад:

«**Моддаи 891[1]. Маҳрамияти маълумот дар бораи қарз**

3. Маълумот дар бораи қарз, фоизҳо он ва ҷаримаҳои ҳисобшаванда, инчунин маълумотҳои шахсии қарзгиранда маҳрамона буда, қарздеҳ уҳдадор мешавад, ки маҳрамияти мазкурро ҳифз намояд.

